**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

ТДУ 339 (575.3)
ТКБ 35.5 (2 тоҷик)
Қ – 75

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ҚОДИРЗОДА ФАРҲОД АНВАР**

# ОМИЛҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Д И С С Е Р Т АТС И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси: 08.00.13 «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ»

**Мушовири илмӣ:**
узви вобастаи АМИТ, д.и.и.,
профессор Саидмуродзода Л.Ҳ.

**Душанбе-2023**

## МУНДАРИҶА

Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ ........................................ 4-6

Муқаддима........................................................................................ 6-24

**Боби 1. Фазои сармоягузории ҷаҳонӣ ва масъалаҳои институтсионалии таъмини манфиатҳои миллии мамлакат..........** 23-119

1.1. Рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо: хусусиятҳо, институтҳо ва вазъи геосиёсӣ.................... 23-55

1.2. Хавфҳо, таҳдидҳо ва нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ………...................................................... 55-76

1.3.Масъалаҳои назариявии арзёбии шохисҳои институсионалии амнияти сармоягузории хориҷӣ дар раванди байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ ........................................ 77-106

1.4. Нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон............. 106-119

**Боби 2. Таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ: муносибати институтсионалӣ …………..** 120-187

2.1. Танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои мутараққии саноатӣ..................................................................... 120-143

2.2. Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш................................... 143-161

2.3. Имкониятҳо ва самтҳои танзими сармоягузории хориҷӣ дар раванди ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон …………………………………………………………… 161-187

**Боби 3. Бехатарии сармоягузорӣ ҳамчун зерсистемаи институтсионалии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон….** 188-268

3.1. Хусусиятҳои ҳамгироии институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҳаракати байналмилалии сармоя: шаклҳои суроғавӣ ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ ……… 188-216

3.2. Амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ ......................... 216-235

3.3. Самараҳои манфӣ ва мусбат дар раванди сармоягузориҳои

мустақими хориҷӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................................ 235-268
**Боби 4. Воситаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ ................................................................... 269-324**
4.1. Сармоягузории хориҷӣ дар шароити маҳдуд будани имконияти ниҳодҳои молиявӣ ......................................... 269-286
4.2. Имконият ва зарурати тавсеаи ниҳоди сармоягузории хориҷӣ дар шакли минтақавӣ ........................................... 285-296
4.3. Низоми арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва ташкили механизми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи фаъолияти сармоягузорӣ ......................................... 296-324
**Боби 5. Диалектикаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................................................................... 325-362**
5.1. Омилҳои институтсионалии дохилии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва баланд бардоштани имиҷи ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон .............................. 325-348
5.2. Омилҳои институтсионалии берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ.. 348-362
**Хулосаҳо........................................................................ 363-367**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.............................. 367-369**
**Рӯйхати адабиёт ............................................................. 370-415**
**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия ......................................... 416-420**
**Замимаҳо........................................................................ 421-428**

## Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

ММД – маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

СММ – Созмони миллали мутаҳид

ИМА - Иёлоти мутаҳидаи Амрико

ИА – Иттиҳоди Аврупо

МОИ - Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

КОА – Коммисияи олии атестатсионӣ

ЮНКТАД - United Nations Conference on Trade and Development

ҶМЧ- Ҷумҳурии мардумии Чин

IT – Технологияи информатсионӣ

ХБА - Хазинаи байналмилалии асъор

ББТР - Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд

ГАТТ - Генеральное соглашение по тарифам и торговле

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

БАТР – Бонки АвруОсиё таҷдид ва рушд

ШСМ – Шӯрои суботи молиявӣ

САҲА - Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

НАТО - Организация Североатлантического договора,

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сосиалистӣ

МСТ - Мамлакати сусттараққикарда

СМХ - Сармоягузории мустақими хориҷӣ

ФСН - Фондҳои соҳибихтиёр некӯаҳволӣ

ЕАБР - Бонки АвруОсиёии Рушд

ҲАҶ - Ҳисоби амалиёти ҷорӣ

ФАСР - Фонди АвруОсиёии субот ва рушд

БРА – Бонки рушди Авруосиё

БОСИ - Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ

БОР - Бонки Осиёгии Рушд

ҶФО - Ҷумҳурии Федеративии Олмон

КИТТК - Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ

FIRRMA – Foreign Investment Risk Review Modernization Act (Санади модернизатсияи баррасии хавфи сармоягузории хориҷӣ)

JETRO - Japan External Trade Organization

МИА - Минтақаи иқтисодии Аврупо

СҲИР - Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд

MAI – Multilateral Agreement on Investment

ШФМ - ширкатҳои фаромилалӣ

КИАЛ - Комиссияи иқтисодии Америкаи Лотинӣ

БДС - Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ

OLI - Ownership-specific advantages; Location-specific variables; Internationalization advantages

АЯИ - андози ягонаи иҷтимоӣ

КМ - корхонаҳои муштарак

СХ - Сармоягузории хориҷӣ

ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода

КДС - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ

МС - Минтақаи саноатӣ

ҲХДТ - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

СҲШ – Созмони ҳамкориҳои Шанхай

БҲОМ - Бонки ҳамкории Осиёи Марказӣ

ИИА - Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё

IFC - Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ

АКСБ - Агентии бисёрҷониба оид ба кафолати сармоягузорӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Ҷузъи муҳимми амнияти миллии кишвар дар шароити тамоюлҳои муосири ҷаҳонишавӣ таъмини амнияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, чунин ҳамкории мутақобилаи байни худи ниҳодҳоеро дар назар дорад, ки онҳо ба раванди сармоягузорӣ масъул буда, дар он рушди устувори иқтисодиёти кишвар амалӣ карда мешавад.

Зарурати истифодаи равиши институтсионалӣ дар таҳлили қонуниятҳои дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар марҳилаи имрӯзаи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ рӯйдиҳанда мубрам гардида, аз омилҳои зерин вобаста аст. Пеш аз ҳама, дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти ҷаҳони муосир дар сохтори худ ба тағйирот дучор мешавад, ки ба барқароршавии иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ алоқаманд аст. Дуюм, ҷаҳоншавӣ ба дигаргуншавии таркиби институтҳои амалкардаистодаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ба ташаккули сохторҳои нави институтсионалӣ меоварад, ки ба ҳифзи манфиатҳои кишварҳо нигаронида шудаанд. Сеюм, ҷаҳонишавӣ робитаҳои мутақобила ва вобастагии мутақобилаи иқтисодиёти кишварҳои мухталифро тақвият мебахшад ва бинобар ин, сармоягузорон ҳангоми интихоби объект барои сармоягузории байналмилалӣ кишварро вобаста ба сатҳи рақобатпазирии байналмилалӣ ва ҷолибияти он барои сармоягузориҳои ҷаҳонӣ интихоб мекунанд. Ҳамчунин, дар айни замон тағйирёбии самти ҷаҳонишавӣ ба ҷониби таъсис додани иттиҳодияҳои минтақавии ҳамгироӣ ба назар мерасад, ки ба амнияти сармоягузории давлат таъсир мерасонад.

Амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳими амалӣ намудани маҷмуи тамоми чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии давлат тавсиф меёбад. Ин аз он сабаб аст, ки кишварҳои донори сармоягузориҳо манфиатҳои шахсии худро дар раванди сармоягузорӣ пайгирӣ намуда, ба ивази соҳиб шудан ба захираҳои табиӣ, сармояи инсонӣ, гирифтани фоидаи зиёд сармоягузорӣ мекунанд, ки дар бисёр ҳолат бар зарари манфиатҳои иқтисодии мамлакати сармоя воридкунанда мебошад.

Аксар вақт равандҳои байналмилалии сармоягузорӣ ҳамчун воситаи фишоровarии сиёсӣ тавассути ҷорӣ намудани таҳримҳо ва эмбаргоҳои гуногун истифода мешаванд. Дар баробари ин, мавҷудияти бӯҳронҳои гуногун (молиявӣ, сиёсӣ) дар доираи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дар дохили ин ё он кишвар ба таври оммавӣ баровардани сармояи хориҷӣ таҳти таъсири ба истилоҳ «консепсияи сироятии бӯҳронӣ» мусоидат мекунад, ки ин масъалаи омӯзиши омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷиро дар шароити глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ боз ҳам мубрам мегардонад.

Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари манфиатдор ба сармоягузории хориҷӣ, зарурати таҳкими робитаи мутақобил бо бозори ҷаҳонии сармоя ба миён омадааст. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатӣ ва махсусан, саноатикунонии босуръат ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини амнияти иқтисодӣ нигаронида шудааст ва қисми таркибии он амнияти сармоягузорӣ мебошад.

Умуман, дар шароити дар сатҳи баланд кушод будани иқтисодиёти миллӣ, давлат бояд тадбирҳои пайгиронаро дар кишвар барои ба вуҷуд овардани асосҳои иқтисодиёти бисёрукладӣ омехта ва рушди муҳити боинсофона ва одилонаи бозорӣ роҳандозӣ намояд. Ин кӯшишҳо ба рушди рақобат ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ нигаронида шудааст, ки онҳо бояд омилҳои ҳавасмандкунандаи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва коҳиш додани хароҷоти истеҳсолот гарданд. Дар ин ҳошия имрӯз дар ҷумҳурӣ раванди ҷалби сармояи хориҷӣ идома дошта, раванди такмили заминаи қонунгузорӣ давом ёфта, инчунин, муайяннамоии асосҳои ташкилию ҳуқуқии ҷилавгирӣ, маҳдуднамоӣ ва пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати беинсофона пеш рафта истодааст.

Дар тӯли 31 соли рушди соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон таҷрибаи муайяни ҷалби сармояи хориҷӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки таҳлил ва

истифодаи онҳо дар марҳилаи кунунӣ дар баробари таҷрибаи хориҷӣ, метавонад дар асосноксозии усулҳо ва ташкили сиёсати давлатии сармоягузорӣ муфид бошад, ки ба таъмини шароит барои сармоягузории хориҷии бехатар дар давраи шиддатгирии рақобати байналмилалӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳо дар шароити глобализатсияи муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

Тавре ки таҷрибаи таърихии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва дар ҳоли гузариш қарордошта нишон медиҳад, воридшавии аз ҳад зиёд фаъоли сармоягузории хориҷӣ ба кишвари воридкунанда – қабулкунандаи сармоягузориҳо метавонад, бо чунин оқибатҳои манфии алоҳида, ба монанди вобастагии номатлуби иқтисодӣ ва сиёсӣ аз кишварҳои донор ва хатари ташаккули муносибати «туфайлихӯрӣ» ба манбаҳои дохилии сармоягузориҳо дар кишвар алоқаманд бошад. Дар баробари ин, самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ ва инчунин, дараҷаи ҳавасмандии корхонаҳои миллӣ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ на танҳо ба «кушодагӣ ба берун», балки ба механизми хоҷагии кишвари қабулкунанда ворид намудани як қатор дигаргуниҳои институтсионалӣ вобаста мебошад, ки ташаккули ҳамаҷонибаи муносибатҳои бозорӣ, дур шудан аз усулҳои бюрократии идоракунӣ ва роҳандозии низоми васеи робитаҳои мустақими иқтисодиро бо бозори ҷаҳонӣ пешбинӣ менамояд.

Мутаассифона, назарияи муосири иқтисодӣ ҷанбаи таъсири мутақобилаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии сармоягузориҳои хориҷиро амалан инкор мекунад, ки ин ба баландшавии назарраси хавфи ба ҳисоб нагирифтани бавуҷудоии таҳдидҳои доимӣ ба амнияти сармоягузорӣ ва имкони паст кардани онҳо меоварад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар айни замон аз ҷониби олимон омилҳои институтсионалии амнияти сармоягузорӣ фаъолона таҳқиқ шуда истодааст. Таваҷҷуҳи олимон ба омӯзиши омилҳои институтсионалӣ дар кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш ба аз байн рафтани институтҳое,

ки ба иқтисодиёти нақшагӣ хос буданд ва нокифоя ташаккул ёфтани институтҳое, ки ба иқтисодиёти бозорӣ хосанд, вобаста аст.

Омӯзиши иқтисоди ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба амнияти иқтисодии давлатҳо дар корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, аз қабили: Айхенгрин Б., Асламов А.И., Кейнс Ҷ.М., Чиниев Д.Б., Бойченко А., Максимова М., Семина Л., Самогородская М.И., Назаров Т.Н., Саидмуродов Л.Х., Мирсаидов А.Б., Мамадов А.В., Султанов Н.М., Бойченко А., Довгал Е., Тамбовцев В.Л., Богомолов О.Т., Звонова Е., Гордеев В.В., Глухарев Л., Михеев В.В., Поморина М. ва бисёр дигарон баррасӣ шудаанд.

Омӯзиши масъалаҳои амнияти иқтисодии Тоҷикистон дар шароити глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз ҷониби олимони ватанӣ: Абдусамадов Ғ., Қаюмов Н.Қ., Раҳимов Р.К., Каримова М.Т., Шарипов Б.М., Раҳматов Р.К., Розиқов В.А., Баҳриев Б., Бердиев Р., Дадаҷонова Н.М., Ҷабборов Р., Қодиров Ш., Мирсаидов Н.М., Асрорзода У., Орипов А.А., Расулов Г., Узоқова Г., Хоҷаев Х.А., Тағоев Ҷ., Ҳакимов С.Н., Фасихов М., Хайитбоева Н., Ақилова М., Муҳитдинова Ш., Фасихов И., Қосимова Д., Ҷураев Х.Г., Маъруфов Д.М., Нурмахматов З.Ч., Мирсаидов А.Б., Урунов А., Узоқова Г.М., Набиев Т.Т., Тоҷибоев А., Кинжаева Р., Мамадов А.В., Султонов Н.М., Асламов А.И., Дадабоева З., Самадов Б., Тамбовсев В.Л., Раҳмон Е., Қодиров Ф.А. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Аз он ҷумла, масъалаҳои алоҳидаи амнияти сармоягузории кишвар вобаста ба ҷалби сармояи хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар асарҳои Асроров И.А., Бойматов А., Чиниева Д.Б., Шамсиев К.Б., Муҳитдинова Ш.С., Каримова Ш.К., Ҷабборов Р.Т., Маликова К., Власов М.В. ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Баъзе масъалаҳои амнияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои Саидмуродов Л.Ҳ., Солиев А.А., Бобкова В.А., Дийканбаева

И.С., Фасихов И.С., Зиядуллаев Н., Негматова С.А., Сафаров С. ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Таҷрибаи байналхалқии таъмини амнияти сармоягузорӣ, дар маҷмуъ сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла, дар корҳои Сенчагов В., Николаев М.А., Махотаева М.Ю., Овчинникова Е.А., Петрушенко Д.Е., Бирюков А.П., Аксенов П.А., Хошобина Н.А., Новоселова Л., Райская Н., Френкел А., Чубаков Г. ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Масъалаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар қаринаи пуршиддат шудани рақобат дар соҳаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ Кобяков А., Сенчагов В., Пребиш Р., Сузуки М., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Л.Ҳ., Максимова М., Кувалдин В.Б., Мирсаидов А.Б., Шумилов В.М., Фишер П., Бойченко А.А., Ходжаев Х.А., Шишков Ю.В., Кудряшова В.С., Кручинин И.Н., Чуприн Д.А., Довгаль Е.А., Фаминский И.П., Рыбакова М.В., Орлова Е.Р. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Масъалаҳои назария, сохтор ва миқёси ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин, таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ дар корҳои олимони рус: Бочаров В.В., Глазев С.Ю., Аксенов П.А., Очинников Е.А., Бирюков А.П., Куклин А.А., Хошобин Н.А., Николаев М.А., Махотаев М.Ю., Кобяков А, Кувалдин В.Б., Шумилов В.М., Колесов В.П., Шишков Ю.В., Кудряшов В.С., Чуприн Д.А., Рыбаков М.В., Хоперская Л.Л., Харченко В.А., Орлов Е.Р., Дереникян К.А., Паштов Л.Г., Драпкин И.М., Мариев О.С., Галенков А.Д., Волгин Н.А. ва бисёр дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Мавқеъ, нақш ва аҳамияти сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ, ба мисли Солиев А.А., Саидмуродов Л.Ҳ., Тошматов М.Н., Шоидарвозова М., Қосимов А.А., Тағоев Ҷ.Х., Фасихов И.С. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Бо вуҷуди ҷой доштани таваҷҷуҳи бисёре аз олимон ба ин масъала, бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ ба проблемаи амнияти сармоягузорӣ

аз нуқтаи назари ҳамкориҳои байналмилалии кишварҳо эътибори зарурӣ дода намешавад. Дар шароити гузариш тадқиқоти мақсаднок ва амиқи тамоюлҳои муосир, дурнамои ташаккулёбӣ ва рушди омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ талаб карда мешавад. Ба таври зарурӣ масъалаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ, таъсири механизми давлатии ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузорон, омилҳои институтсионалии дохилӣ ва хориҷии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ омӯхта нашудаанд, ки интихоби мавзуи таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуӣ «Таъмини молиявии рушди устувори саноатӣ - инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» ва кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳти унвони «Механизми таъмини манфиатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» алоқаманд аст, ки дар он диссертатсия иҷро гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025» аз 26 сентябри соли 2020, №503 дар қаринаи масъалаҳои саноатикунонии босуръат ва роҳҳои гузаронидани захираҳо ба бахши саноат, инчунин, тайёр намудани кадрҳо дар сатҳи рақобатпазир ҷавобгӯ мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муайяннамоӣ ва омӯзиши омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини сармоягузории хориҷӣ ва амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар шароити равандҳои ҷаҳонишавии муосир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот, ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- асоснок кардани рақобати байнидавлатии байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо, ҳамчун омили муайянкунандаи хусусият ва шаклҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ;

- гузаронидани таснифоти хавфҳои сармоягузории глобалӣ дар шароити глобализатсияи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- гузаронидани таҳлили муқоисавии нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ;

- маълум **(исбот)** кардани робитаи мутақобилаи байни ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва ҳаҷми ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин нишондиҳандаҳои институтсионалӣ, ба монанди сатҳи пасандозҳои аҳолӣ ва ҳаҷми онҳо, сатҳи коррупсия ва озодии иқтисодӣ;

- асоснокнамоӣ ва муайян кардани тафриқаи байни сармоягузории хориҷии суроғавӣ (точечный) ва минтақавӣ, таъсири эҳтимолии онҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- асоснок кардани самаранокии корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ:

- таҳияи механизми институтсионалии ҳифзи сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосноккунии унсурҳои алоҳидаи он;

- омӯзиши тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пайваст шудан ба низоми робитаҳои сармоягузории хоҷагии ҷаҳонӣ;

- муайян намудани омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии ба вуҷудоварандаи таҳдид барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии равандҳои ҷаҳонишавӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти он дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ-иқтисодии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ташкил мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро интишороти илмию методии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи интихобшуда ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин, маводҳои методии конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологӣ ва методии таҳқиқотро принсипҳо ва консепсияҳои илмии таҳлили амнияти сармоягузории иқтисодиёти миллӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳони муосир дар раванди сармоягузории хориҷӣ ташкил менамояд. Дар раванди ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлили системавӣ, вазъиятӣ, сохторӣ-функсионалӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, омилӣ, таҳлили функсионалӣ-арзишӣ, инчунин, дигар усулҳои иқтисодӣ ва умумиилмии донишҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Базаи иттилоотии таҳқиқотро инҳо ташкил додаанд: Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои таҳлилии Бонки рушди Авруосиё, Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд, Бонки ҷаҳонӣ, инчунин, маводҳое, ки

муаллиф дар рафти кори таҳлилӣ гирд оварда ва ҷамъбаст кардааст. Базаи иттилоотии таҳқиқотро ҳамзамон, маводи маълумотӣ, оморӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ оид ба рушди раванди сармоягузориҳои хориҷӣ ва ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии кишварҳои мутараққии саноатӣ, кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои нави саноатӣ, интишороти ташкилотҳои байналмилалии СММ оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, инчунин, маводи назариявӣ ва таҷрибавӣ дар монографияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷудбуда ташкил намуданд.

**Навгонии илми таҳқиқот.** Натиҷаҳои зерини муҳимтарин ба даст оварда шудаанд, ки **навгонии илмии таҳқиқотро** муайян мекунанд:

1. Асоснок карда шудааст, ки рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо, махсусан, байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ хусусият ва шаклҳои ҷалби сармояи хориҷиро дар мамлакатхои Осиё тавсиф мекунад. Чунин муборизаи рақобатӣ пеш аз ҳама дар соҳаи тағйирёбии ниҳодҳо барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар ин кишварҳо зоҳир мешавад ва зиёдтар аз вазъи геосиёсии ҷаҳон ва минтақаи Осиё вобаста аст. Воситаҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо, аз ҷумла, ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ мебошанд, ки онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ин кишварҳо нигаронида шудаанд. Ҳамзамон, чунин сиёсати рақобатпазир оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба тақвияти таъсири бозингарони асосии ҷаҳонии геосиёсӣ (ИМА, ИА, Чин, Россия) ба кишварҳои минтақаи Осиё мусоидат мекунад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазъият ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла, сармоягузорӣ дар давраи ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти хеле муҳим дорад.

2. Таснифоти хавфҳои глобалии сармоягузорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои минтақаи таъсиррасонӣ, давомнокӣ ва

миқёси таъсири онҳо, сабабҳои пайдоиши онҳо, пешгӯии натиҷаҳо ва сатҳи имконпазири таъсири онҳо дар шароити глобализатсияи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудааст. Дар кор нишон дода шудааст, ки таҷрибаи моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ ва тайвании танзими давлатии сармоягузорӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ талаб мекунад, ки дар баробари институтҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, шарикии фаъоли давлат бо бахши хусусӣ, низоми бонкии рушдкарда ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар зарур аст.

3. Тақсимот (дезагрегатсия)-и нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумхурии Тоҷикистон дар шароити байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ гузаронида шуда, таҳлили муқоисавии он нисбат ба мамлакатҳои узви Бонки рушди Авруосиё пешниход карда шудааст. Дар кор қайд карда, шудааст, ки аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои пасттар, нисбат ба аксари кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дорад ва ин ба мавҷудияти хавфҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва асъорӣ вобаста мебошад, ки сармоягузори хориҷӣ бо онҳо дучор мегардад.

4. Ҳангоми омӯзиши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ, муаллиф модели таҳлилии регрессионӣ-коррелятсиониро таҳия намудааст, ки таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро аз ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодиро тавсиф мекунад. Хусусияти модел ин ҳисобкунии вобастагии омории ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷузъҳои таъсиркунанда ба фазои сармоягузорӣ мебошад, ки баҳисобгирии миқдории онҳо (шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ) душвор аст ва дар асоси арзёбиҳои коршиносони байналмилалӣ муайян карда шуда, аз маҷмӯи кулли нишондиҳандаҳо иборат аст. Дар асоси ҳисоби гузаронидашуда, муаллиф тавсия медиҳад, ки ба таркиби сиёсати сармоягузории кишвар (дар

баробари речаи аллакай истифодашавандаи зиёдтар мусоидаткунанда) низоми шаффофияти сармоягузорӣ ворид карда шавад, ки он фазои сармоягузории кишварро беҳтар намуда, воридшавии устувори сармояи хориҷиро ба кишвар таъмин менамояд.

5. Фарқи байни институтҳои дорои хусусияти нуқтавӣ (точечный) ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ ва таъсири эҳтимолии онҳо ба иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар намуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муассири ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба равандҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин, фишанги танзимкунии давлатӣ мебошад, ки ба бартараф намудани таҳдидҳои сармоягузории суроғавӣ нигаронида шудааст. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ба иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ барои тавсеаи шаклҳои минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ хос мебошад, ки бо бунбасти ҳудудию коммуникатсионии кишвар алоқаманд аст. Имкониятҳои таҳкими амалияи шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар чунин шаклҳои МОИ, аз қабили минтақаҳои рекреатсионӣ ва инноватсионӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба ворид намудани иқтидори захиравии кишвар ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд.

6. Дар асоси модели эконометрикӣ, ки вобаста будани ҳаҷми маҳсулоти содиротии истеҳсолкардаи корхонаҳои муштаракро бо ҷалби сармояи хориҷӣ аз шумораи онҳо ва ҳаҷми сармояи ба онҳо гузошташуда тавсиф мекунад, исбот карда шудааст, ки воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ барои мамлакат хеле муфид мебошад, нисбат ба қарзҳо, ки онҳо сатҳи баланди қарзи беруниро ташкил медиҳанд. Дар кори диссертатсионӣ муодилаи тамоюл (тренд) барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак барои асоснок намудани таҳкими иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ҳисоб карда шудааст.

7. Ҳангоми омӯзиши фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳамкории мутақобили онҳо бо иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, муаллиф механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузоронро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст, ки он дар худ усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат ба сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузориро дар шакли МОИ ва чораҳоро оид ба ҳифзи сармоягузорон дар бар мегирад.

8. Роҳҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, муаллиф ҳисоби дигаргуниҳои сохториро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисоб намуда, дар асоси он хулоса баровардааст, ки дар шароити иқтисодиёти кушод соҳаҳои саноат ва хизматрасониҳои молиявӣ бештар динамикӣ, каме сусттар, вале хеле самаранок соҳаҳои хоҷагии қишлок, нақлиёт ва алоқа рушд кардаанд. Самараи пасти маблағгузорӣ дар рушди соҳаҳо дар сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда мешавад. Дар кори диссертатсионӣ иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бо истифода аз модели коррелятсионие тасвир шудааст, ки тағйироти сохтории соҳаҳоро вобаста аз ҳаҷми сармоягузориҳо ба назар мегирад. Ҳисобҳои анҷомдода собит намуданд, ки ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувор ва чун натиҷа ба рақобатпазирии ҷаҳонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

9. Омилҳои берунӣ ва дохилӣ муайян карда шудаанд, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид эҷод мекунанд. Ба омилҳои берунӣ равандҳои ҷаҳонишавие дохил мешаванд, ки рушди нобаробари иқтисодии кишварҳоро таҳким мебахшанд ва дар онҳо кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираи таъсир ба кишварҳои донор ба ивази сармоягузорӣ шартҳои худро мегузоранд. Омилҳои дохилӣ иборатанд аз: сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии иқтисодӣ ва идоракунии

давлатӣ, самаранокии нокифояи низоми бонкӣ дар кишвар. Сармоягузорони берунӣ таҳлили омилҳои мазкурро мегузаронанд, зеро муҳиммияти баланди ин нишондиҳандаҳо хавфи фаъолияти сармоягузориро барои сармоягузорони берунӣ зиёд мекунанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Ба ҳимоя муқаррароти зерини илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки муаллиф ба даст овардааст, пешниҳод карда мешавад:

- рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо пеш аз ҳама дар соҳаи дигаргуншавии институтҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишварҳои қабулкунанда зоҳир мегардад ва ба таҳкими таъсири бозингарони асосии геосиёсии ҷаҳонӣ (ИМА, ИА, Чин, Россия) ба кишварҳои минтақаи Осиё, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

- дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ равиши консептуалӣ ҷиҳати коркарди самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ таҳия гардида, хавфҳои глобалии сармоягузорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди сармоягузории хориҷӣ муайян ва тасниф карда шуданд;

- тақсимот (дезагрегатсия)-и нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ ва мавҷудияти хавфҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва асъорӣ, ки бо онҳо сармоягузори хориҷӣ дучор мешавад, нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи амнияти сармоягузорӣ нишондодҳои нисбатан пастро, назар ба аксари кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дорад;

- муаллиф модели таҳлили регрессивӣ-коррелятсиониро таҳия кардааст, ки таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба ҳаҷми ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, пасандозҳои аҳолӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохисҳои коррупсия ва озодии иқтисодиро тасвир мекунад. Пешниҳод шудааст, то ба таркиби сиёсати сармоягузории кишвар

нишондиҳандаи низоми шаффофи сармоягузорӣ ворид карда шавад, ки он ба беҳтар шудани фазои сармоягузории кишвар мусоидат мекунад, устувории вуруди сармоягузории хориҷиро таъмин мекунад ва муҳиммияти он барои татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат мекунад;

- нишон дода шудааст, ки шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар намуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муассири ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба равандҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад, вале барои он маҳдудиятҳои геоиқтисодии вобаста ба бунбасти ҳудудӣ ва коммуникатсионии кишвар хос аст;

- модели эконометрикии вобастагии ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои муштарак барои содирот бо иштироки сармояи хориҷӣ аз миқдор ва ҳаҷми сармоягузориҳо пешниҳод гардидааст ва муодилаҳои тамоюл (тренд) барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак ҳисоб карда шудаанд;

- механизми ташкилию иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст, ки он шаклҳои иқтисодӣ ва ташкилии мусоидат ба сармоягузорони хориҷиро дар бар мегирад ва параметрҳои дурнамои ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳои муштараки Тоҷикистон ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак дар давраи солҳои 2021-2022 ҳисоб ва асоснок карда шудааст.

- модели иқтисодию риёзӣ таҳия карда шудааст, ки дигаргуниҳои сохториро дар соҳаҳо вобаста аз ҳаҷми сармоягузориҳо тасвир менамояд ва  дар асоси ҳисобҳо исбот гардидааст, ки ҷалби сармоя ба саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувори кишвар таъсири мусбат мерасонад;

- мураттабгардонии омилҳои берунӣ ва дохилии таҳдид эҷодкунанда ба таъмини амнияти сармоягузорӣ дар шароити сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот - дар ҷамъбаст кардани корҳои илмӣ-амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф аз рӯи нуқтаи назари гуногуни ташаккулёбӣ ва рушди тамоми ҷанбаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагии он ва ҷалби сармояи хориҷӣ иборат мебошад. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба таҳия ва танзими тадбирҳои амнияти сармоягузорӣ дар заминаи сармоягузории хориҷӣ дахл доранд, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии кишвар ва рушди иқтисодии он мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти худ муассисаҳои давлатии масъул ба назорати фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва рушди фаъолнокии сармоягузории кишвар истифода намоянд. Маводҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Амнияти сармоягузории байналхалқӣ», «Сармоягузориҳои байналмилалӣ», инчунин, дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи «Сиёсати сармоягузорӣ», «Бизнеси байналхалқӣ», «Бозори байналхалқии коғазхои қиматнок», «Амнияти иқтисодӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ» ва «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти 08.00.14 «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», аз ҷумла: б.28 Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо; б.27 Амнияти иқтисодии байналмилалӣ ва миллӣ; б.27 Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б.25 Иқтисодиёти миллии мамлакатҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: масъалаҳои муносибгардонии ҳамкориҳои мутақобил ва таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ. Тазодҳои байналхалқии иқтисодӣ, сабабҳо ва тарзҳои

ҳалли онҳо; б. 24 Фаъолияти байналмилалии бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ ва суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаб**. Таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ ва интишороти асосии муаллиф саҳми шахсии ӯро дар ба даст овардани натиҷаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот муайян мекунад. Аз ҷумла, муаллиф бори нахуст роҳҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳисоби дигаргуниҳои сохториро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, вобастагии онҳоро аз ҳаҷми сармоягузориҳо ва таъсиррасонӣ ба рушди иқтисодиро гузаронида, равиши консептуалиро ба муайян кардани самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ таҳия намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**

Апробатсияи мавзуи таҳқиқот дар ҷаласаи кафедраи (дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28.12.2013, №5), факултет (дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 21.01. 2014, №6) ва Шӯрои олимони Донишгоҳ (қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 28.02.2014, № 10) гузаронида шудааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърузаҳои шифоҳӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Стратегияҳои трансформатсияи рақамӣ ва идоракунии бизнес-равандҳо», (Москва 2021), Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои такмили механизмҳои молиявию қарзии рушди иқтисоди миллӣ» (Душанбе 2021), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия» ва «Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ: векторҳои ҳамкорӣ ва дурнамои рушд» (Душанбе 2021), Семинари ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба «Рӯзи

кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи: «Танзими давлатии молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», (Душанбе 2021), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «XII Ломоносовские чтения» бахшида ба 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе (ш.Душанбе 2022), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Омилҳои иқтисодии хориҷии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе 2022) ироа шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 29 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 918 саҳ., аз ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 15.63 ҷ.ч. ва 22 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ 60,26 ҷ.ч. нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, панҷ боб, аз 15 зербоб, хулоса ва библиография иборат аст. Кор дар 428 саҳифа, 54 ҷадвал ва 106 расм оварда шудааст. Рӯйхати библиографӣ 413 номгӯйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРИИ ҶАҲОНӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАЪМИНИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛИИ МАМЛАКАТ

## 1.1. Рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо: хусусиятҳо, институтҳо ва вазъи геосиёсӣ

Марҳилаи муосири рушди системаи ҷаҳонии иқтисодӣ ҳанӯз бо мавҷудияти системаҳои мустақили миллии иқтисодӣ дар дохили давлатҳои алоҳида ё иттиҳодияҳои минтақавии давлатҳо алоқаманд аст. Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба ин масъала ду нуқтаи назари ба ҳам мухолиф мавҷуд аст. Масалан, Кинон М. ва Роланд И. чунин мешуморанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз дар солҳои 50-60-уми асри XX дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба равишҳои неолибералӣ такя мекунад ва дар шарҳу тавзеҳи онҳо равиши кейсианӣ аҳамияте надорад.[1]

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ барои омӯзиши тамоюлҳо равишҳои гуногун мавҷуданд, ки системаи муносибатҳои сармоягузориро, ки дар доираи иқтисоди муосири ҷаҳонӣ ба вуҷуд меоянд, муайян мекунанд.

Якум, ин равиши «глобализатсионӣ» мебошад, ки дар он чунин фарз мешавад, ки глобализатсия хусусиятҳои муносибатҳои муосири сармоягузории байналмилалиро пешакӣ муайян намуда, ба ташаккули манфиатҳои миллии кишварҳо таъсир мерасонад.

Дуюм мафҳум, ин «марказ-периферия» мебошад. Тибқи ин равиш, маҳз марказ эҷод ва ҷараёнҳои сармоягузориро ба периферия тақсим мекунад. Мутаносибан, манфиатҳои миллии кишварҳое, ки бо ин равиш чунин муносибат мекунанд, чунин мешаванд: барои марказ васеъ шудани сармояи истеҳсолӣ, молиявӣ ва сиёсӣ ва барои периферия — ба вуҷуд

[1] McKinnon, Roland I. The Exchange Rate and Macroeconomic Policy: Changing Postwar Perceptions [Text] / McKinnon, Roland I. // Journal of Economic Literature. – 1981. – Vol.19 (June). – P.531-557. [Қурби асъор ва сиёсати макроиқтисодӣ: Тағйир додани тасаввуроти баъдиҷанг]

овардани симои байналхалқии қобилияти баланди азхудкунии сармоя характернок мегардад.

Муносибати сеюм далели ташаккули иқтисоди ҷаҳониро рад мекунад. Дар меҳвари ин консепсия масъалаи нотавон будани кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар иқтисоди миллии худ ва ҷалби сармояи хориҷӣ тибқи талаботи замон аст.[2]

Аммо ҳанӯз дар охири асри XX дар мисоли мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, ки нисбат ба сармояи хориҷӣ сиёсати хеле ошкоро гузаронданд, бори аввал бӯҳрони модели либералии ҳаракати байналхалқии сармоя намоён гардид.

Дар шароити муосир категорияи **«интернатсионаликунонии ҳаёти иқтисодӣ» торафт мураккабтар шуда, ҷои онро категорияи «глобализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ» иваз мекунад, ки асоси моддии пайдоиши он иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он равишҳои неолибералӣ бартарӣ доранд. Аммо** воқеахои вақтҳои охир дар конфронтатсияи байни мамлакатҳои Ғарб ва Федератсияи Россия бӯҳрони муайяни муносибати неолибералӣ ба фаъолияти иқтисодиёти ҷахониро инъикос мекунанд. Аз нуқтаи назари манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маънои онро дорад, ки имрӯз вақти он расидааст, ки сиёсати муосири иқтисодии хориҷии кишвар ба гузариш ба фаъолгардонии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи иқтисод ва сармоягузорӣ, бахусус, бо кишварҳои Осиёи Марказӣ равона карда шавад.[3]

---

[2] Иноземцев, В. "Глобализация" национальных хозяйств и современный экономический кризис [Манбаи электронӣ] / В. Иноземцев. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.ptpu.ru/issues/3_99/4_3_99.htm, кушода. Санаи мурочиат: 15.27.2019.

[3] «… пришло время переходить от гуманитарной помощи к взаимовыгодному экономическому сотрудничеству». Из выступления Э.Рахмонова на встрече с первым заместителем Госсекретаря США. «… таджикская сторона заинтересована в налаживании фундаментального сотрудничества во взаимовыгодных сферах с Японией…». Из выступления Э.Рахмонова на встрече с Чрезвычайным и Полномочным Послом Японии в Таджикистане. Саидов, З.Ш. Внешняя политика Президента Рахмонова [Текст] / З.Ш. Саидов. – Душанбе, 2001. – С.52, 124.

Айни замон минтақаи Осиёи Марказӣ, ки Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро фаро мегирад, ҳамчун фазои ягонаи иқтисодӣ ба ҳисоб намеравад. Баъзе аз ин давлатҳо аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва дигар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ буда, баъзеи онҳо ба ин гуна сохторҳо шомил нестанд. Ин давлатҳо дар сатҳҳои гуногун савдои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳаракати қувваи корӣ ва сармоя ва дигар шаклҳои ҳамкориву кооператсияро роҳандозӣ намуда истодаанд. Аммо дар байни ин давлатҳо шуруъ аз мавқеи ҷуғрофӣ ва робитаҳои аллакай барқароршудаи иқтисодӣ то бо таърихи муштарак, наздикии забонӣ ва фарҳангӣ умумияти зиёд ҷой доранд. Аз ин рӯ, монеаҳои имрӯз ҷойдоштаро дар роҳи фаъолияти иқтисодии хориҷии онҳо метавон як падидаи муваққатӣ арзёбӣ намуд.

Дар Осиёи Марказӣ 71,3 миллион нафар одамон зиндагонӣ мекунанд ва ҳаҷми ММД-и минтақавӣ 265,2 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Қисми асосии содироти молии кишварҳои Осиёи Марказиро сарватҳои табиии истихроҷшуда ва маҳсулоти коркарди ибтидоии онҳо ташкил медиҳанд. (87,6% тамоми содироти мол дар соли 2020). Воқеан ҳам кишварҳои минтақа ин молҳоро нисбат ба фурӯши он ба берун аз минтақа бо ҳамдигар ба андозаи хеле кам савдо мекунанд. Аммо бо назардошти ҳаҷми содироти молҳо ба истисноИ маҳсулоти минералӣ ва металлҳо, яъне содироти молҳои ғайриашёвӣ (расми 1.1.) мушоҳида мешавад, ки бе назардошти содироти маҳсулоти минералӣ ва металлҳо, иқтидори савдои дохилиминтақавӣ баландтар аст.

Аз расми 1.1. дида мешавад, ки ҳиссаи содироти молҳои ғайриашёвӣ ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ то 28,2% меафзояд. Ин аз ҷой доштани савдои фаъоли дохилиминтақавии молҳои ғайриашёвӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, сарфи назар аз мавҷудияти монеаҳои гуногун дар роҳи он шаҳодат медиҳад.




**Расми 1.1. – Ҳиссаи содироти кишварҳои Осиёи Марказӣ**

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси www.trademap.org тартиб дода шудааст.

Қазоқистон дар савдои минтақавӣ пешсаф аст, ки ба андозаи иқтисодиёти он мувофиқ аст. Аммо ба ҳар ҳол ҳиссаи Қазоқистон дар гардиши савдои минтақавӣ (41,8%) аст. Дар ҷои дувум Ӯзбекистон қарор дорад ва дар ҳаҷми воридоти маҳсулот аз кишварҳои минтақа ҳатто аз Қазоқистон пеш гузаштааст. Ҳиссаи Ӯзбекистон дар гардиши савдои минтақавӣ 29,5% ташкил дода, аз ҳиссаи он дар ММД минтақавӣ (18,4%) зиёдтар аст. Ҳиссаи Қирғизистону Тоҷикистон дар гардиши савдои минтақавӣ (14,3 ва 10%) аз ҳиссаи онҳо дар ММД минтақавӣ (2,9 ва 2,7%) хеле зиёд аст. Яъне, ин кишварҳо дар тақсимоти минтақавии меҳнат аз кишварҳои дигар бештар ширкат мекунанд ва аз тиҷорати минтақавӣ бештар вобаста мебошанд.

Туркманистон бошад, вобастагии камтаринро нишон медиҳад: 4,5% иштирок дар гардиши савдо дар муқоиса бо саҳми 16% ба ММД минтақа.

Дараҷаи баланди вобастагии иқтисодиёти Осиёи Марказӣ аз содироти ашёи хом хавфу мушкилоти зиёдеро дар худ ба миён меорад. Хавфҳо ба ноустувории нархҳои ҷаҳонӣ ба ашёи хом марбутанд. Пастшавии онҳо метавонад, ба иқтисодиёти кишварҳои содиркунанда

таъсири хеле манфӣ расонад, ки ин онҳоро бениҳоят аз омилҳои беруна вобаста месозад. Аз ин рӯ, ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла, кишварҳое, ки дорои захираҳои бойи табиӣ мебошанд, мехоҳанд молҳои ба дараҷаи баланд коркардшудаи ба истеъмоли ниҳоӣ нигаронидашударо истеҳсол ва содир намоянд.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, аксари ташкилотҳои минтақавиро кишварҳое таъсис медиҳанд, ки дар наздикии ҷуғрофӣ қарор доранд ва пайвастшавиҳои умумии нақлиётӣ доранд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам наздик буда, сарҳадҳои умумии давлатӣ доранд, ки ин заминаҳоро барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ фароҳам меорад. Илова бар ин, мавқеи ҷуғрофии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ барои ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Масалан, рушди равандҳои ҳамгироӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба фаъолияти Бонки рушди Авруосиё нигаронида шудааст, ки захираҳои молиявиро барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мақсади рушди иқтисодии онҳо ҷудо мекунад. Хусусияти асосии фаъолияти Бонки рушди Авруосиё ин динамикаи тағйирот дар сохтори сандуқи сармоягузории ҷории он мебошад, ки вобаста ба кишварҳо ба ҳолати 1 апрели соли 2020 саҳмияҳои кишварҳо дар сандуқи сармоягузории ҷории Бонк ба таври зайл тақсим шудаанд: Қазоқистон (39,5%), Россия (36,4%), Белорусия (20,2%), Армения (2,3%), Қирғизистон (1,6%), Тоҷикистон (0,03%).

Ба ҳолати 31 декабри соли 2020 сандуқи сармоягузории ҷории Бонки рушди Авруосиё дар Ҷумҳурии Қазоқистон 1 миллиарду 675 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, 34 лоиҳаро дар 8 соҳа дар бар гирифтааст[4].

[4] Годовой отчет ЕАБР за 2020 г. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/investors/information-disclosure/annual-report/, кушода. Санаи муроҷиат: 28.09.2019.

Дар сохтори асъории сандуқи сармоягузорӣ рубли русӣ ва тангаи Қазоқистон 62,4%, доллар ва евро 37,6%-ро ташкил медиҳанд.

Сохтори сандуқи сармоягузории Бонки рушди Авруосиё дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли 2020 дар расми 1.2. нишон дода шудааст.




**Расми 1.2. – Сохтори портфели сармоягузории Бонки рушди Авруосиё дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли 2020**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Қазоқистон фазои сармоягузории худро пайваста беҳтар мекунад. Равандҳои бюрократӣ ба низом даровarда шуда, расмиёти тезонидашудаи роҳандозии стартапҳо таҳия карда шудаанд, талаботи ҳадди ақалли сармоя паст карда шуда, тартиби бақайдгирии моликият ва гирифтани иҷозат барои сохтмон содда карда шуданд. Такмилҳои охирин дар доираи татбиқи стратегияи рушди Қазоқистон то соли 2050 ба даст омадаанд.

Дастрасии маҳдуд ба молиякунонӣ ба рушди бахши хусусӣ монеа шуда, раванди диверсификатсияи иқтисодиётро бозмедорад. Қарздиҳии бонкӣ манбаи асосии моликунонӣ барои ширкатҳо мебошад, аммо таносуби қарздиҳии дохилии бахши хусусӣ ба ММД нисбатан паст (27%) боқӣ мемонад. Қазоқистон аз рӯи ин нишондиҳанда аз дигар кишварҳо, масалан аз Россия (52,7%), Чили (78,6%) ё Чин (155,8%) қафо- мондааст.

Бонки рушди Авруосиё нақши калидии худро ҳамчун як ниҳоди рушд дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории инфрасохторӣ, пеш аз ҳама, дар таъсири назарраси самараи фузуншавии (мултипликативии) чунин сармоягузорӣ мебинад.




**Расми 1.3. – Сохтори сандуқи сармоягузории Бонки рушди Авруосиё дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар соли 2020**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Сармоягузорони байналмилалӣ Қирғизистонро пеш аз ҳама ҳамчун як самт барои истихроҷи захираҳои табиӣ медонанд. Мамлакат дорои захираҳои бузурги металл мебошад: тилло ва дигар металлҳо қариб 50 фоизро дар ҳаҷми умумии содироти ашёи хом ташкил медиҳанд, аз ин рӯ, ҳиссаи сармоягузорӣ ба саноати истихроҷи маъдан 28 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари идомаи талошҳо ҷиҳати беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ, барои ҷалби сармоягузорони хориҷи кишвар, инчунин, ба рушди соҳаи энергетика ва инфрасохтор ниёз дорад.

Сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ барои рушди инфрасохтори базавӣ арзиши муҳим доранд. Барои давлат дар сатҳи зарурӣ таъминоти энергия, махсусан, берун аз ҳудуди пойтахт душвор аст. Бар асари фарсудашавии инфрасохтор, афзоиши истеъмоли нерӯи барқ бо тарофаҳои паст ва сарфаи нокифояи нерӯи барқ, Қирғизистон дар солҳои 2010-2020 аз барзиёдии

неруи барқ ба норасоии он гузашт. Азнавсозии (замонавигардонии) инфрасохтор, бо фарогирии нерӯгоҳҳои барқӣ, роҳҳои дорои аҳамияти дуюмдарача, сармоягузориҳои калонро талаб мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон базаи маҳдуди содиротӣ (асосан пахта, алюминий ва нерӯи барқ), мавқеи заифро дар бозори хориҷӣ дошта, аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги табиӣ мебошад. Дар мамлакат бузургтарин кони нукра дар ҷаҳон ва инчунин, конҳои бои тилло вуҷуд дорад, ки муайянкунандаи ҳиссаи зиёди сармоягузориҳо дар саноати истихроҷи маъдан мебошад. (расми 1.4.).




**Расми 1.4. - Сохтори сандуқи сармоягузории Бонки рушди Авруосиё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳиссаи гидроэнергетикаи Тоҷикистон 60% тамоми иқтидори гидроэнергетикии Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Ҳарчанд қисми бештари нерӯи барқ дар Тоҷикистон аз ҳисоби нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад, аммо иқтидори ин соҳа то ҳол дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор дода нашудааст.

Мувофиқи арзёбии ҳукумат, то имрӯз ҳамагӣ 5 дарсади иқтидори гидроэнергетикии кишвар истифода шудааст. Азнавсозии низоми таъмини

нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон кӯмак мекунад, то тавозун байни талабот ва пешниҳодро дар фасли зимистон ба даст орад. Сарфи назар аз беҳбудиҳои вақтҳои охир, ба рушди ин соҳа нарасидани сармоягузориҳои иловагӣ халал мерасонад.

Ӯзбекистон то ҳол ҳамчун самти сармоягузорӣ нодида гирифта шуда, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нисбат ба кишварҳои муқоисашаванда ба таври назаррас камтар аст. Тибқи иттилои Кумитаи давлатии сармоягузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар кишвар беш аз 6 ҳазор ширкат бо иштироки хориҷиҳо фаъолият мекунанд. То моҳи декабри соли 2020 сандуқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ 456 лоиҳаро дар соҳаҳои мухталиф бо арзиши умумии 23 миллиард доллар дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Ӯзбекистон асосан дар соҳаи нафту газ мутамарказ шудааст - дар солҳои охир он беш аз 40% ҳаҷми умумии сармоягузории мустақими хориҷиро ташкил медиҳад. (расми1.5.).




**Расми 1.5. - Сохтори сандуқи сармоягузории Бонки рушди Авруосиё дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2020.**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Айни замон фазои сармоягузорӣ дар Ӯзбекистон босуръат беҳтар шуда, нигарониҳои сармоягузоронро аз байн бурда истодааст. Дар кишвар

ислоҳоти зиёде ҷараён дорад, ки барои содда кардани заминаи меъёрӣ, низоми гумрукӣ ва андоз ва шаффофтар гардонидани онҳо пешбинӣ шудаанд. Яке аз барҷастатарин ислоҳоти даврони нав ин либерализатсияи низоми асъор дар моҳи сентябри соли 2017 буд. Ба туфайли либерализатсияи низоми асъор сармоягузорони хориҷӣ Ӯзбекистонро ба сифати самт барои сармоягузорӣ пазируфта истодаанд.

Туркманистон ба гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ ва ба ҳайати иштирокчии Бонки рушди Авруосиё шомил нашудааст. Мамлакат берун аз соҳаи нафту газ бобати ба дигар соҳаҳои саноат ҷалб намудани сармоягузорон муваффақ нагардидааст. Назорати сахти маъмурӣ ва умуман нақши назарраси бахши давлатӣ дар иқтисодиёт монеаҳои асосии рушди бахши хусусӣ дар Туркманистон боқӣ мемонанд.

Ҳукумат тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиётро назорат мекунад, корхонаҳои давлатӣ бе иштироки тарафҳои дигар нафт, газ, қувваи барқ, нахи пахта (пахтаи хом), маҳсулоти нафтӣ ва дигар навъҳои ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёрро истеҳсол ва содир мекунанд.

Ҳамчунин, ба фазои сармоягузории кишвар ҳимояи сусти ҳуқуқи моликият, сатҳи баланди коррупсия ва бюрократия таъсири манфӣ мерасонанд. Бо вуҷуди изҳори хоҳиши ҷалби сармоягузорони бештар, иқтидори Туркманистон аз сабаби сарбаста (пӯшида) будани иқтисодиёт маҳдуд аст.

Таҳлили сохтори сандуқи сармоягузории кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ҳиссаи калони сармоягузорӣ ба саноати истихроҷи маъдан, афзоиши сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва комплекси агросаноатӣ мушоҳида мешавад, зеро маҳсулоти комплекси агросаноатӣ барои кишварҳои минтақа иқтидори баланди содиротӣ дорад.

Бонки рушди Авруосиё ба иншооти зерини комплекси агросаноатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сармоягузорӣ мекунад:

- бо истифодаи технологияи пешқадам, комплексҳои гармхонаҳои сикли солона алоқамандбуда;

- барои коркарди сабзавоти мавсимӣ ва кам кардани талафот ҳангоми нигоҳ доштани онҳо нигаронидашуда;

- лоиҳаҳо оид ба парвариш ва коркарди зироатҳои равғандор бо коркарди равғани растанӣ ва иловаҳои гуногуни хӯроки чорво. Рушди истеҳсоли равғани растанӣ ба зиёд шудани гардиши тиҷоратӣ байни мамлакатҳои ба Бонки рушди АвруОсиё дохилбуда, мусоидат мекунад;

- лоиҳаҳои бо коркарди ҳаматарафаи зироатҳои ғалладона (аз ҷумла, ғалла) алоқамандбуда;

- лоиҳаҳои бо истеҳсоли маҳсулоти сатҳи баланди чорводорӣ вобастабуда.

Осиёи Марказӣ барои ҷалби сармоя ба истеҳсоли гӯшт бартариҳои рақобатӣ дорад. Барои сармоягузорони сатҳи миёна иқтидори асосӣ дар соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла, беҳтар кардани зоти чорво ва хусусиятҳои генетикӣ ҳангоми наслгирӣ мавҷуд аст. Барои сармоягузорони калон дар сохтмони майдонҳои фарбеҳкунӣ (бӯрдоқикунӣ), комбинатҳои гӯшт ва ташкили каналҳои тақсимот (дистрибутсия) имкониятҳо ба миён омада истодаанд. Пахтаи хом ва пашм барои истеҳсоли нассоҷӣ имкониятҳо мекушояд. Айни замон пахта дар ҳамаи мамлакатҳои минтақа истеҳсол карда мешавад. Дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон пахта дар иқтисодиёт нақши калидиро бозида, ҳавасмандии эҷоди занҷирҳоро аз истеҳсоли ашёи хоми аввалия то ба истеҳсоли матоъ ва либос имконпазир мегардонад. Аммо барои то ба сатҳи бозингари комилҳуқуқи бозори ҷаҳонии либос расидан, зарур аст, ҳамкориҳои хеле зич ва сармоягузорӣ роҳандозӣ гардад. Ширкатҳои хориҷӣ метавонанд, стандартҳои байналмилалии сифатро ҷорӣ намуда, захираҳои дизайнериро инкишоф диҳанд.

Дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҷолибтарин ҷойгоҳи сармоягузорӣ дар инфрасохтори телекоммуникатсионӣ мавҷуд аст, ки дастрасии Интернет дар ҳоли ҳозир мутаносибан 20,5%, 34,5% ва 46,8%

мебошад. Ин кишварҳо аз Қазоқистон хеле ақиб (74,6%) мондаанд. Дар Қазоқистон ҳокимият талош доранд, ки технологияҳои рақамиро дар соҳаи кишоварзӣ, саноат ва автоматкунонии соҳаи нақлиёт ҷорӣ намоянд.

Бахшҳои доништалаб ва соҳаҳо умуман дар маҷмуъ ҳанӯз азхуднакардашуда боқӣ мондаанд, аммо дар айни замон аз сабаби набудани бартариҳои рақобатӣ ҳавасманд кардани сармоягузорон душвор аст. Соҳаҳои биотехнология, истеҳсоли муҳаррикҳо, турбинаҳо ва ҷузъҳои электронӣ дар Осиёи Марказӣ дар сатҳи пасти рушд қарор доранд. Кӯшишҳои густурдаи ҳукуматҳои кишварҳои минтақа барои бунёди иқтисодиёти ба дониш асосёфта ва баланд бардоштани сифат ва дастрасии таҳсилоти олиро талаб мекунад, ки метавонад рақобатпазирии Осиёи Марказиро дар ин бахшҳо ва ҷалби сармоя таъмин намояд.

Таҳлилгарони байналмилалӣ дурнамои ҷалби сармояро ба бахшҳои ғайриашёвии иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳаҷмҳои зерин баррасӣ мекунанд (расми 1.6).




**Расми 1.6. – Ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахшҳои ғайриашёвии кишварҳои Осиёи Марказӣ, млрд. доллар.**

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Boston Consulting Group.

Дар тафовут аз дигар кишварҳои Осиё, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Осиёи Марказӣ хеле кам ҳамчун унсури занҷири ҷаҳонии таъминот

мебошанд, ки ин асосан ба нокифоя рушд кардани ҳамкориҳои минтақавӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ, инчунин мушкилоти убури сарҳадҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ, Бонки рушди Авруосиё ба бахшҳои ғайриашёвии иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ сармоягузорӣ мекунад, ки ин ба афзоиши гардиши молии дохилии онҳо ва ҳаракати сармоя байни кишварҳои минтақа мусоидат менамояд.

Байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ, пешрафта ва кишварҳои дар ҳоли гузариш дар ҷалби сармояи хориҷӣ тафовути ҷиддӣ вуҷуд дорад. Масалан, тибқи омори ЮНКТАД, дар соли 2019 ба кишварҳои мутараққӣ 60%-и сармоягузориҳои мустақими хориҷии воридшавандаи ҷаҳон рост омадаанд (сармоягузории умумӣ дар соли 2019 1,5 трлн. доллари ИМА-ро ташкил дод)[5]. Дар охири соли 2021 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар кишварҳои пешрафта дар сатҳи 1 трлн. доллари ИМА муқаррар карда шуд. Сохтори ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2020 дар расми 1.7. нишон дода шудааст.




**Расми 1.7. – Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2020 аз рӯи гурӯҳи кишварҳо**

---

[5] Официальный сайт UNCTAD [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://unctad.org/statistics, кушода. Санаи муроҷиат 17.10.2020.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории ЮНКТАД

Коҳиши воруди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақаҳои рӯ ба тараққӣ нобаробар буда, дар Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб 45% ва дар Африқо -16% камшавӣ ба амал омад.

Баръакс, воридшавӣ ба Осиё 4% афзоиш ёфта, дар натиҷа, дар соли 2020 ба ин минтақа нисфи сармоягузориҳои мустақими хориҷии ҷаҳон рост меояд. Дар кишварҳои иқтсодиёти давраи гузариш ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ 58% коҳиш ёфт.

Афзоиш аз ҷониби Чин, Ҳонконг, ИМА ва Ҷопон сурат гирифт (расми 1.8.). Дар дигар кишварҳои минтақа, сармоягузории мустақими хориҷӣ коҳиш ёфтааст. Дар кишварҳое, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соҳаи сайёҳӣ ё саноати коркарди маҳсулот мутамарказ гардидаанд, коҳишёбӣ махсусан шадид буд.




**Расми 1.8. – Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди кишварҳое, ки дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 афзоиш нишон доданд, млрд. доллар.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории ЮНКТАД.

Дар соли 2020, корхонаҳои бисёрмилалӣ дар кишварҳои мутараққӣ сармоягузории хориҷии худро 56%, то 347 миллиард доллар коҳиш доданд, ки сатҳи пасттарин аз давраи соли 1996 аст. Бо вуҷуди ин, ҷараёни сармоягузорӣ дар Осиёи Шарқӣ 21% афзоиш ёфта, ба 292 миллиард доллар расид, ки аз барқароршавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ҳонконг пас аз коҳиши якбораи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2019 ва аз ҳисоби азнавташкилдиҳии корпоративии корхонаҳои бисёрмилалӣ бармеояд.

Дар Чин афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 2020 суръат гирифт, ки ин аз муваффақияти кишвар дар ҷилавгирӣ аз пандемия ва барқароршавии босуръати афзоиши ММД шаҳодат медиҳад. Рушд бошад аз ҷониби соҳаҳои марбут ба технология, тиҷорати электронӣ, тадқиқот ва коркардҳо таъмин гардид.

Дар Ҷумҳурии Корея сармоягузории мустақими хориҷӣ 50 миллиард доллар афзоиш ёфтааст, зеро ин кишвар яке аз аввалинҳоест, ки хуруҷи COVID-19-ро пешгирӣ кард ва рушди иқтисодии он баланд боқӣ монд.

Дар маҷмуъ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки муҳаррики рушди ҷаҳонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар даҳ соли охир ба ҳисоб меравад, коҳиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 25% то 136 миллиард доллар ба миён омад.

Индонезия ва Ветнам, ки бузургтарин гирандагони сармоягузории мустақими хориҷӣ дар минтақа мебошанд, дар ин тартиб коҳиши сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба қайд гирифтанд. Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Индонезия 22%, то 19 миллиард доллар ва дар Ветнам 2%, то 16 миллиард доллар коҳиш ёфт. Ин вазъ бо андешидани чораҳои маҳдудсозӣ, мавҷҳои пай дар пайи сироятёбӣ ба COVID-19 алоқаманди дошта, халалдор шудани занҷири таъминот, коҳиши даромадҳои корпоративӣ, номуайянии иқтисодӣ ва ба таъхирандозии нақшаҳои сармоягузорӣ сабабҳои асосии камшавӣ буданд.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, ки ба истеҳсоли либосҳои ба содирот нигаронидашуда такя мекунанд, коҳиш ёфт. Воридшавии сармоя ба Бангладеш ва Шри-Ланка мутаносибан 11 фоиз ва 43 фоиз кам шуд. Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Покистон 6%, то 2,1 миллиард доллар коҳиш ёфт ва ба ин идомаёбии сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва телекоммуникатсия мусоидат намуд.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ аз Осиё 7% афзоиш ёфта, ба 389 миллиард доллар расид ва ин ягона минтақаест, ки дар он афзоиши содироти сармояҳои мустақими хориҷӣ мушоҳида карда шуд. Ин нуфузи минтақаро ҳамчун сармоягузори муҳим барои минтақаи рӯ ба тараққӣ ниҳода нишон медиҳад.

Дар Чин, бузургтарин кишвари сармоягузор дар соли 2020, ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ 133 миллиард долларро ташкил намуд. Пурзӯрнамоии назорати сармоягузориҳо дар кишвар бо дарназардошти тақвияти назорат аз ҷониби ИМА ба сармоягузориҳои аз Чин воридшуда, ба сармоягузориҳои ин кишвар таъсир расонид. Идомаи ғасбнамоӣ аз ҷониби  корхонаҳои чинӣ ва амалиёти фаъол оид ба ва муттаҳиднамоӣ ва забткунӣ дар хориҷа барои ба эътидол овардани ҷараёни сармоягузорӣ дар соли 2020 мусоидат намуд.

Дар шароити коҳиши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар аксари кишварҳои ҳам мутараққӣ ва ҳам рӯ ба тараққӣ, масоили рақобат байни кишварҳо барои сармоягузорӣ шадидтар шудааст.

Дар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон Чин пешсаф аст. Дар тӯли чанд сол ҳукумати Чин суботи сиёсӣ ва пешгӯишавандагии сиёсати иқтисодии давлатро таъмин намуд, ки ин ҳавасмандии муҳим дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошад. Давлат сармоягузориҳои мустақими хориҷиро тавассути пешниҳоди миқдори зиёди имтиёзҳои андозӣ, таътилҳои андозӣ барои ширкатҳое, ки сармояи хориҷӣ доранд, дастгирӣ мекунад. Ҳукумати Чин монеаҳои

зиёдеро, ки қаблан садди роҳи дастрасии сармояи хориҷӣ ба бозори дохилӣ буданд, бартараф кард.

ҶМЧ сиёсатеро ба амал мебарорад, ки мақсад аз он зиёд намудани воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт дар бахшҳо, минтақаҳо ва соҳаҳои афзалиятнок мебошад. Дар робита ба ин, мақомоти Чин ба либерализатсияи тадриҷии иқтисодиёт ва савдои хориҷӣ шуруъ карданд ва инчунин, ба хориҷиён имкон доданд, ки дар бахшҳои қаблан басташуда вобаста ба пакети назоратиии саҳмияҳо бартарӣ дошта бошанд. Ба ин соҳаҳо, аз ҷумла: металлургия, саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли молҳои гуногуни истеъмоли халқ ва саноати автомобилсозӣ дохил мешаванд. Стратегияи ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Чин ба тавсеаи тадриҷии иқтисодиёти кушод асос ёфтааст.

ИМА инчунин, сармоягузориро ба иқтисоди кишвар бомуваффақият ҷалб мекунад. Аз рӯи иттилои Вазорати савдои ИМА, дар чанд соли охир ҳукумати ИМА барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ барномаҳои калони миллӣ таҳия наменамояд. Бо вуҷуди ин, ҳар як штат мустақилона ҷустуҷӯи шарикони хориҷиро анҷом медиҳад. Сармоягузории мустақимро корпоратсияҳои амрикоӣ бидуни кӯмаки ҳукумат ҷалб мекунанд[6].

Дар ИМА инчунин, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таъсир мерасонанд:

- ИМА дар ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар ҷаҳон пешсаф аст. Ин аз ҳифзи инноватсия шаҳодат медиҳад, ки барои сармоягузорони хориҷӣ хеле муҳим аст, чунки барои ба даст овардани фоидаи калон имкон медиҳад;

- ИМА низоми нисбатан баландсифат ва одилонаи ҳуқуқӣ дорад, ки он инчунин барои ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои мустақим дар иқтисодиёт муҳим аст;

---

[6] ABOUT SELECTUSA [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.selectusa.gov/about-selectusa, кушода. Санаи мурочиат: 25.12.2020.

- яке аз омилҳои муҳим инфрасохтори нақлиётии ИМА мебошад. Мамлакат бо ҷаҳони беруна ба воситаи бандарҳои баҳрӣ, фурудгоҳҳо, роҳҳои автомобилгард ва роҳи охан алоқаи зич дорад;

- дар ИМА донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷойгиранд, ки ин имкон медиҳад кормандони илмӣ аз дигар кишварҳо ҷалб карда шаванд.

Дар байни кишварҳои рӯ ба тараққии барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ рақобаткунанда, Ҳиндустонро баррасӣ мекунем, ки дар ҷалби захираҳои сармоягузорӣ тавассути беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ муваффақ аст. Ба туфайли ислоҳот ҳукумати Ҳиндустон воридоти сармоягузории мустақимро ба бахшҳои мухталифи иқтисод ҳавасманд мекунад. Дар сохтмони пулҳо, роҳҳо ва дигар объектҳои инфрасохтор, Бонки захиравии Ҳиндустон иҷозат медиҳад, ки 100% сармоягузории хориҷӣ ҷалб карда шавад. Соҳаҳои ҷолибтарин барои сармоягузорони хориҷӣ инҳоянд: мошинсозӣ, таъминоти барномавӣ ва IT-хизматрасониҳо, хизматрасонии молиявӣ ва нақлиёт. Дар соҳаҳои зикршуда лоиҳаҳои асосӣ барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҳиндустон роҳандозӣ карда мешаванд.

Ҳиндустон инчунин, дар бахши технологияҳои иттилоотӣ аз воситаи зерин, ба монанди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) истифода мебарад, ки ин ҳам ба афзоиши воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Бразилия низ дар ҷаҳон, дар байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ яке аз бузургтарин қабулкунандагони сармоягузории мустақими хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки он бо фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ алоқамандӣ дошта, ба низоми тиҷорати маҳаллӣ мувофиқ аст. Сармоягузорони хориҷӣ қариб ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, ба истиснои энергетикаи атомӣ, саноати аэрокайҳонӣ, нақлиёти ҳавоии дохилӣ, васоити ахбори омма, почтаю телеграф, тандурустӣ ва баъзе дигар соҳаҳо дастрасӣ доранд. Илова ба ин, барои рушди соҳаҳое, ки ба содирот ва истеҳсоли маҳсулоти бо тарзи баланди

технологӣ истеҳсолшуда, инчунин, ба воридоти таҷҳизоти ҳосилнокии баланддошта машғуланд ва истифодаи IT-технологияҳоро истифода мекунанд, имтиёзҳои гуногун (андозӣ, гумрукӣ, молиявӣ ва ғайра) ҷорӣ карда шудаанд. Ба афзоиши воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ иҷозаи ширкатҳои хориҷӣ барои иштирок дар хусусигардонӣ дар бахши бонкӣ, энергетика ва телекоммуникатсия мусоидат намуд. Тадбирҳои махсус оид ба ҷалби сармоя ба баъзе ноҳияҳои кишвар андешида шудаанд, ки дар онҳо минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шудаанд. Ин амал яке аз қадами муҳим дар ташаккули механизми дастгирии давлатии сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷониби Бразилия мебошад. Дар баробари ин, аз ҷониби давлат таъсис додани Фонди миллии мустақил (бо дорои наздик 9 миллиард доллар), ки барои сармоягузорӣ дар хориҷа амал мекунад, саривақтӣ ба шумор меравад.

Аз солҳои аввали истиқлолият Қазоқистон захираҳои хориҷии сармоягузориҳоро ба таври васеъ дар иқтисодиёти худ истифода мебарад. Сармоягузориҳо аз хориҷа ба азхудкунии интенсивии конҳои бузурги нафту газ мусоидат намуда, ба рушди фаъоли иқтисодӣ замина фароҳам овардаанд. Дар Қазоқистон имтиёзҳои андозӣ, озодкунӣ аз боҷҳои гумрукӣ, субсидияҳои сармоягузорӣ ва грантҳои натуравӣ ба сифати ҳавасмандкунӣ барои сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ дар бахшҳои афзалиятнок, ба монанди: кишоварзӣ, металлургия, саноати кимиё ва нафту кимиё, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва мошинсозӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар муборизаи рақобатӣ оид ба сармоягузориҳои хориҷӣ Россия низ, ширкат мекунад, ки дар он 28 минтақаи махсуси иқтисодӣ таъсис дода шудааст. Муҳимтарин бартарии минтақаҳои махсуси иқтисодии Россия дар он аст, ки сармоягузорони хориҷӣ, ки тасмим гирифтаанд, дар он ҷо ширкат ифтитоҳ намоянд, дар муқоиса бо дигар минтақаҳои кишвар оғози фаъолияти худро бо хароҷоти тақрибан 30% камтар ба роҳ монанд. Резидентҳои россиягии минтақаҳои махсуси иқтисодӣ низ, бо истифода аз меъёри пасти андоз аз фоида дар диапазони аз 0 то 13,5% дар муқоиса бо

меъёри муқаррарии 20% фоида мегиранд. Молҳо дар ҳудуди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, инчунин, бидуни истифодаи чораҳои танзими ғайритарифӣ нисбат ба молҳои хориҷӣ ва бе татбиқи чораҳои танзими ғайритарифӣ нисбат ба молҳои хориҷӣ ва бидуни татбиқи мамнуъиятҳо ва маҳдудиятҳо нисбат ба молҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҷойгир кардашуда истифода мешаванд.

Тавре ки таърих нишон медиҳад, ҳаракати байналхалқии сармоя бо роҳи содирот ва воридоти он бевосита дар байни мамлакатҳо тавассути бозорҳои молиявии байналмилалӣ ё ташкилотҳои байналмилалии қарзию молиявӣ ба амал баровардa мешавад.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо иштироки бевоситаи ИМА ва Британияи Кабир низоми институтҳо (ХБА, ББТР, ГАТТ - баъдтар СУС) ташкил карда шуд, ки онҳо имрӯз низ асоси институтсионалии савдо ва молияи байналхалқиро ташкил медиҳанд. Тавассути ин институтҳо бори аввал дар таърихи ҷаҳон модели макроиқтисодии ҷаҳонӣ дар амал татбиқ карда шуд.

Ҷаҳонишавии молиявӣ дар шакле, ки дар он вуҷуд дорад, ин фароҳам овардани шароит барои иштироки баробари марказҳои иқтисодии минтақавӣ дар низоми молиявии байналмилалӣ набуда, балки ҳамгироии онҳо ба матритсаи аллакай мавҷудбудаи институтҳои молиявии ҷаҳонии таҳти назорати англо-амрикоӣ ҷойдошта мебошад.

Дар айни замон, ИМА дар чунин институтҳои молиявии бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, БАТР, Бонки байниамрикоии Рушд, Бонки Осиёгии Рушд (сармояи баробар бо Япония) саҳми бештари сармояро дорад. Маҳз ҳамин институтҳо барои пешбурди доллар ҳамчун асъори номиналӣ барои қарзҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, тавассути барориши вомбаргҳо миёнаравӣ мекунанд. ИМА се агентии рейтингии пешрафтаи ҷаҳонро (Moody's, S&Pи Fitch) назорат мекунад, ки ба онҳо 95% рейтингҳои кредитии ҷаҳон рост меояд. Бо шарофати баландтарин рейтингҳои кредитӣ, даромади коғазҳои қиматноки ИМА ва

дигар дороиҳои молиявӣ чун қоида, аз даромади воситаҳои молиявии дахлдори дигар кишварҳо камтар аст. Ба дороиҳои молиявии хориҷӣ сармоягузорӣ карда, ИМА дар ин фарқияти фоизи фоизҳо таъмин карда, ба таври сунъӣ талабот ба долларро эҷод мекунад ва қарзи дигар кишварҳоро афзоиш медиҳад. Бо сармоягузорӣ ба дороиҳои молиявии хориҷӣ, ИМА аз ҳисоби ин фарқияти меъёрҳои фоизӣ арзи вуҷуд карда ба таври сунъӣ талаботро ба доллар ба вуҷуд меоварад ва қарзи дигар мамлакатҳоро зиёд мекунад.

Дар нишасти G20 дар Лондон як созмони нави байналмилалӣ бо салоҳиятҳои васеъ - Шӯрои суботи молиявӣ (ШСМ) таъсис дода шуд, ки он дорои мустақилияти васеи молиявӣ, салоҳиятҳои истисноӣ ва имкониятҳо барои ҳамоҳангсозии кори мақомот ва муассисаҳои идоракунии миллии молиявӣ, таҳияи стандартҳои байналмилалӣ ва инчунин, таъмини мониторинги татбиқи меъёрҳо оид ба танзим ва назорати бахши молиявӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Бо рушди институтҳои молиявӣ ва афзоиши ҳаҷм ва аҳамияти ҷаҳонии бозори молиявии Амрико, сиёсати ИМА оид ба либерализатсияи ҳаракати байналхалқии сармоя алоқаманд аст, ки он ба ҳамгироии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ мусоидат менамояд  ва ба тағйироти назаррас дар самтҳои ҳаракати он меоварад. Муҳимтарин аз ин тағйирот, табдил ёфтани ИМА ба минтақаи калонтарини ҷаҳон барои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ мебошад.

Дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо, сарфи назар аз васеъ шудани мавқеъҳои ширкатҳои сармоягузорӣ, ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун сармоягузорони асосӣ боқӣ мемонанд. Ба онҳо дар соли 2020 34% дороиҳо, ба ширкатҳои сармоягузорӣ 29% дороиҳо, ба фондҳои нафақа 28% дороиҳо ва ба дигар сармоягузорон 9% дороиҳо рост омаданд.

Асоси ғасби сармоягузорони институтсионалии амрикоӣ ин бартарии онҳо дар соҳаи технологияи молиявӣ мебошад, ки онҳо дар доираи васеътар, сифати баланд, эътимоднокӣ ва даромаднокии воситаҳо ва

амалиётҳои ба мизоҷон пешниҳодшаванда зоҳир мешавад. Бонки Ҷаҳонӣ ва Сандуқи байналмилалии асъор барои сармоягузориҳо маблағҳои сармоягузорони институтсионалии амрикоиро истифода мебаранд.

Яке аз ҳадафҳои муҳиме, ки Амрико дар ҷараёниислоҳоти низоми байналмилалии молиявӣ пайгирӣ мекунад, таҳкими мавқеи доллар ба сифати пули ҷаҳонӣ дар шароити рақобати он бо евро аст.

Дар ҷадвали 1.1. ҳиссаи асъорҳоро дар бозори байналмилалии асъор дида мебароем.

**Ҷадвали 1.1. – Ҳиссаи асъорҳо дар бозори байналмилалии асъор, % дар муомилоти миёнаи шабонарузӣ.**

| Асъор | соли 2001 | соли 2007 | соли 2013 | соли 2016 | соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Доллар | 89,9 | 85,6 | 87 | 87,6 | 88,9 |
| Евро | 37,9 | 37 | 33,4 | 31,3 | 31,9 |
| Йени Ҷопон | 23,5 | 17,2 | 23 | 21,6 | 20,4 |
| Фунт стерлинг | 13 | 14,9 | 11,8 | 12,8 | 11,9 |
| Рупияи Ҳиндустон | 0,2 | 0,7 | 1 | 1,1 | 1,0 |
| Рубли русӣ | 0,3 | 0,7 | 1,6 | 1,1 | 1,3 |
| Юани Хитой | 0 | 0,5 | 2,2 | 4 | 3,8 |
| Реали Бразилия | 0,5 | 0,4 | 1,1 | 1 | 0,9 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Аз ҷадвали 1.1. дидан мумкин аст, ки ҷуфти асъори доллар ва евро тақрибан аз се ду ҳиссаи шумораи умумии амалиёт дар бозори байналмилалии асъор рост меояд, ҳаҷми миёнаи рӯзонаи савдо дар он дар моҳи апрели соли 2020 5,1 триллион долларро ташкил додааст. Гузашта аз ин, доллар нисбат ба евро вазни қиёсии хеле баланд дорад.

Дар маҷмуъ, рисолати Бонки Ҷаҳонӣ ва бонкҳои рушди минтақавӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- мусоидат ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ (аз ҷумла, ислоҳоти институтҳои молиявии миллӣ);

- баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ;

- паст кардани камбизоатӣ;

- таъмин таҳвили молҳо ва хизматрасониҳо ба аҳолӣ дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ.

Дар расми 1.9. ҳаҷми молиякунонӣ оварда шудааст.




**Расми 1.9. – Ҳаҷми маблағҳои захиракардашуда ва додашудаи Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ, млн. долл. ИМА**

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

Аз ин рӯ, ба институтҳои молиявии байналмилалӣ айни замон тағйироти зерин хос мебошад:

- сатҳи нисбатан баланди ҳамкории институтҳои молиявии байналмилалӣ ва вусъатёбии фаъолияти онҳо;

- аз нав арзёбӣ кардани салоҳиятҳо ва ҳадафҳои онҳо барои таъмини ҳамоҳангии бештар;

- ба вуҷуд омадани институтҳои нави байналмилалӣ ё шаклҳои ҳамкорие, ки аллакай барои ҳалли проблемаҳои конкретии ҷаҳонишавӣ амал мекунанд;

- таъсиси системаи танзими байналмилалии молиявӣ барои таҳияи стандартҳои ягонаи байналмилалӣ ва назорат аз болои фаъолияти муассисаҳое, ки дар миқёси ҷаҳонӣ фаъолият мекунанд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо назардошти аҳамияти геополитикӣ (ҳамсоягӣ бо Чин, Покистон, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон) ва иқтисодӣ,

захираҳои табиию инсонӣ, имконоти транзитӣ дар тиҷорат ва нақлиёти трансконтиненталӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунанд. Осиёи Марказии муосир майдони бархӯрди лоиҳаҳои бешумори фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Мавқеи геополитикии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар минтақаи муҳими стратегӣ ҳам барои Ғарб ва ҳам Осиё ҷойгиранд, барои онҳо имконияти мусоидро барои иштироки баробар дар равандҳои ҳам умумиаврупоӣ (САҲА, НАТО ва диг.) ва ҳам осиёгӣ (СКИ) ва инчунин, дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун узви баробарҳуқуқи СММ фароҳам меоварад. Кишварҳои минтақа ин имкониятҳоро фаъолона барои ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ истифода мекунанд.

Россия ҳамеша Осиёи Марказиро минтақаи манфиатҳои ҳаётан муҳими худ медонад ва бо он асоснок карда мешавад, ки дар гузашта дар ҳайати як кишвар – ИҶШС буд. Барои Россия зиёд кардани иштироки худ ва ҷилавгирӣ аз ҳузури низомиёни хориҷӣ дар минтақа, таҳкими таъсири иқтисодӣ, азхудкунии захираҳои нави ашёи хом ва гидроэнергетикӣ, назорат аз болои хатсайрҳои кашондани нафту газ, инчунин, ташкили фазои умумии иттилоотӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки ба таъмини бартарияти (ҳукмронии) иттилоотии Россия нигаронида шудааст, аҳамияти хоса дорад.

Ҷониби Россия ба диверсификатсияи иқтисодиёти миллии кишварҳои минтақа аз ҳад зиёд манфиатдор нест, зеро ин раванд метавонад таъсири онро суст карда, боиси пайдоиш ва лоиҳаҳои алтернативии рушди иқтисодӣ (бе иштироки Россия) гардад.

Чин дар дурнамои дарозмуддат кишварҳои Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи ҳукмронии (бартарии) худ ва манбаи арзони интиқоли энергия ва захираҳои табиӣ медонад. Чин муносибатҳои худро бо мамлакатҳои минтақа оҳиста-оҳиста, пай дар пай ва эҳтиёткорона ба роҳ монда, кӯшиш дорад, ки таъсири иқтисодии худро ба онҳо зиёд кунад. Вазифаи стратегии

Чин ин мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки барои ғасби ҳаматарафаи иқтисодӣ зарур аст.

Имкониятҳои калони сармоягузории Чин ба он имкон медиҳанд, ки ба иқтисоди минтақа ворид шуда, барои таъсири сиёсӣ замина муҳайё кунад. Ҳадафи дарозмуддати Чин тобеияти максималии иқтисодии давлатҳои Осиёи Миёна ва ба базаи ашёи хоми худ табдил додани онҳо мебошад.

Дар бораи вазъи геополитикии кишварҳои ҳамсоя сухан ронда, қайд намудан ба маврид аст, ки Россия яке аз шарикони асосии иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ҳамроҳ шудани Қрим дар соли 2014 бо ташаббуси ИМА ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) Россия таҳти таҳримҳои байналмилалӣ қарор дорад, ки ба шариконаш дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё таъсир расонд. Таҳримҳо алайҳи Федератсияи Россия аз соли 2014 ба соҳаҳои асосии рақобатпазирӣ иқтисоди Россия: нафту газ, бонкдорӣ таъсир расониданд. Ин таҳримҳоро, ки ҳоло амал мекунанд, метавон омили ҷиддие арзёбӣ намуд, ки ба суботи молиявии корхонаҳои Федератсияи Россия, дар маҷмуъ ба суботи иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Онҳо падидаҳои зерини манфиро аз ҷумла, беқурбшавии рубл (пули миллӣ), паст шудани нархи нафтро дар ҷаҳон ба бор оварданд.

Таҳримҳои зидди Россия ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ бинобар сатҳи баланди ҳамгироии иқтисодиёт дар доираи минтақа таъсир расониданд.

Таҳримҳои иқтисодӣ алайҳи Россия дар соли 2014 аз ҷониби кишварҳои Ғарбӣ ҷоришуда, воқеан аввалин имтиҳони ҷиддӣ барои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё буд. Дар ҳамон соли 2014 Россия алайҳи кишварҳои ғарбӣ, ки барои фишор овардан болои Россия ҳамроҳ шуданд, чораҳои ҷавобӣ андешид (эмбаргои озуқаворӣ).

Шароити номусоиди сиёсӣ ва иқтисодии феълӣ дар атрофи Россия барқароргашта, ҳамчун локомотиви ҳамгироии Авруосиё дигар

иштирокчиёнро дар ҳолати душвор қарор додааст. Аз як тараф, мантиқи ҳамгироии авруосиёӣ таҳкими мавқеъро бо шарики худ, расонидани кӯмак ва дастгириро нисбат ба ӯ пешбинӣ мекунад, аммо дар баробари ин, ҳар як иштирокчии лоиҳаи ҳамгироӣ таҷрибаи хоси ҳамкории мутақобил бо дигар кишварҳо ва манфиатҳои иқтисодии худро дорад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъ дар кишварҳои ҳамсоя ҳамчун «рақибони» эҳтимолӣ оид ба ҷалби сармоя хеле муҳим аст.

Масалан, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 28 январи соли 2019 №11-4135 «Дар бораи ташкили фаъолияти Вазорати сармоягузорӣ ва савдои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» Девони Вазирон Агентии ҷалби сармояи хориҷии назди Вазорати сармоягузорӣ ва савдои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро таъсис дод, ки вазифаҳо ва самтҳои асосии стратегии зеринро ба амал мебарорад:

- иштирок дар татбиқи сиёсати ягонаи давлатии сармоягузорӣ, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ нигаронида шудааст;
- дастгирии иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои дастгирии сармоягузорони хориҷӣ, инчунин, мусоидат ба онҳо дар ташкили ҳамкориҳои мутақобил бо мақомоти давлатӣ;
- ташаккул ва пешбурди махзани иттилоотии лоиҳаҳои сармоягузорииояндадор ва татбиқшаванда бо иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ, гузаронидани мониторинги мунтазами ҳолати татбиқи онҳо;
- ташкили васеи тарғибот ва муаррифии иқтидори иқтисодӣ, захиравӣ ва иқтидори сармоягузории ҷумҳурӣ.

Ӯзбекистон барои сармоягузорони хориҷӣ як қатор имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ фароҳам оварда, ба корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ кафолатҳо медиҳад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати минбаъд фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ҳаҷми азхудкардашудаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва қарзҳо афзуда истодааст. Дар

расми 1.10. сармояи хориҷӣ ба Ӯзбекистон аз рӯи кишварҳо оварда шудааст.




**Расми 1.10. - Сармоягузории хориҷӣ дар Ӯзбекистон аз рӯи кишварҳо дар соли 2020**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Россия дар сохтори сармоягузории хориҷӣ ба Ӯзбекистон пешсаф аст. Бо иштироки сармояи ин кишвар сармоягузориҳо дар соҳаҳои зерин аз худ карда шудаанд: истихроҷи нафту газ — 9016,3 млрд. сум, рушди иттилоот ва алоқа 467,4 млрд. сум, истеҳсоли маҳсулоти минералӣ - 10,5 млрд. сум, саноати металлургия 10,4 млрд. сум ва ғайра.

Бо иштироки сармояи Чин ба соҳаҳои зерин сармоя ҷалб карда шудааст: истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмасса – 458,8 млрд. сум, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ – 460,5 млрд. сум, истихроҷи гази табиӣ – 451,5 млрд. сум, алоқа - 544,0 млрд. сум,ва ғайра.

Санади асосии меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолиятро дар соҳаи сармоягузорӣ танзим менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Киргизистон «Дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Киргизистон» аз 27 марти соли 2003 №66 мебошад. Ҷумҳурии Қирғизистон мутобиқи Қонуни мазкур ба сармоягузорони хориҷӣ кафолатҳои зерин медиҳад:

- низоми мусоиди пешбурди соҳибкорӣ дар дохили кишвар, ҳуқуқи баробари сармоягузорӣи ҳам барои сармоягузорони дохилӣ ва ҳам сармоягузорони хориҷӣ;

- дахолат накардан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифз ва ҷуброннамоӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои сармоягузорон тибқи созишномаҳои байналмилалӣ;

- ихтиёрдории озоди фоидае, ки аз сармоягузорихо гирифта шудааст, ҳифз аз экспроприатсия (милликунонӣ, реквизитсия ё усулҳои ба он баробар);

- низоми озоди мубодилаи асъор.

Ҳукумати Қирғизистон барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ як қатор тадбирҳоро пешбинӣ кардааст:

- ба сармоягузорони хориҷӣ тартиби миллӣ, ки нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Қирғизистон татбиқ карда мешавад, пешбинӣ мешавад;

- як қатор созишномаҳои байналмилалии дуҷониба оид ба дастгирӣ, пешбурд ва ҳифзи сармоягузорӣи байни якдигар, аз ҷумла, бо Чин, Туркия, Фаронса, Британияи Кабир, Олмон, Ҳиндустон, Қазоқистон, Дания ба имзо расонида шудааст;

- имтиёзҳои андозӣ барои дивидендҳои ташкилотҳои хориҷӣ ҷорӣ карда шудааст;

- имконият барои сармоягузорӣ дар ҳама гуна шакл ба объектҳо ва намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон манъ накардааст, аз ҷумла, ба намудҳои фаъолияти иҷозатномагиранда фароҳам оварда шудааст;

-беҳбудиҳо дар доираи такмили пешбурди бизнес пешбинӣ гардидаанд.

Дар расми 1.11. сармоягузории хориҷӣ ба Қирғизистон аз рӯи кишварҳо дар соли 2020 оварда шудааст.




**Расми 1.11. - Сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Қирғизистон аз рӯи кишварҳо дар соли 2020**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар байни сармоягузорони хориҷӣ дар иқтисоди Қирғизистон чунин кишварҳо, ба монанди Чин, Канада ва Швейтсария бартарӣ доранд.

Таҷрибаи Чинро дар ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд мекунем, ки бизнес-пурсишномаи гузаронидаи ЮНКТАД дар доираи омодасозии Гузориши ҷаҳонии сармоягузорӣ (соли 2020) нишон медиҳад, ки ин кишвар ҷолибтарин кишвар барои сармоягузорӣ мебошад.

Ҳукумати Чин барои сармоягузорони хориҷӣ имтиёзҳои зеринро муқаррар кардааст:

- дар соҳаи сиёсати андоз (меъёри андози даромад аз фоида барои корхонаҳое, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар асоси шартҳои зерин кам карда мешаванд: давраи корӣ зиёда аз 10 сол, ҳангоми риояи шарти ҳаҷми муайяни содирот, ҳангоми истифода бурдани технологияи пешқадам ва ғайра);

- дар соҳаи истифодабарии замин (дароз кардани мӯҳлати истифодабарии замин, ба муддати 5 сол озод намудан аз андози хоҷагии

қишлоқ, кам кардани муҳлати баррасӣ ва тасдиқи аризаҳо оид ба ҳуқуқи истифодабарии замин);

- дар соҳаи назорати асъор (низоми мувозинати қурби асъор, нигоҳ доштани имтиёзҳо дар соҳаи даромад ва хароҷоти корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ, ҳавасмандгардонии корхонае, ки тавозуни асъорро мустақилона нигоҳ дошта наметавонад, иҷозат ба сармоягузорони хориҷӣ барои бозтамвили фоида бо пули миллии Чин, ҳуқуқҳои махсус ҳангоми сармоягузории асъорӣ).

Режим роҷеъ ба аниқ муайян кардани соҳаҳо барои сармоягузории хориҷӣ ҷорӣ карда шудааст: ҳавасмандкунанда, маҳдуд ва манъкардашуда, ки онро Шурои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин муқаррар мекунад.

Тибқи маълумоти расмӣ, донори асосии сармоягузории Чин Ҳонконг (минтақаи маъмурии ҶМЧ) мебошад, пас аз он ҷазираҳои оффшори Вирҷиния, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ қарор доранд. Тайван ва Макао низ, ба даҳгонаи сармоягузорони хориҷӣ ин кишвар дохил мешаванд. Сарфи назар аз андаке коҳиш ёфтани рушди иқтисоди Чин дар соли 2020, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Чин дар панҷ соли охир дар як сол аз 120 миллиард доллари ИМА поин нарафтааст.

Бо дарназардошти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Афғонистон, қайд менамоем, ки ин кишвар мамлакати сусттараққикарда (МСТ) бо ҷалбшавии минималӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад.

Афғонистон иқтисоди сусттараққикардаи аграрӣ бо пойгоҳи хеле хурди истеҳсолӣ, теъдоди ками соҳаҳои арзиши иловашуда оварандаи қисман долларизатсияшуда дорад. Тараққиёти иқтисодиёти Афғонистон ба амнияти мамлакат ва вазъи сиёсии он зич алоқаманд аст.

Тибқи маълумоти Бонки маркази Афғонистон, то нимаи соли 2020 қарзи хориҷии ин кишвар ҳудуди 2,14 млрд долларро ташкил додааст. Аз ҷумла, қарзи дуҷониба аз Федератсияи Россия ҳудуди 790 миллион доллар,

аз ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии Рушд тақрибан 1,2 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Ба иттилои нозири генералии Амрико оид ба эҳёи (таҷдид) Афғонистон, то соли 2021 тақрибан 80 дарсади буҷаи Афғонистон аз ҳисоби пулҷудонамоиҳои хориҷӣ ташкил карда шуда буд, ки баъди ба сари қудрат омадани Толибон дар соли 2021 боздошта шуданд. Фаъолияти сармоягузорони байналмиллалӣ бинобар вазъи ноустувори сиёсии кишвар, инчунин, бар асари қоидаҳои шариат, ки ҳаракати ултрадинии «Толибон» ҷорӣ кардааст, хеле душвор гардидааст.

Маҷрои ҷаҳонии сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар соли 2020 35% коҳиш ёфта, аз 1,5 триллион доллари соли гузашта то 1 триллион доллар поён рафтааст. Дар саросари ҷаҳон, чораҳои маҳдудкунанда дар иртибот ба пандемияи COVID-19 лоиҳаҳои сармоягузории оғозшударо суст карда, дурнамои таназзул корхонаҳои фаромиллиро маҷбур кардааст, ки лоиҳаҳои навро аз нав арзёбӣ намоянд. Таназзул бештар дар кишварҳои мутараққӣ ба миён омад, ки дар онҳо сармоягузории мустақими хориҷӣ 58% коҳиш ёфт ва он қисман ба таҷдиди сохтори корпоративӣ ва ҷараёнҳои молиявии дохили ширкатҳо вобаста буд.

Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ асосан аз сабаби устувории ҷараёни он дар Осиё 8% камтар коҳиш ёфт. Коҳиши воруди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақаҳои рӯ ба тараққӣ нобаробар буд: дар Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб 45% ва дар Африқо 16% коҳиш ёфтааст.

Баръакси ин, дар Осиё воридшавӣ 4 фоиз афзуд, ки чун натиҷа ба ин минтақа нисфи сармоягузориҳои мустақими ҷаҳонӣ дар соли 2020 рост омад. Дар кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ 58% коҳиш ёфт[7].

---

[7] Доклад ЮНКТАД о мировых инвестициях в 2021 г. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2021_overview_ru.pdf, кушода. Санаи муроҷиат: 07.12.2019.

Пандемия фаъолнокии иқтисодиро дар 32 кишвари рӯ ба тараққӣ, ки ба баҳр дастрасӣ надоранд, ба таври ҷиддӣ халалдор намуд ва ба воридоти сармоягузории мустақими онҳо осеб расонд, ки 31% коҳиш ёфта, 15 миллиард долларро ташкил дод. Паст шудани ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба сатҳи пасттарин аз соли 2007 ба инҷониб ба ҳамаи кишварҳои ин гуруҳ, ба истисноии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос ва Парагвай фаро гирифт. Ҳиссаи ин гуруҳ дар воридоти ҷаҳонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ муътадил, гарчанде ночиз ҳам бошад, дар ҳаҷми 1,5% боқӣ монд.




**Расми 1.12. – Ҷараёни ҷаҳонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон дар солҳои 2015-2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ЮНКТАД.

Сармоягузорони институтсионалӣ мавқеи қавиро барои гузаронидани тағйироти таркибӣ дар самти устувории сармоягузогиҳои хориҷӣ доро мебошанд. Нақши муҳимро дар устувории ҷалби сармоягузориҳо ва дар он манфиати калони институтсионалидошта чор гуруҳи сармоягузорони институтсионалӣ дар саноати истихроҷ иҷро мекунанд: дуи аввал, фондҳои нафақа ва фондҳои соҳибихтиёр некӯаҳволӣ (ФСН) мебошанд, ки оид ба дороиҳои ҷаҳонӣ дар ҳаҷми мутаносибан 52 триллион доллар ва 9,2 триллион доллари ИМА-ро дар соли 2021 иттилоъ доданд. Ду ширкати дигар, ширкатҳои суғурта ва бонкҳо дороиҳоро идора

мекунанд, аммо асосан ба мизоҷони худ хизматрасониҳои молиявиро дар намуди маҳсулот барои идоракунии хавфҳо ва қарзҳо пешниҳод мекунанд.

Таназзуле, ки COVID-19 ба миён овард, пас аз чанд соли пастравӣ ё рукуди он сурат гирифт. Коҳиши назарраси фаъолнокии сармоягузорӣ, ки дар натиҷаи пандемия ба вуҷуд омадааст, тамоюли коҳиши дарозмуддатро шадидтар мекунад.

Ба ақидаи олимон, ҳамагуна афзоиши чараёни ҷаҳонии сармоягузории мустақими хориҷиро дар соли 2022 на аз ҳисоби сармоягузориҳои нав ба дороиҳои истеҳсолӣ, балки аз ҳисоби якҷояшавӣ ва муттаҳиднамоиҳои фаромарзӣ, бахусус, дар соҳаи технологияҳо ва тандурустӣ ба даст меоянд.

**1.2. Хавфҳо, таҳдидҳо ва нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ**

Категорияҳои «сармоягузорӣ» ва «ҷолибияти сармоягузорӣ» категорияҳои бештар истифодашавандаи иқтисодӣ мебошанд. Ба сармоягузориҳо дороиҳои зерин дохил мешаванд: воситаҳои пулӣ, пасандозҳои мақсадноки бонкӣ, ҳисса, саҳмияҳо, технологияҳо, иҷозатномаҳо, ҳама гуна амвол ё ҳуқуқи моликият[8].

Мафҳуми «сармоягузорӣ» бо мафҳуми «ҷолибияти сармоягузорӣ» алоқамандии зич дорад, ки новобаста аз таваҷҷуҳи олимон ба ин мафҳум, муҳаққиқон онро гуногун тафсир мекунанд.

Семина Л.А. ҷолибияти сармоягузориро ҳамчун маҷмуи аломатҳои объективӣ, воситаҳо, имкониятҳое тавсиф мекунад, ки талаботи потенсиалии пардохтпазирро ба сармоягузорӣ дар минтақаи муайян ташаккул медиҳад[9].

---

[8] Большой экономический словарь [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://rus-big-economic-dict.slovaronline.com/, кушода. Санаи мурочиат: 03.10.2021
[9] Семина, Л.А. Инвестиционная привлекательность: теоретический аспект [Текст] / Л.А. Семина // Вестник Челябинского государственного университета. – 2016. – №14 (195). – С.17.

Ба ақаидаи Самогородская М.И. барои муайян намудани ҷолибияти сармоягузории минтақа аз мафҳумҳое ба мисли «фазои сармоягузорӣ», «иқтидори сармоягузорӣ» ва «хавфҳои сармоягузорӣ» истифода бурдан лозим аст[10]. Ба андешаи ӯ, фазои сармоягузорӣ маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва дигар омилҳоест, ки ба тасмимгирии сармоягузорон таъсири мусбат ё манфӣ мерасонанд[11].

Ҳамин тариқ, масалан, иқтисодчии ватанӣ дар соҳаи сармоягузорӣ Тағоев Ҷ.Х. ҷолибияти сармоягузориро тавсиф намуда, қайд мекунад, ки он натиҷаи ташаккули фазои сармоягузорӣ мебошад [12].

Олимони ватанӣ Ҳакимов С.Н. ва Фасихов М.С. фазои сармоягузориро ҳамчун маҷмӯи мушаххаси шартҳои муайян маънидод мекунанд, ки ба туфайли он раванди самараноки сармоягузории минтақавӣ амалӣ карда мешавад ва ҷолибияти иқтисодии сармоягузориҳои пулӣ дар ҳамин қаламрав ба даст оварда мешавад[13].

Ҳайитбоева Н.А. иқтидори сармоягузории минтақаро ҳамчун маҷмуи сармоягузориҳои эҳтимолан имконпазири ба минтақа ҷалбшаванда ҳангоми истифода аз сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ (дохилӣ, беруна), такя ба бартариҳои мавҷудаи рақобатӣ дар шакли захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ, хусусиятҳои мавқеи ҷуғрофии он ва ғайра муайян мекунад[14].

---

10 Самогородская, М.И. Цели, задачи и принципы формирования региональной инвестиционной политики [Текст] / М.И. Самогородская // Региональная экономика: теория и практика. – 2004. – №3 (6). – С.10.

11 Ҳамон ҷо. – С.11.

12 Тагоев, Дж.Х., Фасихов, И.С. Государственные инвестиции и проблемы развития предприятий аграрного сектора [Текст] / Дж.Х. Тагоев, И.С. Фасихов // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – №2/5. – С.14.

13 Хакимов, С.Н. Социально-экономическая сущность и принципы региональных инвестиций [Текст] / С.Н. Хакимов, М.С. Фасихов // Наука и образование сегодня. – 2019. – №4. – С.32.

14 Хайитбоева, Н.А. Развитие инвестиционной активности - фактор роста экономики региона [Текст] / Н.А. Хайитбоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. – 2018. – №5 (53). – С.190.

Акилова М. бар ин назар аст, ки ба афзоиши ҷолибияти сармоягузорӣ мавҷудияти захираҳои табиӣ, дастрасии нақлиёт ва инфрасохтори пешрафта мусоидат мекунад[15].

Хавфи сармоягузориро Муҳитдинова Ш.С. дар шакли қарори мушаххаси дар асоси алтернативӣ қабул карда шаванда тавсиф мекунад, ки дорои эҳтимолияти гуногуни натиҷаҳои мусоид ва номусоид барои рушди сармоягузории минтақа мебошад[16].

Барои сифатан арзёбӣ кардани хавфҳо муайяннамоии соҳа ва андозаи таъсири манфии пешбинишавандаи онҳо гузаронида мешавад. Барои арзёбии миқдории хавфҳо эҳтимолияти ба миён омадани онҳоро ҳисоб мекунанд. Барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ эҳтимолияти таҳдидҳои эҳтимолӣ тавассути системаи нишондиҳандаҳо баҳо дода мешавад, ки дараҷаи устувории низоми иқтисодиву молиявӣ, ҳаҷм ва сохтори савдои хориҷӣ, сатҳи зиндагии аҳолии минтақаро муайян мекунанд.

Ҳакимов С.Н. ва Фасихов М.С. робитаи байни иқтидори сармоягузории минтақа ва дараҷаи хавфи сармоягузориро ба таври зайл муайян кардаанд: сатҳи ҷолибияти сармоягузории минтақа, ки аз он ҳаҷми сармоягузориҳои имконпазир вобаста аст, нишондиҳандаи интегралиест, ки аз як қатор омилҳои хусусӣ вобаста аст[17].

Бархе аз ин омилҳо сатҳи иқтидори сармоягузории минтақаро баланд мебардоранд, баъзеи дигар сатҳи хавферо тавсиф медиҳанд, ки бо пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа алоқаманди доранд.

---

[15] Акилова, М. Интеграция Республики Таджикистан в процесс глобализации [Текст] / М. Акилова // Учёные записки Худжандского государственного университета им. Академика Б.Гафурова. – 2015. – №1. – С.189.

[16] Мухитдинова, Ш.С. Формирование и развитие национального рынка труда в условиях глобализации (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна. – Душанбе, 2017. – С.28

[17] Хакимов, С.Н., Фасихов, М.С. Социально-экономическая сущность и принципы региональных инвестиций [Текст] / С.Н. Хакимов, М.С. Фасихов // Наука и образование сегодня. – 2019. – №4. – С.32.

Намудҳои хавфҳои ҷаҳонии сармоягузорӣ дар расми 1.13. оварда шудаанд.




**Расми 1.13. – Намудҳои хавфҳои ҷаҳонии сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Амали якҷояи омилҳои гуногун ба чунин нишондиҳандаҳо, аз қабили иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи кишвар таъсир мерасонад. Ин нишондиҳандаҳо ду ҷанбаи ба ҳам вобастаи ҷолибияти сармоягузории давлат мебошанд. Ба андешаи мо, навъҳои асосии хавфи сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарви зайл тавсиф кардан мумкин аст:

- мавҷудияти хавфи иқтисодӣ вобаста ба тамоюлҳо ва хусусиятҳои гуногуни рушди иқтисодӣ;

- мавҷудияти хавфи молиявӣ вобаста аз сатҳи мутавозунии буҷети кишвар;

- мавҷудияти хавфи сиёсӣ, ки бо хусусиятҳои вазъияти сиёсӣ ва низоми ҳокимият алоқаманд аст;

- мавҷудияти хавфи иҷтимоӣ вобаста ба сатҳи шиддати иҷтимоӣ дар кишвар, вобаста аз сатҳи бекорӣ ва хизматрасонии тиббӣ, сатҳи музди меҳнат, андозаи ҳадди ақали зиндагӣ, рушди инфрасохтор;

- хавфи экологӣ вобаста ба ҳолати муҳити зист ва мавҷудияти равандҳои номусоиди табиӣ ва техногенӣ, ки метавонанд оқибатҳои назарраси экологиро ба вуҷуд оранд;

- мавҷудияти хавфи ҷиноятӣ, ки ба сатҳи ҷиноят дар кишвар вобаста аст.

Ба гуфтаи Дыйканбоева Т.С. ва Фасихов И. хавфҳои асосии макроиқтисодӣ, ки метавонанд ба ҷолибияти сармоягузории кишвар таъсир расонанд, аз хавфҳои асъорӣ, хавфҳои таваррум, хавфҳои сохторӣ, хавфи аз даст додани иқтидори илмии кишвар, хавфҳои геополитикӣ иборатанд[18].

Таснифоти хавфҳои глобалии сармоягузории кишвар дар ҷадвали 1.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.2. - Намудҳои хавфҳои глобалии сармоягузории кишвар**

| Асос барои таснифот | Хавфҳо |
|---|---|
| Минтақаи таъсир | Беруна<br>Дохилӣ |
| Давомнокии таъсир | Кӯтоҳмуддат<br>Дарозмуддат<br>Доимӣ |
| Миқёси таъсир | Маҳаллӣ (локалӣ)<br>Ҷаҳонӣ (глобалӣ) |
| Сабаби ба амал омадан | Дар робита ба масъалаҳои сиёсӣ<br>Дар робита ба набудани иттилоот<br>Дар робита ба хусусияти фаъолияти хоҷагидорӣ |
| Натиҷаи пешбинишуда | Оддӣ<br>Фалокатовар<br>Ҳаннотӣ (спекулятивӣ) |
| Сатҳи қобили қабул | Кобили қабул (допустимый)<br>Хатарнок |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ба ақидаи мо, ин хавфҳо метавонанд самаранокии иқтисодиёти кишварро коҳиш дода, фаъолияти иқтисодии ҳар як корхона ва ё хоҷагии хонаводаро халалдор намоянд.

[18] Дыйканбаева, Т.С. Альтернативные стратегии развития системы продовольственной безопасности [Текст] / Т.С. Дыйканбаева, И.С. Фасихов // Economics. – Россия-Москва. – 2016. – №8 (17). – С.7.

Хавфи асъорӣ аз хавфи якбора тағйир ёфтани қурби асъор ба вуҷуд меояд, ки ба рушди иқтисодиёт таъсири гуногунҷабҳа мерасонад. Таҳдиди бӯҳрони асъорӣ, ки ин хавф бо худ меорад, дар шароити ҷаҳонишавӣ метавонад, иқтисодиётро хеле ноустувор гардонад. Бинобар сабаби таъсири қурби асъор ба талаботи умумӣ хавфи мазкур комилан ба ҳама субъектҳои хоҷагидор таъсир мерасонад.

Афзоиши танишҳо дар савдои ҷаҳонӣ ва ё коҳиш ёфтани суръати рушди иқтисодӣ дар кишварҳои бузурги минтақа ба вуруди сармояи мустақими хориҷӣ ва интиқоли пул ва ҳамчун натиҷа ба рушди иқтисодии дохилӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ба хавфҳои геополитикӣ хавфҳои марбут ба татбиқи сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишварҳо ва иттифоқҳои гуногуни сиёсӣ, мавҷудияти низоъҳои байналмилалӣ ва дохилӣ, афзоиши ҷиноятҳои муташаккил, терроризми байналмилалӣ ва коррупсия дохил мешаванд.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ хавфҳои террористӣ вобаста бо афзоиши радикализм дар байни аҳолӣ вуҷуд дорад, ки ба он сатҳи баланди камбизоатӣ, бекорӣ, фоизи назарраси ҷавонон дар байни аҳолӣ, вакууми идеологӣ, коррупсия ва сатҳи пасти маърифати динӣ мусоидат мекунад.

Як хавфи ҷиддӣ барои Тоҷикистон ин афзоиши қарзи хориҷӣ мебошад. Сармоягузории Чин дар ҳаҷми хеле калон ба иқтисодиёти мо, ки ҳаҷми умумии он дар соли 2020 маблағи 262,3 миллион долларро ташкил намудааст, барои кишвар нигаронкунанда аст.

Таҳлилгарони Бонки АвруОсиёии Рушд (ЕАБР) хавфи афзоиши вобастагии қарзиро аз Чин ба далели ҳамкориҳои мутақобили иқтисодии марбут ба зери назорати ширкатҳои чинӣ додани сарватҳои зеризаминӣ бар ивази сармоягузорӣ ё ҳамчун василаи пардохти қарзҳо қайд мекунанд.

Пандемияи сироятии коронавирус барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки буҷети он ба касри зиёд дучор шудааст, як озмоиши ҷиддӣ гардид. Дар ин шароит ҷалби қарзҳои хориҷӣ ба яке аз имконоти калидӣ табдил ёфт, ки дар солҳои наздик барои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ

маҳдудиятҳои ҷиддӣ ворид намуда, боиси зиёд шудани чолишҳо барои истиқлолияти иқтисодии кишвар мегардад.

Омили демографӣ низ, минтақаи хавф барои Тоҷикистон мебошад. Олимон аз афзоиши босуръати аҳолӣ дар баробари ҷой доштани сатҳи баланди камбизоатӣ нигаронанд. Ба ақидаи таҳлилгарони Бонки Ҷаҳонӣ сабаби асосии камбизоатӣ, бекорӣ ва мизони баланди муҳоҷирати корӣ дар Тоҷикистон афзоиши босуръати демографӣ дар шароити мавҷуд набудани бозори муассири меҳнат мебошад.

Ба андешаи мо, бояд гуфт, ки дар робита ба хавфҳои бахши давлатӣ хавфҳои макроиқтисодӣ вуҷуд доранд, ки ба ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Дар бахши дохилӣ сатҳи баланди қарзи давлатӣ ва сиёсати ҳавасмандкунандаи буҷетӣ хавфро барои устувории қарз баланд мебардорад.




**Расми 1.14. – Сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз расми 1.14. бармеояд, ки дар солҳои 2014-2020 тамоюли устувори афзоиши қарзи давлатӣ ҷой доштааст. Босуръат зиёд кардани қарз аз ҳисоби дастгирии буҷетии бонкҳои давлатӣ, барориши евровомбаргҳо

(еврооблигация) дар ҳаҷми 500 миллион доллари ИМА дар соли 2017 барои маблағгузории НОБ-и Роғун ба амал омад[19].

Тағйирот дар сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби омилҳои зерин ба амал омад.:

- афзоиши ҳиссаи қарзҳои гаронбаҳои хориҷӣ;

- афзоиши шумораи ӯҳдадориҳо дар асъори хориҷӣ;

- афзоиши қарзи дохилӣ бо фоизи баланд;

- афзоиши ҳиссаи ӯҳдадориҳои шартӣ ва хароҷоти квазифискалӣ бо мақсади дастгирии низоми бонкӣ ва корхонаҳои давлатӣ.

Сарфи назар аз он, ки қисми асосии қарзи давлатӣ имтиёзнок буда, мӯҳлати дарозмуддати пардохт доранд, хавфҳо ба устувории қарз, пеш аз ҳама, бо сабаби таконҳои эҳтимолии ба бекурбшавии қурби асъор ва нигоҳ доштани сиёсати ҳавасмандкунандаи буҷетӣ алоқаманд буда, баланд мебошанд.

Дар солҳои 2018-2019 тамоюли камшавии қарзи давлатӣ мушоҳида карда шуд. Дар соли 2019 касри савдо, асосан аз ҳисоби коҳиш ёфтани воридот паст гардид.

Дар расми 1.15. сохтори молияи давлатӣ дар солҳои 2018-2020 оварда шудааст.

Аз расми 1.15. бармеояд, ки дар соли 2020 тамоми намудҳои даромади буҷети давлатӣ паст шуда, ҳаҷми грантҳо ва маблағҳои махсуси пешниҳодшаванда кам гардидааст. Ҳамчунин коҳиши хароҷоти ҷорӣ ва асосӣ то 21,6% ММД дар соли 2019 нисбат ба 23,1% ММД дар соли 2018, коҳиш додани хароҷоти асосӣ то сатҳи 8,2% ММД дар соли 2019 нисбат ба 11,7% ММД дар соли 2018 ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷа касри буҷети кишвар аз -1,7% ММД дар соли 2019 то -2,8% ММД дар соли 2020 афзоиш ёфт.

---

[19] Сайт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://tajtrade.tj/menu/28?l=ru, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020




**Расми 1.15. – Сохтори молияи давлатӣ дар солҳои 2018-2020, % нисбат ба ММД**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯи маълумоти Фонди Авруосиёии Субот ва Рушд ФАСР.

Сарфи назар аз тамоюли то андозае беҳтар шудани сохтори қарзи давлатӣ, хавфҳо барои устувории қарз ҳамчунон баланд боқӣ мемонанд. Бо назардошти зиёд будани ҳиссаи қарзи берунӣ бо асъори хориҷӣ, бекурбшавии пули миллӣ хавфи иловагии афзоиши гаронии қарз мебошад.

Дар бахши беруна хавфҳои макроиқтисодӣ бо татбиқи баъзе лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва вориднамоии тағйирот ба сиёсати гумрукии давлат алоқаманд мебошад, ки боис ба бад шудани вазъи тавозуни пардохт мегардад.

Динамикаи ҳисоби амалиёти ҷориро (ҲАҶ) тибқи арзёбии (ФАСР) баррасӣ мекунем (расми 1.16.)[20].

---

[20] Евразийский фонд стабилизации и развития ЕФСР [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://efsd.eabr.org/, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020.




**Расми 1.16. – Динамикаи ҳисоби амалиёти ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи арзёбии ФАСР**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар солҳои 2015-2016 касри ҳисоби амалиёти ҷорӣ мутаносибан - 6,2 ва -11,5% ММД ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2018 касри ҳисоби амалиёти ҷорӣ (ҲАҶ) дар муқоиса бо 2,1 фоизи соли 2017 5,1 фоизи ММД-ро ташкил дод. Бад шудани ҲАҶ бо зиёд шудани воридот ҳам барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ (мошинҳо ва таҷҳизот) ва ҳам барои истеъмол ва афзоиши ҳаҷми пардохти фоизҳо аз рӯи қарзи беруна алоқаманд аст. Дар натиҷа, дар соли 2018 касри назарраси тавозуни савдо ба вуҷуд омад, ки қисман аз ҳисоби даромадҳои аввалин ва дуюмин, пеш аз ҳама интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷуброн карда шуд.

Беҳтар шудани мувозинати савдо боиси кам шудани касри ҲАҶ аз -5,1% ММД дар соли 2018 то -3,6% ММД дар соли 2019 ва то -2,7% дар соли 2020 гардид. Беҳтаршавии ҲАҶ аз ҳисоби ҷалби қарзҳои тиҷоратӣ ва пешпардохт аз ҷониби бахши хусусӣ ба маблағи 212 млн. доллари ИМА ба даст омадааст[21].

[21] Республика Таджикистан: социально-экономическая ситуация и краткосрочные перспективы: обзор аналитиков ЕФСР [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://efsd.eabr.org/upload/iblock/ee9/RT_makroobzor_ 2019_final200610chis.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020

Дар расми 1.17. сохтори бахши хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2020, % ММД оварда шудааст[22].




**Расми 1.17. – Сохтори бахши беруна дар солҳои 2018-2020, % ММД**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Сохтори бахши берунаро таҳлил намуда, қайд менамоем, ки дар соли 2019 содироти молу хизматрасонӣ каме коҳиш ёфтааст, аммо воридоти мол ва хизматрасонӣ ба таври назаррас коҳиш ёфта, 40,6% ММД нисбат ба 42,8% ММД дар соли 2018, 2,4 п.п ҳаҷми интиқоли маблағҳои хориҷӣ кам шуд.

Муносибати Тоҷикистон ба сармоягузории бузург хавфи марбут ба қарзи хориҷиро бештар мекунад. Ба гуфтаи коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор, Тоҷикистон ҳамчун кишвари вазъи бӯҳронӣ бо «хавфи баланди» дар робита ба қарзи хориҷӣ арзёбӣ мегардад[23].

[22] Составлено автором по данным Евразийского фонда стабилизации и развития ЕФСР [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://efsd.eabr.org/, кушода. Санаи муроҷиат

[23] Сайт Всемирного банка [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www5.worldbank.org/eca/russian/data/, кушода. Санаи муроҷиат 18.04.2021

Ба қатори хавфҳои макроиқтисодӣ инчунин, бояд пандемияи инфексияи коронавирус ва паст шудани нархи нафт ворид кардан ҷоиз аст. Чунончи, сустшавии фаъолияти иқтисодӣ дар кишварҳое, ки шарикони тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд, таназзули интизорӣ дар Федератсияи Россия дар натиҷаи таҳримҳо, ба коҳишёбии талаботи дохилӣ ва хориҷӣ тавассути каналҳои тиҷорат, сармоягузорӣ ва интиқоли маблағ мусоидат мекунад[24].

Пандемияи COVID-19 ба рушди иқтисоди бисёре аз кишварҳои ҷаҳон таҳдид кардааст. Тадбирҳое, ки мақомот дар бисёр кишварҳо барои ҷилавгирӣ аз паҳншавии ин беморӣ андешидаанд, дар якҷоягӣ бо паст шудани талаботи беруна ва нарх ба захираҳои ашёвӣ ба фаъолнокии иқтисодии минтақа таъсири назаррас расониданд.

То охири соли 2022 эҳтимолияти тақвиятёбии тамоюлҳои манфӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ боқӣ мемонад, ки метавонад сабаби боз ҳам поин рафтани нархи молҳои асосии содиротии кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё гардад.

Дар расми 1.18. динамикаи ММД-и кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дар солҳои 2017-2021 оварда шудааст.

Пешгӯиҳои таҳлилгарони Бонки рушди Авруосиё нишон медиҳанд, ки коҳиши назарраси ММД дар Ҷумҳурии Беларус (коҳиш 3,3%) ва Федератсияи Россия (коҳиш 2,3%) дар назар аст. Пешгӯии нисбатан сабуктар, вале манфии ҳаҷми ММД-ро, инчунин Ҷумҳурии Арманистон (коҳиш 1,7%) ва Ҷумҳурии Қазоқистон (коҳиш 1%) интизор аст. Пешгӯӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан мусоидтар аст: сарфи назар аз каме суст шудани суръати афзоиши ММД, дар ҷумҳурӣ афзоиши ММД дар солҳои 2020-2022 ва нисбат ба соли 2019 пешбинӣ шудааст.

---

[24] Республика Таджикистан: социально-экономическая ситуация и краткосрочные перспективы: обзор аналитиков ЕФСР [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://efsd.eabr.org/upload/iblock/ee9/RT_makroobzor_ 2019_final200610chis.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020




**Расми 1.18. - Динамикаи ММД-и кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дар солҳои 2017-2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Тағйирёбии сатҳи таваррумро дар кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё пеш аз ва баъд аз пандемияи инфексияи коронавирус баррасӣ мекунем. (расми 1.19)[25].

Сатҳи пасттарини таваррум дар соли 2017 дар Федератсияи Россия (2,5%) ва Ҷумҳурии Арманистон (2,6%) мушоҳида шудааст. Аз ҳама баландтарин дар Ҷумҳурии Қазоқистон (7,1%) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (6,7%) ҷой доштааст. Дар солҳои 2018-2019 дар ҳамаи кишварҳои таҳлилшуда афзоиши сатҳи таваррум ба қайд гирифта шудааст. Аз ҳама сусттар таваррум дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва ва аз ҳама баландтар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфт.

---

25 Макрообзор ЕАБР за 2020 г. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/analytics/ceg-quarterly-reviews/aprel-2020-obnovlennyy-prognoz/, кушода. Санаи мурочиат 15.10.2020




**Расми 1.19. – Таваррум дар кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Коҳиши ҷаҳонии рушди иқтисодӣ, ки бо пандемияи инфексияи коронавирус алоқаманд аст, ба афзоиши таваррум дар соли 2020 дар самти болоравии назарраси он таъсир расонд. Дар соли 2021 пешгӯӣ оид ба афзоиши таваррум боз ҳам номусоидтар ба нақша гирифта шуда буд. Пандемияи инфексияи коронавирус таҳдид ба рушди иқтисодиёти тамоми кишварҳо мебошад. Тибқи пешгӯиҳои Бонки рушди Авруосиё, барқарорсозии иқтисодиёти кишварҳои мавриди назар дар солҳои 2021-2022 оғоз мешавад. Аз ин рӯ, барои ҳамаи кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё (аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷиҳати барқарор кардани иқтисодиёт то сатҳи пеш аз пандемия ҳаҷми иловагии сармоягузориҳо зарур аст.

Таҳлили фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар диссертатсия гузаронида шудааст, вобаста ба ҷой доштани масоили зерин дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад. (расми.1.20.).




**Расми 1.20. – Мушкилоти фаъолияти сармоягузории Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз рӯи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, ки вазъи сармоягузориро дар Тоҷикистон арзёбӣ кардааст, монеа дар роҳи ҷалби сармоя ба кишвар инҳоянд:

- ҷой надоштани сиёсати аниқ муайянкардашуда дар қонунгузорӣ;
- мавҷудияти монеаҳои аз ҳад зиёди маъмурӣ;
- номувофиқ будани қонунгузории миллӣ ба талаботи байналмилалӣ;
- рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётӣ;
- ҳимояи нокифояи ҳуқуқҳои сармоягузорон тавассути низоми судӣ [26].

Дар робита ба пурзӯр шудани ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат ҳам байни кишварҳо ва ҳам байни минтақаҳои алоҳидаи кишвар, сармоягузорӣ ба рушди иқтисодии минтақаҳо ва кишварҳо мусоидат мекунад ва аз ин рӯ ҷалби сармоя нақши хеле муҳим дорад.

Ба ҷолибияти сармоягузории кишвар иқтидори истеҳсолии он, хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории он, сохтори соҳавӣ ва такрористеҳсолии истеҳсолот таъсир мерасонад.

---

[26] Сайт Всемирного банка [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www5.worldbank.org/eca/russian/data/, кушода. Санаи муроҷиат 18.04.2021

Дар ҷадвали 1.3. хусусияти таъсири нишондиҳандаҳо ба фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Хусусияти бевоситаи таъсиррасонӣ маънои онро дорад, ки афзоиши бузургии ададии нишондиҳанда ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ мусоидат мекунад, дар ҳолати баръакс бошад, - афзоиши бузургии ададии нишондиҳанда ба бад шудани фазои сармоягузорӣ меоварад.

**Ҷадвали 1.3. - Хусусияти таъсири нишондиҳандаҳо ба фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Номгӯи нишондиҳанда** | **Хусусияти таъсир** |
|---|---|
| **Нишондиҳандаҳое, ки сармояи инсониро тавсиф мекунанд** | |
| Ҳосилнокии меҳнат | Бевосита |
| Устувории муҳити тиҷорат | Бевосита |
| Сатҳи зиндагии аҳолӣ | Бевосита |
| Муҳоҷирати аҳолӣ | Баръакс |
| Ҳавасмандӣ ба кор дар бахши воқеии иқтисодиёт | Бевосита |
| **Нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи қонунгузорӣ** | |
| Мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ | Бевосита |
| Мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ | Баръакс |
| Самаранокии низоми судӣ | Бевосита |
| Самаранокии механизмҳои ҳифзи сармоягузорон | Бевосита |
| Сатҳи сарбории андозӣ | Баръакс |
| **Нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи инфрасохтор** | |
| Рушди инфрасохтори нақлиёт | Бевосита |
| Рушди нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ | Бевосита |
| Дастрасии хизматрасониҳои лизингӣ ва суғурта | Бевосита |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Олимони ватанӣ Саидмуродова М.А. ва Қосимова Д.И. дар асарҳои худ қайд мекунанд, ки барои рушди иқтисодӣ дар кишвар (тадбирҳои зарурӣ барои ноил шудан ба онҳо алоқаманданд ба азнавсозии соҳаҳои саноат, зиёд кардани интенсификатсияи истеҳсолот, афзоиши ҳосилнокии

меҳнат, ки ҳалли проблемаҳои сершумори иҷтимоӣ мебошанд), фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ ва рафъи бӯҳрони сармоягузорие, ки дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ва ҳамчунин, дар як қатор соҳаҳои муҳими саноат ба амал меояд, зарур аст. Фаъолсозии раванди сармоягузорӣ самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар мебошад[27].

Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ сухан ронда, бисёре аз коршиносони байналмилалӣ сармоягузориҳои мустақимро самараноктарин шакли ҷалби сармоя ба кишвар медонанд. Ин ба он вобастагӣ дорад, ки онҳо нисбат ба дигар шаклҳои ҷалби сармоя як қатор афзалиятҳо доранд. Бартарии асосии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар он аст, ки онҳо воситаҳои қарзӣ намебошанд ва аз ин рӯ, ба ҳаҷми қарзи хориҷии кишвар таъсир намерасонанд. Воридшавии сармоягузориҳои мустақим ба иқтисодиёти Тоҷикистон замина ва имкониятҳоро барои дастрасии саноати ватанӣ ба технологияҳои инноватсионии хориҷӣ фароҳам меорад.

**Ҷадвали 1.4. - Ҳаҷм ва динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2015 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, млн.долл. | 391,3 | 341,2 | 377,3 | 470,8 | 434,3 | 354,4 | 348,3 | 331,2 |
| Ҳиссаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ММД, % | 5,1 | 4,2 | 4,5 | 6,7 | 6,2 | 5,2 | 4,8 | 4,7 |

[27] Саидмуродова, М.А., Косимова, Д.И. К вопросу об исследовании индикаторов вовлеченности страны в глобализационные процессы [Текст] / М.А. Саидмуродова, Д.И. Косимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2019. – №1. – С.7.

*Идомаи ҷадвали 1.4.*

| Нишондиҳанда | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2015 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи СМХ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо, % | 52,4 | 33,9 | 41,5 | 48,1 | 51,3 | 31,9 | 30,7 | 30,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мувофиқ

Аз рӯи ҷадвали 1.4. дида мешавад, ки ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2015 ба бузургии максималӣ расида, дар солҳои 2016-2019 ба таври доимӣ коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол дар сатҳи паст қарор дорад (дар ҳудуди 4-6% ММД). Ин ҳаҷми СМХ эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллиро қонеъ намегардонад ва ба паст шудани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, инчунин ба мавҷуд надоштани захираҳо барои навсозии истеҳсолот дар соҳаҳои пешбарандаи истеҳсолӣ меоварад.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар айни замон омили муҳимтарини ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Ҳаҷм ва динамикаи сармоягузории хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунем.

Ҷанбаи мусбӣ афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар солҳои 2012 ва 2021 ба туфайли зиёдшавии аз нав сармоягузорӣ кардани даромад ва афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи саҳҳомӣ аз ҷониби ғайрирезидентҳо ба ҳисоб меравад. (расми 1.21.).

Ба туфайли бастани созишномаҳои нави консессионӣ дар соҳаҳои истихроҷ, аз ҷумла, дар бахши истихроҷи маъдан, ки дар соли 2018 61% ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба бахши истихроҷи маъдан ҷалб намудааст, воридшавии сармояи хориҷӣ ба ин бахш идома дорад. Чин ҳамчунон бузургтарин манбаи ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.




**Расми 1.21. – Воридшавии сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021 (млн. долл.)**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар давраи баррасишаванда ҳиссаи СМХ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар сатҳи 40-50 фоиз қарор дошт. Ин чунин маъно дорад, ки дар оянда бояд барои зиёд кардани ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо чораҳои таъҷилӣ андешида шавад.

Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, аз соли 2003 то соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ҷалби лоиҳаҳои гуногуни фаромарзии СМХ-ро ба корхонаҳои нав ба маблағи тақрибан 7 миллиард доллари ИМА дошт, ки нисбат ба дигар кишварҳои ҳамсони минтақа ба таври назаррас камтар мебошад[28]. Ҳаҷми камтари сармоягузориҳоро танҳо Ҷумҳурии Қирғизистон дорад.

Сохтори соҳавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 1.22. оварда шудааст[29].

---

[28] Сайт Всемирного банка [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www5.worldbank.org/eca/russian/data/, кушода. Санаи муроҷиат 18.04.2021

[29] Материалы заседания ОЭСР «Стратегическое планирование инфраструктуры для устойчивого развития в Таджикистане» [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ:




**Расми 1.22. - Сохтори соҳавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Омилҳои институтсионалии ҷалби сармоягузориҳо дар худ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон таъсис додани сохторҳои махсусро барои ҳалли такмили минбаъдаи сиёсати сармоягузорӣ дар бар мегирад.

Масъулияти сиёсати сармоягузорӣ дар кишвар ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузор шудааст. Идораи «ТоҷИнвест» барои мусоидат ба сармоягузорӣ ваколатдор аст, Вазорати рушди иқтисод ва савдо фаъолияти иқтисодии корхонаҳоро дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба танзим даровардa, маҷмуи тадбирҳоро оид ба ҷалби сармоя ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ баррасӣ менамояд. Дар сатҳи Президент аз соли 2007 то имрӯз Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва мусоидат ба ислоҳот амал мекунад[30].

Барои ташаккули сиёсати оқилонаи иқтисодӣ зарур аст, ки мониторинги динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди

---

https://www.oecd.org/env/outreach/Item3-Assessment-Tajikistan-RUS.pdf, кушода. Санаи мурoҷиат 03.10.2020

[30] Саидмуродова, М.А. К вопросу об исследовании индикаторов вовлеченности страны в глобализационные процессы [Текст] / М.А. Саидмуродова, Д.И. Косимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2019. – №1. – С.10.

иқтисоди Тоҷикистон, арзёбии таҳдидҳои эҳтимолӣ ба рушди иқтисодӣ, омӯзиши тамоюлҳои дарозмуддате, ки қонуният ва равандҳои инерсиалии рушдро муайян мекунанд, дар асоси омори расмӣ ва нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ назорат карда шавад.

Баррасии хавфҳо ва таҳдидҳои сармоягузорро ба амал бароварда, бояд ба мафҳуми амнияти иқтисодӣ таваққуф намуд. Олимони тоҷик Мамадов А.В. ва Султонов Н.М. амнияти иқтисодиро ҳамчун «вазъи иқтисодиёт ва институтҳои давлатӣ, ки дар он ҳифзи манфиатҳои миллӣ, рушди мутаносиб, ба соҳаи иҷтимоиёти нигаронидашудаи кишвар сарфи назар аз таъсири омилҳои номусоидтарин кафолат дода мешавад», тавсиф мекунанд[31].

Амнияти иқтисодӣ, ки амнияти сармоягузориро низ дар бар мегирад, ба тақвияти устувории иқтисодиёти ватанӣ ба таҳдидҳои гуногун, (дар вазъияти номусоиди иқтисодӣ ё сиёсии кишвар, дар минтақа, берун аз кишвар) мусоидат мекунад.




**Расми 1.5. – Амнияти иқтисодӣ ва ҷузъҳои он**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

---

[31] Мамадов, А.В. Дилемма вектора интеграции экономики Республики Таджикистан в мировую экономику: проблемы и перспективы [Текст] / А.В. Мамадов, Н.М. Султанов // Вестник таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2016. – №1. – С.56.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таҳдидҳо ва хавфҳои сармоягузорие, ки ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хосанд, чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст.

Дар солҳои 2014-2018 тамоюли устувори афзоиши қарзи давлатӣ мушоҳида карда шуд. Сарфи назар аз тамоюли як андоза беҳтаршавии сохтори он дар соли 2019, хавфҳои афзоиши сарбории қарзӣ баланд боқӣ мемонанд, ки ба ҷой доштани ҳиссаи баланди қарзи хориҷӣ дар асъори хориҷӣ ва пастравии қурби асъори миллӣ алоқаманд аст.

Дар бахши беруна хавфҳои макроиқтисодӣ бо хусусиятҳо ва шароитҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бо тағйирёбии сиёсати гумрукӣ алоқаманданд, ки дар маҷмуъ ба бад шудани вазъи тавозуни пардохт оварданд.

Пандемияи инфексияи коронавирус барои иқтисодиёти ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як таҳдиди иловагӣ буд, зеро аз рӯи маълумоти таҳлилгарон, бо сабаби пандемия суръати афзоиши ММД паст шуд ва сатҳи таваррум дар ҳамаи кишварҳои узви БРА афзоиш ёфт. Барои ҳамаи ин кишварҳо (аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон) сармоягузории иловагӣ барои барқарор кардани иқтисодиёт то ба сатҳи пеш аз пандемия зарур аст.

Дар солҳои 2017-2020 ҳиссаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди 40-50% ба қайд гирифта шудааст. Барои зиёд намудани ҳиссаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо чораҳои таъхирнопазир андешидан зарур аст, зеро ҷалб намудани ин намуди сармоягузорӣ ба васеъ ё нав кардани фондҳои асосии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст, ки ин омили муҳимтарини навсозии бисёр соҳаҳои захиражталаби саноат мебошад.

## 1.3 Масъалаҳои назариявии арзёбии шохисҳои институтсионалии амнияти сармоягузории хориҷӣ дар раванди байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ

Дар айни замон дар сохтор ва шакли ташкили хоҷагии ҷаҳонӣ, муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ба амалоии тағйирот ба назар мерасад. Ин тамоюлҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар бар мегирад, ки дар тақсимоти байналмилалии меҳнат иштирок намуда, ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамгиро шуда истодааст.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ҳама кишварҳо ба бартарияти иштирок намудан дар ҳаракати байналмилалии сармоя ва истифода бурдани сармояи хориҷӣ барои эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ баҳои баланд доданд.

Норасоии захираҳои молиявӣ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳаракати байналмилалии сармоя ба сифати воридоткунанда ба Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Вале ба мамлакат ҷалб намудани миқдори зиёди сармояи хориҷӣ ӯро вобастаи сармоягузорони хориҷӣ мегардонад. Барои пешгирии ин раванд низоми амнияти сармоягузорӣ истифода мешавад.

Амнияти сармоягузории кишвар маънои раванди муайян намудани чунин сатҳи сармоягузориҳоеро дар назар дорад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи имрӯзаи иқтисодиёт ба маблағгузориҳои асосӣ бо дарназардошти тавозуни оптималии байни ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба мамлакат ва ватанӣ ба хориҷа кифоя мебошад.

Ба ақидаи олими ватанӣ Мирсаидов Н.М. амнияти сармоягузорӣ ин қобилияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои таъсир расонидан ба равандҳои мавҷудаи сармоягузорӣ мебошад, ки рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллиро муайян мекунанд[32].

---

[32] Мирсаидов, М.Н. Теоретические основы обеспечения экономической безопасности в условиях глобализации, а материалах Республики Таджикистан [Текст]: дисс. канд. эконом. наук: 08.00.01 / Мирсаидов Мухаммаднаим Негматович. – Душанбе, 2012. – С.59.

Муҳаққиқ Хоҷаев Х.А. ин таърифро пурра намуда, амнияти сармоягузориро дар намуди чунин фаъолияти тамоми қисмҳои комплекси сармоягузорӣ ва институтҳои он тавсиф кардааст, ки он барои ноил шудан ба рушди мутаносиби иҷтимоӣ нигаронидашудаи иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад[33].

Дар асарҳои илмии худ Овчинникова Е. амнияти сармоягузориро ҳамчун қобилият барои дастгирии пасандозҳои истеҳсолӣ ва сармоягузории асосӣ дар сатҳе баррасӣ кардааст, ки он аз тарафи роҳбарияти кишвар муқарраркардаи суръати бозсозии сохтор ва азнавсозии технологии иқтисодиётро таъмин намояд[34].

Ба ақидаи Ҳайитбоева Н. бояд мафҳуми «таъминоти сармоягузорӣ» ба маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда шавад. Ба маънои васеъ, амнияти сармоягузорӣ бо сатҳи имкониятҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат, ки он тавассути воридшавии сармоягузориҳо ба даст меояд, тавсиф карда мешавад.

Ба маънои маҳдуд, амнияти сармоягузорӣ хусусиятҳои кишварро тавсиф мекунад, ки барои рақобат ба ҷалби сармоягузорӣ бо дигар кишварҳо бо дарназардошти шароити мавҷудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароити объективӣ, ки барои сармоягузор ҳангоми қабули қарори сармоягузорӣ муҳиманд, мусоидат мекунад[35].

Ҳакимов С.Н. ва Фасихов М.С. гуруҳҳои зерини омилҳои хоси амнияти сармоягузориро муайян мекунанд: мусбат - нерӯи сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ; харобиовар: хавфҳои сармоягузорӣ ва таҳдидҳои сармоягузорӣ[36].

---

[33] Ходжаев, Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Ходжаев Хасан Ашурович. – Худжанд, 2011. – С.69.
[34] Овчинникова, Е.А. Инвестиционная безопасность России в современных условиях [Текст] / Е.А. Овчинникова // Факторы успеха. – 2017. – №2 (9). – С.66-70.
[35] Хайитбоева, Н.А. Развитие инвестиционной активности - фактор роста экономики региона [Текст] / Н.А. Хайитбоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. – 2018. – №5 (53). – С.191.
[36] Хакимов, С.Н. Социально-экономическая сущность и принципы региональных инвестиций [Текст] / С.Н. Хакимов, М.С. Фасихов // Наука и образование сегодня. – 2019. – №4. – С.33.

Таърифҳои дар боло баррасишударо ҷамъбаст намуда, самтҳои афзалиятноки рушди амнияти сармоягузории кишварро ҷудо мекунем:

- андозаи маҷроҳои сармоягузории сармоягузорони хориҷӣ;

- ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим ва ҷузвдонӣ (портфелӣ) аз ширкатҳои фаромиллӣ;

- имконияти ҷалб намудани миқдори зарурӣ ва кофии сармоягузориҳо, раванди самаранок истифода бурдани сармоягузорӣ дар иқтисодиёт;

- таҳияи механизмҳо ва воситаҳо, ки ба табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ мусоидат мекунад;

- истифодаи оптималии маблағҳои буҷетӣ тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатии сатҳи гуногун.

Таърифҳое, ки олимони гуногун доир ба ин мавзуъ додаанд, ҷамъбаст намуда, метавон ба хулосае омад, ки таъмини амнияти сармоягузорӣ татбиқи раванди фаъоли сармоягузориеро дар назар дорад, ки ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории бахшҳои пешбари иқтисодиёт бо мақсади фароҳам овардани фазои мусбии сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Дар байни манфиатҳои содироткунандагон ва воридоткунандагони сармоя зиддиятҳои объективӣ вуҷуд доранд, ки онҳо дар шароити нобаробарии иқтисодии шарикон содироткунандаи сармояро ҳангоми интихоби шартҳои сармоягузорӣ дар мавқеи афзалиятнок қарор медиҳанд. Ин дар Тоҷикистон ба он оварда расонд, ки сармояи воридшавандаи хориҷӣ суботи иҷтимоию иқтисодиро дар кишвар таъмин намекунад, ки ин хилофи манфиатҳои дарозмуддати рушди кишвар аст.

Ба ақидаи Шамсиев К.Б. се сатҳи амнияти сармоягузории кишвар вуҷуд дорад: давлатӣ, фаромиллӣ ва корпоративӣ [37].

---

[37]Шамсиев, К.Б. Финансово-кредитная и инвестиционная поддержка производственных и инновационных предприятий малого и среднего бизнеса [Текст] / К.Б. Шамсиев, С.Б. Ризоев // Известия Академии наук. Серия: Экономика. – Душанбе: Дониш, 2005. – №1. – С.18.

**Сатҳи давлатӣ** бо он таъсире тавсиф меёбад, ки ба иқтисодиёт дар натиҷаи амали маҷроҳои сармоягузорӣ аз кишварҳои хориҷӣ расонида мешавад. Дар сатҳи фаромиллӣ, таъсири назаррастарини ҳисшаванда, таъсири сармоягузории мустақим ва портфелӣ мебошад, ки ба сифати сармоягузор ва ширкатҳои фаромиллӣ баромад мекунанд. Сатҳи корпоративии сармоягузорӣ аз таъсири манфиатҳои корпоративии корпоратсияҳои фаромиллӣ ва ширкатҳои хориҷие, ки онҳо бо молистеҳсолкунандагони тоҷик рақобат мекунанд, ташаккул меёбад.

Ба ҷанбаҳои афзалиятноки таъмини амнияти сармоягузории кишвар нишондиҳандаҳо (нишондиҳандаҳое, ки барои пешгӯии вазъи ояндаи амнияти сармоягузории кишвар мусоидат мекунанд) дохил мешаванд. Нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ дар сатҳҳои гуногун ҷой дорад (расми1.23.).




**Расми 1.23. – Нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ дар сатҳҳои гуногун**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар ҳама сатҳҳо омилҳои хавфҳои сармоягузорӣ ба назар гирифта мешаванд (ҷадвали 1.6.).

### Ҷадвали 1.6. – Нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ

| Нишондиҳандаҳо | Омилҳои хавф |
|---|---|
| – ҳиссаи пасандозҳои умумии сармоягузорӣ дар ММД ва МММ;<br>– таносуби суръати афзоиши маблағгузорӣ ва ММД дар соҳаҳои алоҳидаи саноат ва минтақаҳои гуногуни мамлакат;<br>– сатҳе, ки дарачаи нав кардан ва модернитсацияи фондҳои асосиро тавсиф мекунад | Макроиқтисодӣ |
| – мавҷудияти афзалиятҳои соҳавӣ ҳангоми сармоягузорӣ ба истеҳсолоти илмталаб ва инноватсионӣ;<br>– мавҷудияти афзалиятҳои минтақавии ҷойгиркунии объектҳои фаъолияти иқтисодӣ ва объектҳои соҳаи иҷтимоӣ;<br>– мавҷудияти афзалиятҳои байниминтақавӣ ва байнисоҳавӣ дар рушди муносибатҳои бозорӣ | мезоиқтисодӣ |
| – бозпардохт ва даромаднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо назардошти давомнокии татбиқи онҳо ва зариби дисконткунонӣ;<br>– саҳми унсури сармоягузорӣ дар афзоиши ММД ва самаранокии сиёсати буҷетӣ;<br>– сатҳи рақобатпазирии кишвар дар раванди сармоягузорӣ | Микроиқтисодӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф.

Мавҷудияти нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ ба олимон кӯмак мерасонад, ки вазъи кунунии онро арзёбӣ кунанд ва бузургиҳои пешгӯишавандаро барои давраи кӯтоҳ, миёна ё дарозмуддат ҳисоб кунанд.

Ҷӯраев Д.М. қайд мекунад, ки масоили таъмини амнияти сармоягузорӣ бояд ба блокҳои зерин тақсим карда шаванд [38]:

- масоили амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ, ки онҳо бо самти равандҳои сармоягузорӣ, хусусиятҳои фазои сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузории кишвар алоқаманданд;

- масъалаҳои соҳаи сармоягузорӣ, ки бо нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои ҳамаи субъектҳои амнияти сармоягузорӣ, дараҷаи идорашавандагии равандҳои сармоягузорӣ алоқаманданд;

- масоили пешбурди сармоягузориҳо, ки онҳо ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои сармоягузорӣ, арзёбии ҷузъҳои ҷиноятӣ ва коррупсионӣ, мавҷудияти рақобати беинсофонаро дар бар мегирад.

[38] Джураев, Д.М. Инвестиционная среда Республики Таджикистан: проблемы и пути их преодоления [Текст] / Д.М. Джураев // Экономика и управление. – 2015. – №3 (53). – С.6.

Ҳар яке аз ин блокҳо бо мавҷудияти таҳдидҳое тавсиф мешаванд, ки онҳо метавонанд ба амнияти сармоягузорӣ таъсири манфӣ расонанд. Ба ин таҳдидҳо дохил мешаванд:

- мавҷуд будани монеаҳои маъмурӣ;
- хусусиятҳои андозбандии миллӣ;
- сӯиистифода аз ваколатҳои мақомоти давлатӣ;
- табъизи ширкатҳои хориҷӣ;
- шароити будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Тоҷикистон;
- хусусиятҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи моликият.

Рушди амнияти сармоягузории кишвар имкон медиҳад, таносуби оптималии чунин ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ муайян карда шавад, ки он тавонад, рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо нигоҳ доштани вобаста набудани он аз сармоягузорон таъмин намояд.

Дар тадқиқоти амнияти сармоягузорӣ ду равиши асосӣ вуҷуд дорад, ки ба муқаррароти асосии методологӣ барои таҳлили амният бо назардошти хусусиятҳои вазифаҳои ҳалшаванда мувофиқат мекунанд. Ин равишҳо дар тадқиқотҳои Куклин А.А. ва Мирсаидов М.Н. оварда шудаанд (ҷадвали 1.7.).

**Ҷадвали 1.7. - Усулҳои таҳлили ҳамгирошудаи амнияти сармоягузорӣ**

| Методикае, ки аз ҷониби А.А. Куклин таҳия шудааст[39] | Методикае, ки аз ҷониби М.Н. Мирсаидов таҳия шудааст [40] |
|---|---|
| 1. Таснифоти таҳдидҳои амнияти сармоягузорӣ | 1. Ҷустуҷӯи сарчашмаҳо ва сабабҳои таҳдиду хатарҳои берунӣ ва дохилӣ. Пешгӯиҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллии тамоюлҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ |

[39] Куклин, А.А. Методика диагностики инвестиционной безопасности региона [Текст] / А.А. Куклин. – М.: Ин-тэкономики УрО РАН, 2010. – С.29.
[40] Мирсаидов, М.Н. Теоретические основы обеспечения экономической безопасности в условиях глобализации, а материалах Республики Таджикистан [Текст]: дисс. канд. эконом. наук: 08.00.01 / Мирсаидов Мухаммаднаим Негматович. – Душанбе, 2012. – С.52.

*Идомаи ҷадвали 1.7.*

| Методикае, ки аз ҷониби А.А. Куклин таҳия шудааст[41] | Методикае, ки аз ҷониби М.Н. Мирсаидов таҳия шудааст [42] |
|---|---|
| 2. Гузаронидани гурӯҳбандии объектҳои назорати амнияти сармоягузорӣ | 2. Муайян кардани мавҷудият ва хусусияти таҳдидҳо ва хатарҳо, манбаи пайдоиши онҳо |
| 3. Муайян намудани маҷмуи нишондиҳандаҳое, ки барои ташхиси амнияти сармоягузорӣ зарур мебошанд | 3. Мониторинг барои таҳдидҳои муайяншуда, ки имкон медиҳад тадбирҳои муҳофизат аз онҳо таҳия карда шаванд |
| 4. Интихоби нишондиҳандаҳои индикативӣ ва блокҳои ташхисӣ | 4. Таҳияи моделҳои муҳофизатӣ мутобиқ ба ҳар як намуди хатар |
| 5. Таҳлили индикативии ҳар як блоки нишондиҳанда барои арзёбии амнияти сармоягузорӣ | 5. Эҷоди заминаи меъёрӣ барои ҳар як модели муҳофизат аз хавфҳо ва таҳдидҳои сармоягузорӣ |
| 6. Гузаронидани таҳлили индикативӣ оид ба вазъ дар маҷмуъ | 6. Ташаккули сохторҳои ташкилӣ, ки вазифаҳои амниятиро иҷро мекунанд |
| 7. Ҷамъбаст ва тахлили натичахои хисобу китоб | 7. Татбиқи функсияи муҳофизат |
| 8. Таҳияи чорабиниҳо оид ба барҳамдиҳӣ ва безараргардонии таҳдидҳои амнияти сармоягузорӣ | 8. Назорат ва танзими раванди муҳофизат |

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф

Усулҳои баррасишуда ҳашт марҳиларо дар бар мегиранд, вале бартарии методикаи Мирсаидов М.Н. дар он аст, ки коркарди фаъолияти амалӣ, аллакай дар марҳилаи чорум шуруъ мегардад. Дар методикаи Куклин А.А. бошад, ҳафт марҳилаи таҳлил ба ташаккули нишондиҳандаҳо, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои он бахшида шудааст, танҳо дар марҳилаи ҳаштум чорабиниҳои амалӣ барои ҳифзи амнияти сармоягузорӣ таҳия карда мешаванд.

Ба андешаи мо, методикаи таҳиякардаи Мирсаидов М.Н. самараноктар аст, зеро дар он афзалият ба чорабиниҳои амалӣ дар

---

[41] Куклин, А.А. Методика диагностики инвестиционной безопасности региона [Текст] / А.А. Куклин. – М.: Ин-тэкономики УрО РАН, 2010. – С.29.

[42] Мирсаидов, М.Н. Теоретические основы обеспечения экономической безопасности в условиях глобализации, а материалах Республики Таджикистан [Текст]: дисс. канд. эконом. наук: 08.00.01 / Мирсаидов Мухаммаднаим Негматович. – Душанбе, 2012. – С.52.

мубориза бо таҳдидҳои амнияти сармоягузорӣ дода шудааст ва на ба таҳлили назариявӣ, ки дар методикаи Куклин А.А. мушоҳида мешавад. Илова бар ин, Мирсаидов М.Н. дар методикаи худ таъсири тамоюлҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллиро ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ, таъсири онҳоро ба фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳамкории байни давлатҳо баррасӣ менамояд.

Орипов А.А. қайд мекунад, ки вазъи амнияти сармоягузории кишвар шохиси амнияти инноватсиониро тавсиф менамояд, ки дар асоси он давлатхо бо сатхи баланд, миёна ва пасти амнияти сармоягузорӣ чудо карда мешаванд[43].

Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун муассисаи махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид дар фаъолияти худ ҳадафи дастгирии рушди ҳамаҷониба ва устуворро дар миқёси ҷаҳонӣ, аз байн бурдани камбизоатиро дар тамоми ҷаҳон қарор додааст.

Таваҷҷуҳи махсуси Бонки ҷаҳонӣ ба самтхои зерини стратегӣ равона карда шудааст:

- расонидани кӯмак ба кишварҳои камбизоаттарин ва давлатҳои ноустувор;

- дастгирии барномаҳои таҷдид ва рушд дар кишварҳои дорои сатҳи даромади миёна;

- ҳалли вазифаҳои марбут ба неъматҳои глобалии оммавӣ;

- паҳн намудани донишҳое, ки ба одамон дар саросари ҷаҳон барои пайдо кардани ҳалли масъала дар соҳаи рушд кӯмак мерасонад.

Фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар 142 кишвари ҷаҳон амалӣ карда мешавад. Бонк тавсеаи ҳузури худро дар кишварҳое, ки аз бесуботӣ, низоъ ва хушунат осеб дидаанд идома медиҳад ва ин ба ӯ имкон медиҳад, ки бо ҳукуматҳо ва дигар шарикон самараноктар ва муассиртар ҳамкорӣ намояд.

---

[43] Орипов, А.А. Инвестиции - главный фактор развития сельского хозяйства Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Орипов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2014. – №1. – С.95.

Бонки Ҷаҳонӣ дар шакли карзхои камфоиз ва бефоиз (қарзҳо) ва грантҳо кӯмаки молиявӣ мерасонад. Бонк қарзҳоро дар ду намуди асосӣ медиҳад: қарзҳои сармоягузорӣ ва қарзҳо ба мақсади рушд. Қарзҳои сармоягузорӣ барои маблағгузории истеҳсоли молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо дар доираи лоиҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт пешниҳод карда мешаванд. Қарзҳо барои рушд барои дастгирии ислоҳоти сиёсӣ ва институтсионалӣ пешбинӣ шудааст.

Методикаи таҳияи шохиси амнияти сармоягузориро Бонки Ҷаҳонӣ дар асоси таҳлили 23 нишондиҳандаи марбут ба фаъолияти сармоягузорӣ, фазои сармоягузорӣ, вазъи кунунии рушди иқтисодии кишварҳо, хавфҳои сармоягузорӣ ва интизориҳои сармоягузорон таҳия кардааст.

**Ҷадвали 1.8. - Гуруҳҳои нишондиҳандаҳои шохиси амнияти сармоягузорӣ**

| Гурӯҳҳои нишондиҳанда | Вазни гуруҳ | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| Фаъолнокии сармоягузорӣ | 1 | 1. Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли охир<br>2. Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар 3 соли охир<br>3. Содироти сармоягузориҳои мустақим<br>4. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ |
| Фазои сармоягузорӣ | 0,8 | 1. Шохиси сабук будани пешбурди бизнес<br>2. Шохиси коррупсия<br>3. Шохиси озодии иқтисодӣ<br>4. Шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ<br>5. Шохиси рушди инсонӣ |
| Вазъи рушди иқтисодӣ | 0,6 | 1. Суръати афзоиши ММД<br>2. Суръати афзоиши таваррум<br>3. Вазъи тавозуни пардохт |
| Рейтинги мустақили кредитӣ | 0,5 | 1. Рейтинги кредитии Moody's<br>2. Рейтинги кредитии Standard & Poor's<br>3. Рейтинги кредитии Fitch |
| Интизории сармоягузорон | 0,5 | 1. Тадқиқоти дурнамоҳои сармоягузорӣ UNCTAD<br>2. Шохиси боварии сармоягузории мустақими хориҷии A.T. Kearney |

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф

Маҷмуи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1.8. овардашуда нишондиҳандаи ҳамгирошудаи амнияти сармоягузориро ташкил медиҳад. Ҳар як нишондиҳандаро муфассалтар баррасӣ менамоем.

Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишварҳои ИДМ дар солҳои 2017-2019 коҳиш ёфт, ки он бо коҳиши назарраси воридоти сармоягузорӣ ба Федератсияи Россия алоқаманд аст, ки он аз омилҳои сиёсии байналмилалӣ ва тадбирҳои сиёсати дохилӣ ба миён омадааст.

Дар расми 1.24. динамикаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё оварда шудааст[44].




**Расми 1.24. – Динамикаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур муқоиса бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба он вобаста аст, ки кишварҳои ба ин иттиҳодияи ҳамгироии минтақавӣ шомил буда, дар як минтақа ҷойгиранд, роҳи бо ҳам монанди рушди иқтисодӣ ва сатҳи онро дар айни замон доранд. Ҳадафи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё рушди иқтисодии кишварҳои узв, навсозӣ

[44] Составлено автором на основании доклада о мировых инвестициях, 2019 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://unctad.org/en/pages/PublicationWebflyer.aspx-?publicationid=1555, кушода. Санаи мурочиат: 25.04.2020

ва баланд бардоштани рақобатпазирии ин давлатҳо дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Дар соли 2019 бузургтарин воридкунандагони сармояи мустақими хориҷӣ ба Арманистон кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Британияи Кабир ва Олмон буданд.

Дар соли 2019 воридоти тақрибан нисфи сармоягузориро ба Беларус кишварҳои шарик дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё таъмин кардаанд. Сармоягузорони калон инчунин Австрия, Чин, Кипр мебошанд.

Шарикони Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба Қазоқистон 10% сармоягузории мустақимро таъмин мекунанд. Сармоягузори асосӣ дар ин кишвар ИМА ба ҳисоб меравад.

Қариб нисфи сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Қирғизистон (41%) аз ҳисоби Нидерландия сурат гирифтааст. Инчунин ҳиссаи сармоягузориҳои Олмон, Швейтсария ва Қатар низ назаррас аст.

Дар байни кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Россия сохтори диверсификатсияшудаи воридоти сармоягузорӣ дорад. Британияи Кабир, Швейтсария, Нидерландия, Сингапур сармоягузорони асосӣ маҳсуб меёбанд[45].

Сармоягузорони хориҷӣ ва шарикони тиҷоратӣ ба бозори Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё бо сабабҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд:

- фазои ягонаи иқтисодӣ, ки ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё хос аст, имкон медиҳад, ки ҷои истеҳсоли барои сармоягузор муносиб интихоб карда шавад.;

- қарор гирифтан дар фазои ягонаи гумрукӣ ва иқтисодӣ ба шарикони тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки шабакаҳои молистеҳсолкунии нисбатан самаранок ва қулайро барои онҳо ташкил кунанд;

[45]Доклад о мировых инвестициях, 2019 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2019_overview_ru.pdf, кушода. Санаи муроҷиат: 25.04.2020

- иқтидори баланди илмию истеҳсолии кластерҳои мавҷуда ба сармоягузорони хориҷӣ имкон медиҳад, ки инфрасохтори онҳоро бо мақсади дар заминаи кластер ҷойгир кардани соҳаҳои самарабахш истифода баранд, ки ба онҳо роҳи осони дастрасӣ доштанро медиҳад ва ба бозорҳои минтақавӣ имконпазир мегардонад.

Кишварҳое, ки сармоягузории мустақими хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, дар расми 1.25. нишон дода шудааст.




**Расми 1.25. – Сохтори сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳиссаи хеле зиёди сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Тоҷикистон аз Чин ворид мешавад. Воридкунандагони калони сармоягузорӣ ба кишвар, инчунин Россия, Қазоқистон, Британияи Кабир ва ИМА ба ҳисоб мераванд.

Нуфузи баланди сармоягузорӣ аз кишварҳои сеюм дар сохтори ҷуғрофии воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё аз нокифоя будани захираҳои сармоягузории дохилииттиҳодӣ шаҳодат медиҳад. Чин афзоиши ҳузури

сармоягузории худро дар кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё идома медиҳад.

Талаботи кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба сармоягузории мустақими хориҷӣ аз пешниҳоди онҳо хеле зиёд аст, бинобар ин, кишварҳо ва ширкатҳо барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ бо ҳамдигар рақобат мекунанд. Дар натиҷа, сармоягузорӣ ба он кишварҳое ворид мегардад, ки дар он ҷо барои сармоягузорон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Самтгирии соҳавӣ ва ҷуғрофии ҷараёнҳои сармоягузории ҷаҳонӣ, сохтор ва самтгириии онҳо ба тағйирёбии доимӣ дучор мешаванд. Онҳо инчунин, ба тағйирот ва навсозии доимии технологияҳо барои ба даст овардани фоида тавассути сармоягузорӣ дучор мешаванд.

Омилҳои иқтисодӣ ва институтсионалии муайянкунандаи динамикаи воридоти сармоягузории мустақими хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, гуруҳҳои зерини чунин омилҳоро ҷудо мекунем:

- сиёсати умумии сармоягузории кишвар (мавҷудияти суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, хусусиятҳои танзими тарифӣ ва андозӣ);

- мавҷудияти дастгирии сармоягузорони хориҷӣ дар тамоми марҳилаҳои пешбурди лоиҳа, мавҷудияти имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ, суботи сиёсӣ, рафъи хароҷоти марбут ба коррупсия ва идоракунии бесамари маъмурӣ;

- омилҳои иқтисодӣ, ки ҳаҷми бозор, сохтор ва суръати афзоиши он, мавҷудияти дастрасӣ ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ҳаҷми даромад ба ҳар сари аҳолӣ, арзиши захираҳо, ҳосилнокии меҳнат, омилҳои маркетингиро дар бар мегирад.

Ду гуруҳи аввал омилҳои институтсионалӣ ба ҳисоб мераванд. Нақши онҳо дар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз омилҳои иқтисодӣ камтар нест, махсусан, барои кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш бо институтҳои бозории ба миён омада истода, ки ба онҳо ҳамаи кишварҳои аъзои Бонки рушди АвруОсиёро мансуб донистан мумкин аст.

Нақши онҳо дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ аз омилҳои иқтисодӣ камтар нест, махсусан барои кишварҳои давраи гузариш бо институтҳои бозории рушдёбанда, ки ҳамаи кишварҳоеро, ки аъзои Бонки рушди АвруОсиё мебошанд, дар бар мегиранд.

Аксари кишварҳои Бонки рушди АвруОсиё (ба ғайр аз Россия ва Қазоқистон) асосан сармоягузориҳоро бинобар сабаби надоштани захираҳои кофии сармоягузорӣ барои содироти онҳо, ворид мекунанд.

Дар ҷадвали 1.9. омилҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ ва нишондиҳандаҳо барои арзёбии онҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.9. - Омилҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ ва нишондиҳандаҳо барои арзёбии онҳо**

| Омилҳои СМХ бо консепсияҳои назариявӣ муайян кардашуда | Нишондиҳандаҳо барои арзёбии ин омилҳо |
|---|---|
| Омилҳои маркетингӣ | Иқтидор (ғунҷоиш) ва андозаи бозор, тамоюли рушди бозор, кӯшиш барои назорат аз болои бозор, мавҷудияти робитаҳои зич бо харидорон ва таҳвилгарон, мавҷудияти каналҳои гуногуни фурӯш, мавҷудияти заминаи содирот, қобилияти харидории аҳолӣ |
| Маҳдудияти савдо | Мавҷудият ё набудани монеаҳои тиҷоратӣ, афзалияти харидорон, сифати маҳсулоти ватанӣ |
| Омилҳои арзишӣ | Дар наздикӣ ҷой доштани манбаъҳои таъминотӣ, мавҷудияти захираҳои соҳибихтисоси меҳнатӣ, мавҷудияти сарчашмаҳои ашёи хом, технологияҳои инноватсионӣ, ҷой доштани кадрҳои соҳибихтисос, арзиши начандон баланди қувваи корӣ, паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва хароҷоти трансаксионӣ, дастгирии давлатии сармоягузорон, таносуби мусоиди нархҳо барои сармоягузорон |
| Фазои сармоягузорӣ | суботи сиёсӣ дар кишвар, мавҷуд набудани маҳдудият барои моликият, қурби мӯътадили асъори хориҷӣ, сиёсати андозии дақиқ ва мувофиқ |

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф

Ҳамаи омилҳои дар ҷадвал овардашуда, дар раванди таҳия ва асосноккунии ҷанбаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ бо истифода аз системаи нишондиҳандаҳо таҳлил ва ҷамъбаст карда мешаванд, ки

шумораи зиёди нишондиҳандаҳоеро дар бар мегиранд, ки аз тарафи мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, дар соҳаи техникӣ, дар соҳаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ баҳо дода шудаанд. Маълумоте, ки тавассути таҳлил ба даст меояд, ҷиҳати муайян кардани иқтидори кишвар барои амал кардан ба сифати воридкунандаи сармоягузориҳои мустақим имкон медиҳад ва баҳо додан ба арзёбии иқтидори рақобатпазирии кишвар гузаронида шавад.

Ҳаракати байналхалқии сармоя қувваи асосии такондиҳандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ мебошад. Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ имкони дар истеҳсолот ҷорӣ кардани технологияи инноватсионӣ, гузаронидани навсозии маҳсулот, афзун кардани арзиши бозории корхона ва ба даст овардани фоидаро медиҳад. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ тавсифи муҳими фаъолияти сармоягузории давлат мебошад (расми 1.26.)[46].




**Расми 1.26. – Суръати афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи асосии кишварҳои аъзои Бонки рушди АвруОсиё дар соли 2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Рақамҳои дар расми 1.26. овардашударо таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки суръати баландтарини афзоиши сармоя ба сармояи асосӣ дар

46 Макрообзор ЕАБР за 2020 г. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/analytics/ceg-quarterly-reviews/aprel-2020-obnovlennyy-prognoz/, кушода. Санаи муроҷиат 15.10.2020

Қазоқистон ва Қирғизистон ва суръати пасттарин дар Россия ва Тоҷикистон мушоҳида шудааст.

Ҳайитбоева Н.А. сармоягузорӣ ба сармояи асосиро ҷузъи муҳими нишондиҳандаи интегралии амнияти инноватсионӣ меномад[47]. Паст шудани суръати сармоягузорӣ ба сармояи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 2019 мушоҳида мешавад, тамоюли манфӣ барои таъмини амнияти сармоягузории ҷумҳурӣ мебошад.

Нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузориро, ки ба фазои сармоягузории кишвар таъсир мерасонанд, таҳлил менамоем.

Шохиси дарки коррупсия ҳамчун нишондиҳандаи маҷмуӣ дар асоси маълумоти коршиносони байналмилалӣ ҳисоб карда мешавад. Ҳама сарчашмаҳои коршиносӣ дараҷаи паҳншавии коррупсияро (суръат (басомад) ва андозаи ришваро ба назар мегиранд) дар бахшҳои давлатӣ ва иқтисодии кишварҳои гуногун муайян мекунанд. Коршиносон сатҳи дарки коррупсияро аз ҷониби аҳолӣ тавассути пурсиши соҳибкорон, таҳлилгарон ва мутахассисони созмонҳои мухталифи байналмилалӣ арзёбӣ мекунанд.

Шохиси сабукии (озод) пешбурди тиҷорат аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ дар асоси даҳ нишондиҳандаи асосӣ ҳисоб карда мешавад, ки ҷанбаҳои зерини фаъолияти соҳибкориро дар бар мегиранд[48]:

- содда ва қулай будани бақайдгирии корхонаҳо;
- саривақтӣ ва мувофиқ будани баррасии иҷозатномаи сохтмон;
- бо зудӣ ва қулай будани пайвастшавӣ ба қувваи барқ;
- сабукии тартиби бақайдгирии моликият;
- бе мамониат гирифтани қарз;
- мавҷудияти чораҳои ҳифзи сармоягузорон;
- шаффофияти низоми андозбандӣ;

---

47 Хайитбоева, Н.А. Развитие инвестиционной активности - фактор роста экономики региона [Текст] / Н.А. Хайитбоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. – 2018. – №5 (53). – С.191.

48 Рейтинг стран мира по Индексу ведения бизнеса. Гуманитарная энциклопедия: Исследования. Центр гуманитарных технологий, 2006-2020 (последняя редакция: 27.06.2020) [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://gtmarket.ru/ratings/doing-business, кушода. Санаи муроҷиат 29.06.2020

- ҷалб шудан ба гардиши байналмилалии савдо;

- таъмини иҷрои қарордодҳо;

- барҳам додани корхонаҳо.

Тибқи ҳисобҳо, ки барои ҳар як банд анҷом дода шудааст, рейтинги кишварҳо аз рӯи сабукии пешбурди бизнес тартиб дода мешавад. Кишварҳое, ки дар ҷойҳои аввали рейтинг қарор доранд, роҳи сабуки пешбурди бизнесро пешниҳод мекунанд. Бо баробари наздик шудан ба охири рӯйхати кишварҳо меравем, сабукии пешбурди бизнес коҳиш меёбад.[49].

Шохиси озодии иқтисодӣ бо роҳи дарёфти миёнаи арифметикии меъёрҳои зерини назоратӣ ҳисоб карда мешавад:

- дараҷаи ҳифзи ҳуқуқи моликият;

- сатҳи коррупсия;

- доштани озодии молиявӣ-буҷетӣ (фискалӣ);

- мавҷудияти танзими давлатӣ;

- озодии соҳибкорӣ;

- мавҷудияти озодии пулӣ;

- набудани маҳдудият дар тиҷорат;

- фазои мусоиди сармоягузорӣ;

- озодӣ дар соҳаи молиёт[50].

Барои ҳар як нишондиҳандаи овардашуда коршиносони байналмилалӣ аз рӯи холҳо нисбат ба ҳар як кишвар баҳо медиҳанд. Ҳар қадаре, ки холҳои умумӣ баланд бошанд, ҳамон қадар сатҳи озодии иқтисодӣ дар кишвар баланд мебошад.

Ҳисоби шохиси ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар асоси 113 тағйирёбанда гузаронида мешавад, ки рақобатпазирии ҳар як кишвари ҷаҳонро тавсиф

---

[49] Чиниев, Д.Б. Экономическая безопасность Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.14 / Чиниев Джами Бадридинович. – М., 2010. – С.62.

[50] Comparing Business Regulation in 190 Economies [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://gtmarket.ru/files/research/doing-business/Doing_Business_ 2020.pdf, кушода. Санаи муроҷиат: 25.02.2020

мекунанд. Дар байни тағйирёбандаҳои ба назар гирифташуда, натиҷаҳои пурсиши ҷаҳонии роҳбарони корпоратсияҳо оид ба фазои тиҷорат дар кишварҳои мавриди назар, таҳлили маълумоти омории дар сарчашмаҳои кушод интишор ёфта, натиҷаҳои таҳқиқоти аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ мунтазам гузаронидашаванда ҷой дода мешаванд. Ҳама тағйирёбандаҳои бо ин тарз баррасӣ гардида, дар 12 нишондиҳандаи назоратӣ муттаҳид карда мешаванд, ки хусусиятҳои рақобатпазирии миллиро тавсиф мекунанд[51]:

- сифат, миқдор ва хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои давлатӣ;

- нишондиҳандаҳои сифати инфрасохтор;

- нишондиҳандаҳои устувории макроиқтисодӣ;

- нишондиҳандаҳои сифатии соҳаи иҷтимоӣ (тандурустӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ);

- нишондиҳандаҳое, ки захираҳои меҳнатии кишварро тавсиф мекунанд (сифати таҳсилоти олӣ ва тайёрии касбӣ);

- нишондиҳандаҳои иқтидори (ғунҷоиши) бозори мол;

- нишондиҳандаҳои шуғли аҳолӣ;

- нишондиҳандаҳои дараҷаи рушди бозори молиявӣ;

- нишондиҳандаҳои дараҷаи тараққиёти технологии мамлакат;

- инкишофёфта будани бозори дохилӣ (дараҷаи тараққиёти саноати ватанӣ, савдо, қобилияти харидорӣ);

- нишондиҳандаҳои дараҷаи рақобатпазирии корхонаҳо;

- нишондиҳандаҳои сатҳи иқтидори инноватсионӣ.

Рақобатпазирии ҷаҳонӣ ҳамон қадар баланд мебошад, ҳамон қадар холи гирифташуда баланд бошад. (100 хол - кишвари комилан рақобатпазир)[52].

---

[51] Шамсиев, К.Б. Финансово-кредитная и инвестиционная поддержка производственных и инновационных предприятий малого и среднего бизнеса [Текст] / К.Б. Шамсиев, С.Б. Ризоев // Известия Академии наук. Серия: Экономика. – Душанбе: Дониш, 2005. – №1. – С.17.

[52] Индекс человеческого развития [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://gtmarket.ru/ratings/human-development-index, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020

Муқоисаи Тоҷикистон бо кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АврӯОсиё ба ҳамбастагии роҳи таърихии онҳо вобаста аст (ҳамаи мамлакатҳо ҷумҳуриҳои собик ИҶШС мебошанд), кишварҳо мушкилот ва тамоюли рушди якхелаи иқтисодӣ доранд. Бонки рушди АврӯОсиё (БРА) дар ноил гардидан ба рушди иқтисодии кишварҳои узви ин ниҳоди молӣ мусоидат мекунад. Лоиҳаҳои аз ҷониби Бонки рушди АврӯОсиё маблағгузоришаванда оид ба рушди истеҳсолот, логистика, энергетика барои пайдоиши самараи фузунсозӣ (мултипликаторӣ) тавассути муттаҳид кардани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо робитаҳои гуногуни кооператсионӣ, бо фароҳам овардани такон дар рушди тамоми минтақа мусоидат мекунанд.

Нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузории дар боло тавсифшуда барои кишварҳои Бонки рушди АврӯОсиё, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ҳисоб карда шудаанд, аз ҷониби мо дар ҷадвали 1.9. ҷамъбаст карда шудааст.

**Ҷадвали 1.9. – Нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ, ки ба фазои сармоягузорӣ дар кишварҳои узви Бонки рушди АврӯОсиё дар солҳои 2020-2021 таъсир мерасонанд**

| Номи кишвар | Шохиси дарки коррупсия[53] | | Дар рейтинги кишварҳо аз рӯи сабукии бизнес ҷой гирифтан[54] | | Шохиси озодии иқтисодӣ[55] | | Шохиси ҷаҳонии рақобатпазирӣ [56] | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2020 | Соли 2021 |
| Армения | 35 | 42 | 47 | 48 | 67,1 | 67,7 | 61,3 | 61,5 |
| Беларус | 44 | 45 | 49 | 49 | 57,9 | 57,5 | 58,3 | 58,6 |

53 Рейтинг стран по уровню коррупции [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://take-profit.org/statistics/corruption-index/, кушода. Санаи муроҷиат 23.02.2022

54 Рейтинг стран мира по Индексу ведения бизнеса. Гуманитарная энциклопедия: Исследования. Центр гуманитарных технологий, 2006-2020 (последняя редакция: 27.06.2020) [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://gtmarket.ru/ratings/doing-business, кушода. Санаи муроҷиат 29.06.2020

55 Ҳамон ҷо.

56 Ҳамон ҷо.

***Идомаи ҷадвали 1.9.***

| Номи кишвар | Шохиси дарки коррупсия | | Дар рейтинги кишварҳо аз рӯи сабукии бизнес ҷой гирифтан | | Шохиси озодии иқтисодӣ | | Шохиси ҷаҳонии рақобатпазирӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2020 | Соли 2021 |
| Қазоқистон | 31 | 34 | 25 | 26 | 65,3 | 65,4 | 62,1 | 62,4 |
| Қирғизистон | 29 | 30 | 80 | 79 | 62,3 | 62,2 | 54,5 | 54,0 |
| Россия | 28 | 28 | 28 | 28 | 58,8 | 58,9 | 66,9 | 66,7 |
| Тоҷикистон | 25 | 25 | 106 | 105 | 55,5 | 55,6 | 52,3 | 52,4 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотномаи сомонаҳо тартиб дода шудааст. https://take-profit.org/statistics/corruption-index/ ; https://gtmarket.ru/ratings/doing-business ;

Аз маълумоти ҷадвали 1.9. метавон хулоса кард, ки шохиси пасттарини коррупсия дар байни кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дар Тоҷикистон мушоҳида шуда, дар солҳои 2020 ва 2021 бузургии устуворро нигоҳ доштааст. Нишондиҳандаҳои баландтарини коррупсия дар Беларус ва Арманистон мушоҳида мешаванд, ки дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2020 афзоиш ёфтааст.

Аз ҷиҳати сабукии пешбурди бизнес дар миёни кишварҳои мавриди назар Қазоқистон ва Россия дар ҷои аввал қарор доранд. Дар миёни кишварҳое, ки мавриди баррасӣ қарор доранд, пешбурди бизнес дар Тоҷикистон мушкилтар аст.

Баландтарин шохиси озодии иқтисодӣ дар солҳои 2018-2019 дар Арманистон ва Қазоқистон ва пасттарин - дар Тоҷикистон ва Беларус ошкор карда шудааст.

Баландтарин шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ дар миёни кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё дар Россия ва Қазоқистон ва пасттарин шохиси рақобатпазирӣ дар Тоҷикистон ва Қирғизистон муайян карда шудааст.

Ба қатори нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ, коршиносон шохиси рушди инсониро низ дохил мекунанд, ки нишондиҳандаи маҷмуӣ буда, рушди касбии шахсро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон тавсиф мекунад. Мувофиқи консепсияҳои иқтисодии классикӣ, инсон, қобилият ва меҳнати он ҳамчун воситаи афзун гардондани даромади миллӣ, ҳамчун муҳаррики пешрафти ҷамъиятӣ ҳисоб карда мешуданд.

Ҳангоми муқоисаи сифати зиндагӣ дар байни кишварҳо, ҷанбаҳои зерин муқоиса карда мешаванд:

- суръати рушди иқтисодӣ;
- сатҳи шуғл ва бекорӣ;
- тақсимоти даромадҳо;
- фаро гирифтани аҳолӣ бо таъминоти иҷтимоӣ ва хизматрасонии тиббӣ;
- муҳофизати муҳити зист ва истифодаи захираҳо.

Аз ин рӯ, таърифи васеътари консепсияи некӯаҳволӣ на танҳо ҷанбаҳои шуғл ва тақсими даромадҳо, балки дараҷаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зистро низ дар бар мегирад.

Ин нишондиҳандаҳо ба фазои сармоягузорӣ дар кишвар таъсир мерасонанд ва аз ҷониби сармоягузорони эҳтимолӣ ҳангоми қабули қарорҳо оид ба сармоягузорӣ омӯхта мешаванд.

Шохиси рушди инсонӣ ҳамасола аз ҷониби коршиносони СММ ва коршиносони мустақили байналмилалӣ ҳисоб карда мешавад. Шохиси рушди инсонӣ дастовардҳои ҳар як кишварро аз рӯи ҷанбаҳо, аз қабили вазъи саломатии аҳолӣ, имконияти гирифтани таҳсилот, мавҷудият ва андозаи даромади воқеии шаҳрвандон тавсиф мекунад. Шохиси рушди инсон аз рӯи се самт ҳисоб карда мешавад, лекин ҳар як соҳа аз рӯи шохиси муайян арзёбӣ карда мешавад:

- шохиси интизорбудаи давомнокии умр;
- шохиси дастрасии таҳсилот, ки дар асоси давраи миёнаи таҳсили кӯдакон ва калонсолон ҳисоб карда мешавад;

- шохиси даромади умумии миллӣ, ки арзёбии сатҳи зиндагии аҳолиро дар бар мегирад ва вобаста аз таносуби даромадҳо, хароҷот ва қобилияти харидории сокинони кишвар ҳисоб карда мешавад.

Дар расми 1.27. бузургии шохиси рушди инсонии кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё оварда шудааст [57].




**Расми 1.27. - Шохиси рушди инсонии кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар асоси маълумоти овардашуда қайд менамоем, ки баландтарин шохиси рушди инсон дар соли 2021 дар Россия (0,824) мушоҳида мешавад. Шохиси баланди рушди инсонӣ аз ҳисоби шаҳрҳои миллионнафара ва минтақаҳои мутараққӣ бо саноати нафту металлургӣ таъмин карда мешавад, ки ба онҳо рушди нисбатан мутавозин, фарогирии баланди аҳолӣ ба таҳсилот ва сатҳи нисбатан баланди нишондиҳандаҳои дарозумрӣ хос мебошанд.

---

[57]Индекс человеческого развития [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://gtmarket.ru/ratings/human-development-index, кушода. Санаи мурочиат 03.10.2020

Беларус ва Қазоқистон сатҳи якхелаи шохиси рушди инсонро (0,817) доро мебошанд. Рушди неруи инсонӣ дар ин кишварҳо бо афзоиши пай дар пай тавсиф меёбад, ки он дар муваффақиятҳо дар баланд бардоштани давомнокии ҳаёт ва таҳсилот зоҳир мешавад.

Пасттарин шохиси рушди инсонӣ дар Қирғизистон (0,674) ва Тоҷикистон (0,710) мушоҳида шудааст. Таҳлили ҷузъҳои шохиси рушди инсонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон дар сатҳи дастовардҳо дар таҳсилот ва тандурустӣ нисбат ба даромад ба ҳар сари аҳолӣ нишондиҳандаҳои баландтар дорад: аз рӯи сатҳи таҳсилот ва тандурустӣ Тоҷикистон ба гуруҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди таҳсилот (зиёда аз 80%), дарозумрӣ хуб (65-75 сол) шомил аст. Аммо аз рӯи ҳаҷми ММД ба сари аҳолӣ Тоҷикистон ба гуруҳи кишварҳои дорои сатҳи пасти рушди инсонӣ шомил аст[58].

Муҳимтарин шарти таъмини амнияти иқтисодӣ рушди иқтисодиёт мебошад. Амнияти сармоягузорӣ муҳимтарин намуди амнияти иқтисодӣ буда, сатҳи он аз рӯи дараҷаи таъмини равандҳои такрористеҳсолӣ дар маҷмуъ ҳам дар иқтисодиёт, яъне тавассути чунин нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ, ба монанди афзоиши ММД, суръати афзоиши таваррум ва вазъи тавозуни пардохт муайян карда мешавад.

Таҳлили додаҳои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ барои сармоягузори хориҷӣ ҳангоми қабули қарор оид ба дараҷаи хавфи фаъолияти сармоягузории худ ва эҳтимолияти ба даст овардани сатҳи пешбинишудаи фоидаи сармоягузорӣ муҳим аст. Аён аст, ки дар шароити бӯҳрони ноустувории иқтисодӣ ва ноустувории вазъи сиёсӣ, сармоягузор метавонад, на фақат фоида намегирад, балки маблағи гузоштаашро низ аз даст диҳад.

---

58 Comparing Business Regulation in 190 Economies [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://gtmarket.ru/files/research/doing-business/Doing_Business_ 2020.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 17.05.2020.

Таҳлили суръати рушди ММД, суръати рушди таваррум, вазъи тавозуни пардохтро дар асоси маълумотҳои таҳлилии Бонки рушди АвруОсиё[59] дар ҷадвали 1.10. мегузаронем.

**Ҷадвали 1.10. – Нишониҳандахои рушди иқтисодии кишварҳои аъзои Бонки рушди АвруОсиё** [60]

| Номи кишвар | Суръати рушди ММД, % | Суръати рушди таваррум, % | Тағйирёбии тавозуни пардохт, % ММД |
|---|---|---|---|
| Армения | 7,5 | 0,50 | 2,4 |
| Белорус | 1,0 | 0,88 | 2,9 |
| Қазоқистон | 4,3 | 0,50 | -1,5 |
| Қирғизистон | 6,1 | 1,4 | -0,5 |
| Россия | 1,1 | 0,63 | 3,9 |
| Тоҷикистон | 7,3 | 0,6 | -0,7 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмуаи таҳлилии Бонки рушди АвруОсиё тартиб дода шудааст.

Ҷадвали 1.10. нишон медиҳад, ки суръати баландтарини афзоиши ММД дар соли 2021 дар Арманистон ва Тоҷикистон мушоҳида шудааст. Рушди ММД-и Тоҷикистон аз Стратегияи миллии рушди кишвар барои солҳои 2016-2030 вобаста аст, ки дар он тадбирҳои табдил додани Тоҷикистон ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ пешбинӣ шудааст. Барои ин иқтидорҳои саноатӣ ва энергетикӣ сохта мешаванд. Содироти афзоиши ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлоқ пешбинӣ шудааст.

Пасттарин суръати рушди ММД дар Ҷумҳурии Беларус мушоҳида мешавад, зеро кӯшиши якҷоя кардани унсурҳои иқтисоди нақшавӣ бо механизми бозорӣ, рушди саноат дар заминаи моликияти давлатӣ, пахш кардани ташаббуси хусусӣ ва дахолати давлат ба фаъолияти иқтисодӣ, ба паст шудани самараи иқтисодиёт мусоидат мекунад.

---

[59] Аналитический сборник ЕАБР [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/upload/iblock/24a/EABR_Thematic_Report_11_2019_RU.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020

[60] Ҳамон ҷо.

Тағйирёбии тавозуни пардохти кишварҳо дар расми 1.28. нишон дода шудааст.




**Расми 1.28. – Тағйирёбии супоришномаи тавозуни кишварҳои Бонки рушди АвруОсиё**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Суръати баландтарини афзоиши тавозуни пардохт дар соли 2021 дар Россия ва Белорус мушоҳида шудааст. Касри тавозуни савдо дар Қазоқистон (-1,5% ММД) ба қайд гирифта шудааст, ки ин ба поин рафтани нархи молҳои асосии содиротии Қазоқистон алоқаманд аст; Қирғизистон (-0,5% ММД) ва Тоҷикистон (-0,7% ММД) аз ҳисоби коҳиши ҳаҷми содироти нахи пахта ва поин рафтани нархи алюминийи содиротӣ вобаста аст[61]. Ба қатори шохиси амнияти сармоягузории кишварҳо инчунин нишондиҳандаҳои рейтинги кредитии соҳибихтиёр дохил мешавад:рейтинги кредитии Moody's, рейтинги кредитии Standard & Poor's, рейтинги кредитии Fitch. Инҳо бузургтарин агентиҳои рейтингӣ мебошанд, ки дар тамоми ҷаҳон фаъолият мекунанд. Рейтинги кредитӣ баҳодиҳии қобилият ва омодагии кишвар, воҳидҳои молиявию ғайримолиявии он барои баргардонидани ӯҳдадориҳои қарзии худ тибқи шарту шароитҳо ва муҳлатҳои дар созишномаҳо инъикосшуда мебошад.

[61] Сайт Международного валютного фонда [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.imf.org/external/index.htm, кушода. Санаи муроҷиат 03.11.2021

Аксар вақт, рейтингҳои кредитиро сармоягузорон истифода менамоянд, ки онҳо дар арзёбии хавфи қарзӣ ва муқоисаи эмитентҳои гуногун ва воситаҳои гуногуни қарзӣ ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ кӯмак мекунанд.

Бонкҳои сармоягузорӣ низ рейтинги кредитиро ба сифти замина барои муайян кардани сатҳи нисбии хавфи қарзӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои гуногуни қарзӣ ва инчунин барои муқаррар кардани нархи ибтидоӣ ба абзори қарзие, ки онҳо ташкил медиҳанд ва муайян кардани сатҳи меъёри фоизе, ки барои он талаб кардан мумкин аст, истифода мебаранд.

**Ҷадвали 1.11. - Рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё**

| Номи кишвар | Рейтинги кредитии Moody's | | Рейтинги кредитии Standard & Poor's | | Рейтинги кредитии Fitch | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | Ba3/Stable | Ӯҳдадориҳои ҳаннотӣ, хавфи кредитии назаррас | н/д | - | BB-/Stable | Осебпазирии баланд ба хавф. Чандирӣ вуҷуд дорад, ки имкони нигоҳ доштани пардохтпазириро медиҳад |
| Беларус | B3/Stable | Ӯҳдадориҳои ҳаннотӣ, хавфи кредитии назаррас | B/Stable | Гирифторшаванд агии баланди хавф, гарчанде ки ӯҳдадориҳо дар айни замон иҷро карда мешаванд | B/Stable | Хавфи назарраси дефолт. Мавҷудияти захираи маҳдуди бехатарӣ. |
| Қазоқистон | Baa3/ Positive | Ӯҳдадориҳои эътимоднокии миёна, хавфи кредитии муътадил | BBB-/ Stable | Қобилияти кофӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои молиявӣ, ҳассосият ба таъсири конъюнктураи номусоид | BBB/ Stable | Қобилияти пардохтпазирии хуб, аммо эҳтимоли бад шудан вуҷуд дорад |
| Қирғизисто н | B2/Stable | Ӯҳдадориҳои ҳаннотие, ки ба хавфи баланди кредитӣ дучор мешаванд | н/д | - | н/д | - |

*Идомаи ҷадвали 1.11.*

| Номи кишвар | Рейтинги кредитии Moody's | | Рейтинги кредитии Standard & Poor's | | Рейтинги кредитии Fitch | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Россия | Baa3/Stable | Ӯҳдадориҳои эътимоднокии миёна, хавфи кредитии муътадил | BBB-/ Stable | Қобилияти кофӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои молиявӣ, ҳассосият ба таъсири конъюнктураи номусоид | BBB/Stable | Қобилияти пардохтпазирии хуб, аммо эҳтимоли бад шудан вуҷуд дорад |
| Тоҷикистон | B3/Negative | Ӯҳдадориҳои ҳаннотие, ки ба хавфи баланди кредитӣ дучор мешаванд | B-/ Stable | Гирифторшаванд агии баланди хавф, гарчанде ки ӯҳдадориҳо дар айни замон иҷро карда мешаванд | н/д | - |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмуаи таҳлилии БРА тартиб дода шудааст. https://eabr.org/upload/iblock/24a/EABR_Thematic_Report_11_2020_RU.pdf

Мутахассисони агентиҳои бонуфузи ҷаҳонӣ рейтинги кредитии Қазоқистон ва Россияро ҳамчун сармоягузорӣ тавсиф мекунанд. Рейтингҳои кредитии кишварҳои боқимондаи узви БРА ба гуруҳи ҳаннотӣ дохил мешаванд, ки осебпазирии баланд дар ҳолати конюктураи номусоиди иқтисодӣ доранд. Дар кишварҳо эҳтимоли дефолт вуҷуд дорад ва дар сурати ба вуҷуд омадани конъюнктураи номусоиди молиявии байналмилалӣ (масалан, ҷорӣ кардани таҳримҳо), ҳар гуна ҳолатҳои фавқулоддаи ғайричашмдошт, ҳукумати кишвар иқтисодиёт ва молияи мамлакатро ҳифз карда наметавонад. Ин вазъият барои сармоягузорон хавфи зиёд дорад. Рейтингҳои кредитии кишварҳо бузургии доимӣ намебошад: онҳо вобаста ба омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар дохили кишвар амал мекунанд, баланд ва паст мешаванд.

Дар натиҷаи таҳлили динамикаи тағйироти бузургиҳои рейтингӣ метавон оид ба вобастагии зичи иқтисодиёти кишварҳое муҳокимаронӣ кард, ки онҳо умумияти минтақавӣ, иқтисодӣ ё таърихиро доро мебошанд, ҳамчун давлатҳои БРА, ки динамикаи рейтинги мустақили онҳо тамоюлҳои умумӣ доранд.

Ҳамин тариқ, истифодаи рейтингҳои кредитии мустақил барои ҳадафҳои арзёбии вазъ дар кишвар, аз нуқтаи назари банақшагирии сармоягузорӣ комилан қобили қабул аст. Бузургии рейтинг баҳои умумии устувории иқтисодии давлат ва самаранокии фаъолияти институтҳои онро медиҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ногузир масъала оид ба тағйир додани шаклҳои ҷойдошта ва пайдо шудани шаклҳои нави институтсионализатсияи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ба миён меояд. Ин тамоюл ба шаклҳои гуногуни робитаҳои байни кишварҳое, ки ба раванди ҳамгироӣ ҷалб гардидаанд, дахл дорад. Дар ин бобат олимон институтҳои зеринро ҷудо мекунанд (расми 1.29.).




**Расми 1.29. – Намудҳои институтҳои давлат дар ҷаҳони глобализатсияшуда**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тамоюлҳое хоси таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳон, оид ба афзоиши унсурҳои институтсионалие, ки масъули равандҳои эҷод ва

татбиқи оммавии технологияҳои инноватсионӣ буда, ба таъмини бартариятҳои рақобатии техникӣ ва технологии кишвар нигаронида шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Ҳадафи донорҳои сармоягузорӣ дар шахсияти ширкатҳои фаромиллӣ ин забт кардани бозорҳои нав барои зиёд кардани ҳаҷҷи фурӯши корпоратсия бо мақсади зиёд кардани фоидаи пешбинишуда мебошад.

Ҳамин тариқ, амнияти сармоягузориро дар раванди сармоягузории хориҷӣ ҳамчун як звенои муҳими амалӣ намудани маҷмӯи тамоми амалҳо оид ба ҳифзи амнияти иқтисодии давлат тавсиф кардан мумкин аст. Дар методикаи аз ҷониби мо баррасӣ гардида, амнияти сармоягузорӣ бо истифода аз арзёбии коршиносон бо дарназардошти бузургии интегралии ин нишондиҳанда муайян карда мешавад.

Масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мо дар раванди интернатсионаликунонии робитаҳои хоҷагӣ муайян кардем, дида мебароем. Ҷузъҳои шохиси амнияти сармоягузориро, ки Бонки Ҷаҳонӣ дар асоси таҳлили зиёда аз бист нишондиҳандаи марбут ба фаъолнокии сармоягузорӣ, фазои сармоягузорӣ, вазъи кунунии рушди иқтисодии кишварҳо, хавфҳои сармоягузорӣ ва интизориҳои сармоягузорон таҳия кардааст ва мо барои тавсифи амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардем, баррасӣ мекунем.

Воридоти софи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 2019 то ба 17,1 миллион доллар коҳиш ёфт. Қисми зиёди сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Тоҷикистон аз Чин ворид мешавад. Тоҷикистон ба мисли аксари кишварҳои БРА (ба истисноӣ Россия ва Қазоқистон) асосан сармоягузориро бидуни доштани захираҳои кофии сармоягузорӣ барои содироти онҳо ворид мекунад.

Суръати афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар соли 2019 дар Тоҷикистон 8% коҳиш ёфт. Поинтарин шохиси коррупсия дар миёни кишварҳои узви БРА дар Тоҷикистон мушоҳида шуда, дар солҳои 2018 ва 2019 бузургии муътадилро нигоҳ доштааст. Бо баробари ин, Тоҷикистон

дар муқоиса бо дигар кишварҳои узви БРА шохиси пасти рақобатпазирии ҷаҳонӣ дорад.

Ҷузъҳои шохиси рушди инсонро мавриди омӯзиш қарор дода, бояд қайд кард, ки Тоҷикистон дар сатҳи дастовардҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ нисбат ба даромад ба ҳар сари аҳолӣ нишондиҳандаҳои баландтар дорад: Тоҷикистон аз ҷиҳати сатҳи таҳсилот ба гуруҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди таҳсилот шомил шуда, аз ҷиҳати давомнокии умр аз бисёр кишварҳои БРА дар пеш аст. Аммо аз рӯи ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ, кишвар дар гуруҳи камбизоатон қарор дошта, аз дигар кишварҳои минтақа қафо мондааст.

Дар натиҷа, аз рӯи бисёр ҷузъҳои шохиси амнияти сармоягузорӣ Тоҷикистон нишондиҳандаҳои нисбатан пасттар, назар ба аксари кишварҳое, ки ба БРА шомиланд, дорад.

### 1.4. Нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Татбиқи сиёсати оқилонаи ҷалби сармояи хориҷӣ дар назди давлат масъалаҳоии зиёдеро вобаста ба беҳтарнамоии фазои иҷтимоию иқтисодӣ, рушди шабакаи машваратӣ ва муайян намудани соҳаҳое, ки ба сармоягузорӣ ниёз доранд, ба миён меорад. Ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар рақобатпазирии ин кишварро дар бозори сармоя афзоиш медиҳад.

Арзиши аслии пасти омилҳои истеҳсолӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ боиси баланд шудани фоиданокии сармоягузориҳо дар ин кишварҳо дар муқоиса бо сармоягузорӣ ба иқтисоди кишварҳои мутараққӣ мегардад. Масалан, дар Тоҷикистон, ки музди меҳнат (дар муқоиса бо сатҳи ҷаҳонӣ) паст аст, кадрҳои соҳибихтисос, нархҳои паст ба чунин захираҳои истеҳсолӣ, аз қабили мавод, об ва нерӯи барқ, ҳангоми ташкили дурусти меҳнат ва роҳандози гардидани сармоягузорӣ сармоягузорони хориҷӣ фоидаи хеле баланд мегиранд. Бо вуҷуди ин, дар кишварҳои рӯ ба

тараққӣ хавфи хеле баланди сармоягузорӣ дар робита бо ноустувории сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷой дорад[62].

Дар бозорҳои рушдёбанда сармоягузори хориҷӣ бо се гурӯҳи хавфҳо дучор мешавад:

- хавфҳои сиёсие, ки бо мавҷудияти дахолати назарраси давлат ба фаъолияти ширкатҳо алоқаманданд: ногаҳонӣ ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои ҷиддӣ, гузоштани талаботҳои нав ба фаъолияти ширкатҳо;

- хавфҳои иқтисодӣ: бозорҳои рӯ ба тараққӣ аксар вақт аз нарасидани қувваи корӣ ва ашёи хом, таваррум ё дефлятсияи баланд, бозорҳои танзимнашаванда ва сиёсати асоснокнабудаи пулию қарзӣ азият мекашанд;

- хавфҳои асъорӣ - арзиши асъорҳои бозорҳои рушдёбанда нисбат ба доллар метавонад хеле ноустувор бошад; тағйирёбии қурби асъор метавонад фоидаи сармоягузорро хеле кам кунад.

Мониторинги гузаронидаи ЮНКТАД дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид нишон дод, ки баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ монеаҳои вуруди сармоягузоронро ба бозорҳои миллӣ коҳиш дода, сармоягузорони хориҷиро ба бозорҳои дохилӣ ҷалб менамоянд. Коҳиши монеаҳо метавонад ба таври якҷониба (соддагардонии қонунгузории сармоягузории кишвар, татбиқи низомҳои сармоягузорӣ) ва бисёрҷониба (имзои созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ, манъи андозбандии дукарата) амалӣ карда шавад.

Лағви як қатор маҳдудиятҳо барои сармоягузорон дар қонунгузории сармоягузории Тоҷикистон бо муҳимияти сармоягузории хориҷӣ ҳамчун манбаи молиякунонии дарозмуддати рушди иқтисодӣ шарҳ дода мешавад.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар пешбурди рушди иқтисодӣ дорои бартариҳои зерин мебошад: ҳаҷми субсидияҳои зарурии давлатиро кам мекунад, барои истифодаи маблағҳое, ки барои навсозии

[62] Ходжаев, Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Ходжаев Хасан Ашурович. – Худжанд, 2011. – С.96.

корхонаҳо пешбинӣ шудаанд, мусоидат мекунад. Воридгардии сармоягузории хориҷӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар иқтисодиёт, навсозии истеҳсолот ва афзоиши фоидаи корхонаҳо мусоидат мекунад.

Дар расми 1.30. динамикаи рушди воқеии ММД дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2021 нишон дода шудааст.[63]




**Расми 1.30. - Динамикаи рушди воқеии ММД дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Аз расми 1.30. дида мешавад, ки дар соли 2021 афзоиши воқеии ММД назаррас буда, бузургии баландтаринро дар тамоми давраи солҳои 2010-2021 нишон медиҳад. Дар соли 2020 афзоиши ММД дар робита бо паст шудани рушди иқтисодиёт дар тамоми ҷаҳон, ки ба пандемияи COVID-19 алоқаманд буд, коҳиш ёфт.

Соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ омилҳои асосии рушди иқтисодӣ аз тарафи пешниҳод буданд. Дар мавриди талабот бошад, афзоиши иқтисодиёт аз ҳисоби фаъол шудани талабот дар бозори дохилӣ дастгирӣ ёфт. Касри ҳисоби амалиёти ҷорӣ то 7% ММД дар нимаи аввали соли 2019 дар муқоиса бо 11% ММД дар соли 2018 дар робита бо кам шудани тавозуни савдо паст шуд.

[63] Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.stat.tj/ru, кушода. Санаи муроҷиат 12.11.2021

Таъсири сармоягузориҳои хориҷиро ба бузургии ММД мавриди баррасӣ қарор дода,, қайд менамоем, ки ҳангоми зиёдшавии ММД ҷойҳои корӣ ба вуҷуд оварда мешаванд ва иқтисодиёт метавонад шоҳиди суръати нисбатан баланди рушди иқтисодӣ гардад. Чунин муҳит барои сармоягузорони эҳтимолӣ ҷолиб мегардад. Агар сармоягузорон ба кишвар сармоягузорӣ кунанд, пас сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз ҳисоби афзоиши ММД афзоиш меёбанд. Дар сурати паст шудани ММД акси ин ба вуҷуд меояд.

Илова бар ин, афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ метавонад ММД-и кишварро тавассути тавсеаи имкониятҳои шуғл ва зиёдшавии эҳтимолии ҳаҷми истеҳсолот ё хизматрасониҳо афзоиш диҳад.

Дар солҳои 2019-2020 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон коҳиш ёфт. Бештар ин тамоюл дар саноати истихроҷи маъдан ва коркард ва дар бахши хизматрасонӣ зоҳир гардид. Ҳаҷми маблағҳои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои нав дар соли 2019 14% коҳиш ёфта, 720 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод.




**Расми 1.31. - Даромаднокии воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, %**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси махзани маълумоти ХБА оид ба тавозуни пардохт

Аз расми 1.31. бармеояд, ки ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон мунтазам меафзояд, сармоягузориҳо дар фаъолияти хоҷагии ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Мавҷудияти чунин тамоюлҳо кишварҳоро водор мекунад, ки таъсирбахшии воситаҳои сиёсати сармоягузории худро мутобиқ ба талаботи муосир назорат кунанд. Воситаҳои сиёсати сармоягузорӣ, ин тағйир додани самти ҳавасмандиҳои сармоягузорӣ, ташкил ё замонависозии минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, истифодаи воситаҳои тамоман нави ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва таҳияи механизмҳои гуногуни санҷиши (озмоиши) сармоягузории хориҷӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар давоми даҳ соли охир, СМХ устувортарин механизми рушди иқтисодӣ ба сифати манбаи маблағгузории беруна барои бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ буд. Ҳамаи мамлакатҳои рӯ ба тараққиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамоем, ки дар миёни қабулкунандагони сармоягузорӣ ҳиссаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ 39%-и ҳаҷми умумии маблағҳои сармоягузориро ташкил медиҳад, аммо дар кишварҳое, ки дар рушди иқтисодӣ хеле ақиб мондаанд, ин нишондод ҳатто ба 25% намерасад[64].

Дар соли 2020 соҳаи асосии пешбарандаи рушди Тоҷикистон аз рӯи маълумотҳои оморӣ соҳаи саноат мебошад. Афзоиши назарраси ММД-ро, мувофиқи маълумоти ББТР, чунин соҳаҳо, аз қабили истихроҷи маъдан (25,2%), энергетика (24,7%), озуқаворӣ (19,5%), сохтмон (10%), пахтакорӣ (5,5%), истихроҷи ангишт (1,2%), истихроҷи нафту газ (0,6%) таъмин кардаанд (расми 1.32.).

Мувофиқи пешгӯиҳо, касри ҷории тавозуни пардохт фақат каме, аз 5% дар ММД дар соли 2020 то 4% дар ММД то охири соли 2021 коҳиш ёфтааст, ки он афзоиши содироти нерӯи баркро аз ҳисоби барқарор

---

64 Доклад о мировых инвестициях, 2018 год. Основные тезисы и обзоры [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2018_overview_ru.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 23.05.2020

намудани пайвастшавии системаи энергетикии Тоҷикистон ба системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ инъикос менамояд.




**Расми 1.32. – Истеҳсоли маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тибқи таҳқиқоти олимони мактаби бизнеси Ҳарвард[65], ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои истихроҷ (ё бахши ибтидоии иқтисод) ба рушди иқтисодиёт таъсири манфии бештар мерасонад, ки бо содироти ашёи хоми коркарднашуда аз кишвар алоқаманд аст. Сармоягузорӣ ба соҳаҳои коркард (бахши дуюмдараҷаи иқтисод) - ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷалби сармоягузорӣ ба бахши хизматрасонӣ (бахши сеюми иқтисод) ба назари коршиносон ба рушди иқтисодӣ таъсири номуайян дорад.

Барои муайян кардани таъсири нақши СМХ ба сатҳи рушди иқтисодӣ, мо модели эконометрикиро тартиб медиҳем, ки вобастагии эконометрикиро аз ҳиссаи СМХ дар ҳаҷми ММД ва суръати рушди иқтисодӣ ба назар мегирад.

65 Alfaro Laura. Foreign Direct Investment and Growth: Does the Sector Matter? [Манбаи электронӣ] / Laura Alfaro. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.grips.ac.jp/teacher/oono/hp/docu01/paper14.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 01.11.2020

**Ҷадвали 1.12. - Ҳаҷм ва динамикаи сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | с 2013 | с 2014 | с 2015 | с 2016 | с 2017 | с 2018 | с 2019 | с 2020 | с 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | 391,4 | 341,1 | 377,4 | 470,9 | 434,2 | 354,5 | 348,2 | 331,1 | 330,4 |
| X1 | 52,3 | 33,8 | 41,4 | 48,0 | 51,4 | 31,8 | 30,6 | 30,1 | 30,6 |
| X2 | 7,5% | 7,4% | 6,7% | 6,0% | 6,9% | 7,1% | 7,0% | 7,5% | 8,7% |
| X3 | 5,2 | 4,1 | 4,4 | 6,8 | 6,3 | 5,1 | 4,9 | 4,6 | 4,8 |

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф

Нишондиҳандаи натиҷадиҳанда: У - ҳачми СМХ, млн. доллар.

Омилҳое, ки аз нишондиҳандаҳои натиҷадиҳанда вобастаанд:

X1 – ҳиссаи СМХ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ, %

X2 – рушди иқтисодӣ (афзоиши воқеии ММД), %

X3 – ҳиссаи СМХ ба ММД, %

Ҳисобҳоро бо истифода аз барномаи Stata 14 ба амал мебарорем (расми 1.33.). Ҳамаи коэффитсиентҳо дар сатҳи аҳамияти 5% муҳиманд, модел дар маҷмӯъ муҳим аст ва аъзои озод аз ҷиҳати оморӣ муҳим ва боэътимод намебошад.

```
reg var1 var2 var3 var4

      Source |       SS           df       MS      Number of obs   =         8
-------------+----------------------------------   F(3, 4)         =     32.06
       Model |  16266.4359         3  5422.14529   Prob > F        =    0.0029
    Residual |  676.439117         4  169.109779   R-squared       =    0.9601
-------------+----------------------------------   Adj R-squared   =    0.9301
       Total |   16942.875         7  2420.41071   Root MSE        =    13.004

------------------------------------------------------------------------------
        var1 |      Coef.   Std. Err.      t    P>|t|     [95% Conf. Interval]
-------------+----------------------------------------------------------------
        var2 |   1.258248   .8013987     1.57   0.191    -.9667912    3.483288
        var3 |     .48315   11.23478     3.34   0.029     68.67589    6.290408
        var4 |     .51472   8.346434     4.26   0.013      12.3413    58.68813
       _cons |   415.3333   85.30874     4.87   0.008     178.4782    652.1883
------------------------------------------------------------------------------
```

**Расми 1.33. – Ҳисобҳо бо истифода аз барномаа Stata14**

**Сарчашма* Таҳияи муаллиф.**

Дар натиҷаи ҳисобҳо муодилаи регрессионии сершумор ба даст омад:

$$У=1,25X1+0,483X2+0,514X3 \quad (1)$$

Омилҳоеро, ки ба нишондиҳандаи натиҷадиҳанда таъсир мерасонанд, шарҳ медиҳем:

- ҳангоми афзоиши ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 1 млн. доллари ИМА ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ба 1,25 фоиз меафзояд;
- ҳангоми афзоиши ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 1 млн. доллари ИМА рушди воқеии ММД ба 0,483 фоиз меафзояд;
- ҳангоми афзоиши ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 1 млн. доллари ИМА ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ММД 0,514 фоиз меафзояд.

Аз ин рӯ, модели таҳиякардаи мо нишон медиҳад, ки афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар равандҳои хоҷагии ҷаҳонӣ иштирок мекунад, ба афзоиши ММД-и воқеӣ мусоидат мекунад.

Ба ҷузъи асосии фазои сармоягузорӣ, олимон танзимнамоии қонуниро мансуб медонанд, ки дар ҳаёт фаъолияти механизми ҳуқуқии кафолатҳои давлатиро барои сармоягузорон амалӣ менамояд. Танзимнамоии қонунӣ ба сармоягузор кафолатҳое медиҳад, ки хавфҳои ӯро ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ коҳиш медиҳанд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба ҷуброни зиён мусоидат мекунанд. Барои иқтисодиёти миллӣ, танзимнамоии қонунӣ дастрасиро ба бозори ҷаҳонии сармоя имконпазир мекунад.

Дар тамоми кишварҳое, ки сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб мекунанд, ки дар байни онҳо кишварҳои пешрафта, рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои иқтисодашон дар марҳилаи гузариш ҳастанд, дар раванди танзимнамоии қонунии сармоягузорӣ аз воситаҳои ҳуқуқии низомҳои байналмилалӣ ва миллӣ истифода мебаранд. Дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ

ва татбиқи васеи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ шумораи бештари давлатҳо барои ҳимояи сармоягузорон аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ истифода мекунанд.

Сарфи назар аз муҳимияти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ хурд (андак) аст, зеро то ҳол ҷалби ҳаҷми зарурии сармоягузориҳо барои рушди устувори иқтисодиёт ба даст наомадааст.

Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР) – ин созмони глобалии рушд аст, ки 189 кишвари узв шариксоҳиби он мебошанд. Ҳамчун бузургтарин бонки рушд дар ҷаҳон, саҳми ББТР дар татбиқи рисолати Гурухи Бонки Ҷаҳонӣ аз пешниҳоди қарзҳо, кафолатҳо, маҳсулоти идоракунии хавфҳо ва хизматрасониҳои машваратӣ ба ҳукуматҳои кишварҳои даромади миёнадошта ва инчунин кишварҳои пардохтпазир бо сатҳи даромади паст иборат аст.

Илова бо додани қарз, ББТР инчунин, маҳсулоти молиявиро пешниҳод мекунад, ки онҳо ба маблағгузории самараноки барномаҳои рушди кишварҳои қарзгир, ҳамзамон, идоракунии хавфҳои асъорӣ, фоизӣ, биржавӣ ва хавфҳои марбут ба офатҳои табиӣ мусоидат мекунанд.

ББТР ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ қарз медиҳад, ки қобилияти пардохти фоизи наздик ба меъёрҳои бозориро надоранд. Бонк ба ин кишварҳо нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизи камтар ва ба мухлати дарозтар қарз медиҳад.

Дар соли 2021 ББТР ҳаҷми зерини қарзҳои мустақил, кӯмакҳои техникӣ ва грантҳоро ба кишварҳо ба таври зайл ҷудо намуд. (расми 1.34.).

Кишвари пешсаф аз рӯи ҷалби маблағгузории мустақил аз ББТР дар ИДМ Қазоқистон ба ҳисоб меравад, ки тавонистааст маблағгузории муштаракро аз БОСИ (Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ) ва Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ба кишвар барои сиёсати коҳиш додани оқибатҳои манфии пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёт ҷалб намояд. Бо

ҳамин мақсад БОР ҷиҳати коҳиш додани оқибатҳои номусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоии пандемияи COVID-19 ба Тоҷикистон грантро тасдиқ кард. Дар назар аст, ки аз ҳисоби ин грант маблағгузории тадбирҳои ҳукумат оид ба таҳкими низоми тандурустӣ, тавсеаи кумаки иҷтимоӣ ба табақаҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи бизнеси хурд ба роҳ монда шавад[66].




**Расми 1.34. – Сохтори кишварии қарзҳои тасдиқшуда, кумакҳои техникӣ ва грантҳо**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дарҳол пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, дар тафовут аз дигар кишварҳое, ки гузариши нисбатан муътадил аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ доштанд, Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор шуд. Дар натиҷаи рисолати нахустин баъд аз он, ки Тоҷикистон ба узвияти расмии ба Бонки Ҷаҳонӣ пазируфта шуд, барқарорсозии иқтисодиёти он баъд аз амалиёти ҷангӣ мебошад. Соли 1997 Тоҷикистон

---

[66] Макрообзор ЕАБР за 2020 г. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/analytics/ceg-quarterly-reviews/aprel-2020-obnovlennyy-prognoz/, кушода. Санаи муроҷиат 15.10.2020

қарзро дар ҳаҷми 10 миллион доллар барои Лоиҳаи барқарорсозии пас аз низоъ гирифт. Қарзи пешниҳодгардида барои анҷом додани воридоти зарурӣ ва барқарор кардани истеҳсолот истифода карда шуд. Дар давраҳои мухталиф Бонки Ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон барои ҳалли масоили мухталиф ҳамкорӣ карданд.

Ҳадафҳои асосии ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад, ки фаъолияти онҳо сатҳи зиндагии аҳолиро баланд, ба рушди низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Бонки Ҷаҳонӣ молиякунонии иловагии грантиро барои Марҳилаи дуюми лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак дар Тоҷикистонро тасдиқ намуд. Аз ҳисоби ин маблағ молиякунонии таъмири 6 агрегати НБО-и Норак, азнавсозии пули гузариш дар Норак ва таъмири асосии бинои НБО-и -и Норак амалӣ гардонида мешавад.

Мақсадҳои сармоягузорони хориҷиро ҳангоми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон баррасӣ мекунем (расми 1.35.).




**Расми 1.35. – Гуруҳи мақсадҳои сармоягузорони хориҷӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Сармоягузор ба иқтисоди кишвари дигар сармоягузорӣ намуда, нақшаи васеъ кардани бозори фурӯши маҳсулот ё хизматрасониро дорад. Барои ин мақсад сармоягузор маълумотро оид ба иқтидори потенсиалии

бозори фурӯши маҳсулот, қобилияти харидории аҳолӣ, суръати рушди иқтисодиёт ва дурнамои рушди ҳамин навъи бизнес ҷамъоварӣ менамояд.

Минбаъд, сармоягузори потенсиалӣ имкони баланд бардоштани самаранокии истеҳсолотро бо роҳи кам кардани хароҷот ба истеҳсолот то бузургии камтарини имконпазир баҳодиҳӣ мекунад, ки он бо зарурати баланд бардоштани ҳосилнокӣ алоқаманд аст[67].

Ба сифати лаҳзаи мусбат дастрасӣ ба сарчашмаҳои ашёи хомро сармоягузори потенсиалӣ ба назар гирифта, имкони дастрасӣ ба захираҳои табиӣ ва канданиҳои фоиданокро дар қаламрави кишвари қабулкунандаи сармоягузорӣ баҳогузорӣ мекунад. Таърихан ин мақсади сармоягузорони хориҷӣ авлавияти баландтарин буд, зеро то миёнаҳои асри XX-ум беш аз нисфи сармояҳои хориҷӣ ба истихроҷи маъдан сармоягузорӣ мешуд. Дар охири асри XX дар робита ба рушди истеҳсолот ва сармояи инсонӣ ҳиссаи сармоягузорӣ ба истихроҷи маъдан 15-17%-ро ташкил дод[68].

Вобастагии мутақобилаи ҳаҷми маблағҳои сармоявӣ ва рушди иқтисодии кишвари қабулкунандаи сармоя бо истифода аз усулҳои гуногуни эконометрикӣ муайян карда мешуданд. Маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки хулоса оид ба ҷой доштани таъсири мусбии сармоягузории мустақими хориҷӣ ба рушди иқтисодии кишвари қабулкунандаи сармоя, ба афзоиши минбаъдаи ҳаҷми сармоягузории миллӣ ба сармояи асосӣ баровarда шавад. Сарфи назар аз тамоюли мушоҳидашуда, натиҷаҳои ҷалби сармоягузориҳо асосан аз рӯи хусусиятҳои кишвар, яъне омилҳои зерин муайян карда мешаванд:

- сиёсати иқтисодии давлатӣ;
- сатҳи рушди бозори молиявии мамлакат;
- сатҳи рушди технологии мамлакат;

---

[67] Марупов, Д.М. Оценка инвестиционного климата и условий привлечения инвестиций организациями Республики Таджикистан [Текст] / Д.М. Марупов // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – №6. – С.12.

[68] Доклад о мировых инвестициях, 2020 год. Основные тезисы и обзоры [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2020_overview_ru.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 20.01.2021

- сифати сармояи инсонии кишвар.

Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба кишвар ва тағйирёбии рушди иқтисодии он ба ҳамдигар вобаста буда, метавонанд ҳамдигарро тақвият диҳанд, ки ба туфайли он ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ катализатор-фузунсози институтсионалии махсус ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими раванди ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ маҷмуи тадбирҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи кушодии иқтисодиёти кишвар амалӣ намуд. Дар байни тадбирҳои мавриди баррасӣ мавқеи муҳим ба ҳавасмандгардонии содирот, рушди дастрасии нақлиёт ва инфрасохтори иҷтимоӣ, яъне омилҳое, ки ҷолибияти сармоягузории Тоҷикистонро афзоиш медиҳанд, дода мешавад.

Ҳамин тариқ, мо ҳадафи идоракунии сармоягузории хориҷиро дар он бахшҳои иқтисодиёт таҳия кардем, ки рушди онҳо ба афзун шудани иқтидори истеҳсолии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Модели эконометрикии ҳисобкардаи дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба кишвар ба баландшавии рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

## Хулосаҳо оид ба боби якум

Глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ иқтисодиёти миллии мамлакатҳои гуногунро ба раванди ягонаи такрористеҳсолкунии ҷаҳонӣ ҷалб менамояд. Ҳамгироии минтақавӣ ҳамзамон дар баробари ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад, аммо ҳамчунин ба таҳкими раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат намуда, кишварҳои ба гуруҳи минтақавӣ дохилшударо ба сатҳи баланди ҷаҳонишавӣ омода месозад.

Ба ақидаи бисёре аз олимон, раванди институтсионализатсия дар иқтисоди ҷаҳонӣ дар ҳоли ҳозир аз сабаби мавҷудияти тағйироти бунёдӣ дар арсаи байналмилалӣ, ки ба сустшавии суръати рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, сатҳи баланди хароҷоти трансаксионии марбут ба коррупсия ва рафтори

оппортунистӣ алоқаманд мебошанд, шиддат гирифта истодааст. Ҳамаи ин омилҳо ба инкишофи равандҳои ҳамгироӣ таъсири калон мерасонанд.

Бо назардошти таҳдидҳо ва хавфҳои сармоягузорие, ки ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хосанд, мо метавонем хулосаҳои зеринро барорем.

Дар солҳои 2014-2018 тамоюли устувори афзоиши карзи давлатӣ мушоҳида карда шуд. Сарфи назар аз тамоюли як андоза беҳтар шудани сохтори он дар соли 2019-2021, хавфҳои афзоиши сарбории қарз баланд боқӣ мемонанд, ки бо мавҷудияти ҳиссаи баланди қарзи хориҷӣ дар асъори хориҷӣ, суст шудани қурби асъори миллӣ алоқаманд мебошанд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили адабиёти илмӣ амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳим дар татбиқи маҷмуи тамоми чорабиниҳо оид ба ҳифзи амнияти иқтисодии давлат тавсиф меёбад. Дар методикаҳои, ки мо баррасӣ кардем, амнияти сармоягузорӣ бо истифода аз арзёбии коршиносон бо назардошти бузургии интегралии ин нишондиҳанда муайян карда мешавад.

Ҳисобҳои гузаронида нишон медиҳанд, ки аз рӯи аксари ҷузъҳои шохиси амнияти сармоягузорӣ Тоҷикистон нишондиҳандаҳои нисбатан пасттарро назар ба бештари кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё дорад.

Зарурати рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба фазои сармоягузории ҷаҳонӣ ба миён меорад. Барои ин баҳогузорӣ ва ба ҳисобгирии тамоми омилҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ (сохтори иқтисодиёт, иқтидори илмию техникӣ, рушди сармояи инсонӣ) зарур аст.

Барои таъмини ин шароит талаб карда мешавад, ки маҷмуи тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ, андозӣ, буҷетӣ, дар соҳаи татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирӣ ва устувории фаъолияти соҳибкорӣ, дар соҳаи беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар амалӣ карда шаванд.

# БОБИ 2. ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ: МУНОСИБАТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

## 2.1. Танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои мутараққии саноатӣ

Масъалаи танзими фаъолияти сармоягузорӣ давра ба давра дар назди ҳукуматҳои давлатҳои гуногуни ҷаҳон ба миён меояд, ки он бо зарурати танзими фаъолнокии иқтисодӣ дар дохили кишвар, гирифтани пеши роҳи ҳукмронии монополияҳо ва ҳамзамон, иштирок дар блокҳои ҳамгирои байналмилалӣ алоқаманд аст.

Тадбирҳои танзими фаъолияти сармоягузориро, ки дар мамлакатҳои мутараққии саноатӣ истифода мешаванд, дида мебароем.

Дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон (ҶФО) мақомоти махсуси танзими сармоягузории хориҷӣ вуҷуд надорад. Танзими сармоягузорӣ ва амалиёти асъорӣ дар асоси қонун «Дар бораи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ» амалӣ карда мешавад. Ҳама гуна пулгузарониҳои байналмилалӣ метавонад, бидуни маҳдудияти ҳаҷм аз ҷониби ҳар шахс бо ҳар асъор анҷом дода шавад.

Қонун «Дар бораи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ» ба ҳукумати ҶФО ваколати танзим кардани робитаҳои иқтисодии беруниро дода, ҳуқуқ медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳои пешбининамудаи қонун фаъолияти баъзе моддаҳои Қонуни мазкур, махсусан моддаҳои танзими сармоягузории мустақими хориҷиро маҳдуд намояд. Дар қонун қайд шудааст, ки татбиқи маҳдудиятҳо нисбати сармоягузорони хориҷӣ набояд ба вайрон кардани механизми фаъолияти иқтисоди кишвар мусоидат намояд. Ҳадаф аз ин маҳдудиятҳо ҳимояи бозори дохилии Олмон аз воридоти молҳои ғайристандартӣ мебошад, ки аз ҷониби ширкатҳои бевиҷдони хориҷӣ истеҳсол карда шудаанд[69].

---

[69]Бирюков, А.П. Зарубежный опыт государственного регулирования инвестиционной деятельности [Текст] / А.П. Бирюков // Вестник российского государственного университета управления. – 2014. – №14. – С.201.

Тибқи қонунгузории Олмон, маҳдудиятҳо барои сармоягузорон дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки сармоягузории хориҷӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои кишвар аз рӯи созишномаҳое халал мерасонад, ки дар тиҷорати байналмилалӣ баста шудаанд, ё боис ба нақзи амният ва манфиатҳои сиёсати хориҷии Олмон мегардад.

Барои ба қайд гирифтани корхонаҳо бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар Олмон як қатор муқаррарот ва қоидаҳои муҳимро дар муассисаҳои дахлдори давлатии ҷои бақайдгирии ширкат риоя намудан зарур аст. (расми 2.1.).

1
- Пешниҳоди шартномаи таъсисдиҳӣ,оиннома.
- Дар оиннома суроғаи ширкат, соҳаи фаъолият ва андозаи он, сармояи оинномавии ибтидоӣ, ҳайати мақомоти роҳбарикунандаи ширкат, тартиби нашри ҳисобот нишон дода мешавад.

2
- Ба қайдгирии ширкат дар мақомоти назоратии фаъолияти соҳибкории Вазорати иқтисод, ки санҷиши мавҷудияти монеаҳои имконпазирро барои бақайдгирӣ мегузаронад.

3
- дар ҳолати қарори мусбӣ сертификат дар бораи бақайдгирт дода мешавад.

4
- ширкат ҳатман бояд дар мақомоти маҳаллии молиявӣ ба қайд гирифта шавад.

5
- Ширкат ба реестри тиҷоратӣ дар суди маҳаллӣ ворид карда шавад.

**Расми 2.1. – Тартиби бақайдгирии корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ дар ҶФО**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Қонунгузории Олмон ба сармоягузорони хориҷӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳои муштаракро дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои

дорои масъулияти маҳдуд, корхонаҳои инфиродӣ таъсис диҳанд. Ба сармоягузор ҳуқуқ дода мешавад, ки шакли ҳуқуқии корхонаи муштаракро бо салоҳдиди худ мустақилона интихоб намояд. Дар айни ҳол шакли маъмултарини ҳуқуқии корхонаи муштарак Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мебошад.

**Ҷадвали 2.1. - Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Олмон дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн.долл.ИМА | 60 354 | 73 570 | 36 359 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 963 099 | 934 445 | 953 306 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 16 895 | 22 196 | 21 324 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Олмон бо фазои соҳибкории худ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ва шаффофияти мақомоти судӣ мувофиқ аст, фарқ мекунад. Сармоягузорони хориҷӣ метавонанд, дар сармояи ширкати маҳаллӣ ҳиссаи назоратӣ дошта бошанд.

Дар ҶФО зиёда аз панҷоҳ сол боз низоми муассири дастгирии соҳибкороне, ки дар хориҷа сармоягузорӣ мекунанд, вуҷуд дорад, ки онҳо аз сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ иборатанд.

Мутобиқи қонунгузории сармоягузорӣ вазифаҳои асосии онҳо иборатанд аз:

- суғуртаи маблағгузориҳои ширкатҳои олмоние, ки дар хориҷа фаъолият мекунанд, аз хавфҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ;

- субсидия додан ба баъзе соҳаҳои саноат;

- дастгирии молиявӣ, корҳои илмию таҳқиқотии ба содирот нигаронидашуда;

- озод намудани содироткунанда аз андоз аз арзиши иловашуда (ҳамчун шакли ғайримустақими дастгирии молиявӣ);

- муҳайё намудани шароити имтиёзнок барои содироти мол ва сармоя ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ тавассути Вазорати ҳамкории иқтисодӣ ва рушд;

- мусоидат дар ташкил ва гузарондани фаъолияти намоишдиҳию ярмаркавии ширкатҳои олмонӣ дар хориҷа;

- таъминоти иттилоотӣ.

Масъалаҳои асосии дастгирии сармоягузорони Олмон аз ду самт иборат буд ва боқӣ мондааст: маблағгузории содирот ва суғуртаи қарзҳои содиротӣ. Ҳамоҳангсози асосии ин намудҳои фаъолиятро Ҳукумати Федералии Олмон ба душ дорад ва мақоми амалии онро Кумитаи байнивазоратӣ ташкил медиҳад, ки таҳти раёсати вазири иқтисод ва технология мебошад. Мувофиқи ваколати Ҳукумати федералӣ иҷрои супоришҳои кумита ба зиммаи ташкилотҳои тиҷоратии таҳти назорати давлат қарордошта, вогузор карда мешавад.

Пешбурди назорат аз болои ташкили сармоягузории коллективӣ ва назорати бозори сармоягузорӣ ва молиявии кишвар ба зиммаи Идораи федералии назорати бозори молиявӣ гузошта шуд, ки фаъолияти ташкилотҳои олмониеро, ки дар соҳаи қарз, суғурта ва савдои коғазҳои қимматнок фаъолият мекунанд, танзим ва назорат мекунад.

Барои назорати аз рафти фаъолияти фондҳои сармоягузорӣ, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон, сармоягузорон ӯҳдадоранд ба истилоҳ «шаффоф»-и қоидаҳои пур кардани ҳисоботи солонаро риоя кунанд ва бо тартиби ҳатмӣ ба мақомоти назоратӣ оид ба хароҷот ва сарфҳо иттилоъ диҳанд. Талаботи ягона ба сармоягузор имкон медиҳад, ки маҳсулоти пешниҳодшудаи ватанӣ ва хориҷиро дар бозори хизматрасонӣ муқоиса намояд.

Дар Фаронса мақомоти танзимкунандаи сармоягузории хориҷӣ вуҷуд надорад. Раванди сармоягузорӣ бо қонунҳои зерин танзим карда мешавад:

«Дар бораи муносибатҳои молиявӣ бо хориҷа», ва «Дар бораи сармоягузориҳои мустақими Фаронса дар хориҷа ва сармоягузориҳои хориҷӣ дар Фаронса».

Танзими сармоягузориҳои хориҷӣ дар қаламрави кишвар аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ: Бонки Фаронса, Вазорати иқтисод, молия ва буҷет амалӣ карда мешавад..

Корхона бо ҷалби сармояи хориҷӣ, ки дар Фаронса ба қайд гирифта ва дар қаламрави он фаъолият мекунад, аз ҳуқуқҳои корхонаи миллӣ, аз ҷумла, низоми миллии пардохти андоз, имкони қарздиҳии бонкӣ ва гирифтани имтиёзҳои гуногун бархурдор мебошад.

Қонунгузории Фаронса байни сармоягузории мустақими хориҷӣ ва дигар маблағгузориҳо аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҳудуди возеҳ мегузорад, ки бо мавҷудияти ҳавасмандгардонӣ барои танзими дигар маблағгузориҳои асосӣ алоқаманд аст. Таркиби дигар маблағгузориҳои асосии хориҷӣ дар расми 2.2. нишон дода шудааст.




**Расми 2.2. - Таркиби дигар маблағгузориҳои асосии хориҷӣ дар Фаронса**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тибқи қонунгузории Фаронса, барои сармоягузорон аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низоми имтиёзноки сармоягузорӣ татбиқ мешавад.

Сарфи назар аз соддагардонии қонунҳо оид ба сармоягузорӣ дар солҳои охир барои амалиёте, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дар қаламрави Фаронса дар бар мегирад, огоҳии пешакӣ оид ба мақсадҳо ё иҷозати пешакии мақомоти давлатии масъули сармоягузориҳои хориҷӣ зарур аст.

**Ҷадвали 2.2. - Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Фаронса дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн.долл.ИМА | 24 833 | 38 185 | 33 965 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 819 308 | 820 572 | 868 691 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 14 216 | 19 116 | 17 847 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Танҳо чунин амалиёти сармоягузориҳое, ки онҳо аз ҷониби сар-моягузорони хориҷӣ нисбат ба ширкати фаронсавӣ ба амал баровар-дашуда дар он ҳиссаи сармояи хориҷӣ на камтар аз 75% ташкил медиҳад, огоҳӣ ё иҷозати пешакӣ талаб карда намешавад. Дар солҳои охир либерализатсияи амалиёти гуногуни молиявӣ ба амал бароварда шуд, ки ташкилотхои хориҷӣ дар қаламрави Фаронса гузарондаанд.

Дар Фаронса барномаи сармоягузорие қабул шудааст, ки мувофиқи он панҷ самти стратегӣ барои сармоягузории воситаҳои пулӣ пешбинӣ шудааст. Пеш аз ҳама сухан дар бораи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ (КИТТК) меравад. Инноватсия як ҷузъи муҳимест, ки дар мадди назари сармоягузорон ҷойгир аст.

Дар Фаронса 29 бизнес-инкубаторҳо фаъолият мекунад, ки вазифаи асосии онҳо дастгирии корхонаҳои навбунёд, пешниҳоди маслиҳатҳо, аз ҷумла, дар ҳолати ҳамроҳшавӣ ва зери назоратгирӣ мебошад. Аз ин функсия аллакай ду ҳазор корхона истифода кардаанд ва ҳоло

омӯзонидани кормандони корхонаҳои инноватсионии навтаъсис дар инкубаторҳо идома дорад.

Дар Британияи Кабир қонунгузории махсус дар бораи сармоягузории хориҷӣ вуҷуд надорад. Дар робита ба директиваҳои Идтиҳоди Аврупо танзими фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ бо истифода аз ҳуҷҷате бо номи «Санадҳо оид ба ширкатҳо» сурат мегирифт. Мутобиқи қонунгузории Англия, сармоягузорони хориҷӣ тибқи ҳамон қоидаҳое, ки ширкатҳои ватанӣ амал мекунанд, фаъолияти худро роҳандозӣ менамоянд. Барои сармоягузорони хориҷӣ дар Британияи Кабир маҳдудиятҳои зерин қонунӣ муқаррар карда шудаанд (расми 2.3.)

Дар Британияи Кабир назорати асъорӣ вуҷуд надорад, ки содирот ва воридоти сармояро осон мекунад, бонки марказии кишвар рафти ҳаракати сармояро бидуни монеагузориҳо барои қарзгирандагони хориҷӣ мушоҳида мекунад ва назорат мебарад.




**Расми 2.3. – Маҳдудиятҳо барои сармоягузорони хориҷӣ дар Британияи Кабир**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Сармоягузорони хориҷӣ барои имтиёзҳои сармоягузорӣ, ки ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар Британияи Кабир пешниҳод мекунанд, аз ҷумла субсидияҳои бебозгашт, қарзҳо, кафолатҳои давлатӣ барои қарзҳои бонкӣ, имтиёзҳои андозӣ ҳуқуқ доранд.

Аксари ҷараёнҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ ба бахши хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои касбӣ, илмию техникӣ, технологияҳои иттилоотӣ, савдо, таъмир ва нақлиёт равона гардидаанд.

**Ҷадвали 2.3. - Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Британияи Кабир дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн.долл. ИМА | 101 241 | 65 300 | 59 137 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 1 805 818 | 1 930 484 | 2 075 271 |
| Хароҷоти сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 28 328 | 38 849 | 36 078 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст https://unctad.org/statistics

Сарфи назар аз нишондиҳандаҳои баланди бахши сармоягузорӣ, ҳукумати Британия барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад ва ба туфайли чунин сиёсати Британияи Кабир ҳамчун макон барои пешбурди бизнес, бартариятҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

- бозори васеи дохилӣ;
- шароити беҳтарин барои дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ;
- муҳити мусоиди корӣ;
- низоми рақобатпазири андозбандӣ;
- дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи системаи самараноки ҳуқуқ;
- қонунгузории чандирӣ ва самараноки меҳнат;
- кадрҳои баландихтисос;
- базаи илмӣ-техникии рушдёфта;
- дастрасии молиякунонӣ;
- дараҷаи баланди ҳифзи моликияти зеҳнӣ;
- стандартҳои олии идоракунии корпоративӣ.

Яке аз роҳҳои муассири татбиқи сиёсати Британияи Кабир оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ин созишномаҳои дуҷонибаи сармоягузорӣ мебошад. Аксар вақт, чунин созишномаҳо дар

форумҳои байналмилалии сармоягузорӣ, ки ҳамин кишвар дар қаламрави худ ташкил мекунад, қабул карда мешаванд.

Чорабиниҳои асосии дастгирии давлатии сармоягузориҳо дар Норвегия ин низоми субсидиявӣ мебошад, ки ба татбиқи низоми қарздиҳии содиротӣ, кафолатдиҳӣ ва суғуртанамоӣ, таъсиси инфрасохтори инноватсионии барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст.

Дар Норвегия қонуни мушаххасе вуҷуд надорад, ки фаъолияти сармоягузориро танзим намояд. Фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ бо қонунҳои мушаххасе танзим карда мешавад, ки соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро танзим мекунанд ва аз ҷониби вазоратҳои масъули роҳбарикунандаи ин соҳаҳо (масалан, кишоварзӣ, нақлиёт, рушди инфрасохтор) назорат карда мешаванд.

Соҳаҳои дорои иқтидори баланд барои сармоягузорон истеҳсоли таҷҳизот барои истихроҷи нафту газ, телекоммуникатсия, таҷҳизоти киштиронӣ ва баҳрӣ, таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ, таҷҳизот барои таъмини бехатарӣ мебошанд.

Дар ҳоле ки ба Норвегия бозори хурди дохилӣ хос аст, кишвар як қатор дороиҳо, аз қабили ҷойгиршавии ҷуғрофии он дар минтақаи ҳосилхез, робитаҳои мусоид бо ИМА, аҳолии соҳибихтисос ва бисёрзабона, иқтисодиёти муосир ва захираҳои фаровони энергетикӣ дорад.

**Ҷадвали 2.4. - Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Норвегия дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | -2 577 | 2,087 | 4298 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 148 428 | 145 057 | 167 475 |
| Хароҷоти сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 1,119 | 915 | 1,177 |

**Сарчашма:** Таҳияи муллиф дар асоси маълумотҳои оморӣ

Пас аз воридшавии манфии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2019, Норвегия бозгаштанро ба тамоюли мусбати воридот аз соли 2020 ба қайд гирифтааст.

Шакли маъмултарини пешбурди бизнес барои сармоягузори хориҷӣ дар Норвегия филиал ё ширкати фаръии ба қайд гирифташуда, ба ҳисоб меравад.

Норвегия ба пайвастан ба созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ нобоварона муносибат мекард, зеро норвегиҳо метарсиданд, ки иқтисодиёти кишвар дар сурати пешниҳоди шароити баробар барои истеҳсолкунандагон ва сармоягузорони миллӣ ва хориҷӣ рақобатнопазир хоҳад шуд.

Танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар Норвегия ба воситаи иштироки давлат дар сармояи ширкатҳои бузурги миллӣ ва тавассути барномаҳои дастгирии сармоягузориҳо, ки аз ҷониби ташкилотҳои давлатии махсус таъсисдода татбиқ мегардад, амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, кишварҳои мутараққии Аврупоро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамоем, ки дар онҳо дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ қонуни ягона вуҷуд надоранд. Фаъолияти сармоягузорӣ дар заминаи гуруҳи қонунҳо аз соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ танзим карда мешавад. (расми 2.4.).

Азбаски бахши хусусии хоҷагӣ асоси иқтисодиёт мебошад, дар ҳамаи кишварҳои баррасишуда (Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Норвегия) қонунгузор озодии интихоби шакл ва самтҳои фаъолияти сармоягузориро таъмин менамояд. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, баъзе соҳаҳо дар як қатор кишварҳо барои сармоягузорони хусусӣ, аз ҷумла барои сармоягузорони хориҷӣ пурра ё қисман баста мебошанд.

Ба меъёрҳои асосии ба мақсад мувофиқ будани татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ мақсаднокии иқтисодӣ, самаранокӣ, фоиданокӣ вобаста аз вазъият дар бозор дохил мешаванд. Аммо ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ меъёрҳои миллии иқтисодӣ ё маъмурӣ ба назар гирифта

мешаванд, новобаста аз он, ки таъсири онҳо метавонад, ғайримустақим бошад, онҳо муҳити муайяни ҳуқуқӣ ва иқтисодиро барои фаъолияти сармоягузорӣ ба вуҷуд меоранд.




**Расми 2.4. – Масъалаҳои фаъолияти сармоягузорӣ, ки дар асоси қонунҳо аз соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ танзим мешаванд.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузориро дар чунин кишварҳои мутараққии саноатӣ, аз қабили Канада ва ИМА баррасӣ менамоем. Иқтисодиёти Канада ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ зич ҳамгирошуда мебошад. Аз рӯи маълумот ба соли 2020, тақрибан 2 миллион канадагиҳо дар ширкатҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ таъсис дода шудаанд, кор мекунанд.

Ба санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Канада «Қонун дар бораи сармоягузориҳои Канада» ва созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо дохил мешаванд. Қонунгузории Канада бахшҳои махсусро оид ба тиҷорати озоди Канада бо кишварҳои хориҷӣ дорад.

Тибқи қонун дар бораи сармоягузориҳо сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим дорад. Сарфи назар аз вуҷуд надоштани мақоми махсуси танзимкунандаи

воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ, барои бомуваффақият амалӣ кардани дастуруламалҳои қабулшуда дар бораи сармоягузорӣ Вазорати саноати Канада масъул аст.

Барои сармоягузорони хориҷӣ дар Канада низоми огоҳиномаӣ муқаррар карда шудааст. Дар ҳолати гузаштани корхонаҳои канадагӣ ба моликияти хориҷӣ, ё дар сурати бақайдгирии корхонаҳои нави хориҷӣ бояд ҳатман ба вазорати дахлдори Канада хабар дода шавад. Нотификатсия (огоҳинома) дар бораи таъсиси корхонаи хориҷӣ дар Канада бояд на дертар аз 30 рӯз пас аз анҷоми раванди сармоягузорӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ фиристода шавад[70].

Бо вуҷуди ин, барои баъзе намудҳои сармоягузорӣ, ба ҷои нотификатсия, тартиби иҷозатдиҳӣ пешбинӣ шудааст. Тартиби мазкур сармоягузорро вазифадор менамояд, ки пеш аз ба амал баровардани фаъолнокии сармоягузорӣ барои гирифтани иҷозатнома ба Вазорат ариза ирсол намояд. Тартиби иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти сармоягузорони кишварҳое, ки узви СУС нестанд, инчунин, ҳангоми сармоягузорӣ ба маблағи 5 миллион доллари канадагӣ ва бештар аз он татбиқ мешавад.

Тибқи қонунгузорӣ вазорати саноати Канада дар давоми 45 рӯз пас аз гирифтани аризаи сармоягузор дар бораи додан ё рад кардани иҷозатнома ба сармоягузорӣ бояд қарор қабул намояд.

Агар иҷозат барои сармоягузорӣ гирифтанӣ шавад, вазорат назорати фаъолияти сармоягузоронро дар тӯли 18 моҳ мегузаронад. Агар аз рӯи натиҷаҳои мониторинг мувофиқати фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ба нақшаҳои аввалия ва иҷрои ӯҳдадориҳои асосие, ки сармоягузорон ҳангоми пешниҳоди ариза ба зимма гирифтаанд, муайян карда шавад, низоми мониторинг қатъ карда мешавад.

[70] The United Church of Canada General Funds «Investment policy» [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https:www.unitedchurchfoundation.ca/ investments/investment-contact/, кушода. Санаи муроҷиат 16.10.2019

Дар сурати ошкор шудани номутобиқатӣ байни натиҷаи нақшаҳои қаблан эълоншуда, байни вазорат ва сармоягузор оид ба муҳлатҳои нави ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда, гуфтушунид гузаронида мешавад.

Дар ҳолати таъсири омилҳое, ки сармоягузор онҳоро пешбинӣ ва таъсир расонида натавонистааст, сармоягузор барои ноил нашудан ба натиҷаҳои пешбинишуда масъулият надорад.

Ҳангоми додани иҷозатнома барои сармоягузорӣ масъалаи муайянкунанда он аст, ки оё сармоягузорӣ фоидаи холисро барои Канада бо назардошти як қатор омилҳо таъмин карда метавонад, ё не (расми 2.5.).




**Расми 2.5. – Омилҳое, ки ба қабули қарор дар бораи сармоягузорӣ таъсир мерасонанд**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

**Ҷадвали 2.5. - Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Канада дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | 26 522 | 43 459 | 50332 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 966 685 | 852 196 | 1 037 092 |
| Арзиши сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 15 256 | 48 514 | 11 534 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Бархе аз тарафҳои қавии кишвар сабукии оғози бизнес ва дарёфти қарз, нерӯи кории босавод ва инфрасохтори хуб, захираҳои фаровон ва диверсификатсияшудаи энергетикӣ ва маъданӣ ва инчунин, бахши пурқуввати бонкӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, Канада дар сатҳи хеле баланд аз ИМА (нисфи захираҳои сармояи мустақими хориҷӣ ва тақрибан аз се ду ҳиссаи содироти кишварро дар бар мегирад) ва тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба молҳои ашёвӣ, инчунин, сатҳи баланди қарзи хонаводаҳо вобаста боқӣ мемонад.

Дар ИМА ҳеҷ гуна мамнуъияти қонунӣ барои сармоягузории хориҷӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳо барои сармоягузорӣ дар баъзе соҳаҳо вуҷуд доранд ва қонун тартиби санҷиши сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳо ва бахшҳои аз ҷониби давлат танзимшавандаро, масалан, дар ҳамлу нақли ҳавоӣ, энергетикаи атомӣ муқаррар кардааст. Мақомоти давлатӣ – Комиссия оид ба сармоягузориҳои хориҷӣ вуҷуд дорад, ки сармоягузории хориҷиро аз нуқтаи назари таҳдид ба амнияти миллии кишвар таҳқиқ мекунад. Таҳдидро ба амнияти миллии ИМА ҳукумати ин кишвар дар боло рафтани мақоми Чин ба сифати сармоягузори бузургтарин ва рақиби технологӣ мебинад.

Ба танзими қонунии чунин санҷишҳо ислоҳоти ҷиддӣ моҳи августи соли 2018 баъд аз қабули Қонун «Дар бораи модернизатсияи баҳодиҳии хавфҳои сармоягузориҳои хориҷӣ» гузаронида шуд. (кӯтоҳ FIRRMA)

FIRRMA доираи назорати сармоягузориҳои хориҷиро дар соҳаҳои калидӣ, бахусус, дар инфрасохтори муҳим, технологияҳои нозук ё дар ширкатҳое, ки маълумоти махфии шахсиро коркард мекунанд, васеъ кард. Баъзе штатҳои ИМА сармоягузориҳои хориҷиро дар қаламрави худ дар соҳаи ҳамлу нақли ҳавоӣ, хизматрасонии бонкӣ, телекоммуникатсия, энергетика, киштигардӣ маҳдуд мекунанд[71].

[71] Аксенов, П.А. Регулирование иностранных инвестиций в США: ограничения в условиях торговой войны [Текст] / П.А. Аксенов // Международная торговля и торговая политика. – 2019. – №4 (20). – С.32.

Қонунгузории ИМА ба нигаронихои амнияти миллӣ асос ёфтааст, аммо талаб мекунад, ки Комиссия оид ба сармоягузорихои хориҷӣ омилҳои зеринро ҳангоми таҳлили аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ харид кардани корхонаҳои амрикоӣ ба эътибор гирад (расми 2.6).




**Расми 2.6. – Омилҳое, ки ҳангоми харидории корхонаҳо аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ба назар гирифта мешаванд.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

ИМА ҳамзамон, давлати пешрафтаи иқтисодӣ дар ҷаҳон, бузургтарин маркази молиявии байналмилалӣ ва сеюмин кишвари калонтарин дар ҷаҳон аз рӯи шумораи аҳолӣ боқӣ мемонад. Иёлоти Муттаҳида яке аз кишварҳо бо беҳтарин нишондиҳандаҳои меъёрӣ аз ҷиҳати пардохти андозҳо мебошад.

**Ҷадвали 2.6. - Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди ИМА дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | 277 258 | 253 561 | 246 215 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 7 844 202 | 7 432 134 | 9 465 835 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 93 882 | 74 472 | 101 210 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Сиёсати ҳукумати ИМА оид ба андозбандӣ ва танзимнамоӣ ба сармоягузорони хориҷӣ озодии васеъ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, нисбати сармоягузориҳое, ки аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ назорат мешаванд, метавонанд маҳдудиятҳо татбиқ карда шаванд.

Таҳлили амалияи танзимнамоии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба мо имкон медиҳад, ки як қатор мавқеъҳои муҳими асосиро қайд намоем.

1. Гуногуншаклии минтақаҳои озоди иқтисодии дар иёлотҳои алоҳида таъсис дода шуда ва воситаҳои танзими давлатии онҳо. Дар айни замон Иёлоти Муттаҳида Амрико аз рӯи шумораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Дар кишвар се намуди асосии онҳо амал мекунанд: минтақаҳои савдои берунӣ, паркҳои технологӣ ва минтақаҳои соҳибкорӣ. Онҳо дар рушди минтақаҳои кишвар саҳми арзанда гузошта, ба таҳкимёбӣ ва диверсификатсияи савдои хориҷии он мусоидат мекунанд. Минтақаҳои муосири савдои хориҷӣ доираи васеи хизматрасониро пешкаш мекунанд. Дар онҳо молҳои воридотӣ на танҳо нигоҳ дошта мешаванд, балки ба навъҳо ҷудо карда, бандубаст карда мешаванд. Дар минтақаҳо онро аз нав коркард кардан мумкин аст, васлкунии намудҳои алоҳидаи маҳсулот аз ҷузъҳои истеҳсолоти маҳаллӣ ё

хориҷӣ ба амал бароварда мешавад, ё ҳатто намудҳои алоҳидаи истеҳсолотро дар асоси маҳсулоте, ки ба минтақа ворид мешавад, ё дар он истеҳсол мегардад, метавонад таъсис дода шавад.

Одатан, заминаҳои таъсис додани минтақаҳои озоди тиҷоратӣ мақеи мусоиди ҷуғрофӣ – наздик будан ба шоҳроҳҳои байналмилалии нақлиётӣ, марказҳои бузурги саноатӣ, ноҳияҳои савдои наздисарҳадӣ ва мавҷудияти инфрасохтори пешрафта - терминалҳои боркашӣ, анборҳо, роҳҳои даромад, техникаи боркунию борфарорӣ, таъминоти устувори қувваи барқ, об ва гармӣ ба ҳисоб меравaнд. Аз ин рӯ, минтақаҳои тиҷорати хориҷӣ одатан дар наздикии бандарҳо ва фурудгоҳҳо ҷойгир карда мешаванд.

Минтақаҳои соҳибкорӣ минтақаҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба хизматрасонии савдои хориҷӣ алоқамандӣ надоранд. Мафҳуми аслии минтақаи озод дар ин ҷо норавшан аст, зеро имтиёзҳои гумрукӣ дар мадди дуввум қарор мегиранд ва ё умуман вуҷуд надоранд ва нақши асосиро ҳавасмандиҳои гуногуни андозӣ, молиявӣ ва маъмурӣ мебозанд. Онҳо одатан дар ноҳияҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ депрессиявии шаҳрҳои калон, ки сатҳи хеле баланди бекорӣ доранд, ҷойгир карда мешаванд.

Паркҳои технологӣ (минтақаҳои техноинноватсионӣ) маҷмуи ҳудудан гуруҳбандишудаи озмоишгоҳҳои илмӣ ва иншооти истеҳсолӣ мебошанд ва бо шартҳои имтиёзнок ба фирмаҳои венчурӣ ба иҷора дода мешаванд, ки ба азхудкунии тиҷоратии навовариҳои ояндадори илмӣ ва технологӣ машғуланд.

2. Истифодаи фаъолонаи шаклҳои гуногуни институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои таъмини воридшавии сармоягузориҳо ба навсозии иқтидори инноватсионии иқтисодиёти кишвар ва қаламрави он – иёлотҳо пешбинӣ шудааст.

Дар байни онҳо шарикии Инноватсионии ИМА-ро метавон ҷудо намуд, ки дар доираи он иёлотҳо ва идораҳои федералӣ, донишгоҳҳо ва саноат дар бартараф кардани монеаҳо барои истифодаи технологияҳои нав, дар татбиқи барномаи ҳавасмандгардонии рақобатпазирии

технологии минтақаҳое, ки маъмулан кам аз ҷониби ҳукумат маблағгузорӣ мешаванд, ҳамкорӣ мекунанд. Шакли ба таври васеъ истифодашавандаи кооператсияи сохторҳои таҳқиқотии донишгоҳҳо, идораҳои федералӣ, озмоишгоҳҳои федералӣ, ҳукумати штатҳо ва қаламравҳо, бахши хусусии саноат ва инчунин муассисаҳои қарзию молиявӣ ин созишномаҳои кооператсионии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тадқиқот ва коркард ва шарикии инноватсионӣ ва технологӣ мебошад. Ҳангоми бастани ин гуна шартномаҳо ташкилоти илмии давлатӣ барои истифодаи умум захираҳои тадқиқотии худ - кадрҳо, системаҳои хизматрасонӣ, базаи моддӣ ва моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла дар намуди патентҳо пешниҳод менамояд.

3. Таъмини ҳамкории байни сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории ҳудудҳо нигаронида шудааст. Ба сифати заминаи объекти он равандҳои ташаккули кластерҳои саноатӣ, рушди сармояи зеҳнӣ дар донишгоҳҳо, фароҳам овардани фазои мусоиди андозӣ ва такмили низоми омодасозии соҳибкорон ҷудо карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, кишварҳои мутараққии саноатӣ, ба монанди Канада ва ИМА, назорати қатъиро аз болои сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти худ дар он соҳаҳое, ки амнияти миллии ИМА-ро таъмин мекунанд ва ё ба пешсафии технологии ИМА дар бозори ҷаҳонӣ таҳдид мекунанд, иштироки хориҷиро маҳдуд ва назорат намуда, амалӣ мекунанд.

Танзими фаъолияти сармоягузориро дар Ҷопон баррасӣ мекунем.

Қонунгузории миллии Ҷопон оид ба ин масъала дар асри гузашта қонунҳоеро дар бар мегирифт, ки ба ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва сармояи хориҷӣ дар шаклҳои гуногун нигаронида шуда буданд. Қабули ин қонунҳо аз зарурати барқарорсозии иқтисодиёти Ҷопон пас аз таслим шудани он дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Бисёре аз санадҳои қонунгузорӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ дар айни замон бо вориднамоии тағйиротҳои гуногун амал карда истодаанд.

**Ҷадвали 2.7. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷопон дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | 10 977 | 9 858 | 14552 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 202 441 | 204 780 | 222 527 |
| Хароҷоти сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 6 612 | 10 983 | 8 427 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Санади муҳими танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ Қонуни Ҷопон «Дар бораи савдои содирот ва воридот» ба ҳисоб меравад, ки ба ҳукумати Ҷопон барои танзими масъалаҳои тиҷорати байналмилалӣ ваколат медиҳад. Ба ақидаи Хошобина Н.А. ба мақомоти давлатӣ додани ваколати танзими муносибатҳои молиявӣ, содирот ва воридот ба сатҳи иштироки Япония дар савдои байналхалқӣ таъсири калон расонид[72].

Барои назорати сармоягузориҳо, ҳукумати Ҷопон Ташкилоти тиҷорати хориҷии Ҷопон JETRO (Japan External Trade Organization)-ро таъсис дод, ки соли 2003 мақоми ташкилоти мустақил ва ваколатҳои васеъро дар соҳаи ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ пайдо намуд.

Дар ибтидои асри XXI тамоми монеаҳои иқтисодӣ, ки монеи сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди кишвар буданд, аз байн бардошта шуданд. Ҳукумати Япония сиёсати ҳамкории зичро бо дигар давлатҳо барои мустаҳкам намудани иқтисодиёти миллӣ мегузаронад.

Дар «Барномаи ҷалби сармояи хориҷӣ», ки аз ҷониби ҳукумати кишвар таҳия шудааст, соҳаҳои асосии ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва

---

[72] Хошобина, Н.А. Инвестиционное законодательство Японии: ретроспективный обзор…[Текст] / Н.А. Хошобина // Проблемы экономики и юридической практики. – 2018. – №5. – С.231.

тадбирҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷопон муайян карда шудааст.

Ҷопон дарҳои худро барои бизнеси хориҷӣ фаъолона мекушоянд, зеро кӯшиш дорад барои сармоягузорони хориҷӣ шароити беҳтаринро фароҳам оварад. Афзалиятҳои калидии кишвар мавқеи он ҳамчун пешсаф дар соҳаи технологияҳои пешрафта ва КИТТК ба ҳисоб меравад. Монеаҳои эҳтимолӣ барои сармоягузорӣ асосан омилҳои демографӣ, забонӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, дар соли 2019 ба қонун «Дар бораи асъор ва савдои хориҷӣ» тағйирот ворид карда шуд, ки низоми дастрасии сармояи хориҷиро дар Ҷопон беҳтар гардонид. Қонун моҳи майи соли 2020 эътибор пайдо кард ва огоҳии пешакии ҳукуматро дар бораи ҳадди ниҳоии сармоягузорони хориҷӣ аз 10% дар бахшҳое, ки метавонанд ба амнияти миллӣ хавф эҷод кунанд, то 1% поин бурд. Бо вуҷуди ин, Ҷопон ҳамчун бозори калидӣ барои сармоягузорон боқӣ мемонад (расми 2.7).




**Расми 2.7. – Ҷолибияти Ҷопон барои сармоягузорони хориҷӣ.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҷопон як қатор имтиёзҳои миллӣ ва маҳаллии андозро пешниҳод мекунад, ки онҳо барои сармоягузорони хориҷӣ дар кишвар дастрасанд.

Ин тарҳҳои ҳавасмандкунӣ ба манфиати ҳам сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам ба ҳама ширкатҳои Ҷопон пешбинӣ шудаанд.

Дар мавқеъгирии дастовардҳои таҷрибаи муосири идоракунии давлати рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷопон мо ба хусусиятҳои зерин таваҷҷуҳ мекунем.

1. Мукаммал гардонидани низоми мавҷудаи банақшагирии рушди иқтисодиёт тавассути истифодаи воситаҳои идоракунии барномавии мақсаднок ба амал меояд, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои бузурги сармоягузории вобаста ба институтсионализатсияи фазои иқтисодии ҳудудҳо - таъсиси паркҳои технологӣ ва инчунин, минтақаҳои иқтисодии намудҳои гуногун татбиқ карда мешаванд.

2. Баланд шудани нақши давлат дар ташкил ва маблағгузории рушди паркҳои технологӣ ҳамчун унсурҳои низоми инноватсионӣ ифода меёбад, ки бо фаъолияти онҳо амалигардонии фаъолонаи самти рушди таҳқиқот ва коркардҳои илмии худӣ, таҳкими иқтидори илмию техникии мамлакатро алоқаманд медонанд.

3. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ҳамгироии кӯшишҳои ҳукумати марказӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва соҳибкории хусусӣ мебошад, барои ҳалли масъалаи фаъолгардонии раванди ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Яке аз самтҳои татбиқи онҳо минтақаҳои ба истилоҳ озоди воридотӣ мебошад, ки маблағгузории таъсиси онҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ва ширкатҳои хусусӣ бо иштироки Бонки марказии Ҷопон, ки барои молиякунонии инфрасохтори онҳо қарз медиҳад, ба амал бароварда мешавад. Чунин минтақаҳо дар бандарҳои баҳрӣ ва фурудгоҳҳои байналмилалӣ таъсис дода мешаванд, ки дар худ тавъамшавии минтақаҳои озоди савдо ва минтақаҳои истеҳсолии воридотивазкунандаро ифода мекунанд.

Аз расми 2.8. бармеояд, ки ба иқтисодиёти ИМА ҳаҷми аз ҳама бештари сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ворид мешавад, баъд аз он аз рӯи ҳаҷми сармоягузорӣ иқтисодҳои Британияи Кабир ва Олмон қарор

доранд. Норвегия дар муқоиса бо дигар кишварҳои мутараққии саноатӣ ҳаҷми камтарин сармояи мустақими хориҷиро ворид кардааст.




**Расми 2.8. – Ҳаҷми сармояи мустақими хориҷии воридгаштаи кишварҳои мутараққӣ дар солҳои 2019-2021.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар ҷадвали 2.8. муаллиф хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузориро дар кишварҳои мутараққии саноатии баррасигардида ҷамъбаст менамояд.

**Ҷадвали 2.8. - Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои мутараққии саноатӣ**

| Мамлакат | Мавҷудияти қонунгузории танзимкунандаи сармоягузории хориҷӣ | Мавҷудияти мақомоти танзимкунанда и воридоти сармояи хориҷӣ | Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ |
|---|---|---|---|
| Олмон | Қонун «Дар бораи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ» | Нест | Талаботи махсус барои бақайдгирии корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ |

*Идомаи ҷадвали 2.8.*

| Мамлакат | Мавҷудияти қонунгузории танзимкунандаи сармоягузории хориҷӣ | Мавҷудияти мақомоти танзимкунанда и воридоти сармояи хориҷӣ | Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ |
|---|---|---|---|
| Фаронса | Қонун «Дар бораи муносибатҳои молиявӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ», Қонун «Дар бораи сармоягузории мустақими Фаронса дар хориҷа ва сармоягузории хориҷӣ дар Фаронса» | Бонки Франсия, Вазорати иқтисодиёт, молия ва буҷет | Реҷаи афзалиятноки сармоягузорӣ барои сармоягузорон аз ИА. Зарурияти огоҳии пешакӣ ва ё иҷозати махсус барои пешбурди сармоягузории хориҷӣ |
| Британияи Кабир | «Санадҳо оид ба ширкатҳо» | Нест | Барои сармоягузорони хориҷӣ дар чунин соҳаҳо, аз қабили саноати аэрокайҳонӣ, нақлиёти баҳрӣ ва ғайра як қатор маҳдудиятҳо ва мамнуъиятҳо мавҷуданд |
| Норвегия | Санадҳои гуногуни қонунгузорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт | Нест | Низоми қарздиҳии содиротӣ, кафолатдиҳӣ ва суғуртанамоӣ, таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ |
| Канада | Қонун дар бораи сармоягузории Канада, созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо | Вазорати саноати Канада | Мавҷудияти низоми огоҳиномадиҳӣ ва иҷозатгирӣ барои сармоягузорон |
| ИМА | «Дар бораи навсозии арзёбии хавфи сармоягузории хориҷӣ» | Комиссия оид ба сармоягузории хориҷӣ | Назорати сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои муайян, ки ба амнияти миллии ИМА таъсир мерасонанд. |
| Ҷопон | «Дар бораи савдои содирот ва воридот» | Ташкилоти ҷопонии савдои берунӣ JETRO | Дар сатҳи давлатӣ сиёсат дар бораи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ қабул шудааст. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, дар аксари кишварҳои пешрафтаи Аврупо ягон ниҳоди махсуси танзимкунӣ вуҷуд надорад ва ҳукумат ба сармоягузорон озодии фаъолияти сармоягузорӣ медиҳад. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, баъзе соҳаҳо ва ё бахшҳои фаъолият қисман барои сармоягузорони хориҷӣ баста мешаванд.

Бар хилофи кишварҳои аврупоӣ, кишварҳои пешрафтаи нимкураи ғарбӣ, Канада ва ИМА аз болои сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти худ назорати нисбатан қатъӣ бурда, иштироки сармояи хориҷиро дар соҳаҳое, ки амнияти миллии ин кишварҳоро таъмин мекунанд, маҳдуд ва назорат мекунанд.

Аз ҳамаи кишварҳои мутараққии саноатӣ, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, Ҷопон барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоидтаринро бо маҳдудиятҳои камтарин фароҳам овардааст, ки иқтисодиёти инноватсионии устувор ва низоми босуботи сиёсиро доро мебошад.

## 2.2 Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш

Тибқи таснифоти СММ, кишварҳое, ки иқтисодашон дар марҳилаи гузариш қарор доранд, давлатҳое мебошанд, ки низоми мутамаркази ба нақшагирифтаи муносибатҳои иқтисодӣ доштанд ва дар ҳоли ҳозир иқтисодиёти худро барои шароити бозор мутобиқ мекунанд. Ба ин намуди давлатҳо собиқ мамлакатҳои сотсиалистии Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ, мамлакатхо — ҷумҳуриҳои собиқи ИҶШС ва инчунин, мамлакатхои Осиё, ки роҳи сотсиалистии тараққиётро интихоб кардаанд (Чин, Муғулистон, Ветнам), дохил мешаванд.

Хусусиятҳо ва тамоюлҳои танзими фаъолияти сармоягузориро дар ин кишварҳо баррасӣ мекунем.

Дар Булғористон, воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз аввали солҳои 2000 шуруъ гардида, муътадил боқӣ монд ва тибқи

маълумоти ЮНКТАД дар соли 2007 ба сатҳи рекордии 12,4 миллиард доллари ИМА расид[73]. Дар соли 2020 воридшавии сармоягузории мустақими хориҷӣ афзоиш ёфта, сарфи назар аз бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ, ки дар натиҷаи пандемияи Covid-19 сар зад, аз 1,7 миллиард доллари соли 2019, ба 2,4 миллиард доллар расид.

Кишварҳои асосии сармоягузор Австрия, Олмон, Швейтсария, Нидерландия ва Италия ба ҳисоб меравconfig. СМХ асосан ба бахшҳои амволи ғайриманқул, истеҳсолот, фаъолияти молиявӣ ва суғуртавӣ равона карда шудааст.

Ба туфайли яке аз пасттарин меъёрҳои андози корпоративӣ дар минтақа (10%) ва арзиши пасти қувваи корӣ, кишвар барои сармоягузории хориҷӣ мавқеи нисбатан хуб дорад, ки таҳти назорати ҳукумат қарор надорад.

Маҳдудияти юридикӣ ба моликияти хориҷӣ ва ё назорат аз болои фирмаҳо вуҷуд надорад ва ба ширкатхои хориҷӣ расман ҳамон низом, ки ба ширкатхои ватанӣ пешбинӣ шудааст, дода мешавад. Бо вуҷуди ин, тибқи Қонун дар бораи ширкатҳои оффшорӣ, фирмаҳое, ки беш аз 10% иштироки сармояи хориҷӣ доранд, наметавонанд пешбурди бизнесро дар 28 бахши мушаххас (аз ҷумла, хариди давлатӣ, коркарди захираҳои табиӣ, хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ, гарчанде ки баъзе истисноҳо мавчуданд) роҳандозӣ намоянд.

Агентии сармоягузорӣ дар Булғористон мақоми ҳамоҳангсози ҳукумат оид ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки иттилоот, хизматрасониҳои маъмурӣ ва арзёбии ҳавасмандиҳоро барои сармоягузорони эҳтимолии хориҷӣ пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди ин эҳёи сармоягузории хориҷӣ аз беҳтар шудани вазъи иқтисодии кишварҳои дигари ИА, бахусус, ҳамсояҳои наздики Булғория вобаста аст.

---

[73] Официальный сайт UNCTAD [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://unctad.org/statistics, кушода. Санаи муроҷиат 17.10.2020

Дар қатори мушкилоте, ки ба онҳо сармоягузорон рӯ ба рӯ мешаванд, норасоии қувваи кории ихтисоснок, коррупсия, пешгӯинашаванда будани чаҳорчӯбаи меъёрию қонунгузорӣ, ки ба онҳо зуд-зуд ислоҳ ворид карда мешавад ва нигарониҳо дар бораи волоияти қонун мебошанд. Илова бар ин, низоми судӣ суст кор мекунад ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ на ҳамеша риоя мегардад. Дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2020, Булғористон дар байни 190 кишвари ҷаҳон дар ҷои 61-ум қарор гирифт, ки нисбат ба соли қаблӣ ду зина поинтар аст.

**Ҷадвали 2.9. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Булғористон дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Ҷараёни воридоти СМХ, млн.долл.ИМА | 1829 | 1214 | 1223 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 50960 | 50382 | 51856 |
| Хароҷоти сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 1946 | 2926 | 2220 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Ҳукумати Булғористон низоми хеле мусоиди андозбандиро барои ҷалби сармоягузорон муайян ва инчунин, хароҷотро ҷиҳати таъсиси ширкат паст кардааст. Давлат ба хусусигардонии як катор ширкатхо иқдом намудааст. Дар расми 2.9. омилҳое оварда шудаанд, ки барои сармоягузорони хориҷӣ бештар ҷолибият доранд.

Иҷрои мақсадноки барномаҳои маҷмуӣ ва сармоягузории миқёсан калони рушди ҷомеа асосан аз самаранокии идоракунии коллективӣ, ки аз ҷониби раисони шаҳрҳо ва шуроҳои ҷамоатӣ якҷоя амалӣ карда мешаванд, ба миён меояд (ҳукумати маҳаллӣ дар Булғория).

Дар шароити узвияти Булғористон дар Иттиҳоди Аврупо мақомоти маҳаллӣ метавонад аз фондҳои сохторӣ ва дигар воситаҳои молиявии Иттиҳоди Авруподар раванди татбиқи сиёсати сармоягузорӣ худ ва маблағгузории барномаҳои мунисипалӣ истифода барад. Ҷомеаҳо бенефитсиарҳои асосӣ дар азхудкунии маблағҳои еврофондҳо мебошанд,

ки барои барномаҳои фаврии (оперативии) «Рушди минтақавӣ» ва «Муҳити зист» ҷудо карда шуда, равона карда шудани сармоягузориҳоро ба рушди инфрасохтор (роххо, таъминоти об, корез, экология, сайёҳӣ) имконпазир мегардонанд.




**Расми 2.9. – Омилҳое, ки барои сармоягузорони хориҷӣ бештар ҷолибият доранд**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҷомеаҳо инчунин, метавонанд дар лоиҳаҳои муайян дар доираи барномаҳои фаврии «Рушди захираҳои инсонӣ» ва «Имкониятҳои маъмурӣ», асосан ҳамчун гурӯҳҳои мақсаднок барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани имкониятҳои маъмурӣ иштирок намоянд. То чӣ андоза ин имкониятҳо ҳамчун такони мусбат барои рушди минтақа истифода хоҳанд шуд, аз ташаббуси мақомоти маҳаллӣ ва маъмурият вобаста аст.

Ҳарчанд кишвар барои сармоягузорон диққатҷалбкунанда, бахусус, пас аз шомил шудан ба Иттиҳоди Аврупо гардид, дар Булғористон ҳанӯз ҳам ҳал намудани як қатор масъалаҳо зарур аст:

- пешрафти суст дар мубориза бо коррупсия ва ислоҳоти низоми судӣ сарфи назар аз фишоровариҳои Иттиҳодияи Аврупо;

- риоя накардани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;

- қисми зиёди аҳолӣ даромади маҳдуд дорад (яке аз камбизоаттарин дар минтақа);

- қарзи баланди беруна;

- бахши бонкӣ, хеле осебпазир дар назди бӯҳронҳои бонкии минтақаи евро;

- инфрасохтори нокофӣ.

Вуруди сармояи хориҷиро ба Маҷористон мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунем, ки ин кишвар сатҳи баланди сармоягузории мустақими хориҷиро ба ҳар сари аҳолӣ дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ нигоҳ медорад. Бо вуҷуди ин, бӯҳрони солҳои 2009-2010 ба гардиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Маҷористон таъсири сахт расонд ва аз он вақт инҷониб, ҳаҷми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ камтар шуд.

Механизми санҷиши сармоягузориҳои хориҷӣ, ки дар соли 2019 қабул гардида буд, то моҳи июни соли 2021 бо ҷорӣ намудани реҷаи дуюми санҷиш тамдид карда шуд, ки ба ҳифзи соҳаи саноати Маҷористон, ки Covid-19 зарар расонидааст, равона карда шудааст.

Сармоягузорони асосӣ ҷазираҳои Кайман, Нидерландия, Ирландия, Олмон, ИМА, Канада ва Австрия ба ҳисоб меравонд. СМХ асосан ба хизматрасониҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, савдо, амволи ғайриманқул, фаъолияти шахсӣ, илмӣ ва техникӣ нигаронида шудааст. (расми 2.10.).

Механизми якум бахшҳои дорои аҳамияти стратегиро дар бар мегирад, аз қабили мудофиа, маҳсулоти дуҷониба, криптография, хизматрасониҳои коммуналӣ, саноати молиявӣ, алоқаи электронӣ ва системаҳои алоқаи ҷамъиятӣ. Механизми дуюм доираи хеле васеътар дорад ва аксари фаъолиятҳои истеҳсолӣ, инчунин, тиҷорати меҳмондорӣ, энергетика ва сохтмон ва ғайраҳоро дар бар мегирад.




**Расми 2.10. – Соҳаҳои асосии сармоягузоришаванда дар Маҷористон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Маҷористон дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2021 дар байни 190 кишвари ҷаҳон дар ҷои 52-юм қарор гирифтааст.

**Ҷадвали 2.10. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Маҷористон дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | 3 502 | 8 365 | 5205 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 93 619 | 95 787 | 97 841 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 3055 | 4894 | 7 515 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Маҷористон дарвозаи Аврупои Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ маҳсуб мешавад, ки онро ба бозори ҷолиб барои сармоягузориҳои хориҷӣ табдил

медиҳад. Тарафҳои боиқтидори Маҷористон барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ инҳоянд:

- қувваи кории Маҷористон донишманд ва соҳибихтисос, бо таваҷҷуҳи махсус ба соҳаҳои муҳандисӣ, тиб ва иқтисод мебошад;

- арзонии қувваи корӣ ба кишвар имкон медиҳад, ки ба занҷири истеҳсолии аврупоӣ ба таври беҳтарин ҳамгиро гардад ва коргоҳи самараноки истеҳсолӣ бошад;

- вуҷуд доштани яке аз низомҳои хеле пешрафтаи молиявӣ дар минтақа;

- инфрасохтори хуб ба роҳ мондашуда ва заминаи батартиби ҳуқуқӣ-меъёрӣ;

- ҳамгироӣ ба Иттиҳоди Аврупо суботи сиёсиву иқтисодии онро таҳким мекунад, дастгирии созмонҳои бузурги байналмилалӣ бошад, оқибатҳои бӯҳронро коҳиш медиҳад.

Монеаҳо барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар Маҷористон дар расми 2.11. нишон дода шудаанд.




**Расми 2.11. - Монеаҳо барои ҷалби СМХ дар Маҷористон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар солҳои охир Маҷористон аз тағйир додани самти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз бахши нассоҷӣ бо арзиши паст ва саноати хӯрокворӣ ба савдои яклухт, чакана ва таъмири мошинҳо фоида ба даст овард. Аммо таназзули демографӣ дар кишвар ва пешрафти сусти низоми маориф ба дигаргунсозиҳои қатъии сохторӣ халал мерасонад.

Модели муосири ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар Маҷористон аз давраи солҳои 1990 ё 2000-ум кам фарқ мекунад. Сармоягузории хориҷӣ ҳамоно ҳавасманд карда мешавад, зеро он дар рушди иқтисодиёти Маҷористон нақши бениҳоят муҳим мебозад. Дигаргуниҳои муосир дар бобати ба Маҷористон ҷалб намудани сармояи хориҷӣ бо иштироки нисбатан боэҳтиёт ва мутавозин дар равандҳои ҷаҳонишавӣ алокаманд аст, ки бо вазифаҳои рӯзмараи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат вобастагӣ дорад: агар дар ибтидои солҳои 90-ум самти ҷаҳонишавии босуръат ва таҳкими иштироки кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ баръало мушоҳида мегардид, он гоҳ имрӯз дар шароити коҳиши эҳтимолии суръати худи ҷаҳонишавӣ, инчунин, муайян кардани мавқеи кишвар дар ҷаҳон ба гумон аст комилан бетағйир нигоҳ доштани модели хос барои охири асри бистум мувофиқи мақсад бошад.

Лаҳистон ба қатори ҷолибтарин кишварҳои Аврупо аз рӯи ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ шомил буда, аввалин қабулкунандаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Аврупои Марказӣ ба ҳисоб меравад. Аксарияти саҳмияҳо ба Олмон, Нидерландия, Люксембург ва Фаронса тааллуқ доранд, дар ҳоле ки сармоягузорӣ асосан ба фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ ва суғурта, инчунин, ба бахшҳои савдои яклухт ва чакана равона шудааст. Илова бар ин, маълумот дар тӯли чанд соли охир нишон дод, ки фоизи баланди сармоягузорон аз Чин ва Кореяи Ҷанубӣ мебошанд.

Дороиҳои асосии Лаҳистон мавқеи стратегии он, шумораи зиёди аҳолӣ, узвият дар Иттиҳоди Аврупо, суботи иқтисодӣ, арзиши арзони

қувваи кории соҳибихтисос ва низоми ҷолиби андоз барои соҳибкорӣ мебошанд.

Илова бар ин, Лаҳистон дорои як қатор минтақаҳои махсуси иқтисодии босуръат рушдёбанда мебошад ва ҳукумат ҷиҳати беҳтар кардани шароит барои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ Агентии сармоягузорӣ ва тиҷорати Лаҳистонро таъсис додааст. Қонуни Лаҳистон ширкати хориҷиро дар бахшҳое, ки барои амнияти кишвар масъуланд, манъ карда, барои сармоягузорони хориҷӣ хариди заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалро маҳдуд мекунад.

Илова бар ин, моҳи июли соли 2020 қонуни нав эътибор пайдо кард ва тибқи он Идораи рақобат ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба президент ваколати гузаронидани санҷиши сармоягузориҳои мустақими хориҷиро аз кишварҳои ба Минтақаи иқтисодии Аврупо (МИА) ва Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) шомил набуда, бо сабабҳои амнияти ҷамъиятӣ, тартибот ва саломатӣ медиҳад. Умуман, фазои соҳибкорӣ дар Лаҳистон хуб аст ва Бонки Ҷаҳонӣ дар рейтинги Doing Business-2020 Лаҳистонро дар байни 190 кишвар, дар ҷои 40-ум қарор додааст.

**Ҷадвали 2.10. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Лаҳистон дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | 9 179 | 13 947 | 13 221 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 238 483 | 228 501 | 236 506 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 16 406 | 18 220 | 24 462 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Иқтисодиёти хуб диверсификатсияшудаи Лаҳистон осебпазирии онро ба таконҳои беруна коҳиш медиҳад, гарчанде ки он аз ИА ҳамчун бозори содирот сахт вобаста аст. Лаҳистон яке аз ҷойҳои ҷолибтарин барои сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад.

Кӯмаки минтақавӣ - маъмултарин намуди кӯмак барои ширкатҳое мебошад, ки лоиҳаҳои сармоягузориро дар Лаҳистон амалӣ менамоянд. Он танҳо барои сармоягузориҳои «аввалӣ» ё «нав» дода мешавад, ки одатан ҳамчун сармоягузориҳои марбут ба: таъсиси корхонаи нав; васеъ намудани иктидори муассисаи мавҷуда; диверсификатсияи маҳсулоти корхона аз ҳисоби маҳсулоте, ки пештар истеҳсол намегардид. Сатҳи ҳадди аксар кӯмаке, ки лоиҳа метавонад дастрас кунад, аз андозаи ширкат ва ҷойгиршавии лоиҳа дар Лаҳистон вобаста аст.




**Расми 2.12. – Тарафҳои қавӣ ва заифи иқтисоди Лаҳистон барои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Гранти давлатӣ ё Барномаи дастгирии бисёрсола – ин тарҳи кӯмаки минтақавӣ мебошад, ки аз ҷониби ҳукумати Лаҳистон маблағгузорӣ мешавад ва барои дастгирии сармоягузориҳои калон дар чунин соҳаҳо, ба монанди автомобилсозӣ, электроника, авиатсия, биотехнология, иҷрои

корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ нигаронида шудааст.

Қонунгузории Лаҳистон ба шаҳрвандони кишварҳое, ки узви ИА нестанд, то 49% саҳмия дар сармояи ширкатҳо дар бахшҳои нақлиёти ҳавоӣ, телевизион ва радио, инчунин фурудгоҳҳо ва бандарҳои баҳрӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ намудааст. Қонун дар бораи озодии фаъолияти иқтисодӣ талаб мекунад, ки ширкатхо аз ҳукумат ҳуқуқ барои ташкили муассиса, литсензия ё иҷозатномаро барои пешбурди бизнес дар бахшҳои алоҳида, аз қабили радиошунавонӣ, авиатсия, энергетика, аслиҳа, таҷҳизоти ҳарбӣ, саноати истихроҷи маъдан ва хадамоти хусусии бехатарӣ гиранд.

Дар моҳи майи соли 2020 ҳукумати Лаҳистон қарореро тасдиқ намуд, ки ҳадафи он барои сармоягузорони берун аз Иттиҳоди Аврупо мушкил кардани азхуднамоии ширкатҳои камхарҷе, ки Лаҳистон барои иқтисоди худ стратегӣ мешуморад. Қарор қисми бастаи тадбирҳои ҳукумат оид ба наҷотдиҳӣ ба маблағи беш аз 300 миллиард злота мебошад, то ки ба кишвар барои паси сар кардани пандемияи нави коронавирус ва бӯҳрони иқтисодии ба он алоқаманд кӯмак расонад.

Фаъолияти сармоягузориро дар Россия баррасӣ мекунем. Дар соли 2020 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳудуди 447 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод. Сарфи назар аз таъсири манфии пандемия, Федератсияи Россия бузургтарин қабулкунандаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақа боқӣ монд ва ҳиссаи он беш аз 40% воридоти онҳоро ташкил дод. Воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар семоҳаи аввали соли 2020 бинобар сабаби бозгардонии хеле зиёди дигарбораи қарзҳои дохиликорпоративӣ манфӣ шуд, вале дар семоҳаҳои минбаъда тадриҷан барқарор гардид.

Ба бахшҳои дарёфткардаи дастгирии сармоягузорони байналмилалӣ, соҳаҳои саноати истихроҷи маъдан ва коркард, фаъолияти молиявӣ, савдо ва хизматрасониро дохил мешаванд.

Бо вуҷуди гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар Россия, мавҷудияти мушкилоти маъмурӣ дар кишвар, коррупсия ва бесуботӣ барои ҷалби сармоягузорон монеа эҷод мекунанд. Қонуни қабулкардаи Россия, ки ҳуқуқи мусодира кардани дороиҳои давлатҳои хориҷиро дар қаламрави худ дар робита ба қазияи ЮКОС медиҳад, ҳамчунин хавфи сармоягузорони хориҷиро, ки бо Россия кор мекунанд, зиёд мекунад.

**Ҷадвали 2.11. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Россия дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, млн. долл. ИМА | 13228 | 32076 | 9676 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 408097 | 493156 | 446656 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 18352 | 24602 | 8037 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Дар маҷмуъ, фазои сармоягузорӣ дар Россия мураккаб ва ноустувор боқӣ мемонад. Ба норасоиҳои фазои сармоягузорӣ дар Россия инҳоро дохил кардан мумкин аст: (расми 2.13.).

1 • иқтисодиёти Россия аз нархҳо ба карбогидридҳо ва ашёи хом, инчунин аз воридоти молҳои асосӣ ва технологияҳои хориҷӣ хеле вобаста мебошад;

2 • эътимоди бизнес ба низоми ҳуқуқии кишвар дар сатҳи паст қарор гирифтааст;

3 • риоя накардани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;

4 • бисёр соҳаҳое, ки стратегӣ маҳсуб меёбанд, барои сармоягузориҳои хориҷӣ баста мебошанд;

5 • шиддатнокии геосиёсӣ: таҳримҳои иқтисодӣ аз ҷониби ИМА ва ИА тақвият гирифта истодаанд, ки пешбурди бизнесро хеле мушкил мегардонад ва хароҷоти онро зиёд мекунад;

**Расми 2.13. –Норасоиҳои фазои сармоягузорӣ дар Россия**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар байни ҳавасмандгардонии самарабахш барои сармоягузорон дар Россия инҳоро қайд кардан мумкин аст.

- мавҷудияти имтиёзҳои минтақавӣ, ки онҳо дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ оид ба андозҳо дар буҷетҳои дахлдор дода мешаванд;

- мавҷудияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бо низомҳои махсуси андозбандӣ;

- ҳавасмандгардонии намудҳои муайяни фаъолият, масалан, (коркардҳои IT, корҳои гуногуни тадқиқотӣ).

Аз ин рӯ, раванди ҷалби сармоя дар Россия хеле баҳсбарангез боқӣ мемонад.

Дар Россия мавҷуд набудани сиёсати комил барои ҷалби сармояи хориҷӣ омили боздоранда боқӣ мемонад. Низоми сармоягузорӣ дақиқ муайян карда нашудааст (ё давлат имтиёзҳо медиҳад ё режими баробар ё табъиз ба фоидаи истеҳсолкунандаи ватанӣ); афзалиятҳо аз рӯи соҳаҳо ва намудҳои сармоягузорӣ нишон дода нашудаанд ва муайян нагардидаанд; механизмҳои кафолат — ҳифзи ҳуқуқи моликият, ба ватан бозгардондани фоида пурра таъмин карда нашудааст; конюнктураи манфии амалияи ҳуқуқистифодабарӣ, шуруъ аз муфлисшавии ба таври сунъӣ оғозшуда ва анҷом то иҷро накардани қарорҳои суд. Яъне, низоми миллии мавҷудаи фаъолияти иқтисодӣ дар Россия барои ширкатҳои хориҷӣ бениҳоят ҷолиб нест.

Раванди ҷалби сармояи хориҷиро ба Қазоқистон баррасӣ мекунем. Аз замони ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 Қазоқистон дар бунёди иқтисоди бозорӣ ба пешрафтҳои назаррас расида, дар талошҳои худ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба натиҷаҳои баланд ноил шудааст. Тибқи омори расмии ҳукумати Қазоқистон, ба 1 январи соли 2020 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Қазоқистон 161,2 миллиард доллари ИМА, аз ҷумла 36,5 миллиард долларро аз ИМА ташкил додааст.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Қазоқистон аз соли 2001 то 2021 ба ҳисоби миёна 4408,07 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, дар

семоҳаи аввали соли 2012 ба ҳадди баландтарини 8206,11 миллион доллар ва дар семоҳаи аввали соли 2002 бошад, ба ҳадди пасттарини рекордии 864,32 миллион доллар расидааст.

Фазои мусоиди сармоягузориро дар кишвар нишондиҳандаҳои гуногун, аз қабили Шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ, Шохиси осонии пешбурди бизнес, Шохиси озодии иқтисодӣ ва ғайра тасдиқ мекунанд.

Бо вуҷуди ин, пандемия ва поин рафтани нархи нафт ба динамикаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Қазоқистон дар соли 2021 таъсири манфӣ расониданд. Тибқи маълумоти Бонки миллии Қазоқистон, дар соли 2021 воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Қазоқистон 30% нисбат ба соли 2020 коҳиш ёфта, 17,1 миллион долларро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.12. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Қазоқистон дар солҳои 2019-2021**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Воридоти СМХ, миллион доллари ИМА | 19,5 | 22,3 | 17,1 |
| Захираҳои СМХ, млн. долл. ИМА | 18099 | 19156 | 44665 |
| Арзиши сармоягузориҳо ба корхонаҳои нав, млн. долл. ИМА | 1835 | 4602 | 3037 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии UNCTAD тартиб дода шудааст. https://unctad.org/statistics

Аз рӯи ҷамъбасти соли 2021 воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ҷангал ва моҳипарварӣ 13% коҳиш ёфта, 12,6 миллион долларро ташкил дод. Дар доираи амалиёти глобалӣ оид ба маблағгузории лоиҳавӣ, дар охири соли 2020 лоиҳаи корхонаи автобусҳои QazTechna бо иштироки сармояи Чин ба истифода дода шуд.

Сарфи назар аз тораҳои пешгирии оқибатҳои бӯҳрон, пешгӯиҳои коршиносон барои соли 2021 барои кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта, ки ба онҳо Қазоқистонро низ мансуб донистан мумкин аст, боэҳтиёт боқӣ мемонад. Тибқи ҳисобҳои пешакии ЮНКТАД, ҷараёни СМХ ба кишварҳои иқтисодиёти гузариш метавонад ба 10-15% ба шарти

муътадилгардонии минбаъдаи низоми тандурустӣ, эмгузаронихои самаранок ва барқарорсозии иқтисодиёт дар маҷмуъ афзоиш ёбад.

Мутобиқи қонунгузории сармоягузории Ҷумҳурии Қазоқистон ҳимояи пурра ва бечунучарои ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузор таъмин карда мешавад. Сармоягузор ҳуқуқ дорад:

- ба ҳама гуна объектҳо ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузорӣ сармоягузорӣ намояд;

- барои ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи аз ҷониби мақомоти давлатӣ баровардани санадҳои ба санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон мувофиқат надошта ба ӯ расонида шудааст ва инчунин, дар натиҷаи амалиёти ғайриқонунии (беамалии) шахсони мансабдори ин мақомотҳо тибқи қонунгузории шаҳрвандӣ;

- бо салоҳдиди худ пас аз пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, истифода кардани даромадҳои аз фаъолияти худ гирифтааш.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Қазоқистон баробариро дар вазъи ҳуқуқии сармоягузорони миллӣ ва хориҷӣ муқаррар намуда, инчунин муайян мекунад, ки ба сармоягузор метавонад мақоми сармоягузори тасдиқшуда дода шавад, ки мутобиқи он ба ӯ имтиёзу бартариҳои назаррас дода мешавад.

**Ҷадвали 2.13. – Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳое, ки иқтисодиёташон дар ҳоли гузариш мебошанд.**

| Кишвар | Мавҷудияти қонунгузорӣ дар бораи танзимнамоии сармоягузориҳои хориҷӣ | Мавҷудияти мақомоти танзимкунандаи воридоти сармояи хориҷӣ | Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ |
|---|---|---|---|
| Булғористон | Нест | Агентӣ оид ба сармоягузорӣ дар Булғористон | Сармоягузории шахсони хориҷӣ маҳдуд карда нашудааст. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ба даст овардани замин, бунёди инфрасохтор ва рушди захираҳои инсонӣ истифода мешавад |

| Кишвар | Мавҷудияти қонунгузорӣ дар бораи танзимнамоии сармоягузориҳои хориҷӣ | Мавҷудияти мақомоти танзимкунандаи воридоти сармояи хориҷӣ | Хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ |
|---|---|---|---|
| Маҷористон | Қонун дар бораи санҷиши сармоягузорӣ | Вазорати иқтисодиёти миллӣ | Маҳдудиятҳои умумӣ ё назорат ба соҳибикунии хориҷӣ вуҷуд надорад: моликияти хориҷӣ то 100% иҷозат дода мешавад, ба истиснои холдингҳои муайяншудаи «стратегӣ» дар баъзе соҳаҳое, ки ба мудофиа алоқамандӣ доранд |
| Лаҳистон | Нест | Агентии сармоягузорӣ ва тиҷорати Лаҳистон | Маҳдуднамоии хариди амволи ғайриманқул, махсусан заминҳои кишоварзӣ ва ҷангал |
| Россия | «Дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар Федератсияи Россия», «Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ дар Федератсияи Россия дар шакли маблағгузории асосӣ» | Комиссия оид ба назорати сармоягузории хориҷии Россия | Қонунгузории Россия барои соҳибикунии замин ба хориҷиҳо маҳдудиятҳо пебинӣ мекунад. Маҳдуднамоии сармоягузорӣ дар соҳаҳое, ки ба амнияти миллӣ таъсир мерасонанд |
| Қазоқистон | Кодекси шаҳрвандӣ; Кодекси андоз; Кодекси гумрук; Кодекси соҳибкорӣ | Шурои сармоягузорони хориҷӣ | Ҳадди 20%-аи ниҳоӣ барои соҳибикунии хориҷӣ дар ВАО, меъёри 49%-а барои ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалии ҳавоӣ ва маҳдудияти 49%-а барои хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҷадвали 2.13.- ро таҳлил намуда, қайд мекунем, ки дар аксари кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта (ба истиснои Булғористон) санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ва мақомоти давлатие мавҷуданд, ки воридшавии сармоягузориҳои хориҷиро назорат мекунанд. Дар аксари кишварҳои дар ҳоли рушд қароргирифта, фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаҳое, ки манфиатҳои миллии кишварро таъмин мекунанд, манъ карда шудааст. Дар Лаҳистон ва Россия

ба сармоягузорони хориҷӣ барои соҳибикунии замин маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шудааст.

Дар кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта сарфи назар аз мавҷудияти заминаи ғании ашёвӣ, захираҳои кадрии соҳибхтисос, суръати баланди рушди иқтисодиёт ва механизмҳои коркардашудаи ҳифзи сармоягузорон, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти онҳо нисбат ба иқтисодиёти кишварҳои мутараққии саноатӣ хавфҳои баланд дорад, ки бо ноустувории вазъи сиёсӣ, қурби асъор, ки аз нархҳои ҷаҳонии захираҳо вобаста аст, хусусиятҳои сиёсати пулию қарзии кишвар ва танзими фаъолияти сармоягузорӣ, муҳити номусоиди ҳуқуқию меъёрии танзимнамоӣ барои баргардонидани сармоя муайян карда мешавад. Барои кам кардани хавфҳо, сармоягузорони хориҷӣ тақсимнамоии сармояро дар байни якчанд кишварҳои дар ҳоли рушд қароргирифта мегузаронанд, ки идоракунии портфели сармоягузориро беҳтар мекунад.

То ибтидои асри XXI беш аз 150 кишвари ҷаҳон қонунҳои махсус оид ба сармоягузориҳои хориҷӣ доштанд. Ин қонунҳо аз зарурати нигоҳ доштани назорати давлатӣ аз болои қабул ва фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар қаламрави кишвари қабулкунанда бармеоянд. Ва ин ҳатто барои кишварҳои дорои иқтисоди кушод хос буд. Нигоҳ доштани ин тамоюл бо танзим нашудани ин тадбирҳо дар сатҳи байналмилалӣ (саъю кӯшиши кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд барои ба имзо расондани Созишномаи бисёрҷониба оид ба сармоягузориҳо – Multilateral Agreement on Investment - MAI ва баъдан паҳн кардани асосҳои он ба давлатҳои манфиатдор, бо нокомӣ анҷом ёфт, зеро дар соли 1999 эълон шуда буд, ки идомаи музокирот оид ба ин масъала имконнопазир аст), инчунин, бо зарурати андешидани тадбирҳо барои ҳифзи иқтисодиёти миллӣ аз таъсири манфии сармоягузориҳои хориҷӣ (СМХ ё ба истилоҳ пули гарм ё сармояи кӯтоҳмуддати спекулятивӣ, ки аз як кишвар ба кишвари дигар бо сабаби баланд шудани меъёри фоизӣ гузаронида мешавад), шарҳ дода мешавад. Давлатҳо ба нигоҳ доштани чораҳои

танзимкунанда оид ба коҳиш додани таъсири номатлуб аз ҷониби сармоягузориҳои хориҷӣ оид ба аз байн бурдани сармоягузориҳои миллӣ, оид ба кам кардани таъсири манфӣ ба мутавозини баланси пардохт, ба мавҷуд будани чораҳо оид ба мониторинги нархгузории трансфертӣ, ба маҳдуд кардани дастрасӣ ба бозорҳои молиявии маҳаллӣ, мониторинги муомилот дар соҳаи хариди байналмилалӣ ва муттаҳидшавии ширкатҳо, ниёз доранд.

Дар муқоиса бо сиёсати сармоягузории кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, сиёсати сармоягузории кишварҳои рӯ ба тараққӣ асосан ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ нигаронида шудааст. Моделҳои хоси системаҳои сармоягузорӣ дар ин кишварҳо системаҳои сармоягузории Аргентина ва Бразилия мебошанд. Асоси танзими сармоягузориҳои хориҷӣ дар ин кишварҳо қонунгузории миллӣ мебошад, ки санадҳои меъёрии махсусро (қонунгузории сармоягузорӣ) дар бар мегирад. Санадҳои меъёрӣ дар механизми танзими муносибатҳои сармоягузорӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, барои танзими чунин масъалаҳо пешбинӣ шудаанд:

- муайян намудани сиёсати сармоягузории хориҷии давлат;
- иҷозати қабули сармояҳои хориҷӣ ба ин ё он соҳаи иктисодиёт;
- низоми ҳуқуқии сармоягузориҳои хориҷӣ;
-шартҳои сармоягузорӣ: милликунонӣ ва баргардонидани сармоя ва фоида, андозбандӣ ва танзими асъор, боҷҳои гумрукӣ ва масъалаҳои шуғл ва ғайра;
- муқаррар намудани имтиёзу бартариҳо барои сармоягузорони хориҷӣ; тартиби сармоягузорӣ; масъулияти тарафҳо ва ҳалли баҳсҳо ва ғайра.

Фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ин кишварҳо, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ зарур аст, тавассути имтиёзу бартариҳои гуногун, фароҳам оварда шудааст. Имтиёзҳо ба сармоягузороне дода мешуданд, ки фаъолияти барои иқтисодиёти кишвар муҳимро пеш мебаранд, аз ҷумла, истифода бурдани қувваи кории миллии аз кор фориғ ва омодасозии

кадрҳо; истифодаи ашёи хоми миллӣ, маҳсулоти нимтайёр ва воситаҳои асосии истеҳсолӣ; мусоидат ба ғайримарказонии ҷуғрофӣ дар ҷобаҷогузории кувваҳои истеҳсолкунанда ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт; ӯҳдадории сармоягузорӣ кардани як қисми фоидаи гирифташуда, яъне аз нав сармоягузорӣ намудан.

Аммо ин равандҳо дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар асоси модели неолибералӣ ба амал омада, барои таъсири фаъолонаи сармояи байналхалқӣ роҳ кушодан ва чунон ки маълум аст, боиси бӯҳрони қарзӣ гардиданд. Дар натиҷа дар охири асри XX сиёсати давлатҳои Америкаи Лотинӣ оид ба ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, афзалиятҳои худро тағйир додан гирифт. Масъалаҳои ҳалли мушкилоти тавозуни пардохт, ҳалли мушкилоти касри буҷет, коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна, баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ ва корпоративӣ, ба даст овардани манбаъҳои иловагии маблағ ба мадди аввал гузошта шуданд ва танҳо баъдан баланд бардоштани афзоиши шуғл.

**2.3 Имкониятҳо ва самтҳои танзими сармоягузории хориҷӣ дар раванди ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвати миллӣ беназир дорад ва хавфҳои он суботи сиёсӣ, шаффофияти сармоягузорӣ ва муҳити бизнесро дар бар мегирад.

Дар масъалаи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ принсипҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

- тадбирҳои таъминкунандаи тараққиёти мутавозин ва устувори иқтисодиёти мамлакат;

- дар қонунгузорӣ муқаррар намудани қоидаҳои фаъолияти сармоягузорӣ, дар асоси манфиатҳои стратегии кишвар ва афзалиятҳои рушди иқтисодиёт, дарояндаи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;

- таъмини дастрасии пурраи ҳамаи сармоягузорон ба иттилоот, барномаҳои сармоягузорӣ, озмунҳои сармоягузорӣ;

- ҳамоҳангсозии муқаррароти асосии сиёсати ҷалби сармоя дар байни ташкилотҳое, ки барои фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ масъуланд.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои мутараққии саноатӣ ва нисбатан муваффақ (ИМА, Канада, кишварҳои ИА) нишон медиҳад, ки тамоми усулҳо ва равишҳои истифодашуда дар самтҳои асосии зерин ҷамъбаст карда мешаванд (расми 2.14.)

| | |
|---|---|
| Ҳавасмандиҳои мустақим | • додани дотатсияҳо, грантҳо, қарзҳо;<br>• маблағгузории коркардҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ; |
| Ҳавасмандиҳои ғайримустақим | • имтиёзҳо оид ба андозбандӣ; қарзҳои андозии сармоягузорӣ ва ғ.ҳ.; |
| ҳавасмандиҳои ғайримолиявӣ | • рушди инфрасохтор, ташаккул додани муҳити мусоиди институтсионалӣ ва дигарҳо; |
| Кластерҳо | • рушди стратегияи кластерӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақавӣ ва соҳавӣ; |
| Шарикӣ | • рушди стратегии бахши хусуси бо давлатӣ; |
| МОИ | • ташкил кардани минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, минтақаҳои тиҷоратӣ, бандарҳо ва бозорҳои наздисарҳадӣ; |
| Фондҳо | • таъсис додани фонди гуногун (фонди кафолатӣ, фонди дастгирии соҳибкорони ҷавон) |

**Расми 2.14. – Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ дар ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар маводи таҳқиқотии мазкур аз ҷониби муаллиф таҳлили танзими фаъолияти сармоягузории кишварҳои иқтисодии дар ҳоли гузариш қарордошта гузаронида шудааст, ки он аз мавҷудияти хавфҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва асъорӣ ҳангоми сармоягузорӣ ба ин кишварҳо шаҳодат медиҳад.

Бисёре аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ алоқамандии мутақобили байни иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузориро қайд мекунанд, ки ба таври возеҳ дар таснифоти ин унсурҳои ҷолибияти сармоягузорӣ зоҳир мешавад. (расми 2.15.).




**Расми 2.15. – Робитаи мутақобилаи иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Таҳлили расми 2.15. нишон медиҳад, ки ҳангоми рушди иқтидори сармоягузорӣ коҳиши хавфи сармоягузорӣ ба назар мерасад. Баръакс низ дуруст аст: кам кардани хавфи сармоягузорӣ ба рушди иқтидори сармоягузории кишвар мусоидат мекунад.

Кишварҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд аз як қатор сарчашмаҳои маблағгузории беруна, аз ҷумла, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, сармоягузории портфелӣ, кӯмаки расмии фондҳои байналмилалӣ ва бонкҳо ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ истифода баранд. Дар байни сарчашмаҳои маблағгузории боқимонда, сармоягузориҳои хориҷӣ бузургтарин ва инчунин, устувортарин манбаи маблағгузорӣ ба таъсири таконҳои иқтисодӣ ва молиявӣ ба ҳисоб мерафтанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тавассути сиёсати оқилона ва воқеан татбиқшавандаи қарзию сармоягузорӣ метавонад, масъалаҳои асосии рушди иқтисоди бозорӣ ҳал карда шаванд. (расми 2.16.)

- устуворгардӣ ва болоравии иқтисодиёти давлат дар маҷмуъ;

- таъсиси ҷойҳои корӣ нав ва ислоҳоти ҷойҳои кории мавҷуда;

- бехтарсозии экологияи саноатӣ ҳамчун қисми вазифаи умумии нигоҳдорӣ ва барқарорнамоии муҳити табиӣ;

**Расми 2.16. – Мушкилоте, ки бо сиёсати оқилонаи инвеститсионӣ ҳал карда мешаванд**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Пандемия сармоягузоронро дар бисёр кишварҳо маҷбур кардааст, ки барномаҳои сармоягузориро банданд. Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон барои дастгирии сармоягузорон дар шароити бӯҳроне, ки дар натиҷаи паҳншавии сирояти коронавирус ба вуҷуд омадааст, тадбирҳо андешидаанд.

Ҳамзамон, як қатор сармоягузорони бузурги байналмилалӣ бо сабаби коҳиши якбораи даромад дар солҳои 2020-2021 барномаҳои сармоягузориро коҳиш додаанд. Ширкатҳои бисёрмилалии кишварҳои мутараққӣ коҳиши даромад ва коҳиши ҳиссаи даромади бозтамвилшударо 61%, корпоратсияҳои бисёрмилалии кишварҳои рӯ ба тараққӣ 40% ва кишварҳои иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қароргирифта дар ҳаҷми 93% (расми 2.17.) пешгӯӣ мекунанд.




**Расми 2.17. – Бузургии даромадҳои реструктуризатсияшуда дар сохтори СМХ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Пастшавии минбаъдаи сармоягузории бозтамвилшуда аз давомнокии пандемия ва таркиби чораҳои маҳдудкунандае, ки ҳукуматҳо маҷбур мешаванд, қабул кунанд, вобаста хоҳанд буд.

Бахусус, аз таъсири коронабӯҳрон корхонаҳои хурду миёна, бинобар қатъ шудани ҳамлу нақл аз хориҷа ва вайрон шудани занҷираҳои байналмилалии истеҳсолӣ сахт осеб диданд. Ҳамаи гуфтаҳои боло ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ таъсир расонд. Айни замон роҳбарияти кишвар гуфтушунидҳо бо ББТР, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки сармоягузории Аврупо ҷиҳати дарёфти дастгирии молиявӣ, барои барқарорсозии иқтисодиёт пас аз пандемия бурда истодааст.

Муҳимтарин ҷузъи фазои сармоягузорӣ ба танзимнамоии қонунгузорӣ алоқаманд аст, ки он татбиқи механизми ҳуқуқии кафолатҳои давлатии ҷалби сармоягузории хориҷиро амалӣ менамояд. Чунин танзимкунии қонунгузорӣ ба сармоягузор барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ кафолат медиҳад ва барои иқтисодиёти миллӣ дастрасии бозори ҷаҳонии сармояро таъмин менамояд.

Бо дарназардошти тавсияҳои ЮНКТАД ва таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ба сифати афзалиятҳои сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалигардонии тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешавад. (расми 2.18.).




**Расми 2.18. – Тадбирҳои пешниҳодшудаи ҳифзи сармоягузорон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муайян намудани чунин ҳаҷми даромадҳои сармоягузорӣ ба даст оварда мешавад, ки он метавонад талаботи кунунии иқтисодиётро аз рӯи ҳаҷм ва сохтор бо дарназардошти истифодаи самаранок ва баргардонидани маблағҳои сармоягузоришуда ба шарти нигоҳ доштани тавозуни мусбии пардохт қонеъ намояд.

Яке аз муҳимтарин роҳҳои ҳамгиронамоии иқтисодиёти миллӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ қабул ва татбиқи қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи давлатӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба мақоми саноатӣ дар кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ шуда истодааст.




**Расми 2.19. – Самтҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба баланд бардоштани диверсификатсияи иқтисодиёт ва рақобатпазирии кишвар нигаронида шудааст. Ҳадафҳои Стратегияи миллӣ дар сурати таъмини рушди бахши хусусӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи рушди иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

Татбиқи стратегия дар худ коркарди равиши стратегиро ба СМХ, андешидани тадбирҳоро оид ба баланд бардоштани ҷолибияти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ ва ба

ҳадди аксар расонидани самараи мусбатро аз сармоягузории хориҷӣ дар самти воридот ва паҳн намудани малакаҳо, донишҳо ва технологияҳо дар бар мегирад.

Зарур аст, ки сармоягузорони хориҷӣ, ки қодир ҳастанд ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ намоянд ва барои ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватанӣ омодаанд, бо мақсади паҳн кардани малакаву технологияҳои нав дар тамоми иқтисодиёт ҷалб карда шаванд.

Ташкилотҳои молиявию иқтисодии байналмилалӣ ба барқароршавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва институтҳои он мусоидат намуда, ба ҳамгироии кишвар ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мусоидат намуданд.




**Расми 2.20. – Маблағҳое, ки Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ барои сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ба захира гузоштааст, млрд. долл. ИМА**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Бонки Ҷаҳонӣ пешгӯӣ кардааст, ки афзоиши ММД воқеии Тоҷикистон дар соли 2023 дар сатҳи 5,2% қарор гирифта, дар дурнамои миёнамуҳлат муътадил хоҳад монд.

Маҷмуи моделҳои танзимкунии давлатии сармоягузориҳо дар ҷадвали 2.14. баррасӣ шудаанд.

## Ҷадвали 2.14. - Моделҳои танзимкунии давлатии сармоягузорӣ

| Параметрҳо | Модели амрикоӣ | Модели ҷопонӣ | Модели тайванӣ |
|---|---|---|---|
| Моҳияти модел | Тавассути имтиёзхо ва преференсияҳои андозӣ сиёсати либералии макроиқтисодӣ амалӣ карда мешавад, ки ба устуворгардонии иқтисодиёт бо истифода аз нархҳо ва фоизҳо нигаронида шудааст | Шарикии қавии давлат ва бахши хусусӣ. Барои ин бахши пуриқтидори хусусӣ ва давлати пурқувват бо дастгоҳи муассири идоракунӣ лозим аст | Дорои унсурҳои моделҳои амрикоӣ ва ҷопонӣ мебошад. Ҳамоҳангсозии қарорҳои сармоягузорӣ аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ |
| Институтҳои молиявӣ | Мавҷудияти бозори рушдкардаи коғазҳои қиматнок. Нақши дуюмдараҷаи низоми бонкӣ. | Молиякунонии сармоягузориҳо бо истифода аз қарзҳои имтиёзноки бонкӣ. | Карзҳои имтиёзноки бонк ба корхонаҳои содироткунанда. |
| Нақши давлат | Давлат пешгӯии тараққиёти иқтисодиётро ба амал мебарорад; ҳангоми зарурат ба инфрасохтор сармоягузорӣ мекунад. Сармоягузориҳо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ унсурҳои стратегияи умумӣ- иқтисодӣ мегарданд. | Давлат пасандозҳои аҳолиро бо шартҳои имтиёзнок ба корпоратсияҳо медиҳад. Дар баробари ин давлат ӯҳдадориҳои гирифтаи худро иҷро мекунад. | Таъмини дастрасии баробари ҳамаи содироткунандагон ба инноватсия. |
| Афзалиятҳои модел | Таъмини тақсимоти самараноки захираҳои сармоягузорӣ | Сафарбар намудани захираҳои молиявӣ барои сармоягузорӣ | Рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| Камбудиҳои модел | Набудани ҳавасмандиҳои пасандознамоӣ ва бо ин сабаб имконнопазир будани бо зудӣ зиёд кардани пасандозҳо | Сиёсаткунонии раванди сармоягузорӣ, коррупсия дар доираҳои сиёсӣ. | Ба қоидаҳои нави СУС мухолиф аст |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ба андешаи мо, нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз унсурҳои алоҳидаи ҳар се модел истифода кардан зарур аст: шарикии фаъоли давлат ва бахши хусусӣ, низоми рушдёфтаи бонкӣ ва бозори фондӣ, дастрасии баробари ташкилотҳои содироткунанда ба коркардҳои илмӣ, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ.

Аз таҷрибаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ маълум аст, ки кӯшишҳои ба таври механикӣ истифода кардани моделҳо дар сурати мавҷуд набудани заминаи институтсионалӣ бесамар аст. Масалан, дар Олмони Шарқӣ сиёсати ҷалби сармоягузорон тавассути имтиёзҳои зиёди андоз муваффақ набуд.

Аз ин рӯ, барои эҷоди моделҳои сиёсати сармоягузорӣ як қатор институтҳое заруранд, ки фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам меоранд.

Нақши давлат дар ташкили институтҳои зарурӣ аз татбиқи сиёсати мувофиқи фискалӣ ва пулию қарзӣ, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ иборат аст.

Дар расми 2.21. тадбирҳои аввалиндараҷаи зарурӣ барои рушди фазои сармоягузорӣ нишон дода шудаанд.




**Расми 2.21. - Тадбирҳои аввалиндараҷаи зарурӣ барои рушди фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст намуда қайд мекунем, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, маҷмуи тадбирҳоро оид ба баланд бардоштани ҷолибияти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ пешбинӣ мекунад.

Моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ ва тайвании танзими давлатии сармоягузориҳоро муқоиса намуда, бартариятҳо ва нуқсонҳои онҳоро таҳлил карда, мо пешниҳод менамоем, ки унсурҳои алоҳидаи ҳар се модел истифода шаванд: шарикии фаъоли давлат ва бахши хусусӣ, низоми бонкии рушдёфта ва бозори фондӣ, дастрасии баробари ташкилотҳои содироткунанда ба коркардҳои илмӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ.

Имкониятҳои сармоягузории давлат ва истифодаи самараноки онҳо, дуруст ҷо ба ҷо кардани афзалияти сиёсати сармоягузорӣ мустақиман ба модели рушди устувори кишвар таъсир мерасонад. Масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар иртибот бо сатҳи нокифояи ғункунии дохилии сармоя дар кишвар, ки барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёт кофӣ нест, хеле мубрам мебошад.

Иқтисодиёт азнавсозии фондҳои асосиро бо назардошти истифодаи таҷҳизоти инноватсионӣ ва технологияи пешрафта талаб мекунад, ки ин ба рушди навъи сармоягузории такрористеҳсол мусоидат мекунад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо воридгардии доимӣ ва пуриқтидори воситаҳои сармоягузорӣ зарур аст.

Сарчашмаҳои дохилии маблағгузорӣ дар кишвар – ин аз захираҳои молиявии худи корхонаҳо, захираҳои бозори молиявӣ, пасандозҳои аҳолӣ иборатанд[74]. Аммо воситаҳои худии молиявии корхонаҳо на ҳама вақт

[74] Дададжанова, Н.М. Особенности формирования и проблемы развития инвестиционного потенциала Республики Таджикистан в условиях рыночной

барои амалӣ намудани давраи ҷории истеҳсолӣ кифоя мебошанд, бозори молиявӣ бошад, дар Тоҷикистон нав рушд карда истодааст. Аз ин рӯ, аз ҳамаи ин имкониятҳо қисми муҳимтарин ва воқеии ташкилкунандаи сарчашмаҳои сармоягузорӣ пасандозҳои аҳолӣ мебошанд, чунки онҳоро ба зудӣ метавон барои истифода дар иқтисодиёт ҷалб кард, бахусус, аз соли 2010 тамоюли афзоиши пасандозҳои дарозмуддат мушоҳида мешавад, ки хиссаи онхо дар хачми умумии пасандозхо 72 фоизро ташкил медихад. Дар ҷадвали 2.15. динамикаи пасандозҳо ва депозитҳои аҳолӣ дар солҳои 2010-2021 оварда шудааст[75].

**Ҷадвали 2.15. – Динамикаи саҳмҳо ва пасандозҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2021**

| Давра | Пасандозҳо ва депозитҳо бо пули миллӣ, млн. сомонӣ | Пасандозҳо ва депозитҳо бо асъори хориҷӣ, млн. сомонӣ | Маблағи умумии пасандозҳо ва депозитҳо, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Соли 2010 | 4034,8 | 9566,6 | 13601,4 |
| Соли 2011 | 3877,8 | 11372,4 | 15250,2 |
| Соли 2012 | 4315,7 | 12102,4 | 16418,1 |
| Соли 2013 | 5506,8 | 11263,1 | 16769,9 |
| Соли 2014 | 7330,7 | 10365,2 | 17695,9 |
| Соли 2015 | 4897,8 | 10264,1 | 15161,9 |
| Соли 2016 | 9292,5 | 9877,3 | 19169,8 |
| Соли 2017 | 9300,0 | 9964,1 | 19264,1 |
| Соли 2018 | 9325,1 | 10445,3 | 18891,2 |
| Соли 2019 | 9455,6 | 10699,3 | 19211,7 |
| Соли 2020 | 9355,1 | 10569,1 | 19924,2 |
| Соли 2021 | 9254,0 | 10423,9 | 19677,9 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Соҳаи бонкӣ бахши хеле серталабтарини бозори молиявӣ дар миёни шаҳрвандони Тоҷикистон боқӣ мемонад, зеро ки ҳиссаи пасандозҳои шаҳрвандон динамикаи рушдро доро мебошад.

---

экономики [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Дададжанова Насиба Мирзажоновна. – Худжанд, 2015. – С.49.

[75] Статистические банковские бюллетени [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://islamicmarkets.com, кушода. Санаи мурочиат: 02.06.2020

Аммо омӯзиши маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки танҳо қисми ками пасандозҳои аҳолӣ ба гардиши хоҷагӣ ҷалб карда шудааст. (расми 2.22.)

Ба ҳадди баландтарин расонидани ҳаҷми пасандозҳои муташаккилонаи аҳолӣ ҳадафи ниҳоии танзими раванди пасандозҳо ва шарти ибтидоии табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо нақши асосӣ ба бозори молиявӣ ва ташкилотҳои молиявию қарзӣ вогузор мегардад, чунки қисми зиёди пасандозҳои аҳолӣ аз марҳилаи сармоягузории молиявӣ гузашта, ба сармоягузории воқеӣ табдил меёбанд. Заминаи рушдёфтаи институтсионалии миёнаравии молиявӣ ва мавҷудияти воситаҳои рушдкарда низ, шарти муҳимтарини табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ маҳсуб меёбанд.




**Расми 2.22. – Ҳиссаи сармоягузориҳо дар ҳаҷми умумии пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2010-2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Сафарбар намудани пасандозҳои аҳолӣ барои маблағгузории иқтисодиёт бе дараҷаи муайяни эътимод ба муассисаҳои молиявию қарзӣ ва умуман бозори молиявӣ ғайриимкон аст. Дар ин росто, низоми ба роҳ мондашуда ва возеҳи танзими амалиёт дар бозори молиявӣ, таъмини ҳуқуқи сармоягузорон, низоми кафолати маблағҳои гузоштаи аҳолӣ дар

бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва сармоягузорӣ, ки чи дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва чи ба қоидаҳои давлатию корпоративии фаъолияти ташкилотҳои молиявию қарзӣ асос ёфтааст, шарти дигари муҳими ба сармоягузорӣ табдил додани пасандозҳо ба ҳисоб меравад.

Сармоягузории хусусӣ ба коғазҳои қиматнок, пеш аз ҳама дар бозори аввалия, соддатарин модели табдил додани пасандозҳои аҳолӣ ба сармоягузорӣ ба шумор рафта, воридшавии захираҳои молиявиро ба иқтисодиёти воқеӣ таъмин менамояд. Аммо, рушди ин модел шароити муайянро талаб мекунад. (расми 2.23.).




**Расми 2.23. – Шароити зарурии ба маблағгузорӣ табдил додани пасандозҳои аҳолӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Барои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ба раванди сармоягузорӣ низоми муътадили ҳамкории мутақобила дар бозори молиявӣ, таҳияи низоми самараноки кафолатҳо барои таъмини амният ва бозпасгардонидани маблағҳои гузошташуда, ки ба афзоиши иқтидори сармоягузории аҳолӣ мусоидат мекунад, зарур аст.

Вазифаи муҳими раванди сармоягузорӣ табдил додани пасандозҳои аҳолӣ ба сармоягузориҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бисёре аз ин омилҳоро наметавон танҳо

тавассути роҳи эволютсионии бозор бартараф кард. Барои ба гардиши иқтисодӣ пурратар ҷалб намудани пасандозҳои аҳолӣ ва зиёд намудани ҳаҷми пасандозҳои дарозмуддат, ки шаклҳои муташаккилро мегиранд, таъсири мақсадноки давлат ба раванди сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии рушди воситаҳои гуногуни ба сармоягузорӣ табдил додани пасандозҳои аҳолӣ, таҳкими заминаи институтсионалии он зарур аст.

Гузариши мамлакат ба иқтисоди бозорӣ ба афзоиши талабот ба сармоягузориҳо мусоидат менамояд ва васеъ намудани имкониятҳои сармоягузориро дар назар дорад. Фасихов И.С. ва Тағоев Ҷ.Х. қайд мекунанд, ки муносибатҳои бозорӣ барои субъектҳои иқтисодӣ имкониятҳои зиёди сармоягузориро мекушоянд: барориш ва фурӯши коғазҳои қиматнок ва гирифтани даромад аз барориши онҳо, истифодаи қарздиҳии дарозмуддат аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ, ҷалби сармояи хориҷии мустақим ва портфелӣ, истифодаи қарзҳои буҷетӣ[76].

Яке аз оқибатҳои назарраси ҷаҳонишавӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ тағйирёбии фаъолияти бозори сармоя мебошад. Ҳаракати озоди сармоя дар байни мамлакатҳо ба оқибатҳое оварда расонд, ки онҳоро якхела баҳо додан мумкин нест. Ҷаҳонишавӣ дар шароити мавҷуд набудани сиёсати дохилии танзими ҳаракати сармоя боиси вайроншавии ҷиддии бозори сармоя, берун шудани он аз раванди ташаккули сармоя дар иқтисодиёти миллӣ ва табдил додани он ба воситаи баланд бардоштани даромаднокӣ ва рақобатпазирии сармояи хориҷии воридшаванда мегардад.

Ҷараёни байниқитъавӣ ё байниминтақавии ҳаракати сармоя, фаъолнокии иқтисодӣ, ҳамкориҳои мутақобила тавассути таҳияи рушди моделҳои гуногуни табақабандии истеҳсолоти байналмилалӣ ва ташаккулёбии ширкатҳои фаромилалӣ (ШФМ), ки дар заминаи ҷараёни

[76] Тагоев, Дж.Х. Государственные инвестиции и проблемы развития предприятий аграрного сектора [Текст] / Дж.Х. Тагоев, И.С. Фасихов // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – №2/5. – С.13.

сармоягузорӣ ва пеш аз ҳама сармоягузории мустақими хориҷӣ ташаккул ёфтаанд, ташкил карда мешаванд.

Марҳилаи муосири рушди бозори миллии сармоя дар кишварҳои гуногун, инчунин, ба монанди фаромилаликунонии иқтисодиёти миллӣ, дар асоси худ равандҳои умумигардонии захираҳо ва истеҳсолот, тамаркуз ва мутамарказонии сармояро дорад, ки ба ин ё он тарз бо васеъшавӣ ва тезу тунд шудани рақобат ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Бо вуҷуди ин, ҷаҳонишавӣ дар фаъолияти бозори сармоя дар кишварҳои мухталиф гуногун зоҳир мегардад. Дар сурати мавҷуд набудани сиёсати дохилии танзимнамоии ҷараёнҳои сармоя, ҷаҳонишавӣ боиси вайроншавии ҷиддии бозори сармоя, талафоти он аз раванди ташаккули сармоя дар иқтисодиёти миллӣ ва табдил додани он ба воситаи баланд бардоштани даромаднокӣ ва рақобатпазирии воридшавии сармояи хориҷӣ мегардад. Вазъияти бозорҳои миллии сармоя аз дараҷаи ҳамроҳшавии онҳо ба равандҳои ташаккулёбиии сармоя вобаста аст ва аз рӯи самаранокии танзимкунии давлатӣ муайян карда мешавад.

Нурмахматов З.Ҷ. афзалиятҳои зеринро аз ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба мақсадхои иқтисодиёти гузариш тавсиф мекунад[77]:

- ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои азнавсозии куллии корхонаҳои истеҳсолии давлатӣ;

- шиносоӣ бо хусусиятҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи ташкил ва идоракунии истеҳсолот ва сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, истифодаи инноватсияҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ ва фоиданокии субъектҳои иқтисодӣ.

Дадаҷонова Н.М. консепсияҳои зерини рушди иқтисодҳои давраи гузаришро дар робита ба сармоягузориҳои хориҷӣ баррасӣ мекунад: консепсияи монетаристӣ ва консепсияи рақобати номукаммал. Ҳарду

---

[77] Нурмахматов, З.Дж. Национальная инновационная система Республики Таджикистан [Текст] / З.Дж. Нурмахматов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2007. – №4. – С.25.

консепсия сармоягузориҳои хориҷиро ҳамчун манбаи маблағгузорӣ баррасӣ мекунанд. Аммо консепсияи монетаристӣ сармоягузории хориҷиро дар намуди манбаи ягонаи рушди иқтисодӣ медонад, дар консепсияи рақобати номукаммал бошад, барғалат қайд меравад, ки он ба рушди иқтисодӣ мусоидат намекунад, балки дар шакли оқибатҳои рушди иқтисодӣ амалӣ карда мешавад[78]. Мутобиқи консепсияи рақобати номукаммал, маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ дар ҳолате ба воридшавӣ шуруъ мекунад, вақте ки пешравии иқтисодиёт аллакай оғоз ёфтааст ва ба суръатбахшии он мусоидат мекунанд.

Маълум аст, ки сармоягузориҳои хориҷӣ дар баробари бартариятҳо дар худ хавфҳои гуногунро низ ба бор меорад. Соҳибкории муштарак бо шарикони хориҷӣ маҷмуи созишҳои ба ҳар ду ҷониб судманд ба ҳисоб меравад (расми 2.24.).




**Расми 2.24. – Соҳибкории муштарак бо шарикони хориҷӣ**

**Сарчашма: (Таҳияи муаллиф)**

---

78 Дададжанова Н.М. Особенности формирования и проблемы развития инвестиционного потенциала Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики [Текст]: дисс. На соискание канд. экономич. наук / Н.М. Дададжанова. - Худжанд, 2014. – 58 с.

Ҳамин тариқ, сиёсати миллии сармоягузорӣ маҷмуи қоидаҳо ва воситаҳоро барои танзими фаъолияти сармоягузорон ба манфиати иқтисодиёти ватанӣ дар бар мегирад, аммо бояд манфиатҳои сармоягузоронро ба инобат гирифт, вагарна онҳо барои маблағҳои молиявии худ макони дигар пайдо мекунанд. Барои ноил шудан ба созиши байни манфиатҳои иқтисодиёти ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, чунин воситае, ба монанди низомҳои сармоягузорӣ истифода мешавад.

Каримова Ш.К. низоми сармоягузориро ҳамчун маҷмуи тадбирҳое тавсиф мекунад, ки ба равонасозӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ нигаронида шудаанд[79].

Низоми ягонаи сармоягузорӣ вуҷуд надорад, якчанд низомҳои махсуси сармоягузорӣ вуҷуд доранд, ки дар доираи онҳо тартиби муносибатҳои соҳаи муайяни ҳаракати сармоягузорӣ танзим карда мешаванд.

Либерализатсия ба кушода шудани иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, барҳам додани монеаҳо мусоидат мекунад.

Либерализатсияи низоми дастрасии сармоягузорони хориҷӣ ба бозори миллӣ тарафи дигар низ дорад: ҳукуматҳои бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандаи ватанӣ бо роҳи маҳдуд намудани иштироки сармояи хориҷӣ дар ҳудудҳои муайян тадбирҳо меандешанд [80].

Дар адабиёт якчанд низомҳои сармоягузорӣ тавсиф карда шудаанд, ки дар таҷрибаи давлатӣ ҳангоми танзимкунии ҷараёнҳои сармоягузорӣ васеъ истифода мешаванд. (ҷадвали 2.16.)

---

[79] Каримова, Ш.К. Пути активизации инвестиционных процессов в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.К. Каримова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – №1. – С.182.

[80] Николаев, М.А. Основные составляющие инвестиционной безопасности и их оценка [Текст] / М.А. Николаев, М.Ю. Махотаева // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. – 2017. – Т.10. – №5. – С.40.

Ҷадвали 2.16. - Афзалиятҳо ва норасоиҳои низомҳои сармоягузорӣ

| **Номи низоми сармоягузорӣ** | **Моҳияти низоми сармоягузорӣ** | **Афзалиятҳои низом** | **Норасоиҳои низом** |
|---|---|---|---|
| Низоми хеле зиёд мусоидаткунанда | Таъсиси сатҳи якхелаи ҳимоя барои ҳамаи сармоягузорони хориҷӣ, набудани табъиз вобаста ба аломатҳои миллӣ | Мавҷудияти имтиёзҳои андозӣ ва пардохтҳои гумрукиро пешбинӣ менамояд | Доираи зарурии ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро меъёрҳои қонунгузории давлати қабулкунанда ва шартномаҳои он бо дигар давлатҳо танзим мекунанд (зуд-зуд ба тағйирот дучор мешаванд) |
| Низоми миллӣ | Кишвари қабулкунанда ба сармоягузорон ҳамон низоми мусоидеро, ки соҳибкорони миллӣ доранд, фароҳам меорад | Либерализатсияи фаъолияти сармоягузорӣ | Маҳдуд кардани татбиқи он дар асоси қабули истисноҳо |
| Низоми одилона ва баробарҳуқуқ | Ба сармоягузороне, ки имтиёз доранд, баробар ва одилона бо назардошти стандарти ҳадди ақали сармоягузорӣ барои сармоягузорон муносибат мекунанд | Тадбирҳои табъизкунанда манъ карда шудааст, иҷроиши қатъии ӯҳдадориҳои шартномавӣ бо сармоягузор | Имконияти поймол намудани ҳуқуқи сармоягузорон аз ҷониби давлат таҳти ниқоби талаботи қонунгузории миллӣ |
| Низоми шаффофиятнокӣ | Огоҳонидани сармоягузорон дар бораи тағйирот дар сиёсати сармоягузорӣ, шарҳ додани хусусиятҳои расмиёти бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳӣ | Коҳиш додани хароҷоти транзаксионӣ барои ташкил ва идоракунӣ | Мушкилоти дар амал татбиқ намудани он бинобар сабаби як катор тадбирҳои идоракунии давлатӣ ва сиёсати миллӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки аксаран ба сармоягузорон низоми хеле зиёд мусоидаткунанда ё низоми миллӣ дода мешавад. Воқеан, қариб

дар ҳамаи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сармоягузорӣ низоми хеле зиёд мусоидаткунанда пешбинӣ шудааст.

Баъзе кишварҳо барои ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷӣ фаъолона низоми чандирии андозбандии имтиёзнокро истифода мебаранд. Таъсири либерализатсияи низоми сармоягузорӣ ба ҳаҷми воридоти сармояҳои хориҷӣ хусусияти амалӣ дорад[81].

Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ қайд мекунанд, ки дар ҳоли ҳозир Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шумори зиёди имтиёзҳоро барои сармоягузорон дар бар мегирад. Аммо даромади аз даст рафта, дар буҷет инъикос намеёбад. Тибқи тавсияҳои амалияи байналмилалӣ, ки тибқи он имтиёзҳои андозии татбиқшаванда, инчунин, баҳрабардорони (бенефитсиарҳои) онҳо бояд ба қайд гирифта шуда, назорат карда шаванд ва маълумот дар бораи онҳо нашр карда шаванд. Азбаски дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи мониторинг вуҷуд надорад, ҷой доштан ё надоштани таъсиррасонии имтиёзҳои андозро ба иқтисодиёт дар маҷмуъ ва ё ба фаъолияти мушаххаси соҳибкории сармоягузорон арзёбӣ кардан имконнопазир аст.

Нигоҳ доштани имтиёзҳои мавҷудаи андозро метавон ҳамчун муносибати нобаробар нисбат ба андозсупорандагон маънидод кард, ки боиси рақобати беинсофона мегардад. Ин вазъият тақозо мекунад, ки ҳама гуна имтиёзҳои андозӣ аз нав дида шуда, имтиёзҳои бесамар бекор карда шаванд[82].

Сармоягузории хориҷии ба Тоҷикистон воридшаванда аз қарзҳои хориҷӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, инчунин сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ иборат аст. (расми 2.25.)[83].

---

[81] Джураев, Д.М. Инвестиционная среда Республики Таджикистан: проблемы и пути их преодоления [Текст] / Д.М. Джураев // Экономика и управление. – 2015. – №3 (53). – С.8.
[82] Доклад Всемирного Банка об экономике Таджикистана [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://pubdocs.worldbank.org/en/851101514559808994/Tajikistan-CEU-Fall-2017-rus.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 13.11.2021
[83] Аналитический сборник ЕАБР [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/upload/iblock/24a/EABR_Thematic_Report_11_2019_RU.pdf, кушода. Санаи мурочиат 03.10.2020




**Расми 2.25. – Ҳаҷми маблағгузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, % аз ММД**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Сармоягузорони хориҷиро ба бозори кишварҳои рӯ ба тараққӣ имконияти шаклҳои гуногуни амалигардонии маблағгузории хусусӣ дар ин кишварҳо ҷалб мекунад. Динамикаи афзоиши назарраси сармоягузориҳои портфелии хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ бо афзоиши талабот ба воситаҳои сармоягузорӣ дар ин кишварҳо муайян карда мешавад.

Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим, умумӣ ва портфелиро дар иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар расми 2.25. оварда шудааст, муқоиса намуда, дидан мумкин аст, ки бузургии ҳаҷми сармоягузориҳои портфелӣ дар Тоҷикистон сатҳи начандон баланд дорад, ки он ба набудани низоми боэътимоди ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ, халалдоршавӣ дар кори биржаҳои фондӣ, набудани механизмҳои мувофиқи суғуртанамоӣ аз хавфҳои гуногуни сармоягузорӣ вобаста аст.

Сармоягузориҳои портфелӣ шакли ояндадори сармоягузорӣ ба ҳисоб мераванд, зеро дар доираи номутавозунии ҷаҳонии пасандозҳо ва истеъмол

кишварҳои пешрафта (ИМА, Британияи Кабир, Ҷопон ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ) на танҳо фаъолона сармояро дар шакли сармоягузориҳои портфелӣ ҷалб мекунанд, балки худи онҳо сармоягузории портфелиро дар тамоми ҷаҳон пеш мебаранд.

Ҷабборов Р.Т. сармоягузориҳои портфелиро дар намуди воситаҳое тавсиф мекунад, ки онҳо ба рушди минбаъда ва баланд бардоштани самаранокии бозорҳои фондии дохилӣ мусоидат мекунанд. Ба ин афзоиши болоравии кушод гардидани иқтисодиёти миллӣ нисбат ба бозорҳои байналмилалии сармоя, паст шудани арзиши сармоя барои корхонаҳои ватанӣ мусоидат мекунад[84]. Аз тарафи дигар, метавон таҳкими ноустувориро байни бозорҳои миллии молиявӣ қайд намуд.

Осебпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯ ба рӯи таконҳои молиявии ҷаҳонӣ зарурати коркарди тадбирҳои амнияти сармоягузориро бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ба миён гузошт.

Мо модели таҳлили регрессивӣ-коррексиониро барои омӯзиши таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз ҳаҷми ММД-и кишвар, пасандозҳои аҳолӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ тахия намудем.

Нишондиҳандаи натиҷадиҳанда (самарабахш): У – ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим, млн. долл. ИМА.

Омилҳои аз нишондиҳандаи натиҷадиҳанда вобастабуда:

Х1 – ҳаҷми ММД Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Х2- ҳачми пасандозҳои аҳолӣ, млн. сомонӣ

Х3 – шохиси дарки коррупсия, хол. Нишондиҳандаҳо дар фосилаи аз 0 то 100 хол, 100- коррупсия нест, 0-коррупсияи максималӣ.

Х4 – шохиси озодии иқтисодӣ, хол. Ҳар қадар хол баланд бошад, ҳамон қадар озодии иқтисодӣ зиёд аст.

---

[84] Джаббаров, Р.Т. О некоторых проблемах экономической политики Таджикистана [Текст] / Р.Т. Джаббаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2011. – №2. – С.55.

### Ҷадвали 2.17. - Матритсаи масъалаҳои таҳлили оморӣ

| Нишон диҳанда | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Y** | 391 | 341 | 377 | 471 | 434 | 354 | 348 | 331 | 336 |
| **X1** | 47373 | 51017 | 54661 | 56482 | 61949 | 64434 | 71059 | 72635 | 72604 |
| **X2** | 16418 | 16770 | 17696 | 15162 | 19170 | 19264 | 18891 | 19212 | 19001 |
| **X3** | 31 | 31 | 30 | 31 | 31 | 27 | 25 | 25 | 24 |
| **X4** | 53 | 53 | 52 | 53 | 51 | 58 | 58 | 56 | 57 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини моделсозии оморӣ муайян намудани ченаки миқдории таъсири маҷмуи омилҳо ба нишондиҳандаи натиҷадиҳанда мебошад. Таҳлили коорелятсионии вобастагии ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро аз ҳаҷми ММД-и кишвар, пасандозҳои аҳолӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ мегузаронем.

Бо истифода аз барномаи Stata14 ҳисобҳоро анҷом медиҳем (Расми 2.26.).

```
reg var1 var2 var3 var4 var6

      Source |       SS           df       MS      Number of obs   =         8
-------------+----------------------------------   F(4, 3)         =      1.62
       Model |  11579.7833         4  2894.94581   Prob > F        =    0.3607
    Residual |  5363.09174         3  1787.69725   R-squared       =    0.6835
-------------+----------------------------------   Adj R-squared   =    0.2614
       Total |   16942.875         7  2420.41071   Root MSE        =    42.281

------------------------------------------------------------------------------
        var1 |      Coef.   Std. Err.      t    P>|t|     [95% Conf. Interval]
-------------+----------------------------------------------------------------
        var2 |    9.42996   25.84995     1.53   0.225      121.696    42.83612
        var3 |   .0119315   .0150906     0.79   0.487     .0599564    .0360934
        var4 |   9.519575   18.15491     0.52   0.636     67.29661    48.25746
        var6 |    6.06489   15.18071     1.06   0.368     64.37668     32.2469
       _cons |    2040.58   1578.377     1.29   0.287     2982.519     7063.68
------------------------------------------------------------------------------
```

**Расми 2.26. – Натиҷаҳои ҳисобкунӣ дар барномаи Stata 14**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳама коэффитсиентҳо дар сатҳи 5% аҳамиятноканд, модел дар маҷмуъ муҳим аст, аммо нишондиҳандаи озод аз ҷиҳати оморӣ муҳим ва боэътимод маҳсуб намеёбад.

Дар натиҷаи ҳисобҳо муодилаи регрессивии сершумор ба даст омад:

$$\boxed{Y=9{,}43X1+0{,}119\ X2+9{,}519\ X3+6{,}06\ X4} \qquad (2)$$

Омилҳоеро, ки ба нишондиҳандаи натиҷадиҳанда таъсир мерасонанд, шарҳ медиҳем:

- ҳангоми афзоиши ҳаҷми ММД ба 1 миллион сомонӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ 9,43 миллион доллар афзоиш меёбад;

- ҳангоми афзоиши ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ ба 1 миллион сомонӣ, ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 0,119 миллион доллар афзоиш меёбад;

- ҳангоми афзоиши шохиси дарки коррупсия ба 1 хол, ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 9,519 миллион доллар афзун мешавад;

- ҳангоми афзоиши шохиси озодии иқтисодӣ ба 1 хол, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 6,064 млн сомонӣ афзоиш меёбад.

Натиҷаҳои бадастомада муҳимияти нақши шохиси дарки коррупсия ва шохиси озодии иқтисодиро дар ҳаҷми ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нишон медиҳанд.

Дар робита ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари низоми аллакай истифодашавандаи хеле зиёд мусоидаткунанда бояд низоми сармоягузории шаффофиятнок истифода шавад, ки шаффофияти молиявӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотиро дар бар мегирад, эътимодро дар байни шарикони байналмилалӣ зиёд мекунад ва барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолиб ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи аксарияти мамлакатҳоеро, ки сармояи хориҷиро фаъолона ҷалб мекунанд, таҳлил намуда, Д.М. Марупов воқеияти ба ширкатҳои дорои сармояи хориҷӣ додани низоми имтиёзнокро эътироф мекунад, ки он ба сармоягузорон дар муқоиса бо корхонаҳои ватанӣ шароити нисбатан

мусоиди фаъолиятро фароҳам меорад[85]. Аммо, ин мулоҳиза хилофи муқаррароти байналмилалӣ дар бораи рақобати озод, инчунин, принсипҳои СУС ва СИҲР мебошад, ки онҳо низоми миллии амалӣ намудани фаъолияти иқтисодиро на танҳо ба соҳибкорони ватанӣ, балки барои сармоягузорони хориҷӣ низ пешбинӣ менамоянд.

Аммо ба андешаи бисёре аз олимон ва иқтисоддонҳо, низоми «соф»-и миллӣ танҳо дар кишварҳои дорои рушди баланди иқтисодӣ ва фазои устувори мусоиди сармоягузорӣ ва сохтори оптималии институтсионалӣ самаранок аст. Таҷрибаи танзимкунии низомҳоро барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ мавриди омӯзиш қарор дода, тамоюли устувори таҳкими либерализатсияи низомҳои сармоягузориро қайд мекунем, ки ин дар кушода шудани соҳаҳои иқтисодиёт, ки қаблан барои сармояи хориҷӣ дастнорас буданд; суст кардани маҳдудиятҳо бораи иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар корхонаҳои муштарак; дар содда кардани тартиби бақайдгирии сармоягузориҳои хориҷӣ; ҷорӣ намудани имтиёзҳои гуногуни андозӣ ва гумрукӣ зоҳир мегардад.

Бояд гуфт, ки раванди либерализатсияи низомҳои сармоягузорӣ бо назардошти зарурати ҳифзи бозори дохилӣ, андешидани тадбирҳо оид ба амнияти иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишоф суст рафта истодааст.

Ҳамин тариқ, мо хусусиятҳои сиёсати сармоягузории Тоҷикистон, инчунин афзалиятҳо ва норасоиҳои низомҳои сармоягузориро, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода мешаванд, баррасӣ намудем. Модели таҳлили регрессивӣ-коррелятсиониро мо барои омӯзиши таъсири ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҳаҷми ММД-и кишвар пасандозҳои аҳолӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ таҳия намудем. Натиҷаҳои дар асоси ҳисобҳо ба даст омада аз афзоиши нақши шохиси дарки коррупсия ва шохиси озодии иқтисодӣ дар ҳаҷми

---

[85] Марупов, Д.М. Оценка инвестиционного климата и условий привлечения инвестиций организациями Республики Таджикистан [Текст] / Д.М. Марупов // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – №6. – С.15.

ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ шаҳодат медиҳанд. Дар асоси ҳисобҳои гузаронида тавсия медиҳем, ки ба сиёсати сармоягузории кишвар (дар баробари низоми хеле зиёд мусоидаткунанда, ки аллакай татбиқ карда мешавад) низоми сармоягузории шаффофиятнок ворид карда шавад.

## Хулосаҳо оид ба боби дуюм

Дар асоси таҳлили танзими фаъолияти инвеститсионӣ дар мамлакатҳои мутараққии саноатӣ тамоюли зерин мушоҳида мешавад. Бисёре аз кишварҳои аврупоӣ як ниҳоди махсуси танзими сармоягузорӣ надоранд, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ баъзе соҳаҳо ё самтҳои фаъолият қисман барои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ баста мешаванд.

Мамлакатҳои тараққикардаи нимкураи ғарбӣ (Канада ва ИМА) аз болои сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти худ назорати қатъӣ ҷорӣ намуда, соҳаҳое, ки амнияти миллии давлатро таъмин мекунанд, зери назорати махсус гирифтаанд.

Низоми мусоидтаринро барои сармоягузорони хориҷӣ бо маҳдудиятҳои камтарин Ҷопон фароҳам овардааст. Мамлакат иқтисодиёти устувори инноватсионӣ ва низоми устувори сиёсӣ дорад.

Таҳлили танзими сармоягузорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои рӯ ба тараққӣ фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаҳое манъ аст, ки манфиатҳои миллии кишварро таъмин мекунанд. Дар Лаҳистон ва Россия сармоягузорони хориҷӣ танҳо дар соҳибикунии захираҳои замин маҳдуданд.

Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ сармоягузорони хориҷиро заминаи бойи ашёи хом, захираҳои кадрии соҳибихтисос ва суръати баланди рушди иқтисодӣ ҷалб мекунад. Аммо ҷалби СМХ ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ нисбат ба иқтисодиёти кишварҳои мутараққии саноатӣ аз сабаби ноустувории вазъи сиёсӣ, қурби асъор, вижагиҳои сиёсати пулию қарзии кишвар, шароити номусоиди ҳуқуқии бозпасгардонии сармоя хавфи бештар дорад.

Танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳо дорад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, маҷмуи тадбирҳоеро пешбинӣ менамояд, ки барои баланд бардоштани ҷолибияти иқтисодиёти кишвар барои сармоягузорони хориҷӣ равзана мегардад.

Таҳлили моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ ва тайвании танзими давлатии сармоягузорӣ, ки дар кор сурат гирифтааст, муаллифро ба хулосае овард, ки аз ҳар яке аз ин моделҳо метавон унсурҳои алоҳидаро истифода кард: шарикии фаъолонаи давлат ва бахши хусусӣ, низоми бонкии рушдёфта ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ.

# БОБИ 3. БЕХАТАРИИ САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН ЗЕРСИСТЕМАИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Хусусиятҳои ҳамгироии институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҳаракати байналмилалии сармоя: шаклҳои «суроғавӣ» ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ

Тамоюлҳои рушди ҷаҳонишавӣ дар арафаи асрҳои XX-XXI аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳар давлат барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ ва мавқеи худ дар тартиботи хоҷагии ҷаҳонӣ бояд дигаргун шавад. Муҳимтарин хусусияти иқтисодиёти глобалӣ ва заминаи он кушода будани иқтисодиёти миллӣ мебошад. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI дар сатҳи ҳаматарафзоянда таъсири равандҳои ҷаҳонишавии ба вуқуъ пайвастаистодаро эҳсос мекунад. Ин тамоюл дар даҳсолаи охир дар ташаккули хислати боз ҳам кушодатари иқтисодиёти ҷумҳурӣ зоҳир мегардад, ки дар сатҳи макро барқарорсозии устувории махсусгардонии берунииқтисодии кишвар; мавҷудияти таносуби муқоисашавандаи нархҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ; устувории вазъи асъорию молиявӣ ва бадалшавандагии байналмилалии асъори миллиро дар назар дорад. Дар сатҳи микро иқтисоди кушод озод ворид шудани корхонаҳои ватаниро ба бозори хориҷии молу сармоя ва аз ҷониби онҳо интихоб кардани шарикони хориҷӣ, табдил додани амалиёти берунииқтисодиро ба як ҷузъи фаъолияти иқтисодии онхо пешбинӣ менамояд.

Умуман, натиҷаи умумии ҳаракат ба самти кушод будан дар даҳсолаи сипаригардида барои кишварҳок иқтисодашон дар ҳоли гузариш қарордошта, чунон норавшан буд, ки иддае аз иқтисоддонҳо ба идома додани он муқобил баромад мекунанд.[86] Дар баробари ин равишҳои хеле

[86] Кобяков, А. Нужна ли России открытая экономика? [Текст] / А. Кобяков // Безопасность, экономика, финансы. – 2004. – №1. – С.21-23; Сенчагов, В. Конкурентоспособность, открытость и безопасность российской экономики [Текст] / В. Сенчагов // Федерализм. – 2002. – №2. – С.226.

гуногун ба масъалаи вазъи амнияти сармоягузории кишварҳое, ки сармояи хориҷиро ҷалб мекунанд ва мутаносибан ба асосноккунии самтҳои ҳамгироии мамлакатҳои давраи гузариш дар раванди ҳаракати байналхалкии сармоя дар доираи таносуби манфиатҳои иқтисодии дохилӣ ва берунии миллӣ вуҷуд доранд.

Бисёре аз муҳаққиқон ба хулосае меоянд, ки кушод будани иқтисодиёт фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ба таври муносиб шароити заруриро барои тезонидани рушди иқтисодиёт дар давраи дарозмуддат фароҳам оварда, паст шудани сатҳи камбизоатии мутлақ ва тавассути муҳоҷирати озоди қувваи корӣ ва сармоя камбизоатии нисбиро таъмин менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир тамоюли устувори рушди ҷаҳонӣ таҳкими рақобат байни кишварҳои қабулкунанда (ретсипиент) барои ҷалби ҳаҷми зиёди сармоягузориҳои байналмилалӣ гардидааст. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ислоҳоти ҷиддии иқтисодӣ ва институтсионалӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ идома дода шавад, то ки ба кишвар ҳамон сармоягузорони хориҷӣ ворид шаванд, ки тавонанд ба чунин дигаргуниҳо мусоидат намоянд.

Давлатҳои тозаистиқлол, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ба онҳо дохил мешавад, ба азнавсозии сохтори иҷтимоию иқтисодии худ шуруъ намуда, чун қоида, норасоии шадиди маблағҳои молиявиро эҳсос мекунанд, ки зарурияти барои иҷрои нақшаҳои рушди саноатӣ онҳо зарур мебошанд. Ин норасоиро онҳо саъй доранд бо мусоидати кредитҳо ва қарзҳо дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба ва ҷалби сармояи хусусии хориҷӣ тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷуброн намоянд.

Нақши сарчашмаҳои хориҷӣ дар молиякунонии маблағгузории асосӣ дар кишварҳои тозаистиқлол яксон нест. Ин, пеш аз ҳама, аз ҳиссаи пасандозҳо дар ММД вобаста аст. Табиист, ки сатҳҳои гуногуни пасандозҳо микдори гуногуни захираҳои аз берун ҷалбшударо талаб

мекунанд. Масалан, дар Африка, ки қисми зиёди даромад ба ҳар сари аҳолӣ камтар аз 400 долларро ташкил медиҳад, онҳо 50 фоизи маблағгузориҳои асосии худро аз ҳисоби маблағҳои хориҷӣ ташкил мекунанд, ҳол он ки дар давлатҳои хеле суст тараққикардаи қитъа дар давраҳои муайяни таърихӣ, ҳиссаи онҳо 75—80 фоиз ва дар баъзе мавридҳо 100 фоизро ташкил карда буд.

Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои таъсири сармоягузории хориҷӣ ба рушди кишварҳои навсозӣ шудаистода таърихи хеле тӯлонӣ дорад. Аксарияти муҳаққиқон ин масъаларо аз лиҳози сохтани муодилаҳои коррелятсионии байни ҳаҷми захираҳои молиявии берунӣ ва афзоиши даромади миллӣ, маҳсулоти саноатӣ ё ММД таҳқиқ мекунанд.

Ҳамин тавр, иқтисоддонҳои британиёӣ Гриффин К. ва Инос Ҷ. бо ҳамин принсип таъсири сармоягузории хориҷиро ба афзоиши ММД дар кишварҳои қабулкунанда муайян карданӣ шуда, дар бораи робитаи баръакси ин ду тағйирёбанда ба хулосае омаданд. Ба фикри мо, ин хулоса тасодуфӣ набуд. Сухан дар сари он аст, ки худи кӯшиши таҳқиқи таъсири кӯмаки беруна бе ба назар гирифтани таъсири сармояи хусусӣ ба чунин нишондиҳандаҳои калон, монанди ММД аз ҷиҳати илмӣ нодуруст аст. Ҳамин гуна равишро тадқиқотчиёни амрикоӣ Краска М. ва Таира К. нишон доданд. Онҳо ММД-ро танҳо тавассути як унсури сохтории сармояи хусусии хориҷӣ - сармоягузории мустақим ислоҳ карданд ва дар чунин ҳолат вобастагии коррелятсионии баробар ба 0,66 ба даст овардаанд.

Ба чунин хулоса, аммо таҳлилро ба гуруҳи калони мамлакатҳои қабулкунандаи сармояи хориҷӣ ба кор бурда, Д.Папанек низ, омадааст.

Массел Б., Пирсен С. ва Фитч Ҷ. дар ин масъала назар ба дигарон каме пештар рафтаанд, ки онҳо таъсири воридшавии сармояи хусусиро мустақиман ба сармоягузории дохилӣ дар кишварҳои қабулкунандаи иқтисодиёти сусттараққикарда дошта, ҳисоб кардаанд. Ҳисобҳои аз тарафи онҳо гузаронида, инчунин, робитаи нисбатан зичро байни тағирёбандаҳои - 0,54, ки ба таҳлил фаро гирифта шудаанд, нишон доданд.

Аммо ин муҳаққиқон танҳо мавҷудияти чунин вобастагиро ба қайд гирифтанд, вале барои шарҳ додани сабабҳои пайдоиши он кӯшиш накардаанд.

Кӯшиши нишон додани вобастагии байни воридшавии сарчашмаҳои беруна ва даромади миллии мамлакатҳои қабулкунандаи иқтисодиёти сусттараққикардаро К.Арескуга ба амал баровардааст. Аммо, дар тадқиқоти вай ғайр аз ба майли худ интихоб кардани кишварҳо камбудии ҷиддии ҳисобҳо ин фарзияи статикӣ будани ин нишондиҳандаҳо мебошад. Сухан ба он аст, ки ҳисобҳои ӯ динамикаи вобастагии даромади миллиро аз сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ нишон намедиҳанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ низ равишҳои хоси кишварӣ ба масъалаи таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ вуҷуд доранд. Масалан, иқтисодчии америкоӣ Мэй Г. саҳми маблағгузориҳои мустақими хориҷиро ба даромади миллии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ҳисоб кардааст. Аз рӯи ҳисобҳои ӯ, сармоягузориҳои хусусии амрикоӣ бевосита ба истеҳсоли даромади миллии ин минтақа ба андозаи 13,7 % ҳамаи ММД истеҳсол кардашуда мусоидат кардааст. Аммо норасоии умумии ҳисобҳои Мэй Г. аз он иборат аст, ки вай ҳаҷми умумии фурӯши филиалҳои америкоиро ба саҳми онҳо ба ММД-и Америкаи Лотинӣ баробар кардааст.

Назаррастарин ва муҳимтарин пешрафт дар коркарди масъалаи таъсири сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба сохтори соҳавии иқтисодиёти кишварҳои модернизатсия шудаистода таҳқиқоти иқтисодшиносони ҳолландӣ Боса Х., Сандерса М. ва Сечи К. буд, ки ба коркарди модели макроиқтисодии фаъолияти сармояи хусусӣ дар кишварҳои қабулкунанда бахшида шудааст. Муаллифон ҳадафи нишон додани таъсири сармоягузории хусусии хориҷиро ба ягон нишондиҳандаи иқтисодии дохилӣ накарданд, балки кӯшиш карданд, ки дар мисоли панҷ кишвар (Филиппин, Ҳиндустон, Гана, Гватемала, Аргентина) муайян кунанд, ки захираҳои беруна дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти онҳо чӣ гуна аҳамияти калон доранд. Бо вуҷуди ин, дар худи таҳияи савол як

камбудии ҷиддӣ мавҷуд буд. Барои чунин таҳлил равшан мушаххас кардани соҳаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ, муайян намудани самараи фузунсозии (мултипликативии) он ба соҳаҳои ба ҳам наздик талаб карда мешавад. Набудани чунин нишондиҳандаҳо ба таври муфассал муаллифони таҳқиқотро ба хулосаҳои баҳсталаб ва тазоднок нисбат ба ҳар як кишвар ва имконнопазир будани муайяннамоии қонуниятҳои умумӣ овардааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ инчунин кӯшишҳои муайян намудани таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ ва ба тавозуни пардохти давлатҳои қабулкунанда ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, муаллифони рисолаи «Муносибатҳои асъорию молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ» ба модели математикӣ маълумотҳои зеринро ворид карданд: ба кишвар 1000 воҳид сармоя ворид карда мешавад; фоидаи солона - 20%; 60% фоида ба хориҷ баровarда мешавад ва 40% дигарбора сармоягузорӣ карда мешавад. Дар ин асос, онҳо ҳисобҳои дахлдор гузарониданд ва хулоса бароварданд, ки ҳангоми маблағгузории якдафъаинаи сармоя шуруъ аз соли ҳафтум хуруҷи софи асъор дар як вақт бо бад шудани тавозуни пардохти мамлакатҳои қабулкунандаи иқтисодиёти суст тараққикарда дошта ба вуқуъ меояд.

Ба гуфтаи иқтисоддон В.Е.Ганковский, ин модел як норасоии назаррас дорад - имкони ҷамъ овардани даромади содиротии соҳибкорони хориҷӣ дар бонкҳои девизӣ (ки ба нигоҳ доштани қурби асъори худ машғул мебошанд) кишварҳои қабулкунанда ва мубодилаи асъори хориҷӣ ба пули миллӣ дуруст ба ҳисоб гирифта намешавад. Аз ин рӯ, вай бар ин назар аст, ки фаъолияти сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаҳои содиротии иқтисодиёти кишварҳои қабулкунандаи иқтисодиёти суст тараққӣ карда дошта, метавонад ба вазъи тавозунҳои пардохти онҳо таъсири мусбат расонад.

Дар маҷмуъ, равишҳои гуногуни дар боло зикршуда, оид ба таҳлили таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварҳои қабулкунанда доираи хеле васеи масъалаи таҳдидҳои амнияти сармоягузориро нишон

медиҳанд, ки бо онҳо, бавижа Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷалби сармояи хориҷӣ рӯ ба рӯ гардида истодааст.

Дар илми муосири иқтисодӣ ҳаракати сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз се нуқтаи назар баррасӣ мешавад. Аввалан, ба вуҷуд овардани сармояҳои нав дар хориҷа, дуюм, имконот ва фароҳам овардани шароит барои дигарбора сармоягузорӣ кардани даромадҳо ва дар ниҳоят, сеюм, аз нигоҳи механизми қарздиҳии мутақобила ба шабакаи фаромилалӣ дохил мешаванд. Дар даҳсолаи охир афзоиши хеле назарраси сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад. Агар то солҳои 80-уми асри XX афзоиши солонаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ 1,3—1,6 фоизро ташкил карда бошад, пас имрӯз он ба 20 фоиз расид ва ҳамин тавр аз суръати вусъати савдои ҷаҳонӣ панҷ баробар пеш гузашт.[87]

Афзоиши босуръати сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ пеш аз ҳама ба афзоиши шумораи кишварҳои иштирокчии раванди сармоягузориҳои хориҷӣ вобаста аст. Ба қатори чунин сармоягузорони байналмилалӣ, ба монанди ИМА, Ҷопон, Олмон сармоягузорони нав, аз қабили Кореяи Ҷанубӣ, Чин, Тайван ва дигар кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором ҳамроҳ шуданд. Иштироки кишварҳои ИДМ дар ҳаракати сармояҳои хориҷӣ дар ҳоли ҳозир ночиз буда, асосан дар қабули сармояҳо зоҳир мешавад.

Масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва баррасии онҳо аз нуқтаи назари кишварҳои қабулкунанда бори аввал аз ҷониби мактаби илмии иқтисоддонҳои Амрикои Лотинӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ин мактаб дар назди Комиссияи иқтисодии СММ барои Америкаи Лотинӣ

[87] Интенсивность внешнего финансирования возрастает после 1980-х годов в связи образованием мирового финансового рынка, и становится одним из главных факторов хозяйственного сближения отдельных стран. Особенно активно растет мировое движение капитала в 1990-е годы. В этот период темпы роста заимствований составляли от 20 до 50% в год, в то время как темпы роста ВВП и экспорта товаров в текущих ценах были равны примерно 5-8% в год. См.: Рубцов, Б.Б. Мировые фондовые рынки: современное состояние и закономерности развития [Текст] / Б.Б. Рубцов. – М.: Финансовая академия при Правительстве РФ, 2000. – С.143.

ташкил карда шудааст. (КИАЛ). Ба ин мактаб иқтисодчии машҳури Аргентина Раул Пребиш роҳбарӣ мекард, ки консепсияи назариявии «иқтисодиёти музофотӣ»-ро тартиб дод, ки он баъдтар дар асарҳои иқтисодчиёни Мексика, Чили ва як катор мамлакатҳои Африкаю Осиё инкишоф дода шудааст.

Пребиш Р. қайд мекард, ки яке аз норасоиҳои намоёнтарини назарияи умумии иқтисодӣ аз нуқтаи назари мамлакатҳои сусттараққикарда даъвои бардуруғи он дар бораи “ҳаматарафа будан” мебошад. Пребиш Р. консепсияеро ба миён гузошт, ки асоси онро таҳлили назариявии низоми «марказ-музофот» ташкил медиҳад. Маҳз аз нуқтаи назари хамин низом иқтисодчии аргентинагӣ масъалаҳои муносибатхои байналхалқӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ ва фаъолияти монополияҳои байналхалқӣ ва ғайраро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар зери мафҳуми «марказҳо» Пребиш Р. мамлакатҳои мутараққии саноатӣ, дар зери маҳфуми «музофот» бошад, мамлакатхои рӯ ба тараққиро дар назар дорад. Дар модели рушди иқтисодии мактаби КИАЛ масъала оид ба вобастагии тараққиёти мамлакатҳои музофотӣ аз «марказҳо» гузошта шудааст, ва дар зери вобастагӣ чунин вазъияте фаҳмида мешавад, ки дар он иқтисодиёти гуруҳи муайяни кишварҳо бо инкишоф ва рушди иқтисоди кишвари дигар вобаста аст.

Мактаби КИАЛ қайд мекунад, ки сармояи хусусии хориҷӣ, инчунин, мисли қарзҳои беруна, бешубҳа, омили муҳими пасандоз ва интиқоли технологияҳо шуда метавонанд. Аммо, ҷомеаи истеъмол (кишварҳои мутараққӣ) хусусиятхои худро дар музофот доро мебошад. Хулосаи асосие, ки мактаби КИАЛ кардааст, аз он иборат аст, ки саҳмҳои молиявии хориҷӣ, чун қоида, ба табақаҳои болоии ҷомеа дар кишвари қабулкунанда тақсим карда мешаванд, ки боис ба пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти иҷтимоии кишвар мегардад.

Иқтисоддонони мактаби КИАЛ ба сармоягузориҳои хориҷӣ дар шакли интиқоли технологияҳо таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Аз як тараф

интиқоли технологияро мусбат арзёбӣ намуда, онҳо қайд мекунанд, ки гарчанде афзоиши ҳосилнокии меҳнат аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ дар ин шакл назаррас ҳам бошад, аммо он чиз эҳсос мегардад, ки онҳо қисми зиёди даромади миллиро ба берун аз ҳудуди иқтисодиёти миллӣ мегузаронанд.

Иқтисоддонҳои КИАЛ қайд мекунанд, ки технологияе, ки дар кишварҳои дорои бозори бузурги дохилӣ ва арзиши баланди қувваи корӣ, яъне дар кишварҳои мутараққӣ таҳия шудааст, ба шароити кишвари қабулкунанда бо иқтисодиёти нисбатан суст рушдкарда, ки дар он ҷо қувваи кории изофӣ мавҷуд аст, мувофиқат намекунад. Дар натиҷаи воридоти техника ва технологияҳо, ки хароҷоти меҳнатро сарфа мекунад, ба бекории қисман ва пурра дар минтақа мусоидат карда, дар баробари таҳдидҳои иҷтимоӣ таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодӣ ба вуҷуд меорад. Аммо нуқтаи асосии манфӣ дар истифодаи сармояи хориҷӣ, мегуяд Р. Пребиш, ҳамон воқеияте мебошад, ки афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҳамчун натиҷаи ин раванд дар худ тағйиротро дар тақсимоти даромади миллӣ, пеш аз ҳама, ба фоидаи табақаҳои болоии ҷамъият ба амал меоварад.

Масалан, вай ба оқибатҳои муайяни номусоиди фаъолияти сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама ба воқеияти рӯёндани фоида ишора мекунад. Вале дар ниҳояти кор танқиди сармояи хориҷӣ аз он иборат аст, ки сармоя вазифаи худро дар доираи кишвари қабулкунанда иҷро намекунад, яъне, а) ба қадри кифоя сарчашмаҳои дохилии маблағгузории асосиро васеъ намекунад б) ба афзоиши даромад аз содирот ва кам кардани воридот ба мақсади коҳиш додани касри тавозуни савдо ба таври кофӣ таъсир намерасонад.

Ба андешаи мо, ҷанбаи мусбати андешаҳои мактаби КИАЛ, ки ба миёнаҳои асри XX хос аст, дар он мебошад, ки вай масъаларо дар бораи он матраҳ кардааст, ки ба чӣ бояд кишвари қабулкунандаи сармояи хориҷӣ таваҷҷуҳ намояд, барои он ки амнияти иқтисодии худро таъмини созад.

Имрӯз, ба фикри мо, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳлил намудани пешомадҳои ба миқёси калон ба мамлакат ворид гардидани сармояи хориҷӣ хеле муҳим мебошад, ки аз рӯи характери кушодаи худ ба иқтисодиёти хурди кушод мутааллиқ аст.[88]

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ аллакай равише мавҷуд аст, ки дараҷаи кушодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад.[89] Аммо нуқтаи назари дар адабиёти иқтисодии ватанӣ барқарор гашта, ба назари мо, бояд бо чунин муқаррарот пурра карда шавад, ки дар шароити мавҷуд будани дараҷаи баланди шаффофияти муҳити сармоягузории он иқтисодиёти миллӣ кушода маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷии (СМХ) ҷалбшуда, меъёри муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар ин ё он кишвари қабулкунанда ба ҳисоб меравад ва ҳамзамон, нишондиҳандаи вазъи иҷтимоию сиёсӣ мебошад.

Яке аз шартҳои асосии густариши воридоти сармояи хориҷӣ дар ҳар як кишвар таъмини ҳуқуқии дурусти ин раванд мебошад. Дар Тоҷикистон санади умдаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Ҷанбаҳои муайяни воридоти сармояи хориҷиро ба кишвар баъзе қонунҳои дигар низ танзим мекунанд: «Дар бораи моликият», «Дар бораи иҷора», «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ», «Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ», «Дар бораи гарав», «Дар бораи хусусигардонии амволи давлатӣ», «Дар бораи суғурта», «Дар бораи корхонаҳо», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи муфлисшавии корхонаҳо», «Дар бораи консессияҳо» ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон тадриҷан фазои мусоиди иқтисодӣ ташаккул ёфта истодааст. Корхонаҳои дорои

---

[88] Сузуки, М. Открытая макроэкономика и прямые иностранные инвестиции [Текст] / М. Сузуки, Л. Саидмурадов, А.Солиев. – Душанбе, 2007. – 278 с.

[89] Саидмуродов, Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 260 с.

сармоягузории хориҷӣ, ки ба истеҳсолоти моддӣ (ба истисной корхонаҳое, ки бо коркард ва истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманданд) машғуланд, ба шарте ки ҳиссаи пардохтшудаи сармоягузори хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ аз 30 фоиз зиёд бошад, ба ғайр аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда аз лаҳзаи гирифтани он аз пардохти андоз аз фоида озод карда мешаванд.

Имрӯз маҳдудиятҳо оид ба ҳиссаи иштироки сармояи хориҷӣ дар сармояи оинномавии корхонаҳои муштарак бардошта шуданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудааст, ки низоми ҳуқуқии сармоягузории хориҷӣ дар қаламрави Тоҷикистон наметавонад нисбат ба низоми мувофиқ барои сармоягузории дохилӣ камтар мусоид бошад. Дар ҳолате, агар қонунгузории минбаъдинаи кишвар шароити воридоти сармоягузориро бадтар кунад, пас барои сармогузории хориҷӣ дар тӯли 10 сол қонунгузории дар лаҳзаи татбиқи онҳо амалкунанда истифода карда мешавад. Сармоягузории хориҷӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ набояд миллигардонида ва мусодира карда шаванд. Амали охирин фақат дар ҳолатҳои фавқулодда танҳо бо қарори Маҷлиси Олӣ (Парламент) иҷозат дода мешавад ва набояд хислати табъизӣ дошта бошад. Ҳангоми андешидани чораҳои мусодиракунӣ ҷуброн бо асъори муайянкардаи сармоягузор, ки метавонад ба хориҷи кишвар интиқол дода шавад, пардохт карда мешавад.

Инчунин, ба сармоягузорони хориҷӣ интиқоли даромадҳо ва дигар маблағҳои онҳо бо асъори хориҷӣ, ки дар асоси қонунӣ вобаста ба сармоягузориҳо гирифтаанд, кафолат дода мешавад. Фоидаи сармоягузорони хориҷие, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба даст овардаанд, мумкин аст, тибқи қонунгузории Тоҷикистон дигарбора сармоягузорӣ карда шавад.

Арзёбии ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба хоҷагии ҷаҳонӣ аз нигоҳи ҳаракати чунин омили истеҳсолот аз қабили сармоягузорӣ барои

тавсифи раванди ҳаракат аз байналмилалишавии низоми иқтисодиёти миллӣ ба глобалӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, ба назари мо, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ замина ва натиҷаи ҳамкории мутақобилаи иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ҳамчун кишвари қабулкунанда аз низоми хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, омӯзиши таҷрибаи ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҷониби бисёр кишварҳои ҷаҳон имкони ба даст овардани хулосаҳои умумиеро медиҳад, ки барои ташаккули принсипҳои асосии истифодаи сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти давраи гузариш аҳамият доранд. Якум, принсипи истифодаи самараноки сармояи хориҷӣ ва таъсири онҳо ба вазъи макроиқтисодии кишвар, дуюм, дараҷаи ҳавасмандии корхонаҳои миллӣ дар ҳамкории байналмилалӣ аз мавқеи роҳандозии низоми васеи робитаҳои мустақими иқтисодӣ.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ метавонад ба кишвари қабулкунанда дар натиҷаи интиқоли байналмилалии "ноу-хау" дар шакли ягон таҷрибаи идоракунӣ, технология, дизайн ё тамғаи молӣ фоидаи эҳтимолӣ оварад, ки имкон медиҳад, маҳсулоте истеҳсол кунанд, ки иқтисодиёти маҳаллӣ ба истеҳсоли он қодир набуд.

Аммо дар назарияи иқтисодӣ нуқтаи назар, инчунин, дар бораи ҷиҳатҳои манфии бо СМХ алоқамандбуда мавҷуданд, ки онҳо аз дарки гуногуни хусусияти рушди иқтисодиёти миллӣ бармеоянд. Бояд қайд намуд, ки ширкатҳое, ки сармоягузорӣ мекунанд, дар назди худ вазифаи пешбурди рушди иқтисодиро дар кишвари қабулкунанда намегузоранд, ҳадафи онҳо ба ҳадди аксар расонидани даромадҳо аз сармояи гузошташуда ҳангоми кам кардани хавф мебошад. Ба ин шартҳо дар иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шакли сармоягузорӣ, ба монанди корхонаҳои муштарак ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти он, ки ҷалби сармояи хориҷӣ метавонад ба иқтисодиёти миллӣ низ таъсири манфӣ расонад, аз ин рӯ омӯзиши ҷанбаҳои институтсионалӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои иқтисодии

кишвар лозим аст. Бо ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон бояд ба ҷанбаҳои ҳуқуқии истифодаи низомҳои сармоягузорӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ маъмул аст, ки барои ҳамаи сармоягузорон на низоми ягона, балки низоми тафриқашуда вобаста ба ҳавасмандии давлат дар барномаҳои мушаххаси сармоягузорӣ муқаррар карда шавад. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қонун якчанд низоми ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ пешбинӣ карда шавад. Онҳо бояд вобаста ба хаҷми сармоя аз он, ки ба кадом соҳаҳо ва минтақаҳо сармояҳо равон карда мешаванд, аз ҷорӣ намудани технология ва таҷҳизоти пешқадам ва ғайра пешбинӣ карда шаванд.

Дар ҷадвали 3.1. натиҷаҳои таҳлили назариявии хароҷот ва фоида аз сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ оварда шудааст

**Ҷадвали 3.1. - Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ: хароҷот ва фоида**

| Фоида | Хароҷот |
|---|---|
| 1. Норасоии сармоягузориро дар шароити камчинии пасандозҳо пурра мекунанд | 1. Маҳдудсозии рақобат тавассути бастани созишномаҳои истисноӣ бо ҳукуматҳои кишварҳои қабулкунанда ва боздоштани рушди фирмаҳои маҳаллӣ, ки дар раванди воридотивазкунӣ иштирок мекунанд |
| 2. Касри тавозуни пардохтро мепӯшонанд | 2. Ташкил ёфтани номутавозинӣ дар ҳисобҳои тавозуни пардохт аз ҳисоби ҳаҷми зиёди воридоти молҳои таъиноти истеҳсолӣ (ҳисоби ҷорӣ) ва содироти фоида ва фоизҳо аз рӯи сармоя (ҳисоби ҳаракати сармоя) |
| 3. Даромади буҷети давлатиро тавассути андозбандии фаъолиятҳои марбут ба сармоягузории хориҷӣ зиёд мекунад | 3. Кам кардани пардохтҳо ба буҷети давлатӣ тавассути истифодаи низоми имтиёзҳо дар андозбандӣ, трансфери нархҳо, низоми сармоягузорӣ, инчунин, субсидияҳои пинҳонии давлатӣ ва истифодаи тарифҳои ҳимоявӣ (протексионистӣ) |
| 4. Интиқоли таҷрибаи идоракунӣ ва соҳибкорӣ, технологияҳо ва малакаҳои тахассусӣ | 4.Ташаккулёбии мавқеи инҳисории сармоягузорони хориҷӣ дар бозори дохилии кишвар |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Воқеан, сармоягузории мустақими хориҷӣ ба пур кардани камбуди маблағҳо ва пасандозҳо дар иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Сарфи назар аз он, ки ҳанӯз иҷрои корҳои бисёр барои таъмини фазои воқеан мусоиди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон зарур аст, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, бахусус, дар он ҳолате, агар истеҳсолот бевосита дар Тоҷикистон ташкил карда шавад, ҷолибтар ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, эҷоди симои ҷолибияти сармоягузории иқтисоди миллӣ бояд дар дурнамои миёнамӯҳлат авлавият дошта бошад. Ширкатҳои хориҷӣ ҳангоми қабули қарорҳо оид ба пешбурди сармоягузорӣ ва интихоби макон барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба имтиёзҳои андозӣ аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд, зеро ба сармоягузорон на шароити имтиёзнок ва меъёрҳои пасти андозӣ, балки пеш аз ҳама, ба низоми шаффоф ва пешгӯишавандаи низоми андозӣ зарур аст.

Сарфи назар аз тамаркузи бештари сармоягузориҳои мустақим дар соҳаи истеҳсолот сохтори соҳавии онҳо аз тағйир додани муайяни шакли (деформатсияи) он ба тарафи комплекси ашёвии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Яке аз сабабҳои ҳифзи ин номутаносибии сохторӣ мавҷуд набудани тадбирҳои дақиқи сиёсати иқтисодӣ мебошад, ки афзалиятҳои рушди иқтисоди миллиро муайян намуда, муносибати тафриқавиро дар ҷалби сармояи хориҷиро амалӣ менамоянд. Сармоягузорон то ҳол самтҳои фаъолияти худро бо назардошти меъёри фоида ба сармояи гузошташуда интихоб мекунанд, ки дар сатҳи муайян ба амнияти сармоягузорӣ таҳдидҳоро ба вуҷуд меорад.

Фаъолсозии воридоти қарзҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ бештар бо қабули Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ (БДС) алоқаманд аст. Охирин Барномаи татбиқшаванда давраи аз соли 2021 то 2023-ро дар бар мегирад.[90] Барномаҳои давлатии сармоягузории (БДС) қаблӣ барои ҳама давраҳо аз соли 1996 то ба имрӯз омода карда шудаанд.

[90] Барномаи давлатии сармоягузорӣ. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.rhd.tj/index.php?option=com_content&task=view&id=79&Itemid, кушода. Санаи муроҷиат: 24.07.2020

Дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки дар айни замон воқеан барои барпо намудани низоми давлатии идоракунии раванди ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ хеле кам корбарӣ шуда истодааст. Бартарии андешае ҷой дорад, ки ба назарияҳои иқтисодии неоклассикӣ хос буда, тибқи он ҳалли масъалаҳои рушди истеҳсолот вазифаи худи истеҳсолкунандагон мебошад, ки он бояд дар сатҳи поёнӣ ба амал бароварда шавад. Ба вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи ҷалб намудани сармоя ба иқтисодиёт, аслан танҳо ташаккул додани фазои мусоиди сармоягузориро мансуб медонанд, ки ба назари мо, куллан нодуруст аст.

Аҳамияти ин самти сиёсати сармоягузориро асосан рад накарда, бояд қайд кард, ки вазифаи аз ин ҳам муҳими давлат дар кишвар ба вуҷуд овардани механизми пешрафтаи идоракунии фаъолият барои ҷалби сармояи хориҷӣ аз нуқтаи назари принсипи минтақавӣ мебошад. Ин механизм бояд бо истифода аз усулҳои қонунгузорӣ ва иқтисодӣ ва иштироки фаъолонаи мақомоти зинаҳои гуногун сохта шавад.

Ҳамин тариқ, масъалаи арзёбии таъсири сармояи хориҷӣ ба низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа (вилоят) ба таври объективӣ тафовути калони равишҳоро ҳангоми гузаронидани он муайян мекунад.

Хусусияти асосии ин равиш муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ ва арзёбии дараҷаи ноил шудан ба онҳо аз рӯи меъёри сифати зиндагии аҳолии минтақа (вилоят), вариантҳои алтернативии рушди минтақа (вилоят) вобаста ба вазъияти геосиёсӣ ва таъсири муҳити берунӣ ва дохилӣ мебошад. Вобаста ба ин, меҳвари стратегияи умумии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар бояд стратегияи рушди ҳудудӣ бошад.

Такмили механизми маблағгузорӣ ва идоракунии фаъолияти сармоягузории низомҳои ҳудудии сатҳи гуногун ва муайян намудани нақш ва ҷойи фаъолияти сармоягузорӣ дар таъмини рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ бо масъалаҳои нимкорагӣ, нопурра будани мантиқӣ,

номукаммалии низоми идоракунии хоҷагӣ дар раванди ҷалб намудани сармояи хориҷӣ вобаста аст.

Маҳз барои ҳамин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо мақсади татбиқи сиёсати минтақавӣ оғоз гардид, ки ба ҷалби ҳам сармояи хориҷӣ ва ҳам дохилӣ, эҳё кардани фазои соҳибкорӣ, ташкили корхонаҳои баландтехнологӣ, коркарди ашёи хом то маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд намудани содирот, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии минтақаҳо нигаронида шудааст.

Бо ин мақсад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомнома «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. То ба имрӯз масъалаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар нокифоя, пай дар пай ҳал мегардид, асоси консептуалӣ ва заминаи ҳуқуқии кофӣ вуҷуд надошт.[91]

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароити мувофиқ барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодии кишвар ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди босуръати иқтисодиёти минтақаҳо дар асоси ҷалби техника ва технологияи нав, озмоиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, афзоиши содироти маҳсулот ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсис дода мешаванд.

Ба андешаи мо, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ шакли минтақавии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад, зеро мақсади ташкили чунин минтақаҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ рушди соҳаҳо дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва мутаносибан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии минтақаҳо, истифодаи самараноки

[91] Республика Таджикистан на пути к открытой экономике [Текст] / под общ. ред. Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С.147.

захираҳои табиӣ, таъмини рушди мувофиқи иҷтимоию иқтисодӣ, ё минтақаҳои ояндадор ва ё депрессиявӣ мебошад.

Бар хилофи шаклҳои нуқтавии сармоягузории хориҷӣ дар шакли корхонаҳои муштарак дар қаламрави кишвар, фаъолсозии шаклҳои минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ дар намуди МОИ имкони паст кардани таъсири манфии чунин омилҳоро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолнокии сармоягузорӣ, аз қабили чунин сатҳи пасти эътимоди сармоягузорон ва сармояи хусусӣ ба ниҳодҳои давлатӣ ва қарорҳои қабулкардаи онҳо, сатҳи аз ҳад зиёди сарбории маъмурӣ ва бюрократӣ ба соҳибкорӣ, инчунин, коррупсия дар мақомоти фискалӣ ва идоракунӣ, ки дар якҷоягӣ дар шароити муосир омилҳои боздорандаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, медиҳад.

Дар адабиёти иқтисодӣ нуқтаи назаре ҷой дорад, ки мувофиқи он дараҷаи ҳамгироии сармоягузории хориҷиро ба иқтисодиёти миллӣ метавон ба ду намуд ҷудо кард: навъи экстравертивӣ - дорои хусусияти анклавӣ ва ба бозори беруна нигаронидашуда; ва намуди интеравертивӣ — ба иқтисодиёти миллӣ ҳамгирошуда ва ба бозори дохилӣ нигаронидашуда. Намуди алоҳидаи ҳамгироиро метавон махсусгардонии соҳавии сармоягузорӣ дар намуди паркҳои технологӣ ва технополисҳо арзёбӣ кард, ки онҳо ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти илмталаб (микроэлектроника, информатика, биотехнология, муҳандисии геннӣ ва ғайра) нигаронида шудаанд, вале онҳо ба мавзуи тадқиқоти мо дохил карда нашудаанд.

Азбаски иқтисодиёти хурди кишвари мо ба ташаккули бозори байналмилалии сармоя таъсир намерасонад ва дар танзими он иштирок намекунад, мавқеи он мутобиқшавиро ба шароити бозор тақозо мекунад ва савол ин аст: «Оё чунин кишвар метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди худ аз захираҳои бозори байналмилалии сармоя истифода барад»?

Нақши муҳимро дар фароҳам овардани шароит барои кушодагии сармоягузории кишвар «фишорҳои» созмонҳои байналмилалӣ иҷро мекунад, вақте ки онҳо талаботро ба ташаккул додани муносибати муайян

ба воридоти сармоя ба миён мегузоранд, шарти иштирокро дар бозори байналмилалии сармоя «илқо (амр) мекунанд».

Таҳқиқотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда, нишон доданд, ки дар иқтисодиёти заиф ва таҳрифшуда, сармоягузориҳо самараи баланди фузунсозӣ (мултипликатсионӣ) доранд, нисбат ба иқтисодиёте, ки он дар ҳолати пурра ба кор андохтани захираҳо қарор дорад. Ҳамин тариқ, академик Раҳимов Р.К.қайд мекунад, ки «ҳар як воҳиди сармоягузории мустақил ба иқтисодиёти Тоҷикистон боиси баланд шудани суръати афзоиши даромади миллӣ мегардад ва аз ин рӯ, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои зарурӣ (маҷбурӣ), яъне сармоягузориҳое, ки аз андозаи даромади миллӣ вобастагӣ доранд».[92] Аз ин рӯ, сатҳи пасти меъёри пасандозҳо омили асосии боздоштани сармоягузории дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки тибқи назарияи Роузенстейн-Родан П. сармоягузориҳои хориҷӣ даромади иловагиро таъмин намуда, меъёри пасандозҳоро зиёд мекунад. Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ тадқиқотҳое мавҷуданд, ки онҳо бо истифодаи тафсири иқтисодӣ-риёзии модели Роузенстейн-Родан П. дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум кардаанд, ки ба кишвари мо бояд ҳар сол маблағи 130 миллион доллар ҷалб кардани сармояи хориҷӣ зарур аст.[93] Тибқи натиҷаҳои арзёбии талабот барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби гурӯҳи коршиносон таҳти сарварии Сакс Ҷ. анҷом шудааст, бояд то соли 2015 маблағгузории беруна дар Тоҷикистон 1137 млн. долларро ташкил мекард[94], ки ин ҳам ба ҳисобҳои дар боло оварда наздик буда, бо ҳиссаи баробар дар як сол 137 млн. доллари ИМА ташкил медиҳад.

---

[92] Рахимов, Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан [Текст] / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2004. – №1. – С.52.

[93] Саидмуродов, Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – С.191.

[94] Инвестирование в устойчивое развитие: Оценка потребностей для достижения целей развития тысячелетия [Текст]. – Душанбе, 2005. – С.197.

Тавре ки қайд гардид, дар назарияи иқтисод якчанд равишҳо барои арзёбии нақш ва оқибатҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ташаккул ёфтаанд. Таъсири мусбӣ ба бартариҳо аз истифодаи сарчашмаҳои беруна барои рушди миллӣ, таъсири мусоиди сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвари қабулкунанда алоқаманд аст. Самараи сармоягузориҳои хориҷӣ метавонад беасар бошад. Истифодаи коэффитсиенти коррелятсияи Пирсон барои таҳлили таъсири ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷии ҷалбгардида дар давраи аз соли 1992 то соли 2002 ба ММД, сатҳи шуғл ва ҳаҷми содирот дар мисоли кишварҳое, чун Россия, Чин ва Маҷористон мавҷуд набудани ин самарарo нишон дод.

Инчунин, оқибатҳои манфии зиёди ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар низ, вуҷуд дорад. Аз ҷумла, чунин оқибатҳо бӯҳрон, масъалаҳо вобаста ба тавозуни пардохт ва қурби асъор, харобшавӣ ва муфлисшавии корхонаҳои миллӣ, коҳиши рақобатпазирии молҳои миллӣ дар натиҷаи ворид кардани технологияҳои «аз ҷиҳати зеҳнӣ ифлос», паст шудани сатҳи шуғл ва ғайра мебошанд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқоти мо зарур аст, ки танҳо як хатти таъсири мутақобилаи сармоягузории хориҷӣ ва иқтисодиёти хурди кушодро ҳамчун воридкунандаи сармоя ҷудо намуд. Аз ин нуқтаи назар, ташаккул додани модели таъсири мутақобилае, ки ба ҳарду ҷониб манфиат меорад, зарур мебошад, ба иқтисоди хурди кушод, ки талаботро дар бозори байналмилалии сармоя ба миён меорад ва ширкатҳои фаромилалие, ки пешниҳодро дар бозори байналмилалии сармоя фароҳам меоваранд.

Чунин фаҳмиши норавшани таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти хурди кушод ва инчунин баҳисобгирии таҷрибаи кишварҳои қаблан сармояи хориҷиро ҷалб карда, таҳия кардани назарияи сармоягузории кишвар – иқтисодиёти хурди кушод, нишондиҳандаҳои сиёсати сармоягузории онро тақозо менамояд, ки он имкони истифодаи таҷрибаи мусбии ҷалби сармоягузории хориҷиро медиҳад ва оқибатҳои

имконпазири манфиро пешгирӣ намуда, амнияти сармоягузориро таъмин менамояд.

Саволи табиие ба миён меояд? Кишваре, ки дар ташаккул ва танзими бозори сармоя иштирок намекунад, чӣ гуна метавонад аз захираҳои бозори байналмилалии сармоя барои рушди худ истифода намояд?

Ба назари мо, саволи хеле муҳим ин аст, ки оё умуман ба иқтисодиёти хурди кушод, бахусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузории хориҷӣ зарур аст? Агар зарур бошад, чӣ қадар, кадомҳо ва бо кадом шартҳо?

Барои ҷавоб додан ба ин саволҳо, зарур аст, пеш аз ҳама, асосҳои назариявии ҳаракати байналхалқии сармоя омӯхта шавад.

Масъалаҳои асосии ҳаракати байналхалқии сармоя чӣ гунаанд? Раванди ҳаракати байналхалқии сармоя аз тарафи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва соҳаҳои афкори иқтисодӣ чӣ тавр арзёбӣ ва асоснок карда мешаванд? Минбаъд меъёрҳоеро таҳия кардан лозим аст, ки аз рӯи онҳо аҳамияти сармоягузориҳои хориҷӣ барои иқтисоди миллӣ баҳо дода шуда, тарафҳои «мусбат» ва «манфӣ»-и ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар муқоиса карда шаванд.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳатман шаклҳои мавҷудаи сармоягузориҳои хориҷӣ, илова бар ин ба низом даровардашуда аз рӯи асосҳои гуногун, ба назар гирифта шаванд.

Таснифоти сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ - СММ, СҲИР, ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ пешниҳод ва истифода мешавад. Ба ақидаи мо, ба бозори талаботи сармояи байналхалқӣ ворид гардидани мамлакатҳои иқтисодиёти дар давраи гузариш қарордоштаро ба инобат гирифта, гуфтан ҷоиз нест, ки таснифоти пешниҳодкардаи ин созмонҳо тамоми асосҳоро ба назар мегирад ва ниҳоӣ мебошад. Ба фикри мо, тақсимоти амиқтар имконпазир аст.

Мақсад аз таснифоти пешниҳодкардаи созмонҳои байналмилалӣ аз он иборат аст, ки барои кишвар шакли оптималии ҷалби сармоя интихоб карда шавад. Тақсимоти маъмултарини функсионалии сармоягузориҳои

хориҷӣ тақсимоти онҳо ба мустақим, портфелӣ ва дигарҳо мебошад. Сарфи назар аз иштироки созмонҳои байналмилалӣ дар муайян кардани мафҳуми меъёрии «сармоягузории хориҷӣ» ба таври якхела муайян кардани тафовути байни сармоягузории мустақим ва портфелӣ бинобар ҷой доштани фарқиятҳо дар қонунгузории миллии кишварҳо душвор аст.

Аммо хулосаи муҳимтарин, ки он аз ҷиҳати назариявӣ собит ва бо амалия тасдиқ шудааст, ин аст, ки иқтисодиёти хурди кушод бештар ба сармоягузориҳои мустақим назар ба сармоягузориҳои портфелӣ манфиатдор аст. Амалия нишон медиҳад, ки қонунгузории бисёр кишварҳои дорои иқтисодиёти хурди кушод асосан воридшавии сармоягузории мустақими хориҷиро ҳавасманд мекунад.

Аммо муайян кардани ҳудудҳои сифатӣ ва миқдории қарзгирии байналмилалӣ, сохтани модели ҳамкории мутақобилаи оптималии сармоягузории миллӣ ва байналмилалӣ дар шароити рақобати байни кишварҳо - довталабони сармоягузорӣ хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, кишваре, ки воридшавии сармояи хориҷиро ҳавасманд мекунад, чун қоида, бояд саъю кӯшиши махсус ба харҷ диҳад ва шароити беҳтаринро барои сармоягузорони хориҷӣ нисбат ба рақибон фароҳам оварад.

Ба ақидаи мо, имрӯз дар ҷумҳурӣ сарчашмаҳои анъанавии сармоягузории миллӣ нокифоя мебошанд ва оқилона истифода намешаванд, ки ин зарурати арзёбии имкони ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро барои рушди иқтисодиёти кишвар ба миён меорад.

Зарурати объективии ҷалби сармояи хориҷӣ дар он аст, ки кишварҳои иқтисодиёти дар ҳоли гузаришдошта дар як ҳалқаи маҳдуд (ногувор) қарор доранд: барои баромадан аз бӯҳрон захираҳои иловагӣ лозиманд ва барои ба даст овардани онҳо, бартараф кардани бӯҳрон зарур аст. Бӯҳрони истеҳсолотро аз ҳисоби гузаронидани аз нав таҷҳизонии техникии истеҳсолот, ҷорӣ намудани техникаи нав ва технологияи пешрафта бартараф намудан мумкин аст. Аммо барои ҷалби маблағҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар бояд фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам

оварда шавад. «Сармоягузории хориҷӣ, - қайд мекунад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - ба он кишварҳое равона мешаванд, ки дар онҳо фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст ва яке аз ҷузъҳои он мавҷудияти инфрасохтори пешрафта ба ҳисоб меравад, ки фарогирӣ рушди шабакаи роҳҳо, алоқа, телекоммуникатсия, энергетика, обтаъминкунӣ, сатҳи хеле баланди таҳсилот ва тандурустӣ мебошад».[95] Махсусан ба ин бояд ҳамон кишварҳое таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, ки онҳо нишондиҳандаҳои хеле паст доранд, ақаллан аз рӯи меъёрҳои дар боло зикршуда, бахусус, кишварҳое, ки иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарор доранд.

Албатта, сармоягузории хориҷӣ дар сурати истифодаи оқилона ва мақсаднок метавонад иқтисодиёти Тоҷикистонро аз марҳилаи баркароршавӣ то ба рушди минбаъда расонад. Ҳамзамон, тавре Саидмуродов Л.Ҳ. қайд мекунад: «...воридшавии аз ҳад зиёд фаъоли сармоягузории хориҷӣ ба кишвари ретсипиент (қабулкунанда) метавонад бо баъзе оқибатҳои манфӣ алоқаманд бошад: вобастагии номатлуби иқтисодӣ ва сиёсӣ аз кишварҳои донор, ташаккулёбии муносибати туфайлихӯрӣ ба сарчашмаҳои дохилии сармоягузорӣ ва ғ.»[96]

Аз ин рӯ, стратегияи ҷалби сармояи хориҷиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда истода, бояд ҳамонеро интихоб кард, ки он хилофи манфиатҳои миллии кишвар набошад ва ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намояд.

Ҳаҷми на чандон зиёди истеҳсолот, сатҳи баланди бекорӣ ва инфлятсия, бад шудани дараҷаи некӯаҳволии умумии аҳолии ҷумҳурӣ раванди ҳалли масъалаи дарёфт намудани сарчашмаҳои рушди иқтисодӣ, ки ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ асос ёфтааст, душвор мегардонад.

---

[95] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси миллӣ ва депутатҳои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2001. – №2. – С.5.

[96] Саидмуродов, Л.Х. Внешнеэкономическая деятельность и интересы Республики Таджикистан: первые шаги независимого развития [Текст] / Л.Х. Саидмуродов // Сборник научных трудов НПИ. – 2000. – №2. – С.90.

Аз ин рӯ, яке аз сарчашмаҳои муҳими рушд, ба назари мо, ҳам сармоягузории дохилӣ ва ҳам хориҷӣ мебошад[97]. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2001 қайд намуда буданд: - «Барои баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар ва сатҳи зиндагии мардум солҳо ва сармоягузориҳо лозиманд»[98].

Таҳқиқоти олимони ватанӣ дар асоси таҳлили регрессионӣ бо истифода аз усули квадрантҳои хурдтарин вобастагии зеринро байни омилҳои рушди иқтисодии кишварҳое, ки иқтисодиёташон дар марҳилаи гузариш қарор доранд, нишон доданд ва ошкор намуданд.

**Ҷадвали 3.2. - Таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ба рушди иқтисодӣ дар кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш**

| | Коэффитсиентҳо | | T – Омор | $R^2$ – Коэффитсиенти детерминатсия | F –Омор |
|---|---|---|---|---|---|
| | $\beta$ | Хатои стандартӣ | | | |
| (Бузургии доимӣ) | 8,8613 | 2,62 | 3,38 | 0,582 | 3,9803 |
| Сармоягузириҳои мустақими хориҷӣ | -0,149 | 0,18 | -0,8 | | |
| Пасандозҳои дохилӣ | 0,162 | 0,04 | 3,5 | | |
| Хароҷотҳои истеъмолӣ | 0,02 | 0,0 | -0,7 | | |
| Кӯмаки расмӣ барои рушд | -0,174 | 0,15 | -1,09 | | |
| Аҳолӣ | 0,728 | 0,11 | 0,63 | | |
| Воридоти молҳо ва хизматрасониҳо | -0,047 | 0,04 | -1,14 | | |
| Хизматрасонии қарз | -0,145 | 0,06 | -2,24 | | |
| Тағйирёбандаи вобаста: **Рушди иқтисодӣ** | | | | | |
| Шумораи мушоҳидаҳо: 28 | | | | | |

**Сарчашма:** Ҳисобкунӣ бо истифода аз барномаи эконометрикии Microfit 4.0, Oxford University Press – 1997 анҷом дода шудааст.

97 Саидмуродов, Л.Х. Открытая экономика Республики Таджикистан: макроэкономическое равновесие в условиях внешнего инвестирования Текст] / Л.Х. Саидмуродов, А.А. Солиев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – С.59.

98 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси миллӣ ва депутатҳои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2001. – №2. – С.6.

Тавре ки аз ҷадвали пешниҳодшуда дида мешавад, пасандозҳои дохилӣ, хароҷоти истеъмолӣ ва шумораи аҳолӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои иқтисодиёти дар марҳилаи гузариш қарордошта, таъсири мусбат мерасонанд. Дар мавриди сармоягузории мустақими хориҷӣ, кӯмакҳои расмӣ барои рушд, воридоти молу хизматрасонӣ ва инчунин, хизматрасонии қарзи хориҷӣ бошад, ин тағйирёбандаҳо ба афзоиши ММД-и ин кишварҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Хулосаи мазкур барои арзёбии вазъи ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар хеле муҳим аст, зеро он нишон медиҳад, ки вазифаи аввалиндараҷаи беҳтар намудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ҳатман баланд бардоштани сифати рушди иқтисодӣ тавассути ҳавасмандгардонии воридотивазкунӣ дар асоси истифодаи технологияҳои нав, навсозии сохтории сатҳи техникӣ ва технологии истеҳсолот мебошад, ки танҳо тавассути сиёсати мақсадноки ҷалби сармояи хориҷӣ имконпазир аст.

Таҳқиқотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи таҳлили манфиатҳои ҷалби сармояи хориҷӣ дар шароити кушод будан гузаронида шуданд, нишон доданд, ки кишвари хурд дар шароити кушод будан аз воридоти сармояи хориҷӣ нисбатан бештар манфиат мебардорад[99].

Мутаассифона, сохтори муосири бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон ба он мусоидат мекунад, ки пахта, алюминийи аввалия ва дигар захираҳои табиӣ ва ё коркарди аввалияи ин захираҳои табиӣ аз кишвар берун рафта, ба ҷои онҳо молҳои истеъмолӣ ворид мешаванд.

Ба назари мо, ба самтҳои стратегии ҷалби сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дохил мешаванд:

- рушди гидроэнергетика, ба анҷом расондани сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва дигар объектҳои хоҷагии энергетикӣ;

---

[99] Саидмуродов, Л.Х. Открытая экономика Республики Таджикистан: макроэкономическое равновесие в условиях внешнего инвестирования Текст] / Л.Х. Саидмуродов, А.А. Солиев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 144 с.

- рушди саноати истихроҷи маъдан, барпо намудани комплексҳои истихроҷи ашёи хоми минералӣ ва коркарди он;

- азнавсозии корхонаҳои саноати сабук ва нассоҷӣ дар асоси коркарди пурраи нахи пахта;

- ташкил ва таҷдиди корхонаҳо оид ба коркард ва нигоҳ доштани сабзавот, мева ва зироати полизӣ;

- таъсиси корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти бастабандӣ;

- зиёд намудани афзоиши ҳаҷми коркарди гранит, мармар, сангҳои нимқиматбаҳо ва ороишӣ ва истеҳсоли маҳсулот аз онҳо;

- рушди низоми телекоммуникатсия ва алоқа;

- истеҳсоли молҳои асбобҳои рӯзгор;

- сохтмони комплексҳои сайёҳӣ, рушди алпинизм ва шикори байналмилалӣ, бунёди комплексҳо (санаторию курортӣ) дар заминаи чашмаҳои минералӣ ва обҳои гарми зеризаминӣ ва лойҳои табобатӣ, ки аҳамияти байналмилалӣ доранд.

**Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки сармоягузории хориҷӣ метавонад хусусияти мақсаднок (таъсиси корхонаи алоҳида ба монанди корхонаи муштарак КМ) ва минтақавӣ дошта бошад (таъсиси МОИ, ки норасоиҳои сармоягузории суроғавиро ҷуброн мекунад).**

Аммо дар маҷмуъ, самти асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷалби сармояи хориҷӣ бояд беҳтар намудани фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Бо ақидаи дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мавҷудбуда розӣ шуда мумкин аст, ки дар асоси таҳлили модели макроиқтисодии иқтисодиёти кушод гузаронида шуда, тибқи он воридшавии сармоягузории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ бештар аз суръати ислоҳоти бозорӣ ва институтсионалӣ вобаста аст,[100].

---

[100] Саидмуродов, Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – С.244.

Аз ин нуқтаи назар, консепсияи аз ҳама қобили қабули ҷолибияти сармоягузории шакли минтақавии ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ консепсияи ОЛИ (OLI – ownership-specific advantages; Location-specific variables; internationalization advantages) мебошад, ки аз ҷониби Ҷ. Даннинг таҳия шудааст, ки асоси онро ноил шудан ба бартарият аз нуқтаи назари сармоягузории суроғавӣ (точечный) ва минтақавӣ ташкил мекунад.

Дар консепсияи «**ОЛИ**», **О** - ноил шудан ба бартарии муқоисавии фирма тавассути истифодаи технологияҳои худӣ ё афзалиятҳои идоракунӣ, **Л** - ноил шудан ба афзалиятҳои муқоисавии миллӣ (имконоти бозор, хароҷоти пасти истеҳсолот, инфрасохтор ва ғ.) ва **И** истифода бурдани бартарии байналмилалишавӣ ва рақобат дар мамлакат мебошад. Ҳамин тариқ, ба воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ омилҳои зиёд таъсир мерасонанд, ки аҳамияти онҳо аз намуди сармоягузориҳои анклавӣ ё ҳамгирошуда ба иқтисодиёти миллӣ (ба содирот нигаронидашуда, ба бозори дохилӣ, ба захираҳои табиӣ ва ғ.) вобаста аст. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба фаҳмиши ҳамаҷонибаи фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ин омилҳоро бояд дар маҷмуъ баррасӣ кард, яъне дар шакле, ки ба шакли минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ ҷавобгӯ бошад,.

Ҳаҷми бозор барои сармоягузороне, ки ба бозори дохилӣ майл доранд, хеле муҳим аст. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон дар қиёс бо дигар кишварҳо минтақаи хурд аст ва аз ин рӯ, барои сармоягузорони ба бозори дохилӣ майлдошта чандон ҷолиб нест.

Бо дарназардошти ин нишондиҳанда ҷолибияти сармоягузории кишвар бо тасҳеҳ ба ҷолибияти ин ё он минтақа тағйир меёбад. Норасоиҳои сармоягузории суроғавӣ метавон бо ташкили маҷмуи тадбирҳое, ки ба фароҳам овардани ҷолибияти сармоягузорӣ, масалан, ба ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ нигаронида шудаанд, ҷуброн кард. Илова бар ин, таъсиси МОИ-и наздисарҳадӣ метавонад озодии интиқоли молу сармояро байни кишварҳои ҳамсоя густариш диҳад. Баъзе нишондиҳандаҳои эндогенӣ дар дохили як давлат, аз қабили ҳаҷми бозори

дохилӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, дар доираи ҳамгироии васеи иқтисодии ду ё зиёда кишварҳо ба экзогенӣ табдил мешаванд.

Илова бар ин, шакли минтақавии ҷалби сармоя метавонад яке аз роҳҳои ҳалли масъала дар мубориза бо коррупсия гардад: кам кардани шумораи иҷозатгириҳои зарурӣ барои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолият дар кишвар, баланд бардоштани шаффофият додани иҷозатҳоро чунон бояд кард, ки меъёрҳои гирифтани иҷозат ба салоҳдиди шахсони мансабдор кам вобаста бошад ва раванди гирифтани онҳо зиёдтар ба таври автоматӣ роҳандозӣ кунонида шавад.

Коршиносони байналмилалӣ дар соҳаи сармоягузорӣ дар он ақидаанд, ки ҳангоми сармоягузории суроғавӣ хароҷоти ҳифзи тиҷорат одатан аз манфиатҳои он дар робита ба афзоиши сармоягузорӣ зиёдтар аст. Агар ҳифзи тиҷорат нақши ҳавасмандиро барои сармоягузорон бозад, чуноне ки маъмулан дар МОИ мушоҳида мешавад, пас ҳавасмандиҳои фискалӣ асосан ба сармоягузорони ба содирот майлдошта нигаронида шудааст.

Муҳимтарин нуқта дар сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ ин аст, ки инфрасохтор ба воридшавии сармоя таъсири калон мерасонад. Имрӯз ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳавасмандгардонии рушди инфрасохтор, ба ақидаи мо, роҳи дуруст ба ҳисоб меравад. Ин, пеш аз ҳама, сохтмони роҳҳо, такмили низоми энергетикӣ ва дигар чорабиниҳоест, ки онҳоро метавон бештар самаранок дар доираи шакли минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ ҳал кард.

Сарфи назар аз он ки барои таъмини фазои воқеии мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро бояд анҷом дод, сармоягузории мустақими хориҷӣ, махсусан дар шакли минтақавӣ, барои иқтисодиёти миллӣ ҷолибтар ва самараноктар аст, назар ба он ақидае, ки дар асоси таҳлили сармоягузории суроғавӣ ба миён омадааст.

Умуман, метавон хулоса кард, ки «бартараф» кардани норасоиҳои сармоягузории суроғавӣ тавассути сиёсати фаъолгардонии шаклҳои

минтақавии сармоягузории хориҷӣ имконпазир аст. Дар баробари ин, ниҳоят муҳим аст, ки мақомоти иҷроия ва қонунгузори кишвар тадбирҳои ҳамоҳангшудаҷро оид ба таҳия ва тасдиқи маҷмуи қонунҳо андешанд, ки мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузориро дорад. Чунин имконият дар сатҳи шаклҳои минтақавии ҷалби сармоя ба вуҷуд меояд, ки дар он ташкили низоми устувори андоз, хислати андозбандии табъизнопазир, содда кардани расмиёти бюрократӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳадафмандона пеш бурдани сиёсати воридотивазкунӣ ва ҳавасмандгардонии содирот имконпазир мебошад.

Сохтори ҷойдоштаи кунунии сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли сармоягузории суроғавӣ аз нигоҳи рушди ҷумҳурӣ сарбаста аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин сохтори сармоягузорӣ дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир нахоҳад шуд.

Дар доираи шаклҳои минтақавии сармоягузории хориҷӣ ҷолибияти сармоягузорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон (ва дар дигар давлатҳои иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қарордошта) пеш аз ҳама бо андозбандии ААИ ва АЯИ (андози ягонаи иҷтимоӣ) муайян карда мешавад. Кам кардани ААИ одатан барои ҷолибгардонии истеҳсоли маҳсулоте, ки ба бозори дохилӣ нигаронида шудааст ва кам кардани АЯИ бошад, бо мақсади ба ҳадди пасттарин расонидани хароҷот аз фонди музди меҳнат истифода мешавад. Мутаассифона, дар доираи МОИ ташкилшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз байн бурдани андоз аз арзиши иловашуда вуҷуд дорад, дар ҳаҷми пурра АЯИ нигоҳ дошта мешавад.

Шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ барои сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ шароитро тавассути имтиёзи андозии сармоягузорӣ ва истеҳлоки фавқуттезонидашуда, инчунин, истифода кардани принсипи тадбирҳои ҷубронӣ фароҳам меорад.

Масъалаҳои беҳбуди фазои соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя аллакай ончунон печида шудаанд, ки ба ҷуз

шубҳа чизеро дар расонаҳо ба вуҷуд намеоваранд. Вале мо бояд дарк намоем, ки ба ин масъалахо ба ҳар ҳол бояд ба таври доимӣ машғул шуд, агар мо хоҳем, ки ҷумҳурӣ ба баъзе пешравиҳои иқтисодӣ ноил гардад. Шояд таҷрибаи корбарӣ дар такмил додани фазои соҳибкорӣ ва беҳтарнамоии фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон комилан муваффақ набуд, аммо ҳоло имкони таҳияи сиёсати беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи сифатан дигар ба вуҷуд омадаанд. Сухан ба он аст, ки дар кишвар Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шудааст, ки тавассути он корҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мунтазам сурат мегиранд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кори Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз ҷониби фонди мултидонорӣ барои кишварҳои иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қарордошта тавассути Бонки аврупоии таҷдид ва рушд амалӣ карда мешавад, ки он пешбурди дастгириро оид ба беҳтарнамоии фазои сармоягузорӣ дар 8 кишвар: Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қирғизистон, Молдова, Муғулистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон амалӣ менамояд. Тоҷикистон пас аз Қирғизистон, Арманистон, Гурҷистон ва Муғулистон панҷумин кишвари дорои иқтисоди барвақти гузариш ба ҳисоб меравад, ки роҳбарияти олии кишвар ин Шӯроро роҳбарӣ мекунад.

Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ кӯшиши иваз кардани сохторҳои давлатиро намекунад. Бо кӯмаки ин Шурои машваратӣ дар назар аст, ки як навъ форум таъсис дода шавад, ки ба он дар асоси афзалият намояндагони ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ ва донорҳо шомил шаванд.

Котиботи Шурои машваратӣ аз рӯзҳои аввали фаъолият барои корбарӣ бо созмонҳои донорӣ ва бахши хусусӣ шуруъ намуд. Қарор шуд, ки бизнес бояд ба дӯши худ нақши асосиро дар омодасозии масъалаҳои ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ пешниҳодшаванда мегирад. Амалан, бизнес

ва сохторҳои давлатӣ бояд меъёрҳои муваффақиятнокии фаъолияти муштаракро муқаррар намоянд.

Натиҷаҳои аввалини кори Шӯрои машваратӣ ғояи шакли минтақавии ҷалби сармояи хориҷиро тасдиқ мекунад, чунки барои ҳалнамоӣ дар сатҳи Ҳукумат вазифаҳои зерин гузошта шуда буданд:

- такмил додани низоми иҷозатномадиҳӣ - танзимнамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- соддагардонии тартиби бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ тавассути ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона»;

- соддагардонии амалиёти содиротию воридотӣ;

- беҳсозии ва муносиб гардонии танзими давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ин рӯ, масъалаи ислоҳоти иқтисодиёти хурд ва дар гузариш қарордоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд на аз мулоҳизаи абстрактӣ дар бораи иқтисоди кушод, балки аз сиёсати мутавозин иборат бошад, ки сатҳи муайяни иқтисодиёти кушодро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ пешбинӣ менамояд,.

**3.2. Амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ**

Глобализатсия падидаи беназири асри XX ба ҳисоб меравад, зеро он ба номувофиқатии байни миқёси умумиҷаҳонии масъалаҳои инсоният боис гардид, ки онҳоро равандҳои ҷаҳонишавӣ ва маҷмуи маҳдуди воситаҳои мубориза бо онҳо аз ҷониби ҳар як кишвари алоҳида ба миён оварданд[101].

Рушди минбаъдаи ҷаҳонишавӣ боиси аз даст додани вазифаҳои давлати миллӣ мегардад. Ҳангоми баррасии дурнамои ҷаҳонишавӣ олимон ба ду гуруҳ тақсим мешаванд. Намояндагони нуқтаи назари аввал (Кувалдин В.Б.) нақши ҷаҳонишавиро ба эҷоди иттиҳоди ҷаҳонии инсонӣ рабт медиҳанд[102].

---

[101] Максимова, М. Глобализация и внешнеэкономические связи в исследованиях ИМЭМО [Текст] / М. Максимова // МЭ и МО. – 2007. – №1. – С.23.
[102] Кувалдин, В.Б. Глобализация, национальное государство и новый миропорядок [Манбаи электронӣ] / В.Б. Кувалдин. – Ҳолати дастрасӣ:

Намояндагони нуқтаи назари дуюм (Мирсаидов М.Н.) бар ин назаранд, ки ҷаҳонишавӣ ба рушд ва таҳкими вобастагии иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо ва минтақаҳо мусоидат мекунад, ки дар иртибот ба он таҳия ва амали санадҳои ҳуқуқии ягона, умумӣ барои ҳамаи кишварҳо зарур аст, ки ба танзими фаъолияти иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо кӯмак мерасонанд[103].

Байни ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ як қатор фарқиятҳо мавҷуданд. Ҷаҳонишавӣ аз шиддат гирифтани тақсимоти байналмилалии меҳнат ва рушди алоқаҳои кооператсионӣ ба миён меояд, ки ба робитаи иқтисодиёти миллии кишварҳо таҳким мебахшад[104]. Ҷаҳонишавӣ дар ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ (ширкатҳои фаромилалӣ, савдои байналмилалӣ ва ғ.) зоҳир мегардад.

Иштирокчиёни мубоҳисаи илмӣ раванди ҳамгироии байналхалқии иқтисодиро ҳамчуи ба ҳам наздик ва муттаҳид шудани иқтисодиёти кишварҳои гуногун ҳангоми пешбурди муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ медонанд.

Масалан, профессор Шумилов В.М. ҳангоми баррасии ин масъала ҳамгироиро дар шакли таъсири мутақобилаи субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ дар доираи низоми байналхалқии иқтисодӣ барои ба вуҷуд овардани фазои умумии иқтисодӣ, ки дар он гардиши озодонаи молҳо ва хизматрасониҳо, молия, сармоягузориҳо ва қувваи корӣ ба амал баровarда шудаанд, тавсиф мекунад[105].

---

http://ecsocman.hse.ru/data/2013/01/31/1251414690/3.pdf, кушода. Санаи муроҷиат 19.10.2021

[103] Мирсаидов, А.Б. Единый рынок Центральной Азии: сущность и необходимость создания [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2008. – №3. – С.101.

[104] Мухитдинова, Ш.С. Формирование и развитие национального рынка труда в условиях глобализации (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна. – Душанбе, 2017. – С.24.

[105] Шумилов, В.М. Международное экономическое право [Текст]: учебник / В.М. Шумилов. – Ростов н/Д., 2003. – С.102.

Олими ватанӣ Урунов А.А. ҳамгироии байналхалқии иқтисодиро, ҳамчун дар раванди танзими давлатӣ ба даст овардаи вобастагии тарафайни иқтисодии байни кишварҳое, ки ба ҷараёни ҳамгироӣ ворид мешаванд, тавсиф мекунад. Дар раванди ҳамгироии минтақавӣ таъсис додани комплекси ягонаи хоҷагӣ бо назардошти талаботи ҳамаи кишварҳои минтака, аз ҷумла, бозори ягонаи дохилӣ мушоҳида мешавад, ки дар доираи он кишварҳои минтақа фаъолияти иқтисодиро ба амал мебароранд. Фаъолият кардании бозори ягона ба раванди савдои байни кишварҳо ва сатҳи зиндагии кишварҳои иттиҳод таъсир мерасонад[106].

Бо таърифи Урунова А.А. розӣ шуда, Бойматов А.А. дар асарҳои худ ба чунин хосияти ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ, ба монанди дар доираи ин раванд то ҳадди ақал расонидани шумораи монеаҳои ҳуқуқӣ эътибор медиҳад. Ҳамгироии иқтисодӣ дар асоси созиш ҳал кардани шумораи зиёди манфиатҳои гуногунтарафаи иқтисодии ҳамаи давлатҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо дар иттиҳодияҳои байналхалқии ҳамгироӣ ширкат мекунанд ва инчунин, ба наздикшавии иқтисодиёти миллӣ онҳо мусоидат мекунад. Бойматов А.А. ба низоми институтсионалии дар натиҷаи ҳамгироӣ ташкил кардашаванда таваҷҷуҳ мекунад, ки ба идоракунии ба ҳам наздикшавии иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун дар асоси меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқи байналхалқӣ мусоидат мекунанд[107].

Ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ дар як вақт дар сатҳҳои зерин амалӣ карда мешавад: сатҳи якум субъектҳои иқтисодии дар арсаи байналмилалӣ амалкунандаро фаро мегирад; сатҳи дуюм иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавии дар бозори ҷаҳонӣ фаъолияткунандаро дар бар мегирад.

---

[106] Урунов, А.А. Интеграция и экономический рост [Текст]: монография / А.А. Урунов. – М.: Грааль, 2003. – С.97.

[107] Бойматов, А.А. Причины и последствия региональной экономической интеграции в Центральной Азии [Текст] / А.А. Бойматов // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. – 2001. – №1. – С.105.

Ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ ба баланд бардоштани самаранокии хоҷагиҳои миллии давлатҳои иштирокчии иттиҳодияи ҳамгироӣ мусоидат мекунад ва ба истифодаи оптималии захираҳои миллӣ кӯмак мерасонад, ки дар ниҳояти кор суръати рушди иқтисодиёти мамлакатро метезонад, кӯмак менамояд.[108].

Фикру мулоҳизаҳои олимонро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса оид ба дурнамоҳои калони тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар шакли ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ омадан мумкин аст. Ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ба пайдоиши робитаҳои махсуси хоҷагии ҷавобгӯ барои ташаккулёбии низомҳои махсус мусоидат мекунад, ки онҳо ба танзими иттиҳодияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии давлатҳои аъзои иттиҳодияи ҳамгироӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Ин марҳилаи ҳамгироӣ боиси ба ҳам наздик шудани иқтисодиёти миллии давлатҳои дар ҳамкориҳои тарафайн қарордошта ва ба вуҷуд овардани заминаи умумии ҳуқуқӣ барои ҳалли муштараки вазифаҳои иқтисодӣ мегардад.

Ба ақидаи Хоҷаев Х.А. ба ҳамгироии иқтисодӣ ҳамкории байни иқтисодиёти кишварҳои иштироккунанда; қисман ё пурра бартараф кардани монеаҳо барои ҳаракати захираҳои гуногуни иқтисодӣ; ба ҳам наздик шудани бозорҳои мамлакатхои гуногун ва ташкили бозори ягона; баробарии шарикон ва набудани табъиз хос аст. [109]

Бойченко А.А. самтҳои зерини инкишофи ҳамгироии иқтисодиро қайд мекунад:

- мутобиқ ба инкишофи равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки ба шумораи номаҳдуди кишварҳо паҳн мешаванд;

---

[108] Акилова, М. Интеграция Республики Таджикистан в процесс глобализации [Текст] / М. Акилова // Учёные записки Худжандского государственного университета им. Академика Б.Гафурова. – 2015. – №1. – С.191.

[109] Ходжаев, Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Ходжаев Хасан Ашурович. – Худжанд, 2011. – С.68.

- мутобиқ ба рушди ҳамгироии минтақавӣ, бо фаро гирифтани аксари кишварҳои минтақа[110].

Дар байни олимон мубоҳиса дар бораи робитаи байни байналмилалишавӣ ва ҷаҳонишавӣ идома дорад. Олими рус Колесов В.П. чунин мешуморад, ки «миқёси умумиҷаҳонии байналмилалишавӣ моҳияти ҷаҳонишавӣ мебошад»[111].

Чиниев Д.Б. афзудани яклухтии хоҷагии ҷаҳонӣ ва таҳкими вобастагии мутақобилаи байни ҳамаи иқтисодиёти миллии ҷаҳонро қайд мекунад. Асоснокнамоии ин нуқтаи назар ҷалб намудани кишварҳое ба ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ мебошад, ки онҳо пештар иқтисодиёти пӯшида доштанд[112].

Муҳитдинова Ш.С. дар кори диссертатсионии худ глобалишавии иқтисодиёти ҷаҳониро ҳамчун раванди объективӣ ва бебозгашт, тартиби нави технологии дорандаи гуногунтаркибии муайян таъриф мекунад, ки ин тамоман маънои наздик шудани иқтисодиёти ҷаҳониро ба марҳалаи тамаддуни ҳаматарафаи техникӣ надорад[113].

Профессор Шишков Ю.В. қайд мекунад, ки ба хоҷагии ҷаҳонӣ шакливазкунӣ (трансформатсия) дар сохти иқтисодӣ хос аст, ки на танҳо тақсимоти байналмилалии меҳнатро танзим менамояд, балки як низоми азими сохторҳои байналмилалии истеҳсолӣ ва фурӯш, низоми молиявии ҷаҳонӣ ва шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ мебошад[114].

---

[110] Бойченко, А.А. Региональная интеграция в условиях глобализации мирового хозяйства [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.14 / Бойченко Анна Александровна. – М., 2007. – С.62.

[111] Глобализация мирового хозяйства и национальные интересы России [Текст] / Под ред. В.П. Колесова. – М.: Экономический факультет МГУ, ТЕИС, 2002. – С.68.

[112] Чиниев, Д.Б. Экономическая безопасность Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.14 / Чиниев Джами Бадридинович. – М., 2010. – С.25.

[113] Мухитдинова, Ш.С. Формирование и развитие национального рынка труда в условиях глобализации (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна. – Душанбе, 2017. – С.92.

[114] Шишков, Ю.В. Интеграционные процессы на пороге XXI века. Почему не интегрируются страны СНГ [Текст] / Ю.В. Шишков. – М.: НП «III тысячелетие», 2001. – С.87.

Ҳама таърифҳои баррасишуда имкон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванде, ки ба он норавшан шудани нақши ниҳодҳои давлатӣ ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ хос мебошад, ки байни кишварҳо дар раванди ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодии глобалӣ ба вуҷуд меоянд, тавсиф карда шаванд.

Сарфи назар аз баъзе шабоҳатҳо дар заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои инкишофи ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ, таносуби байни онҳо вобастагии диалектикӣ доро мебошад.

Ба ақидаи Кудряшова В.С. ҷаҳонишавӣ зуҳуроти байналмилалишавӣ дар раванди инкишоф ба паҳноӣ ва ҳамгироӣ бошад, зуҳуроти ҷаҳонишавӣ ҳангоми инкишофи он ба дарун мебошад[115].

Рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ бо суръати гуногун инкишоф мeёбанд ва амалӣ мешаванд, вале раванди рушди онҳо ростхат нест: аксар вақт ҳарду раванд ба монеаҳо ва зиддиятҳо дучор меоянд, ки далели он мавҷуд будани гуногуншаклии хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад.

Ба ақидаи Хоҷаев Х.А. рушди ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ ҳам дар як вақт ва ҳам ба таври ҳолати имконпазир (алтернативӣ) ба якдигар сурат мегирад[116].

Кручинин И.Н. қайд менамояд, ки шумораи кишварҳои дар ҷаҳонишавӣ ва дар ҳамгироӣ иштироккунанда бемайлон афзуда истодааст ва тамоюли минбаъдаи болоравӣ низ дорад[117]. Шумораи зиёди кишварҳое ҳастанд, ки дар як вақт аъзои якчанд иттиҳодияҳои байналмилалӣ мебошанд (масалан, Россия узви чунин созмонҳои байналмилалӣ, ба мисли ИДМ, СУС,

---

[115] Кудряшова, В.С. Последствия глобализации для мирового экономического авангарда и «мировой периферии» [Манбаи электронӣ] / В.С. Кудряшова. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.ereport.ru/articles/mirecon/regvsglob.htm, кушода. Санаи муроҷиат 13.12.2021

[116] Ходжаев, Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Ходжаев Хасан Ашурович. – Худжанд, 2011. – С.57.

[117] Кручинин, И.Н. Процесс глобализации: проблема неравенства в глобализации [Текст] // Хроноэкономика. – 2019. – №2. – С.12.

БРИКС, ИИОУО, СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ИДМ, СААД, СҲШ, СКИ, САҲА, СҲИ, БАТР, ЭСКАТО, ББТР, ХБА ба ҳисоб мераванд).

Ба ақидаи муҳаққиқи рус Чуприн Д.А. ба ҷаҳонишавӣ нобаробарии инкишоф ва гуногунрангии сохторҳои ҳудудиву хоҷагӣ, бинобар сабаби нобаробарии рушди иттиҳодияҳои минтақавӣ хос аст. Раванди инкишоф ва доимо печидаи робитаҳои ҳамгироии байни кишварҳо дар натиҷаи шиддат гирифтани муборизаи рақобатии байни давлатҳо ба миён меояд, ки онҳоро дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд овардааст. Чунин тезутунд шудани рақобати байни кишварҳо - омили мустаҳкам намудани робитаҳои минтақавӣ мебошад, ки мубодилаи иқтисодиёти миллии кишварҳоро бо дигар ҳудудҳо маҳдуд мекунад ва ба меъёр медарорад[118].

Дар охири асри XX - ибтидои асри XXI шавқу рағбат ба ҳамгироӣ бинобар сабаби оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ тақвият ёфт, ки барои мубориза бо онҳо кӯшишҳои иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ равона карда шуданд. Ба ақидаи Раҳимов А.М. таъсиси иттиҳодияҳои минтақавӣ намунаи бархӯрди як қатор кишварҳои минтақаҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ дар самти таносуби манфиатҳои миллӣ ва фаромиллӣ ба ҳисоб мераванд[119].

Бобков В.А. бартариҳои ҳамгироии минтақавиро нисбат ба ҷаҳонишавӣ чунин тавсиф мекунад[120]:

- раванди бастани созишномаҳои минтақавӣ назар ба созишномаҳои ҷаҳонӣ вақти хеле камтарро талаб мекунад. Ҳангоми бастани созишномаҳо дар сатҳи минтақавӣ монеаҳо барои мувофиқа намудани ҳадафҳо ва вазифаҳо назар ба сатҳи ҷаҳонӣ хеле камтаранд;

- дар татбиқи ҳамгироии минтақавӣ ҳамаи иштирокчиёни ба иттиҳодия шомилбуда, барои ҳамдигар шароити нисбатан мусоидро дар

[118] Чуприн, Д.А. Принципиальные характеристики глобализации международных экономических отношений [Текст] / Д.А. Чуприн // Концепт. – 2018. – №6. – С.11-17.
[119] Рахимов, А.М. Внешнеэкономические и монополистические аспекты повышения конкурентоспособности национальной экономики [Текст] / А.М. Рахимов. – Худжанд, 2005. – С.50.
[120] Бобков, В.А. Интеграция интеграций: стратегия возможностей [Текст] / В.А. Бобков // Большая Евразия: развитие, безопасность, сотрудничество. – 2019. – №4. – С.6.

савдо ва истеҳсолот ба вуҷуд оварда, дар ин ҳол рушди муносибатҳои иқтисодиро дар доираи тамоми гуруҳ ҳавасманд мегардонанд.

Довгал Е.А. қайд мекунад, ки минтақавишавӣ аз ҷаҳонишавӣ фарқиятҳои зерин дорад[121]:

- хусусиятҳои миллӣ, этникӣ, иқтисодии сокинони кишварҳои ҳамсояро комилан ба назар гирифта, ин тафовутҳоро барои эҷоди умумият истифода мебарад;

- ба иштирок ва ҳамкории ихтиёрии кишварҳо, бо дарназардошти эҳтироми ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии онҳо асос ёфтааст;

- механизмҳои самарабахш ва муассири ташкили ҳаёти хоҷагии ҳар як кишварро бо дарназардошти манфиатҳои мутақобилаи ҳамаи давлатҳои ба иттиҳодияи минтақавӣ шомилбуда, аз ҷумла, барои ҳалли зиддиятҳои ба вуҷуд меомадаи байни манфиатҳои кишвар ва иттиҳодияи минтақавӣ фароҳам меорад.

Дар раванди омӯзиши ҳамгироии минтақавӣ Фаминский И.П. менависад, ки иттиҳодияи кишварҳо дар гуруҳҳои минтақавӣ ба тақвияти раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат намуда, барои кишварҳо, аз ҷумла, кишварҳои рӯ ба тараққӣ заминаро барои расидан ба сатҳи баландтари ҷаҳонишавӣ фароҳам меоранд[122].

Ба ақидаи дигар олимон, ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ - ин равандҳои гуногунҷанбае мебошанд, ки ба ҳамдигар дар мухолифат буда, вазъи тазодиро ба вуҷуд меоваранд. Барои рафъи ин зиддият Глухарев Л.И. муносибати мафҳумҳои тамаддун, ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки маҳз тамаддун асоси маънавии иттиҳоди ҳамгироӣ

---

[121] Довгаль, Е.А. Специфика международного разделения труда в процессе глобализации [Манбаи электронӣ] / Е.А. Довгаль. – Ҳолати дастрасӣ: http://dspace.univer.kharkov.ua/bitstream/123456789/8183/2/, кушода. Санаи муроҷиат 05.11.2020

[122] Фаминский, И.П. Глобализация - новое качество мировой экономики [Текст] / И.П. Фаминский. – М.: Магистр, 2009. – С.102.

мебошад[123].

Ҳамаи олимоне, ки ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор додаанд, мавҷудияти зиддиятҳои байни ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавиро қайд мекунанд. Ҳамгироии минтақавӣ шароитро барои «ҳимояи (протексионизми) коллективӣ» фароҳам меорад, ки метавонад суръати инкишофи ҷаҳонишавиро суст кунад.

Ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ягонагии диалектикиро доро мебошанд, ба вуҷуд омадани низоъҳо дар байни онҳо бошад, ҳукумати кишварҳоро водор месозад, ки сиёсати давлатии худро нисбат ба шароити тағйирёфтаистода дигар намуда, роҳи ҳалро бо созиш, ки ба ҳамаи иштирокчиён маъқул бошад, ҷустуҷӯ намоянд.

Олимони тоҷик Раҳимов А.М., Саидмуродов Л.Ҳ., Урунов А.А., Расулов Г., Узакова Г.М., Хоҷаев Х.А., Чиниев Д.Б., Бойматов А.А., Ҷабборов Р.Т., Ҷӯраев Д.М., Тоҷибоев А.Х. дар назарияи ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирӣ саҳми арзанда гузошта, қонуниятҳои алоҳидаи рушди хоҷагии ҷаҳониро дар марҳилаи ҳозира муайян кардаанд.

Тамоюлхои навтаринро дар инкишофи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба назар гирифта, олими тоҷик Мирсаидов А.Б. қайд мекунад, ки аксари вижагиҳои муосири ҳамгироии минтақавӣ ба раванди ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ марбут аст[124].

Марҳилаи кунунии рушди ҳамгироии минтақавӣ дар ду шакли асосӣ амалӣ карда мешавад: миқдорӣ (бо афзоиши шумораи созишномаҳои нави минтақавӣ алоқаманд) ва сифатӣ (тақвияти баркамол гардидани ҳамкориҳои мутақобилаи хоҷагӣ дар байни кишварҳои минтақа, истифодаи моделҳои мукаммалтари ҳамгироӣ).

Гуруҳҳои минтақавии иқтисодӣ дар замони муосир мақоми

[123] Европа перемен [Текст]: концепции и стратегии интеграционных процессов / Под ред. Л.И. Глухарева. – М.: Крафт+, 2006. – С.117.

[124] Мирсаидов, А.Б. Единый рынок Центральной Азии: сущность и необходимость создания [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2008. – №3. – С.101.

«қалъаҳои баста» -ро аз даст додаанд. Гуруҳҳои минтақавӣ барои иштирокчиёни нав боз ҳастанд, дар солҳои охир раванди ҳамгирой дар минтақаҳои гуногун ба дарун ва ба паҳной инкишоф меёбад, иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ васеъ ва калон шуда истодаанд. Сиёсати «минтақагароии нав» ба ҳамгироии иқтисодии кишварҳо бо дараҷаи гуногуни рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, ки ҳангоми он созишномаҳои сершуморе байни давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ баста шуда истодаанд, ки ба рушди иқтисодии кишварҳои сусттараққикарда мусоидат мекунанд.

Ҳукумати Тоҷикистон бо пуштибонӣ аз созмонҳои байналмилалӣ ислоҳоти робитаҳои берунииқтисодиро гузаронида истодааст, ки вай имкон дод, микдори монеаҳоро дар роҳи рушди савдои хориҷӣ хеле коҳиш диҳад.

Дар рафти таҳкими равандҳои ҳамгирой, бо фарогирии рушди ҳамгироии асъорӣ ва молиявӣ, ки бо масъалаҳои экологӣ ва амният алоқаманд аст, ниҳодигардонии (институтсионализатсияи) ҳамгироии минтақавӣ ба назар мерасад, ки ҳангоми пешбурди он бараъло таъсири мутақобилаи принсипҳои миллӣ ва фаромиллӣ дар фазои ҳамгирой зоҳир мегардад[125].

Равандҳои ҳамгироии минтақавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, Тоҷибоев А.Х. ду сенарияи ба ҳам муқобили рушди ҳодисаҳоро дар дурнамои наздик — сенарияҳои ба ном «ашёвӣ» ва «саноатӣ»-ро пешбинӣ мекунад[126].

Варианти ашёвии тараққиёти иқтисодиёти миллии Тоҷикистон аз он тамоюлҳое бар меояд, ки дар рафти ислоҳоти бозорӣ ба вучуд омадаанд. Мавҷудияти ин навъи рушд ба вуҷуд доштани захираҳое вобаста мебошад,

---

[125] Кручинин, И.Н. Процесс глобализации: проблема неравенства в глобализации [Текст] // Хроноэкономика. – 2019. – №2. – С.14.

[126] Точибоев, А.Х. Приоритетное направление стратегии развития внешнеэкономических связей Республики Таджикистан [Текст] / А.Х. Точибоев // Известия Санкт-Петербургского университета экономики и финансов. – 2009. – №2 (58). – С.170-173.

ки дар бозори ҷаҳонӣ онҳо талаботи баланд доранд ва барои истеҳсоли онҳо дар кишвар шароит мавҷуд аст (барои Тоҷикистон инҳо пахта, алюминий, нерӯи барқ).

Ба ақидаи олимон, барои Тоҷикистон сенарияи саноатии рушди ҳамгироии иқтисодӣ афзалтар аст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати яке аз принсипҳои асосии рушд принсипи саноатикунонӣ ё баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ пешбинӣ шудааст.

Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» гузошташуда, бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, суръатбахшии саноатикунонии кишвар ва эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ, таҳия шудааст.

Марҳилаи рушди босуръат, ки ба ҷалби сармоя асос ёфтааст, бо мақсади таҷдиди сохтори иқтисодиёт вазифаи асосӣ дар ин марҳила сафарбар намудани захираҳои молиявии субъектҳои хоҷагидории миллӣ, бонкҳои ватанӣ ва байналмилалӣ ва инчунин, шарикон оид ба рушд мебошад. Саноатикунонии босуръат маҷмуи афзалиятҳои зеринро дар бар мегирад (расми 3.1.).

Роҳи мазкур рушди воридотивазкунӣ ва ба бозорҳои хориҷӣ баромадани маҳсулоти ватаниро дар назар дорад. Навъи саноатии рушди кишвар самараи фузунсозӣ дорад, яъне ба афзоиши ҳаҷми иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва ба вуҷуд овардани заминаҳо барои истеҳсолоти нав мусоидат мекунад. Урунов А.А. шартҳои зарурии рушди саноатиро дар муҳити мусоиди корӣ, афзоиши даромадҳои аҳолӣ ва талаботи дохилӣ мебинад[127].

[127] Урунов, А.А. Интеграция и экономический рост [Текст]: монография / А.А. Урунов. – М.: Грааль, 2003. – С.26.




**Расми 3.1. – Афзалиятҳои саноатикунонии босуръат, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидаанд.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тамоюлҳое, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи пасошуравӣ ҷой доштанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар шакли соф ҳамгироии ашёвӣ ё саноатӣ барои кишвар имконнопазир аст. Стратегияи оптималии ҳамгироии минтақавӣ стратегияи мукаммале мебошад, ки рушди минбаъдаи содиротро дар асоси афзалиятҳои рақобатӣ дар бахшҳои табиӣ ва захиравӣ ва рушди инноватсионии истеҳсолоти воридотивазкунандаро дар бар мегирад.

Барои чунин стратегияи мукаммал шартҳои зерин зарур мебошанд:

- таҳияи стратегияи давлатӣ барои истифодаи захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташаккули инфрасохтори зарурӣ барои рушди иқтисодиёти инноватсионӣ;

- истифодаи фишангҳои иқтисодӣ барои дастгирии соҳаҳои воридотивазкунанда ва истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда.

Кинжаева Р.Х. қайд мекунад, ки кишварҳои ИДМ дар тақсимоти байнисоҳавии меҳнат ширкат намуда, асосан ба тиҷорати ашёи хом (энергетикӣ, маъданӣ, маҳсулоти кишоварзӣ) машғул мебошанд ва дар иртибот бо ин ба ҷузъи (сегменти) ашёвии бозори ҷаҳонӣ табдил ёфта истодаанд.[128].

Вазъ ва самти ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор дода, олимони ватанӣ Мамадов А.В. ва Султонов Н.М. қайд мекунанд, ки сарфи назар аз як қатор масъалаҳо, иқтисодиёти кишвар қобилияти ба таври динамикӣ бо иқтисодиёти кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҳамгиро шуданро дорад.[129]

Тоҷикистон яке аз кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё (БРА) мебошад, ки фаъолияти он ба таҳкими минбаъдаи равандҳои ҳамгироӣ дар қаламрави кишварҳои узв нигаронида шудааст.

Самтҳои асосии фаъолияти Маркази таҳқиқотии ҳамгироии Бонки рушди АвруОсиё (МТҲ Бонки рушди АвруОсиё) ташкил ва пешбурди таҳқиқот оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мебошанд.

Ба мавзуи пайвастани Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё пажӯҳишҳои таҳлилгарони БАТР («Манфиатҳо ва хароҷоти эҳтимолӣ аз шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё»)[130], олимони тоҷик ва рус: Дадабоева З.А. «Воридшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё: афзалиятҳо ва хавфҳо»[131],

---

[128] Кинжаева, Р.Х. Основные тенденции в области региональной экономической интеграции Республики Таджикистан [Текст] / Р.Х. Кинжаева // Наука без границ. – 2017. – №1 (6). – С.53.

[129] Мамадов, А.В. Дилемма вектора интеграции экономики Республики Таджикистан в мировую экономику: проблемы и перспективы [Текст] / А.В. Мамадов, Н.М. Султанов // Вестник таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2016. – №1. – С.56-68.

[130] Потенциальные выгоды и издержки от вступления Республики Таджикистан в ЕАЭС [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://eabr.org/upload/iblock/8f7/EABR_TJ_04_2019.pdf, кушода. Санаи мурочиат 03.04.2021

[131] Дадабаева, З.А. Присоединение Таджикистана к ЕАЭС: преимущества и риски [Текст] / З.А. Дадабаева // Россия и современный мир. – 2016. – №4 (93). – С.161-168.

Маликов К.К. «Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Тоҷикистон: имкониятҳои таъсири мутақобил ва тавсеаи ҳамкорӣ»[132], Асламов А. «Дурнамои рушди равандҳои ҳамгироӣ дар чаҳорчуби Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё: назар аз Тоҷикистон»[133], Рыбакова М.В. «Ҳамгироии Тоҷикистон дар фазои АвруОсиё: масъалаҳо ва дурнамо»[134], Хоперская Л.Л., Харченко В.А. «Тоҷикистон ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё: самтҳои дохилшавӣ ё канорагирӣ?»[135] бахшида шудаанд.

Дадабоева З.А. муътақид аст, ки пайвастани Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим барои кишвар, ки на танҳо ба таъмини амнияти низомӣ ва сиёсӣ, балки ба даст овардани суботи иқтисодӣ марбутанд, мусоидат мекунад[136].

Ба ақидаи Маликов К.К. шомил шудан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имкониятҳои кишварҳоро дар соҳаи савдои байналхалқӣ васеъ мекунад ва инро ворид шудани шумораи зиёди дархостҳо аз кишварҳои сеюм оид ба таъсиси минтақаи озоди савдо бо Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё тасдиқ мекунад.

Рыбакова М.В. бар ин назар аст, ки шомилшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба рушди комплекси агросаноатии минтақавӣ мусоидат мекунад ва Тоҷикистон метавонад ба истеҳсолкунандаи асосии маводи ғизоӣ, пахта, ашёи хом барои саноати

---

132 Маликов, К.К. Евразийский экономический союз и Таджикистан: возможности взаимодействия и расширения сотрудничества [Текст] / К.К. Маликов // Politbook. – 2015. – №3. – С.46-55.

133 Асламов, А. Перспективы развития интеграционных процессов в рамках евразийского экономического союза: взгляд из Таджикистана [Текст] / А. Асламов // Центральная Азия и Кавказ. – 2015. – Т.18. – №2. – С.17-26.

134 Рыбакова, М.В. Интеграция Таджикистана в Евразийском пространстве: проблемы и перспективы [Текст] / М.В. Рыбакова // Государственное управление. Электронный вестник. – 2016. – №57. – С.186-200.

135 Хоперская, Л.Л. Таджикистан и ЕАЭС: векторы присоединения или уклонения? [Текст] / Л.Л. Хоперская, В.А. Харченко // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки СКАГС. – 2017. – №2. – С.141-146.

136 Дадабаева, З.А. Республика Таджикистан в процессе евразийской интеграции [Текст] / З.А. Дадабаева // Архонт. – 2017. – №1. – С.10.

сабук дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё табдил ёбад, ки ба афзоиши даромади хонаводаҳо ва рушди ММД меоварад.

Асламов А. Масъалаҳоеро муайян мекунад, ки дар назди Тоҷикистон дар қаринаи шомилшавии эҳтимолии он ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва ҳамкории мутақобили муассири ҳамгироӣ дар чаҳорчубаи ин иттиҳодия қарор гирифтаанд: самаранокии пасти иқтисоди миллӣ ва комплекси берунииқтисодии кишвар, вобастагии зиёд аз бозорҳои хориҷӣ (молҳо, хизматрасониҳо, меҳнат ва сармоя), муборизаи рақобатӣ барои захираҳо. Ҳалли ин масъалаҳо ва ҳифзи суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз татбиқи сиёсати самараноки ҳамгироӣ вобаста аст.

Ҳукумати Тоҷикистон тасмими шомил шудан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро ба таъхир гузошта истода, тамоми паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии онро барои кишвар аз татбиқи ин ҳамгироӣ баррасӣ мекунад.

Ба далели мавҷуд набудани тасмими мутавозин дар масъалаи шомилшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, дар асоси таҳлили корҳои дар боло зикршуда мо тарафҳои мусбӣ ва манфии ин тасмимро баррасӣ намудем. (ҷадвали 3.3.).

**Ҷадвали 3.3. – Тарафҳои мусбӣ ва манфии шомилшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё**

| Номи омил | Далелҳо |
|---|---|
| **Тарафҳои мусбии ҳамроҳшавӣ ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё** | |
| Таъсиси бозори умумии меҳнат | Гирифтани мақоми расмӣ аз ҷониби муҳоҷирони тоҷик, бекор кардани иҷозатномаҳо ва квотаҳои онҳо ҳангоми ба кор қабул кардан дар кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё |
| Афзоиши даромадҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | Оқибати ҳамгироии муҳоҷирони тоҷик ба бозори умумии меҳнат баландшавии музди кор ва афзоиши ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ ба Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба афзоиши даромади хонаводаҳои тоҷик ва мубориза бо камбизоатӣ мусоидат мекунад.<br>Афзоиши интиқоли маблағҳои пули муҳоҷирон ба 1 банди фоизӣ афзоиши ММД-и Тоҷикистон мусоидат мекунад |

*Идомаи ҷадвали 3.3.*

| Номи омил | Далелҳо |
|---|---|
| Дохилшавии сармоя ба иқтисодиёт аз Федератсияи Россия ва Қазоқистон | Ба шарофати сармоягузории хориҷӣ корхонаҳо ва ҷойҳои корӣ нав таъсис ёфта, воридшавии даромад ба буҷети давлат меафзояд |
| Бе пардохти боҷ воридшавии молҳо ба бозорҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё | Бидуни пардохти боҷ воридшавӣ ба афзоиши гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон мусоидат мекунад |
| **Тарафҳои манфии ҳамроҳшавӣ ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё** | |
| Ҳамоҳангсозии сиёсати тиҷорат | Тоҷикистон узви СУС ба ҳисоб меравад, ки дар он мизони тарофаҳо нисбат ба кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё пасттар аст. Тафовут дар танзими тарифӣ ба фаъолияти тиҷорати берунии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад |
| Тафовут дар танзими ғайритарифӣ | Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё тадбирҳои танзими ғайритарифиро (боҷҳои зиддидемпингӣ, квотаҳо) татбиқ мекунад, ки Тоҷикистон аз онҳо истифода намекунад. Ҷорӣ намудани танзими ғайритарифӣ гардиши молро бо кишварҳои берун аз Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё коҳиш медиҳад ва боиси муфлисшавии бизнеси хурд, ки ба ин намуди тиҷорат машғул мешаванд, оварда мерасонад |
| Хавфи талафи захираҳои меҳнатӣ | Талафот барои иқтисодиёти кишвар рафтани кадрҳои соҳибихтисос ба мақсади коркунӣ ба хориҷи кишвар. |
| Зарурати такмил додани заминаи ҳуқуқӣ | Зарурати мутобиқ кардани қонунгузории Тоҷикистон ба қонунгузории Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди АвроОсиёро барраси намуда, қайд мекунем, ки дар сурати ба ин иттидоҳия дохил шудани кишвар, имтиёзҳо ба савдо ва дигар муносибатҳои мутақобила бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дахл хоҳад дошт, аммо хароҷот ҳангоми савдо ва муносибатҳои мутақобила бо дигар кишварҳое, ки аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё нестанд, зоҳир мешаванд.

Таҳлилгарони Бонки рушди АвруОсиё вуруди эҳтимолии Тоҷикистонро ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё барои кишвар умедбахш медонанд. Тибқи арзёбиҳои онҳо, иқтидори умумии афзоиши ММД

метавонад дар як сол то 3,5 банди фоизӣ бошад. Аммо ин бузургии барои оянда пешбинишудае мебошад, ки онро метавон ҳангоми татбиқи тадбирҳои муайян оид ба беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ, дастгирии иловагии буҷети давлатӣ ба даст овард, вале нишондиҳандаи воқеии ММД метавонад аз пешгӯишуда бо ин ё он тараф хеле фарқ кунад.

Таҳлилгарони Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё шакли ҳамкориии мутақобиларо бо Тоҷикистон дар шакли «кишвари нозир» бинобар сабаби ҷой доштани номувофиқатиҳои зиёд дар қонунгузории Тоҷикистон ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва имконнопазирии ба зудӣ бартарафи намудани ин номувофиқотиҳо пешниҳод мекунанд.

Бо дарназардошти амнияти сармоягузории Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд ба оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ барои кишвар таваҷҷуҳ кард: афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ; тағйир додани сиёсати иҷтимоии давлат ба манфиати муносибатҳои бозорӣ; конфронтатсияи байни сохторҳои давлатӣ ва КФМ), ки ба амнияти иқтисодии ҷумҳурӣ таҳдид мекунад.

Амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити минтақакунонӣ (ҳамроҳ шудан ба иттиҳодияи минтақавии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё) ба хавф аз сабаби коҳиши гардиши савдои хориҷӣ бо мамлакатхое, ки ба иттиҳодияҳи минтақавӣ шомил нестанд, бинобар «фирори мағзҳо» ва қувваи корӣ аз кишвар, идомаёбии афзоиши танзимкуниии бозорӣ бар зарари сиёсати майли иҷтимоидоштаи кишвар дучор меояд.

**Ҷадвали 3.4. – Гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон**[137]

| Кишвар | Гардиши мол млрд. долл. ИМА | Содирот млрд. долл. ИМА | Воридот млрд. долл. ИМА | Ҳисса аз гардиши умумии мол, % |
|---|---|---|---|---|
| Россия | 1053,4 | 44,3 | 1009,1 | 23,3 |
| Қазоқистон | 957,7 | 218,4 | 739,3 | 21,2 |
| Чин | 660,9 | 55,4 | 605,5 | 14,6 |

[137] Сайт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://tajtrade.tj/menu/28?l=ru, кушода. Санаи мурочиат 03.10.2020

*Идомаи ҷадвали 3.4.*

| Кишвар | Гардиши мол млрд. долл. ИМА | Содирот млрд. долл. ИМА | Воридот млрд. долл. ИМА | Ҳисса аз гардиши умумии мол, % |
|---|---|---|---|---|
| Туркия | 377,3 | 233,8 | 143,5 | 8,3 |
| Ӯзбекистон | 342 | 172 | 170 | 7,6 |
| Швейтсария | 233,9 | 225,1 | 8,8 | 5,2 |
| Олмон | 77 | 1 | 76 | 2,1 |
| Япония | 68,1 | 1,2 | 66,9 | 1,5 |
| Эрон | 64,3 | 18,1 | 46,2 | 1,4 |
| Покистон | 56,3 | 10,4 | 45,9 | 1,2 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳиссаи давлатҳои иштироккунанда дар гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3.2. нишон дода шудааст.




**Расми 3.2. – Саҳми кишварҳо дар ҳаҷми умумии гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз ҷадвали 3.4. ва расми 3.2. бармеояд, ки ҳиссаи назаррас дар гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Россия ва Қазоқистон рост меояд, ки аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошанд, аммо дар баробари ин, бештар аз нисфи гардиши молии мамлакат ба кишварҳое рост меояд, ки шомили Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё нестанд.

Ҳамин тариқ, таъсири ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиро ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст. Ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ марҳилаи умуман нави байналмиллишавии робитаҳои хоҷагӣ

мебошад, ки дар ду самт: дар самти ҷаҳонишавӣ ва дар самти минтақавишавӣ ба амал бароварда шуда истодааст.

Сарфи назар, аз иқтидори пасти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақобатпазирии нисбатан пасти иқтисодиёти кишвар, инчунин, тарафҳои қавие дорад, ки ба баланд шудани мақоми геосиёсии он дар раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунанд. Тоҷикистонро зарур аст, ки нисбатан фаъолтар ва ҳадафмандона иқтидори табиии кишварро истифода барад.

Тамоюлҳои рушди низоми иқтисодии глобалиро наметавон дар татбиқи амалии сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фазои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ба ҳисоб нагирифт. Дохилшавии босамари кишвар ба равандҳои ҷаҳонишавӣ истифодаи дурусти механизмҳо ва воситаҳое, ки бартариятҳои ҳадди аксари беруниро бо талафоти ҳадди ақалли дохилӣ таъмин мекунанд, дар бар мегирад. Стратегияи оптималӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳадди аксар ба манфиати худ истифода бурдани он имкониятҳои наве, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд меоваранд ва кам кардани оқибатҳои манфии он мебошад.

Гуруҳҳои иқтисодии минтақавӣ барои ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ роҳ кушоданд, аммо дар баробари инкишофи он, зарурати ҳимояи муайяни манфиатҳои иқтисодии худро  аз таъсироти номатлуб ва пешгӯинашаванда берун аз ҳудуди худ эҳсос карданд.

Глобаликунонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ин ҷалби иқтисодиёти миллӣ ба раванди ягонаи ҷаҳонии такрористеҳсолкунӣ мебошад. Ҳамгироии минтақавӣ, дар як вақт, дар баробари ва ҳамчун алтернативаи ҷаҳонишавӣ рушд карда истодааст. Гуруҳҳои минтақавӣ барои омода намудани кишварҳо, бахусус, кишварҳои дорои сатҳи пасти рушди иқтисодӣ ба сатҳи нисбатан баланди ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунанд.

Мувофиқи ақидаи аксари иқтисоддонҳо, давраи ҷаҳонишавии фаъол дар сиёсати иқтисодии кишварҳо, ки тайи 30 соли охир идома дошт, ба

охир расида истодааст. Ба ҷои ҷаҳонишавӣ дигаргуниҳои бунёдӣ дар арсаи байналмиллалӣ омаданд, ки онҳо сиёсисозии бисёр қарорҳо, сустшавии суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳониро тавсиф мекунанд, ки ба рушди равандҳои ҳамгирой таъсири назаррас мерасонанд.

**3.3. Самараҳои манфӣ ва мусбӣ дар раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Шарти муҳими фаъол гардонидани вуруди сармояи хориҷӣ ба ҳар як кишвар ташаккули муҳити мувофиқи сармоягузорӣ мебошад. Фазои сармоягузорӣ мафҳуми хеле васеъ аст. Он ҳама чизеро, ки сармоягузор ҳангоми арзёбӣ намудан то чӣ андоза дар ин ё он кишвар ҷой доштани шароити мусоид барои маблағгузорӣ кардани сармоя, бо дарназардошти идеология ва сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанг дар бар мегирад. Дар рафти таҳлил, ӯ ин аломатҳоро ба як махраҷи умумӣ меорад, ки дар нишондиҳандаи хавфи сармоягузорӣ ифода меёбад. Чӣ қадаре ки фазои сармоягузорӣ дар кишвар бадтар бошад, ҳамон қадар сармоягузор хавфи соҳибкории худро баландтар мегузорад ва ҳамон қадар хароҷот дар кишвари қабулкунанда барои ҷалби сармоя зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, барои кишвари қабулкунандаи сармоя ҳолати муҳити сармоягузорӣ, умуман хулосаи назарӣ набуда, он ифодаи пулии худро дорад, ки дар он талафоти моддӣ аз сабаби паст будани самаранокии маблағгузориҳои асосии хориҷӣ ҳисоб карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешида азтарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ҳамкории зич бо институтҳои гуногуни молиявии байналмилалӣ, озодкунии (либерализатсияи) нархҳо ва савдо,ислоҳоти замин гузаронида шуда, инчунин ислоҳоти зарурии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ роҳандозӣ карда шуданд.

Тавре зикр гардид, аз соли 1996 инҷониб барномаҳои сармоягузории давлатӣ, грантҳо ва кӯмакҳои техникӣ барои ҳар ду-се сол қабул гардидаанд.

Ҳамкории мутақобилаи корхонаҳои ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ аз он иборат аст, ки ҳама гуна ҷойгиркунии сармояи хориҷӣ метавонад рушди тамоми унсурҳои корхонаи истеҳсолиро, пеш аз ҳама, тавассути таъсир ба муҳити берунии минтақае, ки корхона дар он ҷойгир аст, тағйир диҳад. Оқибатҳои чунин тағйирот метавонад хислати ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ барои худи корхона ва инчунин, барои минтақа ва кишваре, ки дар он ҷойгир аст, дошта бошад.

Сармоягузории хориҷӣ ин ҷойгирнамоии сармояи хориҷӣ ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар қаламрави кишвар дар намуди объектҳои ҳуқуқи шаҳрвандии мутааллиқ ба сармоягузори хориҷӣ мебошад, агар чунин объектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ аз гардиш гирифта нашуда бошанд, ё маҳдудият дар гардиш надошта бошанд, дар иқтисодиёт мувофиқи қонунҳо, аз ҷумла пул, коғазҳои қиматнок, дигар амвол, ҳуқуқи амвол, ки арзёбии пулии истисноии ҳуқуқиро ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (моликияти зеҳнӣ), инчунин хизматрасонӣ ва иттилоот доро мебошанд.

Айни замон дар адабиёти иқтисодӣ баҳсу мунозира дар бораи нақш ва аҳамияти сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти мамлакати қабулкунанда давом дорад. Чун қоида, ба назар гирифта мешавад, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар ба он як қатор бартариятҳои муайян медиҳад, аз ҷумла:

- имконияти маблағгузории иловагии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- истифодаи таҷрибаи кишвари сармоягузор дар соҳаи соҳибкорӣ;
- сармоягузориҳои хориҷӣ рушд ва афзоиши сармоягузории дохилиро ҳавасманд намуда, ба тавсеа ва диверсификатсияи иқтидори содиротӣ ва рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда мусоидат мекунанд;
- дастрасӣ ёфтан ба технологияҳо, техникаи навтарин ва усулҳои пешрафтаи ташкили истеҳсолот, инчунин пешбурди дастовардҳои худ ба бозори хориҷӣ;
- дар сурати дучор шудани ҳукумати кишвар ба мушкилоти муваққатии молиявӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ барои рафъи ин мушкилот кӯмак мекунад, гарчанде дар ин ҳолат қарзи берунии кишвари

қабулкунанда меафзояд;

- ҳамгироии кишвар ба хоҷагии ҷаҳонӣ, ки рушди устувори иқтисодии онро таъмин менамояд[138].

Аммо, ба ақидаи мо, аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқотӣ мо бояд таъсири сармоягузории хориҷиро аз мавқеи мухталиф, яъне таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвари қабулкунандаро таҳлил намоем.

Оқибатҳои чунин таъсиррасонӣ дар асоси вазифаҳое муайян карда мешавад, ки онҳоро сармоягузор ҳангоми сармоягузорӣ пешбинӣ мекунад: эҷод ва азхудкунии намудҳои нави маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), тарзҳои ташкили истеҳсолот ва ғ.

Сармоягузорони хориҷӣ метавонанд қатори усулҳоро барои таъсиррасонии худ ба иқтисодиёти хурди кушод истифода баранд.

Якум, сарфи назар аз маҳдуд карда щудани сармоягузорони хориҷӣ барои иштирок дар равандҳои хусусигардонӣ, сармоягузороне, ки чунин имкониятро ба даст овардаанд, кӯшиши аз байн бурдани рақибони дохилиро бо роҳи пешбурди сиёсати дахлдори истеҳсолӣ, содиротӣ ва иҷтимоии корхона амалӣ мекунанд.

Дуюм, боз як шакли дигари таъсири сармоягузорӣ аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ азхудкунии бозорҳои минтақавӣ ва умумимиллӣ дар кишвари қабулкунандаи сармоя мебошад. Дар ин ҷо метавонад якчанд вариант ҷой дошта бошад: ба даст овардани бозорҳои маҳсулоти тайёр ва нимтайёр; истифодаи қувваи кории арзон; истифода бурдани истеҳсолот, масалан, дар Тоҷикистон барои коркарди ашёи хом ва ғайра.

Бо роҳандозии назорат аз болои инфрасохтори мавҷуда ё таъсиси инфрасохтори нав, истеҳсолкунандагони маҳаллиро аз миён бурда ва номгӯи талаботи маҳаллиро тағйир дода истода, ширкатҳои хориҷӣ ба навсозӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ монеа мешаванд, ки

[138] Орлова, Е.Р. Инвестиции [Текст]: курс лекций / Е.Р. Орлова. – М.: Омега-Л, 2003. – С.130-132.

корхонаҳои ватанӣ мустақилияти худро аз даст дода, комилан аз соҳибмулк вобаста мешаванд.

Сеюм, роҳандозинамоии назорат аз болои бозорҳо бо аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ забт кардани корхонаҳои фоидаовар ё аз ҷиҳати стратегӣ муҳимтарин, ки асоси иқтисодиёти хурд мебошанд, сурат мегирад. Ин тавассути ба даст овардани бастаҳои назоратии саҳмияҳо аъзоҳаққиҳо, бастани шартномаҳои дарозмуддат, қарордодҳои маркетингӣ, технология ва идоракунӣ, харидории ӯҳдадориҳои қарзӣ ва ғайра ба даст оварда мешавад.

Чорум, сармоягузориро дар насби таҷҳизоти воридотӣ ва бознигаронии корхона ба харидорон ва таҳвилгарони хориҷӣ истифода карда, инчунин, самти фурӯши маҳсулотро дар дохили минтақа ва кишвар тағйир дода, ширкатҳои хориҷӣ фаъолона ба тағйир додани сохтори технологӣ, низоми алоқамандиҳои технологӣ, занчираҳо ва давраҳои корхона, ки қисми таркибии комплекси миллии иқтисодии мамлакати қабулкунандаи сармоя мебошанд, таъсир мерасонанд.

Панҷум, дар Тоҷикистон намуди маъмули таъсири хориҷӣ истифодабарии захираҳои табиию экологӣ мебошад, вақте ки сармоягузориҳо ба коркард ва содироти захираҳои барқарорнашавандаи табиӣ, инчунин ба кишвар кӯчондани истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ зараровар равона карда мешаванд ва бо худ оқибатҳои манфӣ ва амсоли онҳоро ба бор меоваранд.

Шашум, имкониятҳои калонро барои барқарор кардани таъсири сармоягузорӣ ба ширкатҳои хориҷӣ ба мақсадхои худ истифода бурдани захираҳои маҳаллии кадрии баландихтисос, комёбиҳои илмию техникӣ медиҳад.

Ҳафтум, дар баъзе мавридҳо, сармоягузориҳои хориҷӣ ҳалқаҳои занҷираҳо оид ба «шустушӯ»-и пулҳои бо роҳи ҷиноӣ ба даст овардаи ҳам гуруҳҳои ҷиноии хориҷӣ ва ҳам дохилӣ мебошанд, ки сармояи ҷиноии қаблан содиршуда ва шустушӯшударо дигарбора сармоягузорӣ мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки таъсири сармояи хориҷӣ ба тараққиёти корхонаҳои миллӣ на ҳамеша натиҷаҳои мусбат мебахшад. Баъзан ба кишвари мо ворид шудани сармояи хориҷӣ ҳамон усули махсуси муборизаи рақобатӣ мебошад, ки дар рафти он манфиатҳои миллӣ амалан ба назар гирифта намешаванд. Аз ин рӯ, сиёсати воқеӣ нисбати сармоягузориҳои хориҷӣ бояд ба арзёбии одилона ва объективонаи тавозуни пурраи ҷиҳатҳои мусбию манфии онҳо асос ёбад.

Хусусияти фарққунандаи рушди муосири Тоҷикистон ин кӯшиши ҷомеа ба навсозӣ дар посух ба чолишҳое мебошад, ки дар раванди ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигаргуниҳои бо инҳо алоқаманд ба вуҷуд омадааст. Ислоҳоти куллии гузаронидашуда ба бунёди иқтисоди кушод, ҳифз ва ташаккули арзишҳои умумибашарӣ ва рушди онҳо нигаронида шудааст. Дар рафти ислоҳоти куллӣ, ки баъди пошхӯрии низоми фармонфармоии маъмурӣ ба амал омад, ҷамъият ба мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ рӯбарӯ гардид.

Дар асоси гуфтаҳои боло, вазифаҳои асосии сиёсати сармоягузории ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- рушди минбаъдаи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ;
- афзалият додан ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ;
- татбиқи муносибатҳои гаравӣ;
- ҷорӣ намудани низоми мусоиди андозӣ ва гумрукӣ барои сармоягузорон;
- ҷорисозӣ ва истифодаи ҳуқуқии механизмҳо ва чораҳои амалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон;
- ғайримарказикунонии идомаёфтаистодаи раванди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани нақши захираҳои худи корхонаҳо дар маблағгузории барномаҳои сармоягузории худ;

- ҳавасмандгардонии раванди ҷалби захираҳои сохторҳои тиҷоратӣ, бонкҳо ва аҳолӣ.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои ҷорӣ сармоягузориҳо, ки аксар вақт маҳдудияти «қобилияти фурӯбаранда» номида мешаванд, метавон кам кард, аммо барои ноил шудан ба ин банақшагирии доимӣ ва дарозмуддати сармоягузорӣ дар тамоми бахшҳо талаб карда мешавад. Чунин нақша бояд дар барномаҳои рушди миллӣ аниқ муайян карда шуда, бо сохтори буҷети давлатӣ мувофиқ бошад.

Ба фикри мо, чунин барномаҳои калонмиқёсро, танҳо тавассути истифода бурдани маблағгузориҳои суроғавӣ не, балки минтақавӣ ҳал кардан имконпазир аст. Сухан бар он, ки дар шароити кунунии пайваста пешравии сатҳи ҳамгироии фаъолияти хоҷагии ҷаҳонӣ, фаъолнокии сармоягузорӣ ва мутаносибан рушди иқтисодӣ дар бисёр кишварҳо, на танҳо рӯ ба тараққӣ, балки мутараққӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ дастгирӣ ва таҳким меёбад.

Масалан, дар ИМА ҳаҷми ҷамъшудаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ки соли 1976 қариб 30 миллиард долларро ташкил медод, то охири аср бештар аз 10 баробар афзуд, ҳаҷми дороиҳои хориҷӣ бошад дар иқтисодиёт то ин вақт аз 1,5 триллион доллар гузашт.

Бо дарназардошти мавҷуд будани низоми мукаммали танзими қонунгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар ИМА, чунин вуруди пурқудрати сармояи хориҷӣ ба андозаи калон ба минбаъд болоравии иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама, дар асоси баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва рушди иқтидори содиротии рақобатпазир мусоидат намуд.

Нақши хеле фаъоли сармояи хориҷӣ дар барқарор намудани иқтисодиёт, инчунин дар мамлакатҳои нави саноатии Осиёи Ҷануби Шарқӣ низ равшан намоён аст. Бо иштироки бевоситаи сармояи хориҷӣ (ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба ин кишварҳои нисбатан хурд дар охири асри XX аз 20 миллиард доллар гузашт) онҳо аз

марҳилаҳои аллакай классикии индустрикунонии муосир бо зуди гузаштанд: рушди соҳаҳои воридотивазкунанда (солҳои 60-ум), ба вуҷуд овардани иқтидори содиротӣ (солҳои 70-ум) ва рушди соҳаҳои илмталаб (солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум). Дар натиҷа аз рӯи истеҳсоли баъзе навъҳои маҳсулот, аз ҷумла илмталаб, кишварҳои нави саноатӣ ба сафи пеш дар хоҷагии ҷаҳонӣ баромаданд.

Сармояи хориҷӣ ба Индонезия дар вактҳои охир ба бузургии рекордӣ расид. Ба ҳиссаи маблағгузориҳои хориҷӣ наздик 22% тамоми сармоягузориҳо дар иқтисодиёти Индонезия рост меояд. Дар рушди иқтисодиёти Бразилия низ сармоягузории хориҷӣ накши калидӣ дорад. Дар ин ҷо ба ибтидои асри XXI ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим ҳудуди 30 миллиард долларро ташкил дод, дар баробари ин ба ҳиссаи корхонаҳои муштарак ва хориҷӣ қариб 30 фоизи маҳсулоти саноатӣ ва асосан дар соҳаҳои муҳимтарини он — мошинсозӣ, металлургия, химия ва нафту химия рост омадааст. Бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар Бразилия, ба монанди кишварҳои нави саноатии Осиё, дар навбати аввал вазифаҳои рушди соҳаҳои воридотивазкунанда ва пай дар пай афзун намудани иқтидори содиротӣ ҳал карда шуданд. Дар баробари ин калонтарин мамлакати Америкаи Ҷанубӣ на ба гирифтани кредитҳо ва қарзҳои хориҷӣ, ки онҳо одатан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ асоратовар мешаванд, балки ба ҷалб намудани сармояи мустақими хориҷӣ барои ба вуҷуд овардани истеҳсолоти саноатии замонавӣ бо шартҳои ба ҳамдигар муфид кӯшиш мекард. Ҳамзамон ҳамкории иқтисодӣ бо ширкатҳои хориҷӣ то ҳадди имкон тавре ташкил карда шуда буд, ки воситаҳои фирмавӣ ва бозорҳои фурӯши маҳсулоти бразилиягии аллакай барқароргаштаи худро истифода баранд. Дар ниҳояти кор, ҷалби сармояи хориҷӣ ба Бразилия имкон дод, ки бисёр истеҳсолоти фаъолиятдоштаро навсозӣ кунад ва инчунин, аз нав соҳаҳои муосири зерин, аз қабили электроника, робототехника, биотехнология, саноати аэрокайҳониро ба вуҷуд оварад, ба кишвар

воридшавии иловагии асъори хориҷиро барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти дохилӣ ва хизматрасонии қарзи берунӣ дарёфт намояд.

Дар ҳошияи таъмини амнияти иқтисодӣ, ки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ авлавият пайдо мекунад, масъалаи сармоягузории хориҷӣ ба яке аз масъалаҳои калидӣ табдил меёбад. Дар ин хусус мубоҳисаҳои пуршиддат идома доранд. Аксари иқтисоддонҳо сармоягузориҳои хориҷиро яке аз муҳимтарин манобеи таҷдиди иқтисодиёти кишвар медонанд. Зимнан, амалияи бисёр мамлакатҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳатто вуруди хеле зиёди сармояи хориҷӣ, суръати устувор ва баланди тараққиёти иқтисодиётро кафолат намедиҳад.

Далели равшан, таҷрибаи чунин мамлакатҳои калони тараққиёбанда, монанди Бразилия, Мексика, Аргентина мебошад. Дар даҳсолаҳои охир онҳо яке аз қабулкунандагони асосии сармоягузориҳои хориҷӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ буданд. Аммо сарфи назар аз ҷалби миқдори зиёди сармояи хориҷӣ, рушди иқтисодии онҳо дар охири асри 20 ва ибтидои асри 21 ниҳоят ноустувор боқӣ мемонад. Гап дар сари он аст, ки пас аз беҳбудии иқтисодӣ ҳар дафъа коҳиши ММД ё коҳиши суръати афзоиши он то ҳадди ақалл мушоҳида мешавад.

Таҷрибаи мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ барои дигар мамлакатҳо огоҳии махсус аз хавфи дар пешистода мебошад, агар онҳо чораҳои дахлдори пешгирикунанда наандешанд. Зиёда аз он, ба истифодаи сармояи хориҷӣ дар системаи бозсозӣ ва навсозии иқтисодиёт аз тарафи бисёр мамлакатҳои минтақа аҳамияти аввалиндараҷа дода шуд.

Сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди давлатҳои Амрикои Лотинӣ таърихан мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Аз лаҳзае, ки онҳо дар асри XIX мустақилияти сиёсӣ ба даст овардaнд, сармояи хориҷӣ ба ҳар ҳол ба ташаккули сохтори иқтисодиёти миллии ин мамлакатҳо ва ҳатто ба муҳити ҷамъиятию сиёсӣ таъсири калон расонд. Бештар дар зери таъсири сармояи хориҷӣ намуди экстенсивии тараққиёти ба содироти захираҳо асос ёфта, ташаккул ёфт. Дар натиҷа, бо вуҷуди заминаи ғании манобеъ ва бо мурури

замон аҳолии босавод, сатҳи рушди иқтисодии аксари кишварҳои минтақа дар ҳолати ақибмонӣ қарор дошт.

Дар чоряки охири асри XX дар Америкаи Лотинӣ муқовимати консептуалӣ дар атрофи масъалаи ахамияти сармояи хориҷӣ дар рафти тараққиёти пуравҷи мамлакатҳои музофотӣ, инчунин нақши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ хеле вусъат ёфт. Дар охири асри 20 таъсири капитали хориҷӣ дар иктисодиёти Америкаи Лотинй хеле афзуд.

Дар зери фишори кредиторони хориҷӣ дастрасии сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ васеъ гардида, бо иштироки фаъолонаи сармоягузорони хориҷӣ хусусигардонии назаррас ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа қисми зиёди иқтисодиёти бисёр мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар зери назорати корпоратсияҳои хориҷӣ буд, ки онҳо ба вазъияти иқтисодиёт ва соҳаи сиёсии онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Паст шудани қобилияти идоракунии иқтисодиёти миллӣ, вобастагии зиёд аз гардиши беназорати сармояи хориҷӣ ва манфиатҳои ширкатҳои трансмиллӣ яке аз сабабҳои муҳимтарини бӯҳронҳои даврӣ дар ин ҷо шудааст.

Дар ибтидои асри XXI дар ин кишварҳо қонунгузории сармоягузорӣ таҷдиди назар карда шуд, ки ба сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқҳои баробар бо моликони миллии сармоя дода шуд. Бисёре аз кишварҳои Амрикои Лотинии минтақа бо давлатҳои марказӣ дар бораи ҷалби мутақобилаи сармоягузорӣ ва ҳифзи мувофиқи онҳо, инчунин дар бораи рафъи андозбандии дукарата аз сармоягузориҳо, созишномаҳои махсуси дуҷониба бастаанд. Барои мусоидат кардан ба афзоиши сармояи хориҷӣ, комитетҳо ва комиссияҳои махсус ташкил карда мешуданд, ки ба ҳайати онҳо баъзан вазирони иқтисодиёт, молия ва корҳои хориҷӣ, инчунин раисони бонки марказӣ дохил мешуданд. Дар ибтидои асри XXI дар Амрикои Лотинӣ беш аз 20 ниҳод вуҷуд дошт, ки иштироки сармоягузорони хориҷиро дар корхонаҳои хусусигардонидашуда баррасӣ мекарданд, ки ин боиси афзоиши қарзи беруна ва вобастагӣ аз сармоягузорони хориҷӣ гардид.

Тавре ки маълум аст, дар охири солҳои 1990-ум иқтисодиёти Аргентина ба таназзули нав афтод ва дар моҳи декабри соли 2001 Аргентина дефолт эълон кард. Имрӯз ҳатто барои ҳалли мушкилоти бахши манзилию коммуналӣ ҳукумати кишвар аз сармоягузорони хориҷӣ имтиёз талаб мекунад.

Муқовимати доимии консептуалӣ дар атрофи иштироки сармояи хориҷӣ дар раванди сармоягузорӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими ҳаёти имрӯзаи ҷамъиятию сиёсии кишварҳои минтақа мебошад. Дар баробари ин, сухан на дар бораи даст кашидан аз сармоягузориҳои хориҷӣ, ки кӯтоҳандешона ва ғайривоқеӣ мебуд, балки дар бораи муносибати бештар бодиққат ва дар ҷое бисёрҷониба, ҳангоми ворид намудани онҳо меравад.

Асосхои иқтисодии амният яке аз мушкилотьи асосии Америкаи Лотинии муосир мебошад. Онро бидуни дарки нақши сармоягузории хориҷӣ дар динамикаи рушди хоҷагии минтақа воқеан фаҳмидан мумкин нест. Таҷрибаи таърихии ҳамкории мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ бо сармоягузорони хориҷӣ, махсусан, дар даҳсолаҳои охир нишон дод, ки сармоягузории хориҷӣ азнавсозии куллии сохтории иқтисодиётро наовардааст. Зиёда аз ин, маҳз он аксар вақт боиси пайдо шудани таҳрифҳои нав дар хоҷагии миллӣ мешуд. Вобастагии минтақа аз шароитҳои аксаран пешгӯинашавандаи бозори ҷаҳонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар асоси тачрибаи ин кишварҳо метавон хулоса кард, ки воридшавии сармоягузории хориҷӣ ба рушди кишвар дар ҳоле таъсири мусбат мерасонад, ки агар мақомоти он сиёсати мустаҳками иқтисодии худро дошта бошанд ва сармоягузориҳои хориҷиро тибқи афзалиятҳояшон ҷалб кунанд. Дар он ҷое, ки давлат аз назорати рушди иқтисодии худ дур карда, онро ба корпоратсияҳои трансмиллӣ медиҳад, воридшавии сармоягузорихои хориҷӣ рушди баланд ва устуворро таъмин намекунад ва аксар вақт боиси паст шудани соҳибихтиёрии миллӣ мегардад.

Муҳим он аст, ки дар ин кишварҳо бахшҳои бештар серталаби сармоягузорӣ, бахши ашёи хом (тақрибан 445% сармояи хориҷӣ), бахусус,

истихроҷи металлҳо, карбогидридҳо ва бахши хӯрокворӣ, инчунин, бахши хизматрасонӣ (зиёда аз 30%), махсусан, дар бахшҳои телекоммуникатсия ва таъминоти барномавӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Чунон ки аз мисолҳои дар боло овардашуда дида мешавад, мамлакатҳои гуногун бо тамоми фарқияташон аз ҷиҳати имконияту шароити рушди иқтисодӣ дар муносибат бо сармояи хориҷӣ дар воқеъ умумияти зиёд зоҳир менамоянд. Ва дар ин ҷо чизи асосӣ ин аст, ки сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ин ва ё он мамлакат як навъ суръатфизои тезондани рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои мамлакат гардида истодааст.

Бо вуҷуди ин, мансуб донистани ҳамаи кор ба бунёди ким-кадом истеҳсолоти нав дар асоси сармояи хориҷӣ асос надорад, гарчанде ин, албатта хеле муҳим мебошад. Аммо боз нақши чунин сармоягузориҳо ҳамчун омили фаъолгардонии пайвастнамоӣ ба раванди хоҷагӣ иқтидорҳои табиӣ, истеҳсолӣ ва меҳнатии пеш дуруст истифоданашаванда муҳимтар аст. Сармояи хориҷӣ ба таври органикӣ бо кӯшишҳо ва захираҳои миллӣ пайваст гардида, аз рӯи принсипи реак-сияи занҷирӣ самараи баланди интегралиро дар асоси истифода бурдани воситаҳои пешрафтаи меҳнат, такмили ихтисоси кормандон ва истифодаи беҳтари захираҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ба вуҷуд меоварад.

Сармояи хориҷӣ, махсусан имрӯз ба он соҳаҳои иқтисодиёт зарур аст, ки фаъол шудани онҳо барои аз вазъи ҷойдоштаи бӯҳронӣ баровардани он, рафъи шиддати рӯзафзуни иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Ин, пеш аз ҳама, истеҳсоли маҳсулоти озуқа, молҳои истеъмоли умум ва хизматрасониҳо, доруворӣ ва дигар маҳсулоти ҳаётан муҳим мебошад. Ва кор дар ин ҷо на танҳо аз он иборат аст, ки аҳолӣ бо молу хизматрасониҳои зарурӣ таъмин карда шавад, балки дар он аст, ки воридотивазкунии онҳоро амалӣ намуда, захираҳои асъорие, ки айни замон барои воридоти молҳои истеъмолӣ ё ашёи хом барои истеҳсоли онҳо харҷ мешаванд, сарфа намоем.

Ба таҷдид ва азнавсозӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ амалан тамоми хоҷагии агросаноатӣ дар қаламрави Тоҷикистон - аз равандҳои ибтидоии истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва расонидани он ба истеъмолкунанда ниёз дорад. Дар ин ҷо баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва коҳиш додани талафот, таъмини коркарди пурра ва ҳаматарафаи ашёи хоми аввалия бо мақсади хеле зиёд кардани барориши маҳсулоти ниҳоӣ ва баланд бардоштани сифатҳои истеъмолии он ниҳоят зарур аст.

Аз сабаби қафомонии технологии соҳаи агросаноатии иқтисодиёт ҳар сол намудҳои зиёди молҳои истеъмолӣ ба истеъмолкунандагон намерасанд. Дар баробари ин, кам кардани талафоти ашёи хоми хоҷагии қишлок ва коркарди пурраи он ба он соҳаҳое мансуб мебошанд, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳ самараи калони иқтисодӣ ба даст овардан мумкин аст, аз ҷумла, тавассути ташкили минтақаҳои нисбатан хурди озоди иқтисодӣ, ки сармоягузориҳои калонро талаб намекунанд ва зуд баргардонидани хароҷоти аввалияро дар шароити хавфи дараҷаи паст барои сармоягузорони хориҷӣ таъмин менамоянд.

Ба сармоягузориҳои калонҳаҷми хориҷӣ ҳоло ба соҳаҳои сӯзишворӣ ва энергетика, ки солҳои зиёд на танҳо аз ҷиҳати бо энергия таъмин намудани истеҳсолот ва соҳаи иҷтимоӣ, балки дар таъмини содирот бори гарони бузургро ба дӯши худ гирифтаанд, сахт эҳтиёҷ доранд. Ҷалби сармоя аз хориҷи кишвар ба соҳаи мавриди назар хеле муфид буда метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳо, ба монанди:

- фаъолгардонии истифодаи иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ барои истихроҷ ва коркарди захираҳои энергетикӣ, махсусан, дар он қисматҳо, ки имкон дорад дар муддати кӯтоҳ натиҷаи хуб аз маблағҳои гузошташуда ба даст оварда шавад.

- якбора кам кардани хароҷоти хоси сӯзишворию нерӯи барқ дар хоҷагии халқ дар асоси гузаштан ба технологияҳои энергиясарфакунанда;

- дар асоси таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ замонависозии (модернизатсияи) ҳамаҷонибаи фондҳои истеҳсолии амалкунанда ва бунёди равандҳои нав дар асоси техника ва технологияҳои пешрафтаи муосир, ки ҷолибиятро барои сармоягузорони хориҷӣ таъмин мекунанд, чунки дар он одатан, дар кӯтоҳтарин мӯҳлат хароҷоти аввалия баровварда мешавад ва якбора заминаи мусоиди моддӣ барои фаъолнокии минбаъдаи кории сармояи хориҷӣ фароҳам оварда мешавад.

Таваҷҷуҳ ба муҳлатҳои кӯтоҳи баровардани хароҷоти аввалия ҳангоми баррасии афзалиятҳои сармоягузории хориҷӣ ба сабабҳои маълум вобастагӣ дорад. Имрӯз, беш аз ҳарвақта дида, зудпасдеҳии маблағҳои гузошташуда барои то ҳадди аксар мусоидат кардан ҷиҳати ҳар чӣ тезтар берун кашидани иқтисодиёт аз бӯҳрон зарур аст. Дар баробари ин, дар мисолҳои мушаххас нуфузи ҳамкориҳои байналмилалии сармоягузориро дар қаламрави минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боло мебарад.

Аммо, ин самтгирӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ба муқобили барномаҳо ва лоиҳаҳои дарозмуддати сармоягузории дар оянда самараи эҳтимолии баланд дошта, нигаронида нашудааст. Масалан, дар дораи ҳамкориҳои сармоягузорӣ татбиқи лоиҳаи энергетикии асри XXI бо содироти нерӯи барқ ба бозорҳои минтақавӣ ва дохилӣ.

Чунин лоиҳаҳо на танҳо барои ҳалли масъалаҳои асосии илмию техникӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, балки барои нигоҳ доштани устувории фаъолияти сармоягузорӣ ва робитаҳои беруниқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат зарур мебошанд. Ҳамгироии кӯшишҳо ва захираҳои сармоявии сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги дарозмуддат на танҳо захираҳои моддию молиявӣ, балки вақтро низ сарфа мекунад.

Ҳамин тариқ, муваффақияти ислоҳоти гузоронидашаванда дар Тоҷикистон бештар ба ҷустуҷӯи бомаҳорат ва дарёфти самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатӣ, агросаноатӣ ва минтақавӣ, ки онҳо ҳанӯз пурра ташаккул наёфтаанд, вобаста аст. Мо фикр мекунем, ки дар чунин

вазъият яке аз иқдомҳои мусбат дар роҳи дигаргунсозии иқтисодиёт метавонад ташкили низоми миллии минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) бошад, ки он ба номгӯи вазифаҳои афзалиятноки ҳукумат дохил карда шудааст. Дар ҷумҳурӣ барои ташкил намудани минтақаҳои махсуси саноатӣ ва сайёҳӣ имкониятҳои калон мавҷуданд ва онҳоро бояд самаранок ба манфиати халқ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода кард.

Дар сатҳи минтақавӣ ва байнидавлатӣ равандҳои ҳамгироӣ амалӣ мешаванд, ки онҳо аҳамияти иқтисодиёти минтақаро таҳким мебахшанд. Бизнеси байналмилалӣ шаклҳои гуногуни ҳамгироиро истифода мебарад, аммо нақши махсусро дар ташкили ширкатҳои фаромиллӣ чунин шакли ҳамгироӣ, маҳз корхонаҳои муштарак (КМ) иҷро мекунанд.

Самаранокии фаъолияти корхонаҳо пас аз таъсиси чунин шакли ҳамгироии корпоративӣ ба мисли корхонаҳои муштарак баланд мешавад, зеро мақсади таъсиси корхонаҳои муштарак аз ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ барои бомуваффақият ворид гардидани маҳсулоти чунин корхона ба бозорҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар айни замон чунин шакли ҳамгироӣ, монанди корхонаҳои муштарак барои аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ муҳим арзёбӣ мегардад. (расми 3.3.1).




**Расми 3.3. – Афзалиятҳои таъсис ва фаъолияти корхонаҳои муштарак**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Корхонаҳои муштарак – ин шакли махсуси ҳамгироии корпоративӣ мебошад, ки ҳамчун шакли махсуси ташкилии ҳамкории сармоягузорон аз

кишварҳои гуногун дар соҳаи идоракунӣ, истеҳсоли маҳсулот, савдо, истифодаи даромадҳо, тақсимоти хавфҳои соҳибкорӣ арзи вуҷуд мекунад[139].

Корхонаи муштарак – шахси ҳуқуқие мебошад, ки дар сармояи оинномавии он сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ бо шарти иштироки ҳиссавӣ мавҷуданд.

Дар муқоиса бо дигар шаклҳои ҳамкорӣ таъсиси корхонаҳои муштарак яке аз шаклҳои мураккабтарини пешбурди бизшеси байналмилалӣ мебошад, зеро он ҳам бо мушкилоти ҳуқуқӣ ва ҳам бо ҷой доштани дараҷаи баланди хавф алоқаманд аст.

Одатан, таъсисдиҳандагони ширкатҳои муштарак мехоҳанд ба бозорҳои нав дастрасӣ пайдо кунанд ва пойгоҳи муштариёни худро васеъ намоянд. Аммо дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир таъсисдиҳандагони корхонаҳои муштаракро мақсадхои нав ба нав пеш мебаранд. Масалан, маъмултарин сабабҳо барои таъсиси корхонаҳои муштараки байналмилалӣ дар соли 2020 дастрасӣ ба технологияҳои инноватсионӣ ва имконияти ворид шудан ба соҳаи нав буданд (расми 3.4.).




**Расми 3.4. - Сабабҳои асосии ташкили корхонаҳои муштараки байналхалқӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

---

139 Макарчук, Е.А. Транснационализация совместных предприятий как форма корпоративной интеграции в международном бизнесе: теоретический аспект [Текст] / Е.А. Макарчук // Бизнес Информ. – 2015. – №4. – С.47.

Ҳангоми таъсиси корхонаи муштараки байналмилалӣ дар қаламрави Тоҷикистон манфиати шарики хориҷӣ дар корхонаи муштарак аз он иборат буда метавонад, ки ӯ бо маҳсулоти худ ба бозорҳои нав ворид мегардад, барои истеҳсол дар қаламрави Тоҷикистон аз қувваи кории арзон, вале соҳибихтисос истифода мебарад, дар раванди истеҳсоли маҳсулот аз нерӯи барқи арзон истифода менамояд, ки арзиши аслии маҳсулотро коҳиш дода, натиҷаи молиявиро афзоиш медиҳад, имкони истифодаи имтиёзҳои андозии барои корхонаҳои Тоҷикистон пешбинишуда ва таҳвили маҳсулотро ба бозори маҳаллӣ ба даст меорад, ки бо чораҳои ҳимоянамоӣ (протексионистӣ) аз таҳвили маҳсулоти воридотӣ ҳифз карда шудаанд.

**Ҷадвали 3.5. - Мақсадҳои интихоби шарикони хориҷӣ барои таъсиси корхонаи муштарак**

| | |
|---|---|
| Ҳадафҳои интихоби шарикони хориҷӣ | Ба вуҷуд овардани бозорҳои нави фурӯш<br>Мавҷудияти қувваи кории арзон, вале соҳибихтисос<br>Қувваи арзони барқ<br>Таҳкими мавқеъ дар бозори рушдёбанда<br>Афзоиши содироти сармоя<br>Истифодаи имтиёзҳои андозии Тоҷикистон<br>Имконияти таҳвили маҳсулот ба бозори маҳаллӣ, ки бо чораҳои протексионистӣ аз таҳвили маҳсулоти воридотӣ ҳифз карда шудааст |
| Ҳадафҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ | Гирифтан ва имконияти истифода бурдани технологияҳои хориҷӣ, технологияҳои инноватсионӣ бидуни хароҷоти иловагӣ барои харидани онҳо<br>Ба даст овардани маблағи устувори даромад дар асъори хориҷӣ пас аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда дар бозори ҷаҳонӣ<br>Истифодаи каналҳои фурӯши шарики хориҷӣ барои фурӯши маҳсулот дар бозорҳои хориҷӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Ширкати тоҷикие, ки ба саҳм сармояи хориҷиро қабул мекунад, манфиатҳои худро дар алоқамандӣ ба истифодаи технологияҳои хориҷӣ

бидуни хароҷот барои хариди онҳо ва иҷозатномагирӣ, ба даст овардани ҳаҷми устувори даромад бо асъори хориҷӣ, истифодаи каналҳои фурӯши шарики хориҷӣ барои фурӯши маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ амалӣ менамояд. Мақомоти давлати қабулкунанда ин бартариҳоро дарк ва арзёбӣ карда, ба сармоягузорони хориҷӣ мусоидат мекунад, аммо бо истифода аз баъзе маҳдудиятҳо: ҳиссаи иштироки сармоягузорро дар сармояи саҳомӣ маҳдуд намуда, ба ӯ имкони гирифтани пакети назоратӣ ва назорати пурраи корхонаро намедиҳад; шарти ба кор қабул кардани танҳо қувваи кории маҳаллиро пешниҳод мекунад; ӯҳдадории ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ додани технологияҳоро мегузорад; дар истеҳсолот истифодабарии танҳо захираҳои моддии маҳаллиро пешбинӣ мекунад.

Корхонаҳои муштарак аз бартариҳои рақобатии ба ширкатҳо хосе истифода мебаранд, ки онҳо дар заминаи ин ширкатҳо таъсис меёбанд, ва шакли самараноки сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошанд. Дар муқоиса бо дигар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии корхонаҳо истифода бурдани чунин шакли пешбурди соҳибкорӣ (бизнес) ба монанди корхонаҳои муштарак ба муассисони корхона як қатор бартариятҳо медиҳад:

- хавфи пешбурди бизнес кам мешавад;
- навсозии раванди технологӣ ба туфайли истифодаи технологияҳои хориҷӣ;
- имконияти муттаҳидсозии захираҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд меояд;
- имконияти ба таври чандирӣ эътино кардан ба дигаргуншавии конъюнктураи бозор ва чолишҳои муҳити беруна ба миён меояд;
- имкони истеҳсоли маҳсулоти аълосифат, ки дар бозорҳои ҷаҳон бомуваффақият рақобат карда метавонад[140].

[140] Орипов, А.А. Инвестиции - главный фактор развития сельского хозяйства Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Орипов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2014. – №1. – С.95.

Таъсиси корхонаҳои муштарак ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие мусоидат мекунад, ки онҳоро корхонаи миллӣ бе дастгирии сармоягузории хориҷӣ ӯҳда карда наметавонад.

Корхонаҳои муштараке, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, аз рӯи аломатҳои гуногун: сохтори сармоя, ҳиссаи иштирок дар сармоя ва намуди фаъолият гуруҳбандӣ карда мешаванд (расми 3.6.).




**Расми 3.6. – Таснифи корхонаҳои муштарак**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Семина Л.А. тавсия медиҳад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти корхонаи муштарак чунин омилҳо, аз қабили тафовут дар менталитети коргарони ватанӣ ва хориҷӣ, тафовут дар соҳаҳои фарҳангӣ, тиҷоратӣ, иқтисодии кишварҳои шарик ба назар гирифта шаванд[141].

Корхонаҳои муштараки ҳозиразамон хусусиятҳои асосии зеринро доранд:

[141] Семина, Л.А. Инвестиционная привлекательность: теоретический аспект [Текст] / Л.А. Семина // Вестник Челябинского государственного университета. – 2016. – №14 (195). – С.17.

- дар асоси сармоягузории як, ду ва зиёда субъектҳои хоҷагидор ташкил карда мешаванд;

- мустақилияти ҳуқуқӣ доранд, ки танҳо моликияти ҳиссавии ширкатҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо таъсис дода шудаанд;

- ҳамаи ширкатҳои модарӣ аз болои фаъолияти корхонаи муштарак якҷоя назорат мекунанд;

- раёсати як ё якчанд ширкатҳои модарӣ берун аз кишвар ҷойгир аст, ки дар он фаъолияти корхонаи муштарак амалӣ карда мешавад[142].

Иштирок дар корхонаи муштарак ба корхонаҳои шарик бартариятҳои зерин медиҳад:

- ба даст овардани сарфаи микёс аз ҳисоби муттаҳид намудани захираҳои якчанд корхонаҳо;

- кам кардани хавф дар робита ба тақсим шудани он дар байни корхонаҳо - шарикон;

- ба вуҷуд омадани дурнамои ворид шудан ба бозорҳои нав;

- дарёфти дастрасӣ ба технологияҳои инноватсионӣ;

- ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ.

Корхонаҳои муштарак бо шарикони хориҷӣ моликияти муштарак доранд, якҷоя даромад ва хавфҳоро идора мекунанд.

Дар Тоҷикистон аксари корхонаҳои муштарак бо ташаббус ва бо кӯмаки маблағгузории сармоягузорони хориҷӣ дар доираи қонунгузории кишвар дар раванди сармоягузории онҳо таъсис дода шуданд. Мақсади водоркунандаи таъсиси ин субъектҳои хоҷагидорӣ ба даст овардани фоида аст.

Қонун «Дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои сармоягузорон ва чораҳоро оид ба ҳифзи онҳо муайян мекунад.

---

[142] Хайитбоева, Н.А. Развитие инвестиционной активности - фактор роста экономики региона [Текст] / Н.А. Хайитбоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. – 2018. – №5 (53). – С.190.

Мавҷудияти корхонаҳои муштарак дар қиёс бо корхонаҳои пурра хориҷӣ бештар ба манфиати Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, зеро баровардани маҳсулоти инноватсиони ва ворид шудани онҳо ба бозори дохилӣ ва ҳамчунин пардохти андоз дар қаламрави Тоҷикистон ва тақсими фоидаи гирифташуда барои кишвар афзалтар аз равон кардани тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда ва натиҷаи молиявии он ба хориҷа мебошад. Корхонаҳои муштарак бо робитаҳои зичтари иқтисодии шарикон дар ҷараёни ҳамкории мутақобила бо таҳвилгарони ашёи хом, ташкилотҳои фурӯши маҳсулот ва ғайра дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ тавсиф меёбанд.




**Расми 3.7. – Динамикаи фаъолияти корхонаҳои муштараки амалкунанда дар Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Бузургтарин ва сершумортарини корхонаҳои муштарак корхонаҳои Тоҷикистону Россия ва Тоҷикистону Чин ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 3.5. - Сохтори бахшҳои корхонаҳои муштарак дар иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2020**

| Мансубияти соҳавӣ | Кишварҳо - шарикон | Шумораи КМ |
|---|---|---|
| Металлургияи ранга | Россия, Британияи Кабир, Чин | 9 |
| Саноати сабук | Россия, Ветнам, Чин, Италия, Кореяи Ҷанубӣ | 66 |
| Саноати кимиёвӣ | Россия, Чин | 11 |
| Мошинсозӣ | Россия, Чин, Изроил | 3 |
| Истеҳсоли истихроҷи маъдан | Британияи Кабир, ИМА, Канада | 18 |

*Идомаи ҷадвали 3.5.*

| Мансубияти соҳавӣ | Кишварҳо - шарикон | Шумораи КМ |
|---|---|---|
| Савдо | Чин, Ӯзбекистон, Ирландия, ИМА | 51 |
| Саноати хӯрокворӣ | Чин, ИМА, Эрон, Австрия, Швейтсария | 29 |
| Истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ | Россия, Чин | 4 |
| Ҳамагӣ | | 191 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Қисми зиёди корхонаҳои муштарак дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон ҷойгир буда, дар он ҷо шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ ҷамъ шудаанд ва инфрасохтори мувофиқ низ мавҷуд аст.




**Расми 3.8. - Сохтори соҳавии корхнаҳои муштарак дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли 2020.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Маҳсулоти корхонаҳои муштарак дар соҳаи саноати маъдани кӯҳӣ ба содирот равона карда мешавад ва дар бозорҳои байналмилалӣ талаботи устувор дорад. Аз ин рӯ, маҳсулоти соҳа асосан ба содирот нигаронида шудааст. Бузургтарин корхонаҳои муштарак, ки ба ин соҳа марбут аст, корхонаҳои ТАЛКО ва инчунин, корхонаҳо оид ба истихроҷ ва каркарди тиллои «Зарафшон»-у «Дарвоз» ба ҳисоб меравaнд.

Саноати истихроҷи маъдан сармояи хориҷиро барои амалӣ намудани тадбирҳои ташкилию техникӣ, ки бо азхудкунии конҳои нави канданиҳои фоиданок, барои аз нав коркарди консентратхо, аз маъдан ҳосил кардани элементҳои нодир ва микроэлементҳо ва дигар амалиёти технологие, ки дар раванди азхудкунии захираҳои маъдан заруранд, истифода мебарад.

Маҳсулоти истеҳсол мекардаи корхонаҳои муштарак дар саноати сабук ба 18 кишвари ҷаҳон содир мешавад. Дар ин соҳа корхонаҳои муштараки зерин нисбатан самаранок кор мекунанд: якҷоя бо сармоягузорони куриёвӣ - «Тоҷик-Кабоол-Текстайлз», бо сармоягузорони итолиёвӣ - «Абрешим» ва «Ҷавонӣ», бо сармоягузорони чинӣ - Ришта, бо сармоягузорони ветнамӣ - корхонаҳои муштараки «ВТ-Силк» ва «ВТ-Роҳи Абрешим».

Корхонаҳои муштарак дар саноати химия низ бомуваффақият фаъолият карда, аз конҳои бои ашёи хоми минералии Тоҷикистон истифода мебаранд: Хоҷа-Муъмин, Тут-Булоқ, Пусхур, Ак-Архар. Корхонаҳои муштараки дар саноати химия фаъолияткунанда хокаи ҷомашӯӣ, воситаҳои зарфшӯӣ ва дигар воситаҳои кимиёвии рӯзгор, намудҳои гуногуни лак ва ранг, коагулянти синтетикӣ барои тоза кардан аз ифлосшавӣ ва ифлосиҳои оби ошомиданӣ истеҳсол мекунанд.

Иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолиро азнавсозӣ карда, корхонаҳои муштараке, ки дар саноати мошинсозӣ кор мекунанд, дастгоҳҳо, қисмҳои эҳтиётии трактору комбайнҳо, хелҳои гуногуни асбобҳои рӯзгор ва дигар молҳои истеъмоли мардум истеҳсол мекунанд. Дар оянда корхонаҳои соҳа бо дастгирии сармоягузорони хориҷӣ азхуд намудани маҳсулоти нав: трактор, автомобил, автобусро дар нақша доранд. Барои маҳсулоти металлургӣ ва маҳсулоти мошинсозӣ ашёи хоми маҳаллӣ — алюминии аввалия мавҷуд аст.

Дар саноати хӯрокворӣ низ фаъолнокии сармоягузорони хориҷӣ ба назар мерасад. Корхонаҳои муштараке, ки дар ин соҳа фаъолият мекунанд, коркарди тухми пахта, истеҳсоли консервҳо аз меваю сабзавот, хушкмева,

нӯшокиҳои спиртӣ, навъҳои зиёди нӯшокиҳои ғайриспиртӣ амалӣ мекунанд.

Корхонаҳои муштарак масолеҳи сохтмонӣ семент, шифер, масолеҳи бомпӯшӣ истеҳсол мекунанд, ки ба Ӯзбекистон, Афғонистон ва Қирғизистон содир карда мешаванд.

Таҳлили фаъолияти корхонаҳои муштарак нишон дод, ки шарикони хориҷӣ ба фаъолияти корхонаҳои муштарак дар шакли сармоягузорӣ ва ҷониби Тоҷикистон бошад, ба сармояи оинномавии ин корхонаҳо дар шакли бино, иншоот, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва дигар амвол саҳм мегузоранд.

Ҳаҷми маҳсулоте, ки корхонаҳои муштарак истеҳсол мекунанд, тамоюли рушдро доро мебошад, аз ҷумла, ҳаҷми маҳсулоти содиротии ба бозорҳои ҷаҳонӣ равонашаванда аз ҳисоби афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи асосии корхонаҳои муштараки Тоҷикистон.

Дар асоси маълумоти воқеӣ оид ба ҳаҷми истеҳсоли корхонаҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2021 мо нишондиҳандаҳои дурнамои фаъолияти онҳоро барои солҳои 2022-2023 ҳисоб мекунем.

**Ҷадвали 3.6. - Нишондиҳандаҳое, ки фаъолияти корхонаҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунанд**

| Нишондиҳандаҳо | Маълумоти воқеӣ | | | | | | | | | Пешгӯӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 |
| Ҳаҷми маблағгузорӣ ба КМ, млн. доллар | 291,4 | 341,1 | 357,4 | 370,9 | 354,2 | 354,5 | 348,2 | 331,1 | 359,2 | 361,0 | 362,0 |
| Ҳаҷми содироти КМ, млн. долл. | 85,2 | 65,6 | 58,5 | 57,7 | 63,2 | 78,7 | 78,1 | 87,1 | 97,2 | 120,1 | 141,0 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси макрообзори Бонки рушди АвруОсиё тартиб дода шудааст

Барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои пешгӯии ҳаҷми сармоягузорӣ дар корхонаҳои муштараки байналмилалӣ, мо муодилаи

тамоюл (тренд)-ро дар шакли функсияи логарифмии y=20,33ln(x) + 316,84 бо эътимоднокии тахминии $R^2$= 0,987 ҳисоб намудем (расми 3.8.).




**Расми 3.8. – Муодилаи тамоюл барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар корхонаҳои муштараки Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз расми 3.8. бармеояд, ки дар солҳои 2022-2023 ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон нисбат ба солҳои 2019-2020 каме афзоиш хоҳад ёфт, аз ин рӯ, корхонаҳои муштарак бояд аз сармоягузории хориҷӣ ба кишвар хеле самаранок истифода баранд.

Коҳиши афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ ба вазъи эпидемиологии Covid-19 вобаста аст, ки дар натиҷаи он коҳиши маблағгузориҳои асосӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва махсусан хориҷӣ гардид. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар чаҳорчуби лоиҳаҳои энергетикӣ коҳиш ёфта, инчунин, сармоягузорӣ ба корхонаҳои саноати истихроҷ ва коркард кам шудааст.

Муътадилшавии нисбии нишондиҳандаҳои сармоягузории хориҷӣ тавассути ҷалби иловагии маблағгузории берунӣ дар шакли «сармоягузориҳои дигар» (пеш аз ҳама қарздиҳии тиҷоратӣ ба

ташкилотҳои ғайримолиявӣ) бо кам кардани воридшавии сармоягузории хориҷӣ таъмин гардид.

Барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои пешгӯии ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштараки Тоҷикистон мо муодилаи тамоюл (тренд)-ро дар шакли функсияи полиномии y= 1,9863x2-16,188x+93,955 бо эътимоднокии тахминии R2= 0,8914 ҳисоб намудем. (расми 3.9.).




**Расми 3.9. - Муодилаи тамоюл барои пешгӯии ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз муодилаи тамоюл дида мешавад, ки ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштараки Тоҷикистон дар солҳои 2021-2022 ва давраи минбаъда тамоюли назарраси рушдро нишон медиҳад. Чунин афзоиши якбораи ҳаҷми содиротро метавон бо он шарҳ дод, ки маҳсулоти корхонаҳои муштарак бо сармоягузории хориҷӣ бо истифода аз технологияҳои пешрафта истеҳсол карда мешавад, ки ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва афзоиши самаранокии содирот овард.

Корхонаҳои муштарак на танҳо барои содирот, балки барои қонеъ кардани ниёзҳои дохилии Тоҷикистон маҳсулот истеҳсол мекунанд, ки ин ба коҳиши воридот мусоидат мекунад.

Мо модели эконометрикиро кор карда баромадем, ки он вобастагии ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ, ки корхонаҳои муштарак истеҳсол мекунанд, аз микдори корхонаҳои муштарак ва аз ҳаҷми маблағгузориҳои ба онҳо гузошташуда тавсиф мекунад.

Нишондиҳандаи натиҷадиҳанда (самаранок) У – ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштарак, млн. долл.

Омилҳое, ки аз нишондиҳандаҳои натиҷадиҳанда вобастаанд:

X1 – шумораи корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

X2 – ҳаҷми маблағгузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак млн. долл.

**Ҷадвали 3.7. – Нишондиҳандаҳои таҳлили эконометрикӣ**

| Параметрҳо | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | 85,2 | 65,6 | 58,5 | 57,7 | 63,2 | 78,7 | 78,1 | 87,1 | 97,2 |
| X1 | 121 | 129 | 147 | 158 | 162 | 172 | 180 | 191 | 204 |
| X2 | 291,4 | 341,1 | 357,4 | 370,9 | 354,2 | 354,5 | 348,2 | 331,1 | 359,2 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

```
. reg var1 var2 var3

      Source |       SS           df       MS      Number of obs   =         9
-------------+----------------------------------   F(2, 6)         =     13.71
       Model |  1283.37675         2  641.688373   Prob > F        =    0.0058
    Residual |   280.83185         6  46.8053083   R-squared       =    0.8205
-------------+----------------------------------   Adj R-squared   =    0.7606
       Total |   1564.2086         8  195.526075   Root MSE        =    6.8414

------------------------------------------------------------------------------
        var1 |      Coef.   Std. Err.      t    P>|t|     [95% Conf. Interval]
-------------+----------------------------------------------------------------
        var2 |   .4634076   .0996286     4.65   0.003     .8205 51    .7071901
        var3 |   .5082169   .1181525    -4.30   0.005    .7973257     .219108
       _cons |   174.7121   36.25017     4.82   0.003    86.01117    263.4131
------------------------------------------------------------------------------
```

**Расми 3.10. - Натиҷаҳои ҳисобкунӣ дар Барномаи Stata 14**

**Сарчашма:** Тахияи муаллиф.

Ҳисобкунӣ дар барномаи Stata 14 гузаронида шуд, ҳисобҳои гирифташуда аҳамияти моделро дар маҷмуъ нишон медиҳанд.

Дар натиҷаи ҳисобҳо муодилаи регрессионии сершумор ба даст омад:

$$У = 0{,}463x1+0{,}5082x2 \qquad (3)$$

Шарҳи иқтисодии тафсири модели баррасишуда чунин аст:

- афзоиши шумораи корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1 адад, ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштаракро ба 0,4634 млн. долл. афзун менамоял;

- зиёд шудани сармоягузории хориҷӣ дар корхонаҳои муштарак ба 1 млн. долл барои афзудани ҳаҷми содирот ба 0,5082 млн. долл мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои моделсозии эконометрикиро таҳлил намуда, қайд мекунем, ки ҳарду омил, ҳам шумораи корхонаҳои муштарак ва ҳам ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба сармояи оинномавии онҳо ба афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштарак таъсири бештари баробар доранд.

Ба ақидаи Г.Расулов, барои ҷалби самараноки сармояи хориҷӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки аз низоми зерини воситаҳо истифода кунад:

- истифодаи маҷмуи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ;
- таҳияи низомҳои иттилоотии барои сармоягузорон;
- истифода намудан аз хизматрасониҳои машваратӣ;
- рушд додани низоми инжиниринги молиявӣ[143].

Воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои кишвар нисбат ба қарзҳо, бо сабаби ба вуҷуд наомадани қарзи беруна муфидтар аст. Сармоягузори хориҷӣ барои сармоягузории худ аз корхонаҳои Тоҷикистон

---

[143] Расулов, Г. Иностранные инвестиции и их роль в развитии экономики Республики Таджикистан [Текст]: дисс... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Расулов Гафур. – Душанбе, 2005. – С.98.

саҳмия мегирад. Коркарди ҷалби СМХ аз ҷониби ҳукумат бояд муттасил такмил додани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории кишварро пешбинӣ намояд.

Таъсири муҳити институтсионалӣ ба фаъолияти корхонаҳои муштарак лоиқи таваҷҷуҳи махсус аст. Дар замони ИҶШС ҳама корхонаҳо моликияти давлат буданд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар тамоми кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон низ хусусигардонӣ гузаронида шуд.

Сенарияҳои хусусигардонӣ дар якҷоягӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) ва Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) таҳия шудаанд. Дар ин сенарияҳо хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар нагирифта буданд. Дар хусусигардонии моликияти давлатӣ ХБА ва БҶ танҳо воситаи гузаронидани моликияти сотсиалистиро ба моликияти хусусӣ медиданд ва нодуруст (хато) фикр мекарданд, ки бо ин роҳ табдил додани моликият бе чуну чаро ба афзоиши самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад.

Дар марҳалаи аввали хусусигардонӣ дар Тоҷикистон ҳадафи ҷалби сармоягузорони хориҷиро надоштанд. Дар бораи ҷалби сармояи хориҷӣ масъала дар марҳалаи дуюми хусусигардонӣ дар шароити пайдо шудани зарурати модернизатсия ва аз нав муҷаҳҳазгардонии корхонаҳои пахтатозакунӣ ба миён омад, чунки ин чорабинихо хеле сармоябталаб мебошанд.

Ҷалби харидорони хориҷӣ дар раванди хусусигардонии собиқ моликияти давлатӣ ҷалби онҳоро ҳамчун сармоягузорони эҳтимолӣ дар назар дорад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки сармоягузори хориҷӣ ҳавасманд нест, ки танҳо ба ягон объект дар қаламрави кишвари бегона сармоягузорӣ кунад. Сармоягузорони хориҷӣ кӯшиш мекунанд, ки равандҳои истеҳсолиро барои истеҳсоли маҳсулот ва гирифтани фоида роҳандозӣ намоянд, илова бар ин корхонае, ки ба он сармоягузорӣ равона гардидааст, бояд бештар даромаднок бошад, вагарна барои сармоягузорон

берун аз кишвари худ маблағ гузоштан мувофиқи мақсад намебошад[144].

Барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати иштирок дар равандҳои хусусигардонӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ зарур аст, ки мавҷудияти он соҳибони сармояи хориҷиро дар хусусигардонии объектҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҳавасманд хоҳад кард.

Стратегияи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон бояд самтҳои зеринро дар бар гирад (расми 3.11.)




**Расми 3.11. - Стратегияи ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мушкилоти бисёр корхонахои ватанӣ бо сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосӣ (70-80%), ки навсозиро (модернизатсияро) талаб мекунанд, алоқаманд аст. Илова бар ин, шумораи зиёди корхонаҳои хусусигардонидашуда норасоии дороиҳоро дар шакли сармояи гардон эҳсос мекунанд.

---

144 Бердиев, Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс… д-ра эконом. наук: 08.00.01 / Бердиев Рузмат Баротович. – Душанбе, 2012 – С.96.

Аз ин рӯ, дар айни замон рушди баланди махсусгардонӣ ва кооператсияи байналхалқии равандҳои истеҳсолӣ ба назар мерасад. Фаъолияти корхонаҳои калони махсусгардондашуда, ки маҳсулоти инноватсионӣ мебароранд, торафт бештар аз доираи ҳудудҳои иқтисодиёти миллӣ берун мебароянд.

Ба туфайли сиёсати дуруст андешидашудаи савдои хориҷӣ бисьёр мамлакатҳои «қатораи дуюм» (Чин, Малайзия, Кореяи Ҷанубӣ) на танхо наздик шуданд, балки мавқеи пешсафро ишғол карда тавонистанд. Онҳо устуворона ба бозори ҷаҳонӣ таҷҳизоти электронӣ, техникаи кайҳонӣ, асбобу анҷом, доруворӣ пешнищод мекунанд. Ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ истеҳсоли марҳилаҳои меҳнатталаби истеҳсолот гузаронида мешаванд (васлнамоӣ, озмоиш), аммо марҳалаҳои сармояталаби истеҳсолот (таҳия, истеҳсоли ҷузъҳои мураккабтарин)  дар мамлакатҳои пешсафи саноатӣ боқӣ мемонанд. Ҳамин тариқ, ҷузъҳои компютерӣ дар Ирландия, Малайзия истеҳсол карда мешаванд; васлкунӣ бошад дар Филиппин, Коста-Рика ва Исроил ба роҳ монда мешавад.

Раванди истеҳсоли маҳсулоти мураккаб дар байни бисёр иштирокчиён тақсим карда мешавад; қисмҳо ва деталҳои оддитарин ва арзонтарин дар мамлакатҳои рӯ ба тараққии дорои қувваи кории арзон истеҳсол карда мешаванд.

Фирмаҳои пешқадам як навъ занҷирҳои истеҳсолӣ ташкил мекунанд. Иштирокчиёни кооператсияи байналмилалӣ барои иҷрои амалиёти муайян махсус гардонида мешаванд: баъзеҳо бозорҳоро меҷӯянд, дигарон маҳсулоти нав месозанд, сеюмин технология, чорумин маҳсулот мебароранд, панҷумӣ бошад, онро ба истеъмолкунанда пешкаш мекунанд.

Муҳити институтсионалӣ ба рафтори субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҷойгиркунонии захираҳо таъсири калон мерасонад (сармоя, сармоягузорӣ, коғазҳои қиматнок). Ин захираҳоро бояд хеле самаранок дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо барои ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар истифода кард.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ниҳодҳои қавии давлатию ғайридавлатӣ заруранд, ки дар заминаи онҳо барои истифодаи самараноктари сармоягузориҳо шароит фароҳам оварда мешавад.

Ба ақидаи Р.Б. Бердиев, ниҳодҳои қавии давлатӣ бояд танзими хусусигардониро ба таври оптималӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа, сармоягузорон ва истеҳсолкунандагони ватанӣ амалӣ намоянд[145]. Набудани ҷузъҳои қавии институтсионалӣ сабаби нокифоя будани фаъолнокии маблағгузории сармоягузорони хориҷӣ гардид.

Сарфи назар аз баррасии васеъ дар адабиёти ватанӣ оид ба масъалаҳои ҳаракати минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кушод будан ва воридшавии он ба СУС, ба назари мо, ба дурнамои инвеститсионии ин масоили комплексӣ таваҷҷуҳи нокифоя дода мешавад[146].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воридшавии миқёси васеи сармоягузориҳои хусусӣ, аз ҷумла хориҷӣ, манфиатдор аст. Дараҷаи баланди фарсудашавии фондҳои асосӣ дар мамлакат на танҳо рақобатнопазирии корхонаҳоро нисбат ба корхонаҳои хориҷӣ нишон медиҳад, балки ба такрористеҳсолкунии муътадили сармояи ҷамъиятӣ дар маҷмуъ таҳдид мекунад.

Яке аз омили пешбарандаи устуворнамоӣ ва рушди иқтисодиёт бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ – сармоягузориҳои хориҷӣ мебошанд. Дар Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми сармоягузорӣ фаҳмида мешавад: воситаҳои пулӣ, пасандозҳои мақсадноки бонкӣ, саҳмҳо, саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок, технологияҳо, мошинҳо, таҷҳизотҳо, литсензия, аз он ҷумла ба тамғаҳои молӣ, қарзҳо,

---

[145] Бердиев, Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс… д-ра эконом. наук: 08.00.01 / Бердиев Рузмат Баротович. – Душанбе, 2012 – С.103.

[146] Республика Таджикистан на пути к открытой экономике [Текст] / под общ. ред. Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 304 с.

ҳама гуна дигар амвол ё ҳуқуқҳои амвол, моликияти зеҳнӣ, ки ба объектҳои соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба мақсади гирифтани фоида ва ноил гаштан ба самараи мусбии иҷтимоӣ сармоягузорӣ карда мешаванд.

Дар баробари ин, дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои мушкилтарин ин масъала дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар қаринаи ташаккулёбии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар айни замон исбот кардан зарур нест, ки онҳо яке аз усули самараноки дохилнамоии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илова бар ин, муҳимтарин, маҳз самти истеҳсолӣ мебошад. Бекор кардани низоми «худҷудогузорӣ», зарурати таъхирнопазир ҷӣ дар техника ва технологияҳои ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқ ва ҷӣ дар шаклҳои навтарини ташкил ва идоракунии истеҳсолот, фаъолона дохил намудани корхонаҳо ва минтақаҳои ҷумҳуриро ба тақсимоти байналхалқии меҳнат тавассути ташкил намудани навъҳои гуногуни минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак пешбинӣ мекунад.

Сармоягузории хориҷӣ (СХ) як воситаи муҳимтарини таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ гардида истодааст. Илова бар ин, воридшавии СХ як шарти ҳатмии шомил намудани иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ресипиент (қабулкунанда) ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Ҳамзамон, воридшавии аз ҳад зиёди фаъоли СХ барои кишвари қабулкунанда метавонад бо чунин оқибатҳои манфии алоҳида, ба монанди вобастагии номатлуби иқтисодӣ ва сиёсӣ аз кишварҳои донор, хатари ба таври назаррас бад шудани вазъи мавҷудаи муҳити зист, ташаккули муносибати вобастагӣ ба манбаъҳои дохилии сармоягузорӣ ва ғайра алоқаманд бошад. Бинобар ин, ҳангоми ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ бояд стратегияеро интихоб кард, ки он оқибатҳои ба манфиатҳои миллии кишвар номувофиқро то ҳадди ақалли имконпазир кам карда, ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоии ҷомеа мусоидат намояд.

**Ҷадвали 3.8. - Вобастагии байни воридоти сармоягузориҳои хориҷии мустақим ва вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ноустувори рушд (солҳои 1991-1997)**

| Солҳо | Ҳаҷми СХМ ПИИ, млн. доллари ИМА | Тавсифҳои муҳити ҷамъиятию сиёсӣ |
|---|---|---|
| 1991 | 52,100 | Вазъияти нисбатан устувор |
| 1992 | 2.590 | Ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ |
| 1993 | 0.445 | Ба вуҷуд овардани замина барои муътадилии вазъ, дар шароити муқовимати давомёфтаистода |
| 1994 | 10.910 | Фароҳам овардани шароит барои муътадил гардондани вазъият |
| 1995 | 36.510 | Фароҳам овардани шароит барои муътадил намудани вазъият дар ҳолати мавҷуд будани маконҳои даргир дар гуруҳи минтақаҳои Қаротегин |
| 1996 | 49.000 | Ба вуҷуд овардани шароит барои муътадил намудани вазъият дар ҳолати мавҷуд будани маконҳои даргир, асосан дар Помир |
| 1997 | 60.000 | Барқарор кардани шароит барои муътадил гардондани вазъият дар ҳолати ҷой доштани ҳодисаҳои тасодуфии номатлуб |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ин ҷанбаи хеле муҳим барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки он якчанд сол пеш ба ноором шудани вазъи иҷтимоию сиёсӣ дучор шуда буд. Маълумотҳои дар ҷадвали 3.8. овардашуда алоқамандии хеле баланди байни воридшавии СХ ва аз вазъи иҷтимоию сиёсии кишвар шаҳодат медиҳад.

Омӯзиши амалияи ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои умумие барорем, ки барои ташаккули принсипҳои асосии истифодаи сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти давраи гузариш дар шароити кушод будани иқтисодиёт аз аҳамият холӣ нестанд. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки самаранокии истифодаи сармояи хориҷӣ, инчунин дараҷаи ҳавасмандии корхонаҳои миллӣ дар ҳамкории байналмилалӣ на танҳо аз «кушод будан ба берун», балки ба ворид

намудани як қатор дигаргуниҳо ба механизми хоҷагии мамлакати кабулкунанда, ки инкишофи хамачонибаи муносибатхои молию пулӣ, дур шудан аз усулҳои бюрократии хоҷагидорӣ, роҳандозии низоми васеи алоқаҳои мустақими иқтисодиро пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин, чунон ки тачрибаи ҷахонӣ нишон медиҳад, паҳншавии унсурҳои механизми бозорӣ бояд бо коркард ва истифодаи фаъолонаи фишангҳои иктисодии танзими давлатӣ, инчунин, таҳкими асоснокии иқтисодии усулҳои маъмурию ҳуқуқии идоракунии иқтисодиёт сурат гирад.

## Хулосаҳо оид ба боби сеюм

Нақши корхонаҳои муштаракро дар байналмилалишавии робитаҳои иқтисодии ҷахонӣ омӯхта, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Хусусиятҳои фаъолияти институтҳои миллӣ бевосита ба фаъолнокии сармоягузории кишвар таъсир мерасонанд, аз хусусиятҳои онҳо самаранокии пешбурди бизнес вобаста аст, яъне сифати институтҳои миллӣ ба рушди иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Ба имконияти институтҳои миллӣ дар таъмини фаъолияти самараноки корхонаи муштарак сармоягузорони хориҷӣ бештар ҳассос мебошанд.

Дар айни замон, дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ махсусгардонӣ ва кооператсияи байналхалқии равандҳои истеҳсолот хеле вусъат ёфта истодаанд. Корхонаҳои калони махсусгардонидашуда бунёд гардида, фаъолият мекунанд, ки маҳсулоти инноватсиониро аксар вақт берун аз ҳудуди иқтисодиёти миллӣ мебароранд.

Аз ҷониби мо муодилаи тамоюл (тренд) барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳои муштараки Тоҷикистон ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак барои солҳои 2021-2022 ҳисоб карда шуд.

# БОБИ 4. ВОСИТАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РАВАНДИ ҲАМГИРОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ХОҶАГИИ ҶАҲОНӢ

## 4.1. Сармоягузории хориҷӣ дар шароити маҳдуд будани имконияти ниҳодҳои молиявӣ

Вазъияти иқтисодиёти Тоҷикистонро дар даврае, ки дар он вақт кишвар ба фазои умумии иқтисодии ИҶШС ҳамгиро буд, дида мебароем. Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии Иттиҳоди Шуравӣ, мувофиқи тақсимоти умумииттифоқии иқтисодии меҳнат тараққӣ мекард ва қисми низоми иқтисод ии мутавозин буд. Ҳар як корхонаи Тоҷикистон бо муносибатҳои мутақобилаи иқтисодӣ бо дигар корхонаҳо аз ҷумҳуриҳои гуногуни ИҶШС алоқаманд буд.




**Расми 4.1. - Сохтори маҳсулоти умумии ҷамъиятии Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар солҳои 1970—1988. (%)**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯи «Хоҷагии халқи РСС Тоҷикистон дар соли 1988». Душанбе, Ирфон, 1990, саҳ. 16.

Дар расми 4.1. нишон дода шудааст, ки дар таркиби маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ дар солхои 1970—1988 саноат бартарӣ дошт. Дар ҶШС Тоҷикистон чунин соҳаҳои саноат, аз қабили саноати электроэнергетика,

истихроҷи маъданҳои фоиданок дар кӯхсори Тоҷикистон бомуваффақият тараққӣ карда буданд, ба муваффақиятҳои назаррас металлургияи ранга ноил гардида, тамоми ИҶШС-ро бо алюминий таъмин мекард, чунин соҳаҳои саноат, монанди мошинсозӣ ва коркарди металл такмил меёфтанд ва тараққӣ карда буданд. Нерӯи барқи арзонро дар ҷумҳурӣ як қатор стансияҳои электрикии обӣ истеҳсол мекарданд, ангиштсанг, нафт ва гази табиӣ истихроҷ карда мешуд, заводи алюминии Турсунзода ва заводи гидрометаллургии Исфара навъҳои зиёди маҳсулот мебароварданд. Корхонаҳои Тоҷикистон барои бисёр соҳаҳои Иттиҳоди шуравӣ мошин ва таҷҳизот истеҳсол мекарданд. Маҳсулоти корхонаҳои Тоҷикистон дар ҳамаи ҷумҳуриҳои ИҶШС истифода мегардид.

Маълум аст, ки рушди густурдаи иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузории зиёдро тақозо мекард. Ҳачми маблағгузории асосии зарурӣ (ё маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ) барои тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар Банақшагирии давлатии (Госплани) ИҶШС бо иштироки Банақшагирии давлатии (Госплани) ҶШС Тоҷикистон муайян карда мешуд. Дастурҳои мувофиқашудаи нақшавии Госплани ҶШС Тоҷикистон бо ҷудо кардани микдори зиёди маблағгузориҳои асосии давлатӣ ва захираҳои моддӣ тақвият дода мешуданд. Дар ин низоми банақшагирии сармоягузориҳо масъалаи амнияти сармоягузорӣ ҳатто ба миён намеомад, чунки сармоягузорони хориҷӣ барои сармоягузорӣ ба сармояи асосии корхонаҳои Тоҷикистон ҷалб карда намешуданд.

Самадов Б.О. қайд мекунад, ки дар давраи гузариш аз иқтисодиёти сотсиалистӣ ба бозорӣ нақши давлат дар таъмини амнияти сармоягузорӣ хеле меафзояд. Чунин вазъият бо зарурати пешбурди танзими ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ муайян карда мешавад[147].

Таҳлили равишҳои мавҷуда барои муайян кардани моҳияти амнияти

---

[147] Самадов, Б.О. Правовые аспекты обеспечения экономической безопасности [Текст] / Б.О. Самадов // Ученые записки Худжандского государственного университета. – 2014. – №3 (40). – С.255.

сармоягузории кишвар, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимтарин ва алоқамандии онро бо сиёсати давлатӣ ҷудо намоем (расми 4.2.).




**Расми 4.2. – Алоқамандии амнияти сармоягузорӣ бо сиёсати ягонаи давлат**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди давлат масъалаи таҳияи сиёсате, ки ба фароҳам овардани фазои самараноки институтсионалӣ мусоидат мекунад, истодааст, ки барои рушди дарозмуддати афзалиятдоштаи иқтисодии кишвар зарур аст.

Ин масъала бе пайдо кардани ҷавоб ба саволҳои сершуморе, ки бо ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, таъмини масъулияти баробар дар назди қонун барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ алоқаманданд, ҳалнашуда боқӣ мемонад[148].

Академик Раҳимов Р.К. дар асарҳои худ қайд мекунад, ки кишвар бояд сиёсати сармоягузориро бо фазои нисбатан мусоиди сармоягузорӣ таҳия кунад. Чунин мавқеъ бо далели он шарҳ дода мешавад, ки бо

[148] Дереникьян, К.А. Институциональные основы развития экономики Таджикистана [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Дереникьян Каринэ Андраниковна. – Душанбе, 2009. – С.86.

механизмҳои молиявии мавҷуда пасандозҳои аҳолӣ ба сармоя табдил дода намешавад[149].

Саидмуродов Л.Ҳ. сиёсати институтсионалиро дар соҳаи иқтисодӣ ҳамчун дигаргуншавии (трансформатсияи) институтҳои иқтисодӣ ба шароити нави иқтисодӣ мешуморад[150].

Сиёсати институтсионалӣ ба татбиқи ҳадафҳои муайян нигаронида шудааст. Дар қатори афзалиятҳои асосӣ дар баробари баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа, мо таъмини амнияти ҳамаҷонибаи миллиро қайд мекунем.

Сиёсати институтсионалӣ, ки дар Тоҷикистон таҳия ва амалӣ мегардад, бояд мартаботи (иерархия) ҳадафҳоро аз ҳамдигар ҷудо кунад ва мувофиқ ба он низоми институтҳоро барпо намояд.

Бунёдгузории институтсионалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нақшаҳои тараққиёти комплексии иқтисодӣ, аз ҷумла, на танҳо дар тамоми қаламрави Тоҷикистон, балки дар минтақаҳои алоҳида низ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, такмили сиёсати минтақавии институтсионалӣ зарур аст, ки ҳадафи он таъсир расонидан ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳар як минтақа дар доираи низоми мавҷудаи идоракунӣ мебошад. Ҳамзамон,бояд ба чунин сатҳи рушди иқтисоди миллӣ ноил гардид, то ки имконияти такрористеҳсоли васеи аҳолӣ таъмин карда шавад, ки ин барои дастрас шудан ба рушди иқтисодӣ зарур аст[151].

Дереникян К.А. дар бораи сабабҳои нокомӣ дар соҳаи сохтмони институтсионалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронда, ин нокомиро бо парадокси захираҳои азнавбарқарорсозӣ рушд шарҳ медиҳад.

---

149 Рахимов, Р.К. О проблемах экономического роста в условиях перехода к рыночным отношениям [Текст] / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2008. – №1. – С.43.

150 Саидмуродов, Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – С.147.

151 Дереникьян, К.А. Институциональные основы развития экономики Таджикистана [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Дереникьян Каринэ Андраниковна. – Душанбе, 2009. – С.96.

азнавбарқарорсозии рушди иқтисодӣ, ки пас аз бӯҳрон ба вуқуъ меояд, бо суръати баланди рушди иқтисодӣ тавсиф мешавад. Болоравии суръат аз ҳисоби мавҷуд будани захираи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва инфрасохторе, ки аз иқтисодиёти шуравӣ боқӣ монда, дар солҳои 90-уми асри XX суст истифода мешуданд, имконпазир гардид.

Дар солҳои 2010-2019, вақте ки ба истифодаи ин фондҳои асосӣ ба таври интенсивӣ шуруъ карданд, ҷалби онҳо ба давраи истеҳсолии корхонаҳо суръати рушди иқтисодиро бе истифода аз ҳаҷми зиёди сармоягузорӣ баланд бардошт ва ғалати тасаввурро ба миён овард, ки гӯё рушди иқтисодиро метавон бидуни сармоягузорӣ ва бунёди сохторҳои институтсионалӣ ба даст овард. Чунин ақида хато мебошад, ки пас аз фарсудашавӣ ва кӯҳнашавии маънавии ин захира яқин маълум мегардад.

Таҳкими сиёсати институтсионалӣ бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад:

- зарурати ба назар гирифтани инерсияи институтҳо, дар ҳама марҳилаҳои мавҷудияти онҳо;

- дигаргуниҳои институтсионалӣ дорои пай дар пайии оқилона (ратсионалӣ) мебошад;

- зарурати ба назар гирифтани суст шудани маҳдудиятҳои институтсионалӣ (захиравӣ, технологӣ);

- имконияти ҷуброни талафоти иқтисодӣ аз сабаби тағйиротҳои институтсионалии давлат;

- ҳамоҳангсозии сиёсати институтсионалӣ ва сиёсати давлатӣ, ки рушди иқтисодиро ҳавасманд мекунад.[152]

Дар баробари ин, механизми танзими бозор бо ислоҳоти дахлдори институтҳо зич алоқаманд аст. Дар айни замон, вазифаи танзимии бозор бо ҷой доштани нокомиҳо, ки дар ҷомеа қобили қабул нестанд тавсиф карда мешавад ва ин боиси ба миён омадани зарурати ислоҳнамоии нишондиҳандаҳо (параметрҳо) бо истифода аз механизми танзими беруна

[152] Тамбовцев, В.Л. Основы институционального проектирования [Текст] / В.Л. Тамбовцев. – М.: Инфра-М, 2008. – С.123.

мусоидат мекунад.

Сарчашмаҳои сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар расми 4.3. нишон дода шудаанд.




**Расми 4.3. - Сарчашмаҳои сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мавҷудияти раванди устувори таҳкими низоми бонкӣ ва такмили сиёсати пулию қарзӣ, тамоюли рушди бозори молиявии Тоҷикистонро беҳтар мекунад.

Бо вуҷуди ин, низоми бонкии тамоми кишварҳои ҷаҳон дар раванди ҷаҳонишавӣ тағйирот (трансформатсия)-ро аз сар гузаронидааст. Дар низоми бонкҳои миллӣ вобастагӣ аз бозори байналмилалии сармоя тақвият ёфта истодааст, ки ба рушди нобаробари иқтисодиёти кишварҳои мухталиф мусоидат мекунанд.

Тағйироти низоми бонкии миллӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ сурат мегирад, ба рушди тамоюлҳои зерин мусоидат мекунад:

- либерализатсияи бахши бонкӣ;
- таҳким ёфтани байналмилалишавии сармояи бонкӣ;
- таъсиси бозори ҷаҳонии виртуалии хизматрасониҳои бонкӣ;
- афзоиши рақобати бонкӣ;
- мубориза барои сармоягузориҳо байни кишварҳои донор;
- тақвияти нақши бонкҳои фаромиллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таъсиси инфрасохтори ҷаҳонии бонкӣ.

Тағйири низоми бонкӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ба низоми бонкии Тоҷикистон низ таъсир гузоштааст. Низоми муосири бонкии Тоҷикистон сохтори дузинагӣ дорад, ки дар зинаи аввали он Бонки миллӣ ва дар зинаи дуюм - бонкҳои тиҷоратӣ ҷой гирифтаанд.

Вазифаи асосии Бонки миллии Тоҷикистон танзими сиёсати пулию қарзӣ барои рушди беҳтари иқтисодиёти кишвар мебошад. Каналҳои татбиқи сиёсати пулию қарзии кишвар бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд. Бонки миллии Точикистон барои онҳо қоидаҳои анҷом додан ва танзими амалиёти қарзӣ ва муомилоти пулро муайян мекунад.

Бонкҳои низомташкилкунанда дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол намуда, вазифаи миёнаравҳои молиявиро дар бозори саҳмияҳо иҷро мекунанд ва дар суратҳисобҳои худ миқдори зиёди воситаҳои молиявии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҷамъ мекунанд. Ба қатори ин бонкҳо дар соли 2021 БДА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ғайра дохил мешаванд.

Мавҷудияти раванди устувори таҳкими низоми бонкӣ ва такмили сиёсати пулию қарзӣ, тамоюли рушди бозори молиявии Тоҷикистонро беҳтар месозад.




**Расми 4.4. – Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Аз расми 4.4. дида мешавад, ки таносуби сармояи тавозунӣ ба дороиҳои умумии низоми бонкии Тоҷикистон тамоюли устувори афзоишро дорад. Нишондиҳандаҳои боқимонда хислати бисёрсамтӣ доранд, ки онро бо мавҷудияти масъалаҳо дар иқтисодиёти кишвар метавон шарҳ дод, ки ба рушди устувор халал мерасонанд:

- маҳдуд будани миқёси бозори молиявӣ, шумораи нокифояи механизмҳои татбиқи сиёсати пулию қарзӣ;

- сатҳи пасти маблағҳои ҷалбшудаи бонкҳо;

- норасоии шумораи кормандони бонкии баландихтисос, мувофиқ ба стандартҳои муосири касбӣ.

Бояд гуфт, ки бонкҳо дар ин ё он сатҳ бо фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманданд. Фаъолияти сармоягузории бонкхо ба 4 гурӯҳ тақсим карда мешавад (расми 4.5.).




**Расми 4.5. –Гуруҳбандии сармоягузориҳое, ки бонкҳо ба амал мебароранд.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Меъёри устувории низоми молиявии кишвар, муайян кардани он аст,

ки чӣ гуна миёнаравҳои молиявӣ, бозорҳо ва инфрасохтори бозорӣ ба ҳаракати бемонеаи маблағҳо байни амонатгузорон ва сармоягузорон ва афзоиши фаъолнокии иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Таҷрибаи бисёр давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки сиёсати оқилонаи қарзию сармоягузории давлат ба ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисоди бозорӣ мусоидат мекунад (расми 4.6.).




**Расми 4.6. – Ҳалли масъалаҳои иқтисоди бозорӣ бо истифода аз сиёсати қарзӣ- сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар доираи сиёсати мавҷудаи қарзӣ-сармоягузорӣ бонкҳо наметавонанд раванди сармоягузории муҳимтарин соҳаҳоеро таъмин намоянд, ки ба амнияти иқтисодии Тоҷикистон таъсир мерасонанд ва ин аз сатҳи нокифояи ҳамкориҳои мутақобила ва эътимоди байни корхонаҳо ва ташкилотҳои қарзӣ бармеояд.

Дереникян К.А. барои ҳалли ин масъала чораҳои зеринро пешниҳод

мекунад:

- дар ҳисобу китоб ғайр аз шаклхои пулӣ истифода бурдани амалиёт бо ҳуҷҷатҳо;

- додани кафолати бонкӣ ҳангоми хизматрасониҳои ӯҳдадориҳои қарзии корхонаҳо;

- истифодаи факторинг ҳангоми мавҷуд будани қарзи дебиторӣ;

- истифодаи қоғазҳои қимматнок, аз ҷумла, векселҳо;

- иштироки бонкҳо дар идоракунии корхонаҳо бо истифода аз саҳомигардонӣ[153].

Солҳои охир низоми анъанавии бонкии ҷаҳонӣ бо чолишҳо ва хавфҳои ҷиддие рӯ ба рӯ шуда истодааст, ки метавонад ба тағйирёбии куллии он оварад. Ин пеш аз ҳама:

- афзоиши бесобиқаи дороиҳо ва сатҳи капитализатсияи низоми бонкии Чин ва ворид шудани бонкҳои чинӣ ба қатори пешсафони низоми бонкии ҷаҳонӣ;

- меъёрҳои пасти ҳисобкунии бонкҳои марказӣ ва пайдоиши меъёрҳои манфӣ аз рӯи пасандозҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ;

- рушди динамикии технологияҳои рақамӣ ва молиявӣ, (финтех), интернет-бонкинг, крипто бонкҳо ва низомҳои молиявии мустақили ғайримарказонидашуда ва ғайра;

- зуҳури рақобати шадид аз ҷониби бонкинги «ғайриқонунӣ» («теневой»), аз ҷумла, дар бозорҳои фондӣ.

Дар натиҷа, дар низоми молиявии ҷаҳонӣ вазъияти ғайриоддӣ (парадоксалӣ), беҳамтои ба худ хос ба вуқуъ пайваст – бонкҳои марказии кишварҳои пешрафтаи саноатӣ амалан (де факто) ба бузургтарин сармоягузорони институтсионалӣ дар ҷаҳон табдил ёфтанд.

Тарафи дигари қарзидиҳии пуравҷи даҳсолаи охир афзоиши қарзи ҷаҳонӣ, аз ҷумла қарзи давлатӣ, қарзи корпоративӣ, қарзи бонкӣ, қарзи

---

153 Дереникьян, К.А. Институциональные основы развития экономики Таджикистана [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Дереникьян Каринэ Андраниковна. – Душанбе, 2009. – С.99.

хонаводаҳо аз рӯи кредитҳои истеъмолӣ ва ипотека мебошад.

Илова бар ин, фоизи паст ва афзоиши назарраси қарзи давлатӣ боиси коҳиши даромаднокӣ аз рӯи коғазҳои қиматноки қарзӣ гардид, ки онҳо дороиҳои бонкҳо мебошанд ва инчунин ба таркиби захираҳои тиллою асъори аксари кишварҳои ҷаҳон дохил мешаванд.

Дар айни замон, дар бозори молиявии ҷаҳонӣ ба маблағи тақрибан 14 триллион доллар вомбаргҳои давлатӣ бо фоизи хеле паст ё манфӣ гардиш мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки аксари ин коғазҳои қиматноки давлатӣ дар тавозуни бонкҳои марказии кишварҳои мутараққии саноатӣ ҷамъ шудаанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии молиявӣ ва афзоиши ноустуворӣ тағйирёбии нақши ниҳодҳои танзимкунанда ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба вуқуъ пайваста истодааст.

Зарурати ислоҳоти сохтори молиявии ҷаҳонӣ дар марҳилаи муосир пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки чунин ташкилотҳои молиявию қарзии ҷаҳонӣ, ба мисли Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) ва Бонки ҷаҳонӣ беҳунар будани худро дар иҷрои вазифаи асосӣ, яъне пешгирии бӯҳронҳои молиявӣ ва аз ҳад зиёд афзоиши ҳамон бӯҳронҳое, ки дар ҳар сурат ба вуҷуд меоянд, нишон медиҳанд.

Мо нақши низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи сармоягузорӣ дар иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор додем, ки вобаста ба ин зарурати таъсиси низоми бонкиро қайд намудан лозим аст, ки он агенти молиявии муассир шуда, фаъолияти он ба тараққиёти иқтисодиёт ва тезонидани суръати рушди иқтисодии мамлакат нигаронида шудааст.

Тарзи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ инчунин, қарздиҳии бонкӣ мебошад. Дар расми 4.7. динамикаи қарздиҳии кӯтоҳмуддати бахши воқеии иқтисодиёт аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2015-2021 нишон дода шудааст.




**Расми 4.7. - Динамикаи қарздиҳии кӯтоҳмуддати бахши воқеии иқтисодиёт аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2015-2021, млн. сомонӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Таҳлили маълумотҳои дар расми 4.7. овардашуда нишон медиҳад, ки аксари қарзҳои кӯтоҳмуддат ба бахши кишоварзӣ ҷудо карда шудаанд.

Дар расми 4.8. динамикаи қарздиҳии дарозмуддати бахши воқеии иқтисодиёт аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2015-2021 нишон дода шудааст.




**Расми 4.8. - Динамикаи қарздиҳии дарозмуддати бахши воқеии иқтисодиёт аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2015-2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Бо назардошти Динамикаи қарздиҳӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, мавҷудияти тамоюлҳои ноустуворро қайд менамоем. Ноустувории қарздиҳӣ тамоюли мавҷуд набудани танзимнамоии қатъии давлатии рушди иқтисодиро дар бахши молия, тавсиф мекунад. Таҳлили ҷараёнҳои қарзӣ-сармоягузорӣ ҳангоми ҳамкории мутақобила бо агентҳои иқтисодӣ дар расми 4.9. нишон дода шудааст.




**Расми 4.9. – Нақшаи ҳамкории мутақобилаи агентҳои иқтисодӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Норасоии назарраси қарздиҳӣ аз ҷониби бонкҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт бо розӣ нашудан барои қарздиҳии дарозмуддат ба далели таваррум муайян карда мешавад, ки дар Тоҷикистон афзоиши нисбатан устуворро доро мебошад. Набудани қарздиҳии дарозмуддат дар саноат ба номутавозунӣ меоварад. Ба субъектҳои иқтисодӣ барои тараққиёт сармоягузориҳои дарозмуддат зарур аст, аммо онҳо барои муассисаҳои бонкӣ фоидаовар нестанд ва аз ин рӯ, бонкҳо ба корхонаҳо танҳо қарзҳои кӯтоҳмуддат пешниҳод мекунанд,[154].

[154] Дереникьян, К.А. Институциональные основы развития экономики Таджикистана [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 / Дереникьян Каринэ Андраниковна. – Душанбе, 2009. – С.109.

Барои бартараф кардани ин зиддият, дахолати давлат зарур аст, зеро барои навсозии саноат ҳаҷми зиёди қарзҳои дарозмуддат лозим аст, аммо бонкҳо ба корхонаҳо аз сабаби паст будани самаранокӣ ва кӯҳна будани воситаҳои истеҳсолот қарз намедиҳанд [155].

Камбудии дигари бахши бонкӣ дар Тоҷикистон капитализатсияи заиф аст, ки бинобар ин далел, бисёри бонкҳо наметавонанд дар қарздиҳии лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ ширкат кунанд. Яъне, низоми бонкӣ аз ӯҳдаи таъминоти сармоягузории талаботи иқтисодиёти миллӣ баромада наметавонад.

Барои баланд бардоштани капитализатсия бонкҳо бояд ҳаҷми зиёди пасандозҳоро аз аҳолӣ ҷалб намоянд ва ба амонатгузорон аз рӯи пасандозҳо меъёри фоизеро пешниҳод кунанд, ки аз сатҳи таваррум баланд бошад. Рушди раванди сармоягузорӣ ба таҳкими табдилдиҳии пасандозҳои дар бонкҳо ҷойгирнамудаи аҳолӣ ба сармояҳое нигаронида шудааст, ки онҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон барои рушди инноватсионӣ зарур мебошанд.

Барои он ки захираҳои бонкӣ ба сармоягузории саноатӣ табдил дода шаванд, ба сифати шартҳои зарурӣ бояд қарзпазирии сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузории корхонаҳоро қайд кард.

Дар солҳои наздик дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ба вуҷуд овардани механизми сармоягузорӣ меистад, ки ба талаботи иқтисоди бозорӣ дар асоси ҳамкории мутақобилаи соҳаҳои иқтисодиёт ва бахши бонкӣ ҷавобгӯ бошад.

Аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бахши воқеии иқтисодиёт сармоягузорӣ карда мешавад. Дар соли 2021 барои ин мақсадҳо 3,9 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ин маблағ барои сармоягузорӣ ба корхонаҳои илмталаб ва инноватсионӣ нокифоя мебошад.

[155] Кадыров, Ш.А. Роль банковской системы в повышении экономической безопасности Таджикистана [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.05 / Кадыров Шавкат Абдугаффорович. – Душанбе, 2009. – С.45.

Ҷараёни ворид шудани сармояҳои мустақими хориҷӣ (СМХ) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, самараи катализатор-фузунсозӣ институтсионалӣ дошта бошад. Тибқи маълумотҳои коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ, сатҳи қарзи Тоҷикистон ноустувор арзёбӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷалби то 55 миллиард доллари ИМА сармояҳои мустақими хориҷиро то соли 2030 пешбинӣ мекунад.

Манбаи калони маблағгузории лоиҳаҳои сершумори инфрасохтории кишвар ташаббуси Чин «Як камарбанд – як роҳ» мебошад, ки аз ҷониби Бонки содироту воридоти Чин маблағгузорӣ мешавад. Ҷалби сармоягузорони чинӣ барои татбиқи лоиҳаҳои рушди миллӣ дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст. Воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба қарзҳо аз сабаби ба миён наомадани ташаккулёбии қарзи беруна, хеле муфиднок ҳастанд.

Муассисаи барои сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (КДС) мебошад. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, аз номи давлат барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ масъул мебошад.

Ба вазифаҳои (КДС) инҳо дохил мешаванд:

- мусоидат дар ҷалби сармоягузориҳо барои татбиқи барномаҳои давлатӣ, ба сифати маблағҳои ҷалбкардашаванда инчунин, қарзҳо ва грантҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва давлатҳои мутараққӣ пешбинӣ мешаванд;

- таъсис додани низоми самарабахши ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон, таъмини ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон;

– таҳлили ҳаракати ҷараёни сармоягузорӣ, ҷамъбасти таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба ҷалб ва ҳавасмандгардонии онҳо;

– амалисозии таҳияи пешниҳодхо оид ба татбиқи тадбирҳое, ки барои беҳтар намудани фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ҳамкориҳои байналмилалии сармоягузорӣ нигаронида шудаанд.

Танзими давлатии амнияти сармоягузорӣ ташаккули захираро барои сармоягузории минбаъда ба иқтисодиёти кишвар дар бар мегирад. Барои такмил додани иқтидори қарзӣ-сармоягузории низоми бонкии кишвар тадбирҳои зеринро андешидан зарур аст:

- афзун кардани капитализатсияи бонкҳо аз ҳисоби афзоиши натиҷаҳои молиявӣ, барориши саҳмияҳо;

- афзоиши ҳаҷми пасандозҳои аҳолии мамлакат;

- рӯйоварии ташкилотҳои қарзӣ барои қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт. Барои ба ин мақсад ноил шудан ба бонкҳо иҷозати мустақилона гузаронидани амалиёт бо меъёрҳои қарз ва пасандозҳо дар доираи васеътар дода шавад;

- рушди бозори коғазҳои қиматнок.

Ҳамин тариқ, дар танзими давлатии таъмини амнияти сармоягузории иқтисодиёт низоми бонкӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ мавқеи муҳим дорад. Бонки Ҷаҳонӣ, ББТР, БРА ба Тоҷикистон қарзу грантҳои имтиёзнок барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёт медиҳанд.

Кӯмаки созмонҳои қарзии байналмилалӣ ба он вобаста аст, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон капитализатсияи нокифоя доранд ва наметавонанд эҳтиёҷоти иқтисодиёти кишварро бо сармоягузориҳо қонеъ гардонанд.

Байни ҷанбаҳои манфии трансформатсияи низоми бонкии миллии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ, инҳоро қайд кардан лозим аст: афзоиши қарзи берунаи кишвар аз созмонҳои молиявии байналмилалӣ, маблағгузории нобаробар дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар,

имконияти додани қарзҳои дарозмуддат ба иқтисодиёт танҳо аз ҳисоби сармояҳои хориҷӣ.

Нақши муҳимро дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ иҷро мекунад, ки ба ӯҳдадориҳои он ҷалби сармоягузориҳо барои татбиқи барномаҳои давлатӣ, таъмини ҳифзи сармоягузорон, ҳамоҳангсозии фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва мақомотҳои давлатӣ дохил мешавад.

**4.2. Имконият ва зарурияти тавсеаи ниҳоди сармоягузории хориҷӣ дар шакли минтақавӣ**

Дар алоқа бо раванди либерализатсияи иқтисод ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ғояи ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар мамлакатҳои араби Ховари Наздик, Африқои Шимолӣ ва мамлакатҳои пасошӯравӣ босуръат дастгирӣ ва вусъат ёфта истодааст. Ин раванд тасодуфӣ нест, зеро мавқеи географии ин мамлакатҳо ба онҳо имконият медиҳад, ки пули иртиботӣ байни Осиё, Аврупо ва Африқо бошанд ва мавқеи стратегии онҳо муайянкунандаи мавқеияти онҳо дар тиҷорати байналхалқӣ мебошад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии фаъолиятҳои иқтисодии хориҷӣ навъҳои гуногуни минтақаҳо вуҷуд доштанд, ки решаи онҳо ба умқи таърих меравад ва ташкили он ғояи навтарини башарият дар соҳаи рушди иқтисод маҳсуб меёбад.

Барои мураттаб сохтани масъалаи таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), гузаронидани таҳқиқоти амиқу комплексии захираҳои истеҳсолӣ, нерӯи корӣ ва ашёи хоми минтақа бо ҷалби ширкатҳои байналхалқии консалтингие, ки дар соҳаи ташкилу рушди МОИ фаъолият доранд, аз аҳамияти зиёде бархурдор мебошад. МОИ фаъолият доранд, аз аҳамияти зиёде бархурдор мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот бояд барои коркарди нақшаи дурнамои ташкили минтақаҳои озод бо асоснок

намудани микдору меъёр ва пешниҳоду тавсияи манотиқ барои ҷойгиршавии ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона шаванд.

Ҳамчунин, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани минтақаҳои саноатӣ ҳамчун заминаи фаъолияти иқтисоди хурди кушод дар чаҳорчӯбаи муосири хоҷагии ҷаҳон амри зарурӣ маҳсуб мешавад. Ин масъала бояд бо роҳи ташкили минтақаҳои озоди истеҳсолӣ дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ амалӣ гардад. Таҷрибаи мамлакатҳое, ки дар онҳо чунин минтақаҳо фаъолият доранд, нишон медиҳад, ки сухан бояд дар бобати истеҳсолоти рақобатпазири ватании ҷойгузини молҳои воридотӣ ва ҳамчунин, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат равад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди таъсиси МОИ аз 10 то 20 солро дар бар мегирад ва дар ин самт бояд маҷмӯи корҳое анҷом дода шаванд, ки ба сохтмони инфрасохтор, низоми муайян ва иқлими мусоиди сармоягузорӣ замина гузорад.

Аз ин рӯ, аз минтақаҳои озоди иқтисодии навтаъсиси Тоҷикистон фаъолияти мукаммали истеҳсолиро имрӯз чашмдошт шудан чандон мувофиқи мақсад нест. Аммо ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои Тоҷикистон набояд роҳи ягонаи пешрафти иқтисодӣ бошад ва лозим аст, ки роҳҳои дигари истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир андешида шавад.

Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи дастгирии ҳадафноки давлатии сармоягузорони дохилию хориҷӣ, воситаи фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар кишвар мебошад.

Дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ амал мекунанд:

- навъи саноатӣ-инноватсионии «Суғд», ки дар вилояти Суғд таъсис ёфтааст;

- МОИ «Панҷ», ки дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон таъсис ёфтааст;

- МОИ «Данғара», воқеъ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон;

- МОИ «Ишкошим», ки дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ амал мекунад;

- МОИ «Кӯлоб» дар ҳудуди вилояти Хатлон.

Мутобиқи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди тасдиқи Низомнома дар бораи ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳудуди ҷанубу ғарбии минтақаи саноатии Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» бо масоҳати умумии 320 гектар замин ба мӯҳлати 50 сол таъсис дода шуд. Айни замон МОИ «Суғд» 30 субъект кор ва фаъолият менамоянд, ки 599 ҷой кори доимӣ ташкил намудааст.

Тоҷиктстон аз 29.10.2008 таҳти №1147 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Минтақаи озоди «Панҷи Поён», дар ҳудуди вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи озоди иқтисодӣ дар қаламрави «Панҷи Поён» ташкил шуд. Бо баҳисобгирии мавқеи ҷойгиршавии минтақа, дар назди пуле, ки ду давлатро пайваст менамояд ва анбӯҳи асосии гардиши мол аз Афғонистон ва Покистон аз он мегузарад, қитъаҳои зиёди замин барои танзиму ташкили корхонаҳо ва ташкилотҳо ҷой доранд. Ҳамчунин, дар ин ҷо захираҳои зиёди ашёи хом ва нерӯи инсонӣ (корӣ) мавҷуданд.

Рушди минбаъдаи иқтисоди ин минтақаҳо ба рушду тавсеаи соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, савдо ва хизматрасонӣ вобастагӣ дорад. Ташкили МОИ бояд омили ҳавасмандгардонии рушди иқтисоди минтақаҳо ва дар маҷмӯъ тамоми Тоҷикистон бошад. Дар ҳудуди мавзеи Қарадуми ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон дар масоҳати умумии 400 гектар замин ба мӯҳлати 25 сол шакли комплексии минтақаи озоди иқтисодии «Панҷи Поён» таъсис шуд.

Бо дарназардошти он ки минтақаи «Панҷи Поён» бо шоҳроҳи асосии Афғонистон ва Хитой пайваст мебошад, интихоби мавқеи ҷойгиршави он дар ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин

тариқ бо мақсади муҳайё намудани шароити мусоид барои афзоиши рушди иқтисод ва ҷалби сармояи хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди динамикии иқтисодии вилоятҳо дар асоси истифодаи техника ва технологияҳои навин, татбиқи усулҳои нави хоҷагидорӣ, афзоиши содироти маҳсулот ва ҳалли дигар масоили иҷтимоӣ – иқтисодӣ МОИ «Данғара», МОИ «Ишкошим», МОИ «Кӯлоб» ташкил карда мешаванд.




**Расми 4.10. – Шумораи ҷойҳои корӣ, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон ташкил карда шудааст**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ба назари мо, ин пеш аз ҳама, бо тағйири таносуби шаклҳои гуногуни моликият дар минтақаҳо ва баланд бардоштани нақш ва аҳамияти сармояи хусусӣ ва даромадҳои шахсӣ дар рушд вобаста аст. Барои муайян кардани самаранокии фаъолияти иқтисодии МОИ Тоҷикистон муаллиф модели эконометрикиро таҳия кардааст, ки параметрҳои он дар ҷадвали 4.1. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.1. - Параметрҳои модели эконометрикӣ**

| Параметри модели эконометрикӣ | Нишондиҳанда | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар МОИ, млн. сомонӣ | 54,8 | 85,1 | 106,9 | 142,3 | 187,4 | 200,8 | 199,5 |

*Идомаи ҷадвали 4.1.*

| Параметри модели эконометрикӣ | Нишондиҳанда | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| X1 | Шумораи ҷойҳои корӣ, одам. | 154 | 267 | 480 | 741 | 956 | 1072 | 1024 |
| X2 | Хаҷми маблағгузориҳо дар МОИ, млн. сомонӣ | 75,3 | 89,1 | 108,2 | 155,3 | 160,2 | 146,3 | 133,6 |
| X3 | Шумораи корхонаҳо дар МОИ, адад. | 4 | 15 | 29 | 47 | 64 | 75 | 72 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳангоми ҳисоб кардан бо истифода аз барномаи Stata 14 маълум шуд, ки модели тартибдодашуда дар маҷмуъ дорои аҳамияти оморӣ мебошад.

Дар натиҷаи ҳисобҳо муодилаи регрессионии сершумор ба даст омад:

$$Y = 0{,}194X1 + 0{,}213X2 + 4{,}402X3 \qquad (4)$$

```
. reg var1 var2 var3 var4

      Source |       SS           df       MS      Number of obs   =         6
-------------+----------------------------------   F(3, 2)         =    148.04
       Model |  16587.4381         3  5529.14603   Prob > F        =    0.0067
    Residual |     74.6969         2    37.34845   R-squared       =    0.9955
-------------+----------------------------------   Adj R-squared   =    0.9888
       Total |   16662.135         5    3332.427   Root MSE        =    6.1113

------------------------------------------------------------------------------
        var1 |      Coef.   Std. Err.      t    P>|t|     [95% Conf. Interval]
-------------+----------------------------------------------------------------
        var2 |   .1945024   .2433964     0.80   0.508      1.241753     .852748
        var3 |   .2137277   .3143674     0.68   0.567     -1.138886    1.566341
        var4 |   4.402135   2.956691     1.49   0.275      -8.31948    17.12375
       _cons |   50.67711   15.50282     3.27   0.082     -16.02612    117.3803
------------------------------------------------------------------------------
```

**Расми 4.11. - Натиҷаҳои ҳисобкунӣ дар барномаи Stata 14**

**Сарчашма* Таҳияи муаллиф**

Тафсири иқтисодии параметрҳои модели таҳиягардидаро мегузаронем:

- зиёд шудани шумораи ҷойҳои корӣ ба 1 воҳид, ба 0,194 миллион сомонӣ зиёд шудани ҳаҷми маҳсулот дар МОИ мегардад;

- афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ба 1 миллион сомонӣ ба 0,213 миллион сомонӣ зиёд шудани ҳаҷми маҳсулот дар МОИ меоварад;

- зиёд шудани шумораи субъектҳои иқтисодӣ ба 1 воҳид, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, боиси афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар МОИ ба 4 миллиону 402 ҳазор сомонӣ мегардад.

Натиҷаҳои моделсозии эконометрикиро таҳлил намуда, қайд менамоем, ки таъсири бештарро ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар МОИ шумораи субъектҳои иқтисодии дар МОИ фаъолият кунанда ва ҳаҷми сармоягузорӣ мерасонад.

Ҷойгирнамоии ҳудудии МОИ дар қаламрави кишвар баррасӣ намуда, қайд мекунем, ки дар минтақаҳои бештар тараққикарлаи саноатӣ (Душанбе, Хуҷанд) МОИ дар заминаи инноватсияҳо ва истеҳсолоти баландтехнологӣ, инчунин, маҳаллисозии истеҳсоли корҳои таъмиру хизматрасонии мукаммал ташкил карда шуда истодаанд. Рушди МОИ дар Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад, барои бомуваффақият гузаштан ба марҳилаи фаъолияти бомуваффақият маҷмуи кӯшишҳои идоракунӣ зарур аст, ки ба такмил додани механизми татбиқи имкониятҳои МОИ ва таҳкими нақши онҳо дар рушди нақши инноватсионии иқтисодиёти нигаронида мешавад.

Сиёсати ягонаи давлатӣ вобаста ба ташкили минтақаҳо бояд ба коркард ва муайян намудани меъёрҳои возеҳи ташкили минтақаҳо ва таҳияи нақшаи дурнамои ҷойгиркунии чунин минтақаҳо дар асоси диди стратегии марҳилаҳои диверсификатсияи саноат бо мутобиқ кардани онҳо ба имкониятҳои минтақаҳо ва бизнес асос меёбад. Муайян намудани низоми ҳамарофарогирандаи идораи давлатии раванди ташкили

минтақаҳо ва муайян намудани манбаъҳои маблағгузории бунёди инфрасохтор ва танзими масъалаҳои моликият ба онҳо хеле муҳим аст[156].

Барои рушди МОИ бояд маҷмуи шароити мусоид фароҳам оварда шавад (расми 4.12.).




**Расми 4.12. – Ташаккули маҷмуи шароитҳои мусоид барои рушди МОИ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Рушди равандҳои ҳамгироӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ шарти муҳим барои оптимизатсияи истеҳсолоти кишварҳои мутараққӣ мебошад. Пешрафти перспективии иқтисодӣ ҳангоми ташкили дигаргунсозиҳои гуногун дар иқтисодиёти давлат имконпазир мегардад, ки онҳо ба рушди иқтидори технологӣ ва илмию техникии давлат мусоидат мекунанд. Ин ба таъсис ва васеъ ҷорӣ намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ меоварад, ки онро ба падидаи муҳими низоми ҷаҳони муосир ва василаи фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар маҳсуб медонанд. Маҳз минтақаҳои озоди иқтисодӣ қаламравҳои мусоид барои ширкатҳои байналмилалӣ мебошанд, ки дар он ҷо имтиёзҳо барои фаъолияти онҳо ва имконияти гирифтани фоидаи баланд мавҷуд аст.

[156] Кодиров, Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.05 / Кодиров Фарход Анварович. – Душанбе, 2010. – С.128.

Ҳангоми таъсиси МОИ ҷой доштани диди стратегии ҷойгирнамоӣ ва рушди минтақа бо мутобиқат ба имкониятҳои минтақаҳо ва бизнес, яъне тавсифи аниқи мақсаду вазифаҳо ва махсусгардонии минтақа зарур мебошад. Мавқеи муҳимро дар ҳалли масъала дар бораи ташкили МОИ ҳисоб кардани хароҷоти дар назардошта барои бунёди инфрасохтор, интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ ва муайян намудани меъёрҳои интихоби лоиҳаҳо барои амалисозӣ ишғол менамояд.

Барои амалӣ намудани манфиатҳои минтақае, ки дар он МОИ фаъолият хоҳад кард, бунёди истеҳсолоте зарур аст, ки тавонад зиёднамоии шуғл ва афзоиши даромадҳои аҳолиро дар қаламраве, ки дар он МОИ ҷойгир аст, тавассути баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат таъмин намояд. Ин тадбирхо барои фаъолияти муътадили истеҳсолии корҳонаҳое, ки дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ҷойгир шудаанд, зарур мебошанд[157].

Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон рушди иқтисодии кишварро дар робита ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, рушди соҳибкории саноатӣ ва истеҳсолии маҳсулоти тавлидкунандаи воридотивазкунанда ҳавасманд намуда, ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтидори сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад.

Масалан, ба бунёди инфрасохтори афзалиятнок барои МОИ-и «Кӯлоб», маблағҳои грантии ФАСР (Фонди АвруОсиёии субот ва рушд) ҷалб карда шуданд.

Ҳамин тариқ, механизми давлатии ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи сармоягузоронро мавриди омӯзиш қарор дода, метавонем хулосаҳои зерин барорем.

---

[157] Кодиров, Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций [Текст]: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.05 / Кодиров Фарход Анварович. – Душанбе, 2010. – С.214.

Истифода кардани механизми дар таҳқиқоти мо таҳия шудаи ташкилию иқтисодии ҳифзи сармоягузоронро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем.

Мақомоти давлатӣ, ки барои дастгирии сармоягузорон масъуланд, ҳифз ва ҳавасмандгардонии сармоягузоронро бо кӯмаки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ба амал мебароранд, ба сармоягузорон қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо ва дигар тадбирҳои дастгирии моддиро пешниҳод менамоянд. Сармоягузорони калонтарини иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки Осиёии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд мебошанд.

Тадбири дигари пуштибонии давлатии сармоягузорон, инчунин, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон аст. Таҳлили натиҷаҳои моделсозии эконометрикии фаъолияти МОИ аз он шаҳодат медиҳад, ки таъсири бештарро ба афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар МОИ шумораи субъектҳои иқтисодии дар МОИ фаъолияткунанда ва ҳаҷми сармоягузорӣ мерасонад.

Чи тавре ки дар боло зикр гардид, дар адабиёти илмӣ ҷанбаи минтақавии ҳавасмандгардонии сармояи хориҷӣ то ҳол амалан кор карда нашудааст. Дар баробари ин, механизмҳо ва воситаҳои сиёсати иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ амалан ба сатҳи минтақавӣ гузаронида мешаванд, ки ин ба рушди тадқиқот дар ин самт халал мерасонад.

Самти ояндадор дар рушди ҳамкориҳои байналмилалии сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, ин баланд бардоштани нақши салоҳияти иқтисодии минтақаҳо мебошад. Таҳияи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории минтақаҳо ба мақомоти маҳаллӣ имкон медиҳад, ки сармояи хориҷиро барои ҳалли проблемаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии комплексҳои иқтисодии минтақавӣ ва баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ ҷалб намоянд.

Дар таърихи рушди иқтисоди Тоҷикистон таҷрибаи ғании ҷалби сармояи хориҷӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки таҳлил ва истифодаи онҳо дар

марҳалаи кунунӣ дар баробари таҷрибаи хориҷӣ дар асосноксозии усулҳо ва ташкили сиёсати сармоягузории давлатӣ мувофиқ аст. Таҳияи равишҳои методологии баҳодиҳии миқдории саҳми сармоягузории хориҷӣ дар рушди иқтисод ва таҳкими мавқеи рақобатпазирии кишвар дар бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин асосноккунии илмии сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ боз ҳам актуалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, имрӯз унсурҳои асосии инфрасохтори индустриалӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти сармоягузорӣ инҳоянд:

1) минтақаи махсуси иқтисодӣ – ҳудуди маҳдуди кишвар бо сарҳадҳои аниқ муайяншуда, ки дар он барои амалӣ намудани фаъолияти афзалиятнок шароити мусоид фароҳам оварда шудааст;

2) минтақаи саноатӣ (минбаъд – МС) – заминҳое, ки барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ, ки бо коммуникатсия дода шудаанд, аз ҷониби давлат ба субъектҳои хоҷагидории хусусӣ барои ҷойгир кардан ва ба истифода додани объектҳои саноатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд;

3) паркҳои технологӣ – шахси ҳуқуқӣ ё консорсиум, ки соҳиби маҷмааи ягонаи моддию техникӣ мебошад, ки самти асосии фаъолияти он пешниҳоди корҳо ва хизматрасониҳои барои татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ зарурӣ мебошад.

4) бизнес-инкубаторҳо – шахси ҳуқуқӣ, ки барои дастгирии соҳибкории хурд дар марҳилаи ташаккули онҳо тавассути пешниҳоди иншооти истеҳсолӣ, таҷҳизот, хизматрасонии ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, машваратӣ ва иттилоотӣ таъсис дода мешавад.

Аз нуқтаи назари мавзуи омӯзиши мо, бояд қайд кард, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар амалияи иқтисодӣ - ҳудудҳои маҳаллӣ дар кишварҳои гуногун дорои имтиёзҳои махсуси иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд.

Дар робита ба тамоюли либерализатсияи иқтисод ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ идеяи таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар кишварҳои арабии Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ ва кишварҳои пасошуравӣ бештар паҳн шуда истодааст. Ва ин тасодуфӣ нест, зеро мавқеи ҷуғрофӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки пули байни Осиё, Аврупо ва Африқо бошанд ва мавқеи стратегӣ аҳамияти тиҷорати байналмилалиро муайян мекунад.

Дар амалияи ҷаҳонии фаъолияти иқтисодии берунӣ намудҳои гуногуни минтақаҳо мавҷуд буда, идеяи офариниши онҳо дар таърих решаҳои амиқ дорад ва ғояҳои навтарини инсоният дар соҳаи рушди иқтисодӣ мебошад.

Барои ба таври муназзамӣ ташкил ва рушди МОИ бояд омӯзиши ҳамаҷонибаи захираҳои ҳудудӣ, истеҳсолӣ, инсонӣ ва ашёи хом бо ҷалби ширкатҳои консалтингии байналмилалӣ дар соҳаи таъсис ва рушд гузаронида шавад. Ин тадқиқотҳо бояд ба таҳияи нақшаи дарозмуддати ташкили минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асоснок намудани шумораи зарурии онҳо, меъёрҳои ташкили онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба минтақаҳои ҷойгиршавии онҳо равона карда шаванд.

Таъсиси МОИ бояд ба принсипҳои зерин мувофиқат кунанд:

- ворид шудан ба низоми ҷаҳонии бозори ҷаҳонӣ;
- имконпазирии таъсис ва ҷойгиркунии МОИ дар минтақа;
- сармоягузории асосноки захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва меҳнатӣ;
- тақсими хатарҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

Ба низом даровarда нашудани равишҳои давлатӣ дар ташкили МОИ метавонад боиси ғайрисамаранок сарф шудани маблағҳои буҷетӣ, аз байн рафтани якпорчагии низоми андоз дар Тоҷикистон, бадтар шудани номутавозунии бахшҳои иқтисод бо имтиёз ва бе имтиёз, манипулятсия дар бозори замин ва дигар оқибатҳои манфӣ гардад.

Бинобар ин, умуман, тасмими таъсиси минтақаи озоди иқтисодиро бояд аз зарурати фароҳам овардани «дом» барои сармояи хориҷӣ ва рушди

принсипан нави саноат ва соҳаҳои серталаб ва технологияи баланд, ки рушди ҳам асосӣ ва ҳам ва ёрирасон ва ҳам соҳаҳои ёрирасон ва хизматрасониро талаб мекунанд, дикта кардан лозим аст, зеро рушди онҳо бе имтиёзҳои назарраси андоз самарабахш нест.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои ташкили МОИ бо мақсади таъмини амнияти сармоягузорӣ аз инҳо иборатанд:

1) рушд ва ё мустаҳкам намудани силсилаи истеҳсоли арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки гузариш ба дараҷаи баланди тараққиёти саноатро таъмин менамояд;

2) истифодаи мавқеи бартаридоштаи ҷуғрофии кишвар барои рушди иқтидори транзитӣ;

3) тамоюли МОИ ба ҷалби сармоягузориҳо ба татбиқи лоиҳаҳои ояндадор, ки афзоиши назарраси соҳаҳои вобаста ва ёрирасонро таъмин менамояд;

4) бунёди иқтидорҳои истеҳсолӣ бо истифода аз технологияҳои нави ватанӣ ва хориҷӣ;

5) таъсиси соҳаҳои истеҳсолот, ки барои таъмини афзоиши даромади аҳолии минтақае, ки дар он МОИ ҷойгир аст, бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, дурнамои рушди минтақа пас аз анҷоми он;

6) қобилияти амалии лоиҳа бо устувории фаъолияти истеҳсолии имтиёзҳои гумрукӣ ва андоз муайян карда мешавад.

Маҳз ҳамин меъёрҳои шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ, дар муқоиса бо сармоягузории суроғавӣ (адресный), метавонанд, ягонагии сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва хориҷии кишварро инъикос кунанд.

### 4.3. Низоми арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва ташкили механизми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи фаъолияти сармоягузорӣ

Нақши фаъоли танзимкуниии давлатии сиёсати сармоягузорӣ маънои даст кашидан аз механизми бозорӣ дар раванди таъмини бозсозии сохтории иқтисодиёт барои гузариш ба рушди устувори иқтисодиро

надорад. Сиёсати сохтории давлат ба ҳавасмандгардонии афзоиши фаъолнокии сармоягузории хусусӣ дар шароити худташкилнамоии бозорӣ ва рақобат нигаронида шудааст. Воситаҳои таъсиррасонии бевоситаи давлат ба пешбурди дастгирии ташаббусҳои хусусии соҳибкорӣ дар азхуднамоии навовариҳои муосир дар истеҳсолот нигаронида шудаанд.

Азбаски захираҳои сармоягузорӣ маҳдуданд, зарур аст, ки самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва муҳлати талофи сармоя таҳлил карда шаванд.

Муаллиф чунин мешуморад, ки интихоби соҳаҳо барои сармоягузорӣ бояд бо татбиқи тағйироти сохторӣ дар ин соҳаҳо ва дар тамоми саноати кишвар дар маҷмуъ асоснок карда шавад.

Барои асосноккунии илмии сармоягузорӣ муаллиф сохтори соҳавии сармоягузориҳоро дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил кардааст. Дар ҷадвали 4.2. сохтори соҳавии ММД дар давраи солҳои 2012-2021 таҳлил карда шудааст[158].

**Ҷадвали 4.2. - Сохтори соҳавии ММД дар давраи солҳои 2012-2021 бо %**

| Номгӯи соҳаҳои саноат | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 12,2 | 16,4 | 23,3 | 18,6 | 21,3 | 22,7 | 25,1 | 29,4 | 28,2 | 28,3 |
| Хоҷагии қишлоқ | 23,2 | 31,4 | 26,6 | 26,1 | 11,7 | 11,2 | 22,6 | 23,3 | 22,2 | 22,4 |
| Сохтмон | 5,6 | 5,9 | 7,8 | 9,5 | 7,3 | 11,6 | 8,4 | 6,6 | 6,3 | 6,5 |
| Савдо ва хӯроки умумӣ | 26,2 | 22,3 | 19,5 | 22,3 | 26,5 | 22,7 | 19,4 | 18,7 | 18,8 | 18,3 |
| Нақлиёт ва алоқа | 9,4 | 10,4 | 10,5 | 9,5 | 17,8 | 11,9 | 10,2 | 8,9 | 8,8 | 8,7 |
| Хизматрасониҳои молиявӣ | 3,7 | 2,8 | 2,8 | 2,5 | 2,8 | 2,9 | 2,4 | 2,4 | 2,3 | 2,4 |
| Дигар соҳаҳо | 20,3 | 10,7 | 10,3 | 11,6 | 12,9 | 17,6 | 12,4 | 10,8 | 13,7 | 14,3 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар сохтори ММД вазни хоси бештарро соҳаҳои зерин доранд: саноат, хочагии қишлоқ, савдо ва хӯроки умумӣ, нақлиёт ва алоқа. Ин тамоюл дар расми 4.13. нишон дода шудааст.

[158] Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.stat.tj/ru, кушода. Санаи муроҷиат 12.11.2021




**Расми 4.13. - Сохтори соҳавии ММД дар давраи солҳои 2011-2020**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мо дар асоси ҷадвали Рябсев ҳисобкуниро анҷом дода, ҷадвали арзёбӣ ва шарҳи аҳамияти фарқиятҳои сохториро дар соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда баромадем. (Ҷадвали 4.3.).

**Ҷадвали 4.3. - Ҳисобкунии ҷадвали рейтингҳо ва шарҳи аҳамияти фарқиятҳои сохторӣ**

| Номгуи соҳаҳо | Вазни хоси миёнаи соҳа | Амплитудаи тағйирёбӣ ба як воҳиди вазни хоси соҳа | Коэффитсиенти хаттии дигаргуниҳои сохтории соза | Коэффитсиенти квадратӣ | Коэффитсиенти тағйирёбии сохторӣ | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 22,5 | 0,29 | 2,64 | 0,11 | 0,33 | Сатҳи хеле калони фарқияти сохтор |
| Хочагии кишлоқ | 22,1 | 0,18 | 6,2 | 0,029 | 0,17 | Сатҳи назарраси фарқияти сохтор |

*Идомаи ҷадвали 4.3.*

| Номгуи соҳаҳо | Вазни хоси миёнаи соҳа | Амплитуда и тағйирёбӣ ба як воҳиди вазни хоси соҳа | Коэффитсиенти хаттии дигаргуниҳои сохтории соза | Коэффитсиенти квадратӣ | Коэффитсиэнти тағйирёбии сохторӣ | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сохтмон | 7,5 | 0,30 | 4,69 | 0,064 | 0,08 | Сатҳи пасти фарқияти сохтор |
| Савдо ва хӯроки умумӣ | 21,4 | 0,06 | 5,0 | 0,012 | 0,11 | Сатҳи пасти фарқияти сохтор |
| Нақлиёт ва алоқа | 10,6 | 0,10 | 2,2 | 0,044 | 0,21 | Сатҳи назарраси фарқияти сохтор |
| Хизматрасониҳои молиявӣ | 2,6 | 0,25 | 2,45 | 0,102 | 0,32 | Сатҳи хеле калони фарқияти сохтор |
| Дигар соҳаҳо | 13,4 | 0,12 | 6,1 | 0,02 | 0,14 | Сатҳи пасти фарқияти сохтор |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар натиҷаи арзёбии дар ҷадвали 4.3. овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки тағйироти сохторӣ дар саноат ва дар соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ тағйироти хеле калони сохторӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳо ҷой доранд. Сатҳи назарраси фарқияти сохторҳо барои чунин соҳаҳо, аз қабили кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа хос аст, яъне тағйирот дар ин соҳаҳо ба рушди устувори онҳо таъсири мусбат расонидааст. Сатҳи пасти фарқияти сохторҳо дар соҳаҳои зерин, ба монанди сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда шуданд. Тағйироти сохторӣ дар ин соҳаҳо бесамар буданд.

Ин вазъ бо ворид шудани сармояи мустақими хориҷӣ, аз ҷумла, маблағҳои Бонки рушди АвруОсиё ва Бонки Ҷаҳонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа шарҳ дода мешавад. Таваҷҷуҳи сармоягузорон ба ин

соҳаҳо бо бунёд кардани «маконҳои» сармоягузории мусоид, ки аз ҷониби сармояи миллӣ аз худ карда шудааст, муайян карда мешавад.

Бинобар ин, тадбирҳои танзими ғайримустақими иқтисодӣ дар доираи сиёсати умумии сармоягузории давлат метавонанд, тағйироти номатлубро дар сохтори соҳавии сармоягузориҳои хориҷӣ дигаргун намояд ва баръакс, ба тамаркузи ҳадди аксари онҳо дар соҳаҳое, ки дар рушди иқтисодӣ афзалияти миллӣ доранд, мусоидат намоянд.

Ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷиро дар соҳаҳои гуногуни иктисодиёти Ҷумхурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор медиҳем[159].




**Расми 4.14. - Ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Барои муайян кардани вобастагии тағйироти сохтории соҳаҳо аз ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ муаллиф модели коррелятсионӣ тартиб додааст, ки дар он нишондиҳандаи самаранокии Y шохиси рақобатпазирии ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

---

[159] Статистика иностранных инвестиций [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://investcom.tj/ru/invest/investicionnaja-dejatelnost/print:page,1,107 -statistika-inostrannyh-investicij.html, кушода. Санаи мурочиат 25.03.2021

Барои таҳлил он соҳаҳое интихоб карда шудаанд, ки дар онҳо тағйироти сохтори соҳавӣ ба рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири мусбӣ расонидааст.

X1 – ҳаҷми СМХ дар саноат, миллион доллар.

X2 – ҳаҷми СМХ дар соҳаи кишоварзӣ, миллион доллар.

X3 – ҳаҷми СМХ дар соҳаи наклиёт ва алоқа, миллион доллар.

**Ҷадвали 4.4. - Матритсаи масъалаи таҳлили коррелятсионӣ**

| Унсурҳои тамсилаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | 51,8 | 52,3 | 53,0 | 52,6 | 52,4 | 52,0 | 52,3 | 52,4 | 52,6 |
| X1 | 18,0 | 15,7 | 17,3 | 21,6 | 19,9 | 16,3 | 16,0 | 15,2 | 15,1 |
| X2 | 7,8 | 6,8 | 7,5 | 9,4 | 8,6 | 7,0 | 6,9 | 6,6 | 6,5 |
| X3 | 2,7 | 2,3 | 2,6 | 3,2 | 3,0 | 2,4 | 2,4 | 2,3 | 2,2 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳисобҳо дар барномаи Stata14 анҷом дода шуданд. Ҳангоми ҳисоб кардан, ҳамаи коэффитсиентҳо дар сатҳи 5% аҳамиятнокӣ муҳим мебошанд, дар маҷмӯъ модел муҳим аст.

```
reg var1 var2 var3 var4

      Source |       SS           df       MS      Number of obs   =         8
-------------+----------------------------------   F(3, 4)         =      0.38
       Model |  .204711173         3  .068237058   Prob > F        =    0.7726
    Residual |  .715289361         4   .17882234   R-squared       =     .9200
-------------+----------------------------------   Adj R-squared   =    0.3606
       Total |  .920000534         7  .131428648   Root MSE        =    .42287

------------------------------------------------------------------------------
        var1 |      Coef.   Std. Err.      t    P>|t|     [95% Conf. Interval]
-------------+----------------------------------------------------------------
        var2 |   2.350722    2.52565     0.93   0.405      9.36305    4.661607
        var3 |   4.806395   5.652537     0.85   0.443    -10.88757    20.50035
        var4 |   1.833356   5.478308     0.33   0.755    -13.37687    17.04358
       _cons |   52.28955   1.409328    37.10   0.000     48.37663    56.20247
------------------------------------------------------------------------------
```

**Расми 4.14. - Натиҷаҳои ҳисобҳо дар барномаи Stata14**

Дар натиҷаи ҳисобҳо муодилаи регрессионии сершумор ба даст омад:

$$Y = 2.35x1+4.8x2+ 1.83x3 \quad (5)$$

Таҳлили муодилаи регрессионии ба дастомадаро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст:

- воридшавии сармоя ба саноат ба андозаи 1 миллион доллар, ба 2,35 баробар афзудани тағйироти сохторӣ дар саноат мегардад;

- воридшавии сармоя ба соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 1 миллион доллари амрикоӣ ба афзоиши тағйироти сохторӣ дар соҳа 4,81 маротиба мусоидат мекунад;

- воридшавии сармоягузориҳо ба соҳаи нақлиёт ва алоқа дар ҳаҷми 1 миллион доллар боиси тағйироти сохторӣ дар соҳа 1,83 маротиба мегардад.

Ҷалби сармоя дар ин соҳаҳо ба бузургии шохиси интегралии рушди устувор ва дар натиҷаи ин ба рақобатпазирии ҷаҳонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

Бояд гуфт, ки дигаргуниҳои куллии сохторӣ дар таркиби соҳаҳои баррасишаванда чунин фарзия (гипотеза)-ро тасдиқ мекунанд, ки пешрафт дар тараққиёти онҳо бинобар сабаби тағйирот дар сохтори якдигар ба амал омада, самараи фузунсозро ба вуҷуд меорад ва ба рушди ҳамдигар мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, афзудани истеҳсоли саноатии мошинаҳои хоҷагии қишлоқ, мошинҳои сабукрав ва боркаш, асбобҳои гуногуни рӯзгор ва саноатӣ, тараққиёти хоҷагии қишлок, нақлиёт ва алоқаро суръат бахшид. Тағйироти сохторӣ дар соҳаи нақлиёт ва алоқа ба рушди инфрасохтори кишвар мусоидат намуда, ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи нав ба иқтисодиёти кишвар меоварад.

Бо фаъолона ҳавасмандгардонии фаъолнокии сармоягузорӣ дар саноат ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазириро дар бозори ҷаҳонӣ баланд мебардорад[160].

Гузариш ба намуди инноватсионии рушд омили зарурии рушди иқтисодӣ мебошад. Барои татбиқи он чандкарата афзун намудани фаъолнокии сармоягузорӣ, навсозӣ ва баланд бардоштани

---

[160] Кодиров, Ф.А. Принципы интегрированности иностранных инвестиций в национальную экономику [Текст] / Ф.А. Кодиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2008. – №2. – С.82.

рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ ноил шудан зарур аст.

Амалӣ кардани сиёсати давлатие зарур аст, ки ба ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилию хориҷӣ дар инноватсия, таъмини азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии дохилӣ ва ноил шудан ба суръати баланди рушди иқтисодӣ асос ёфтааст.

Барои гузаштан ба навъи инноватсионии рушди иқтисодӣ таҳқиқоти илмии бунёдӣ (фундаменталӣ) ва амалӣ, рушди инфрасохтори илмӣ-тадқиқотӣ, дастгирии таҳсилоти аҳолӣ зарур аст. Аз таҷрибаи бисёр мамлакатҳои мутараққӣ маълум аст, ки сармоягузорӣ ба тадқиқоти илмӣ (махсусан бунёдӣ) бо зудӣ фоида намедиҳад, шароитро барои босуръат афзудани истеҳсолот дар асоси инноватсияҳои мукаммал муҳайё мекунад.

Давлатро зарур аст, ки институтҳоеро таъсис ва ташаккул диҳад, ки фаъолияти онҳо ба пешбурди сармоягузориҳо ба технологияҳои нав, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, муттаҳидсозии захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва иттилоотӣ бо мақсади рушди иқтисодӣ равона мегардад.

Дар раванди татбиқи дастгирии давлатии соҳаҳо, чунин дастгирӣ метавонад, батадриҷ то ба сифр дар он соҳаҳое кам карда шавад, ки дар онҳо бозорҳои фаъолияткунанда ва муносибатҳои рақобатӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамзамон, дастгирии давлатӣ дар раванди коркарди самтҳои наве зарур аст, ки онҳо хавфи баландро бинобар сабаби ҷорӣ намудани технологияҳо ва усулҳои инноватсионӣ доро мебошанд.

Айни замон нерӯи илмию техникии мамлакатҳое, ки баъд аз пошхӯрии ИҶШС хеле коҳиш ёфта буд, тамоюли пайваста барқарор шуданро касб кардааст. Олимони тоҷик бо дастовардҳои навоваронаи худ сатҳи инноватсионии рушди истеҳсолотро баланд бардошта, кадрҳои нави илмӣ тарбия мекунанд.

Чолишҳои ҷаҳонишавӣ барои ҳар як кишвари мушаххас маънои дар қатори дигарҳо, доимӣ нигоҳ доштани мавқеъро дар арсаи ҷаҳонӣ,

мустаҳкам намудан ва инкишоф додани рақобатпазирии худро дорад.

Иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳарчи бештар эътироф мекунанд, ки рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва баланд бардоштани стандарҳои ҳаётии миллат на танҳо аз андӯхти сармоя, балки аз инноватсия дар соҳаҳои гуногун вобаста аст.

Профессор Паштова Л.Г. қайд мекунад, ки дар иқтисодиёт истифода бурдани инноватсияҳои асосӣ (дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти бунёдӣ ба даст овардашуда) фузунсози инноватсиониро ба ҳаракат медарорад, ки он ба афзоиши истеҳсолот мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ин дар баробари афзоиши истеҳсолот барои ба вуҷуд овардани навигариҳои дуюмин мусоидат мекунад, ки онҳо технологияҳои кӯҳнашударо иваз мекунанд[161].




**Расми 4.15. - Нақшаи амалнамоии фузунсози инноватсионӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Таҳлили муодилаи регрессионии натиҷаро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст:

- воридшавии сармоягузориҳо ба саноат дар ҳаҷми 1 млн. долл., ба афзоиши тағйироти сохторӣ дар саноат 2,35 маротиба мусоидат мекунад;

- воридшавии сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 1 млн. долл. ба афзоиши тағйироти сохторӣ дар соҳа 4,81 маротиба мусоидат

[161] Паштова, Л.Г. Формирование многоуровневой инвестиционной политики как фактор обеспечения экономической безопасности [Текст]: дисс... д-ра эконом. наук: 08.00.05 / Паштова Лейла Германовна. – М., 2003. – С.259.

мекунад;

- воридшавии сармоягузориҳо ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар ҳаҷми 1 млн. долл. боиси тағйироти сохторӣ дар соҳа 1,83 маротиба мегардад.

Амали фузунсози инноватсионӣ боиси афзоиши назарраси истеҳсолот мегардад, ки он метавонад, иқтисодиёти кишварро аз рукуд берун барорад ва ба болоравии дарозмуддати иқтисодиёт мусоидат кунад.

Барои ҷалби сармоя ба соҳаи инноватсионӣ натиҷаҳои назаррасро истифодаи воситаҳои бозори фондӣ дар шакли саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок нишон медиҳанд, ки онҳо ба ҷалби сармояи хориҷӣ дар асоси моликияти ҳиссавӣ дар рушди соҳаҳои ояндадортарини иқтисодиёт мусоидат мекунанд.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум аст, ки баробар шудани сатҳи тараққиёти мамлакатҳои гуногун дар натиҷаи ба ҳам наздикшавӣ, якҷояшавӣ (конвергенсия) ба амал намеояд. Кишварҳои сусттараққикарда бояд барои коҳиш додани фарқият бо ҷаҳони мутараққӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, вагарна фарқият боз ҳам бештар мешавад. Ин кӯшишҳо дар худ рушди технологиро дар бар мегирад, ки онҳо дар азхудкунии технологияҳои дигарҳо, тавассути тақлидкорӣ ба мустақилона ба вуҷуд овардани донишҳои нав амалӣ карда мешаванд.

Кишварҳое, ки аз воридшавии технологияҳо нафъ гирифта наметавонанд ва дар ин ҳол технологияҳои худро офарида натавонанд, ногузир ақиб мемонанд. Аз ин рӯ, масъалаи фароҳам кардани шароит барои аз худ кардани донишҳои дар чаҳон мавҷудбуда ва инчунин, барои ба вуҷуд овардан ва азбарнамоии донишҳои нав барои рушди иқтисодӣ хеле муҳим аст. Ҳалли ин масъала, фароҳам овардани муҳити институтсионалӣ, муайян кардани афзалиятҳои рушди иқтисодӣ бояд дар сатҳи давлатҳои миллӣ ба амал бароварда шавад.

Дар ҳисоботи Комиссияи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба тараққиёт ва рушд[162] панҷ сабаби асосии рушди босуръати 13 иқтисодиёти ҷаҳон, ки суръати устувори афзоиши беш аз 7% дар як солро нишон медиҳанд, оварда шудаанд:

- истифодаи иқтидори иқтисоди ҷаҳонӣ;
- таъмини суботи макроиқтисодӣ;
- ноил шудан ба меъёри баланди пасандозҳо ва сармоягузорӣ;
- ҷойгирнамоии захираҳо вобаста ба талаботи бозор;
- ҳавасмандии ҳукуматҳо ба натиҷаи инноватсияҳо, салоҳиятнокӣ.

Дар моделҳои муосири рушди иқтисодӣ инкишофи технологияҳои инноватсионӣ ботинан хоси рушди иқтисодӣ мебошад ва барои он ки онҳо ҳамаҷониба рушдро ҳавасманд намоянд, сиёсати дахлдори давлатӣ, воситаҳо ва механизмҳои он зарур аст.

Ба андешаи мо, самтҳои асосии сиёсати инноватсионӣ бояд ба талаботи иқтисодиёт дар навсозӣ (модернизатсия)-и техникӣ ва технологӣ алоқаманд бошанд (расми 4.16.).




**Расми 4.16. - Робитаи байни сиёсати инноватсионӣ ва зарурати навсозии техникӣ ва технологӣ.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Навсозии техникӣ ва технологӣ байни якдигар алоқамандии зич доранд. Навсозии техникӣ автоматикунонии корхона ё сеху участкаҳои

[162] The Growth Report: Strategies for Sustained Growth and Inclusive Development. Commission on Growth and Development [Text]. – Washington, DC: World Bank, 2018. – 180 p.

алоҳидаи он, механиконидани истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ ва робототехникаро ба сикли истеҳсолӣ дар бар мегирад.

Барои амалигардонии навсозии технологӣ барқарорсозии базаи технологии соҳаҳое зарур аст, ки маҳсулоти онҳо талаботи баланд дорад, ки дар асоси он ҷорӣ намудани технологияҳои захирасарфакунанда роҳандозӣ карда мешавад. Иқтидори бозор дар робита ба беҳтар шудани хусусиятҳои истеъмолии маҳсулот васеъ мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои навсозии техникӣ ва технологӣ таҳкими нақши давлат ва ниҳодҳои давлатӣ оид ба такмили тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ талаб карда мешавад, ки саъю кӯшиши якҷояии онҳо ба таҳкими тиҷоратикунонии инноватсия нигаронида шудааст. Самтхои асосии инкишофи фаъолияти инноватсиониро муаллиф ба се марҳила тақсим кардааст (Расми 4.17.).

Вазифаҳои асосии марҳилаи якуми сиёсати давлатии сармоягузорӣ, навсозӣ ва такмил додани заминаи технологии он соҳаҳое мебошанд, ки ба маҳсулоти онҳо талаботи устувор ҳангоми фурӯхтани он дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавҷуд аст. Дар баробари ин, инноватсия дар марҳилаи мазкур бояд пеш аз ҳама ба азнавсозии истеҳсолоти мавҷуда дар асоси технологияи захирасарфакунанда ва беҳтар намудани хосиятҳои истеъмолии маҳсулот нигаронида шавад. Дар натиҷаи татбиқи марҳилаи якум, бояд заминаи иқтисодӣ ва институтсионалӣ ташаккул ёбад, ки барои гузаштан ба марҳилаи сармоягузории рушди иқтисодиёти кишвар кӯмак намояд.

Вазифаҳои марҳилаи дуюми татбиқи сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба вуҷуд овардани истеҳсолоте мебошад, ки он дорои сохтори технологии навтарин ва баровардани маҳсулоти инноватсионии истеҳсолгардида ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Дар натиҷаи татбиқи марҳилаи дуюм бояд рақобатпазирӣ дар он сегментҳои бозоре, ки пештар маҳсулоти ватанӣ вуҷуд надошт, ба даст оварда шавад. Нақши давлат дар ин марҳила аз амалҳои зерин иборат аст:

- такмилдиҳии механизмҳои ҷалби сармоягузории хусусӣ;

- таъсиси механизми самараноки ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ;

- рушди инфрасохтори зарурӣ барои пешбурди коркардҳои инноватсионӣ ва ҷоринамоии инноватсияҳо.




**Расми 4.17. – Марҳилаҳои татбиқи сиёсати давлатии сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Марҳилаи сеюми татбиқи сиёсати давлатии сармоягузорӣ дастгирии иттилоотии истеҳсолоти саноатӣ, таҳкими ҷузъи инноватсионӣ дар рушди истеҳсолот ва рушди фаъолияти муҳандисиро дар асоси технологияҳои

муосири иттилоотӣ дар назар дорад.

Мутобиқи марҳилаҳои дар боло зикргардидаи рушди сиёсати инноватсионии давлат, муаллиф вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди онро муайян кардааст:

- рушди неруи илмӣ ва истеҳсолӣ-технологӣ (бо дарназардошти илми бунёдӣ ва низоми тарбияи кадрҳо), истифодаи он барои нигоҳ доштани сатҳи муосири технологӣ ва гузаштан ба технологияи нисбатан олӣ;

- интихоби стратегия ва афзалиятҳои оқилонаи рушди соҳаи инноватсионӣ ҳангоми дар соҳаҳои иқтисодиёт татбиқ кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулот таъсир мерасонанд;

- таъмини шароити мусоиди иқтисодӣ ва молиявӣ барои баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ, дар раванди арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ, аз ҷониби муаллиф, тағйироти сохторӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисоб карда шуда, дар асоси он хулоса баровarда шуд, ки соҳаҳои саноат ва хизматрасонии молиявӣ бештар динамикӣ инкишоф меёбанд, каме сусттар, вале хеле самаранок, соҳаҳои кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа рушд кардаанд. Самараи пасти сармоягузориҳо дар тараққиёти сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда шуд.

Омӯзиши роҳҳои рушди иқтисодиёти кишварҳои мутараққӣ, ки рушди устувори ҳарсолаи иқтисодиётро нишон медиҳанд, имкон медиҳад чунин хулоса кард, ки ба сифати самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ рушди инноватсия зарур аст, чунки амали фузунсози инноватсионӣ ба афзоиши назарраси истеҳсолот меоварад, ки он метавонад иқтисодиёти кишварро аз ҳолати рукуд берун 309 ибо309т309 ба болоравии дарозмуддати иқтисодиёт мусоидат намояд. Барои рушди инноватсия дар дохили кишвар давлати фаъол зарур аст.

Муаллиф инчунин марҳилаҳои татбиқи сиёсати давлатии сармоягузориро таҳия намуда, нақши давлатро дар ҳар як марҳилаи пешниҳодшуда нишон додааст.

Тибқи арзёбии коршиносон, дарояндаи наздик бузургтарин сармоягузорон майл доранд, ки амалиёти хориҷии худро фаъол намоянд. Дар баробари ин маълум аст, ки сармоягузории чандтарафа дар доираи гуруҳи кишварҳои мутараққии ҷаҳон дар оянда низ яке аз хусусиятҳои асосии фаъолият хоҳад монд. Аммо, бо вуҷуди ин, баъзе нозукиҳои ҷуғрофӣ имконпазир аст: ширкатҳои амрикоӣ бештар ба бозори Аврупои Ғарбӣ такя мекунанд (хусусан, дар соҳаи технологияҳои баланд ва дар истеҳсоли молҳои истеъмолӣ), Ширкатҳои фаромилалии аврупоӣ дар сармоягузориҳои асосии худ ба бозори Амрико умед мебанданд ва барои Ширкатҳои фарормилалии ҷопонӣ афзалиятҳои худро дар Осиё мебинанд. Ширкатҳои фаромилалии Амрико ва Аврупо низ ҳавасмандона ба Осиё таваҷҷуҳ доранд ва эҳтимол дорад, дарояндаи наздик маҷрои сармояҳои Ширкатҳои фаромилалӣ маҳз ба давлатҳои Осиё равона карда шавад. Тахмин меравад, ки Ширкатҳои фаромилалӣ сармоягузориҳои худро асосан, инчунин дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷойгир намоянд.

Дарк кардан дуруст аст, ки рушди нокифояи инфрасохтор рушди миллӣ- иқтисодиро монеъ мешавад, ҳукуматҳои бисёре аз кишварҳо ба хусусигардонӣ 310 ибо310т кардани назорат аз ҷониби монополияҳои давлатӣ бо мақсади ҷалби ҳар чӣ бештари сармоя ва технологияҳои хориҷӣ ва ба ин васила ноил шудан ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳаҳои дахлдор гузаштанд. Дар давраи охири асри 20 ва ибтидои асри 21 хусусигардонӣ дар соҳаҳои инфрасохторӣ ҷалби захираҳои сармояи хусусиро ба маблағи 40 миллиард доллар таъмин намуд, ки зиёда аз 50 фоизи он сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва портфелӣ мебошанд. Либерализатсияи идомаёфтаистодаи танзими давлатӣ нисбати сармоягузориҳои хориҷӣ ва соҳаҳои инфрасохторӣ дар якҷоягӣ бо қавитаргардонии кафолатҳо ба сармоягузорон боиси коҳиши хавфи милликунонии эҳтимолӣ мегардад, ки бояд афзоиши шиддати сармоягузориро, пеш аз ҳама, дар чунин лоиҳаҳо, аз қабили таъсиси

минтақаҳои озоди иқтисодӣ, минтақаҳои коркард барои содирот, муассисаҳо оид ба омодасозии кадрҳо таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, сармоягузории байналмилалӣ, 311 ибо роҳҳои гуногун сурат мегирад, дар марҳилаи имрӯза шакли босуръат инкишофёбандаи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Дар даҳсолаҳои охир равандҳои байналмилалишавӣ боиси ба таври назаррас афзудани нақши чунин роҳандозӣ ба монанди сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҷониби субъектҳои асосии он – ширкатҳои байналмилалӣ гардиданд.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ имрӯз нақши муҳимро дар ташкили низоми ҳамгирошудаи байналмилалии истеҳсолӣ – ядрои истеҳсолии иқтисодиёти ҷаҳонии глобалишудаистода иҷро мекунад.

Дар маҷмуъ дар солҳои 2013 – 2021 ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз 10,3 млрд доллар сармоя аз 65 кишвари ҷаҳон ҷалб карда шудааст, ки наздик 30 фоизи он аз Чин мебошад. Динамикаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҷадвали 4.5. оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.5. – Динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | **соли 2013** | **соли 2014** | **соли 2015** | **соли 2016** | **соли 2017** | **соли 2018** | **соли 2019** | **соли 2020** | **соли 2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми ММД, млрд. долл. | 24,6 | 27,6 | 25,3 | 26,8 | 27,4 | 30,1 | 32,9 | 34,8 | 37,9 |
| Ҳаҷми СМХ, ҳазор.долл. ИМА | 326841 | 451291 | 571678 | 345407 | 307029 | 359617 | 364480 | 192746 | 277554 |

**Сарчашма:** маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Динамикаи воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ба тамоюлҳои глобалӣ дар доираи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мувофиқат мекунад.

Камтар коҳиш ёфтани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар солҳои 2015-2016 ба қайд гирифта шуда, пас аз он афзоиши устувор ба миён омад. Натиҷаи ҷалби сармоягузориҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт аз хориҷи кишвар махсусан дар муқоиса бо натиҷаҳои дигар кишварҳои иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қарордошта намоён аст, ки хеле бештар сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ гирифта, робитаи мусбати мутақобилаи байни хароҷоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва сатҳи афзоиши ММД-ро нишон доданд,.

Бо вуҷуди ин, барои ояндаи наздик идома ёфтани рушди макроиқтисодӣ, афзоиши воридшавии сармоягузорӣ ба сармояи оинномавӣ пешгӯӣ мегардад. Дар кишвар лоиҳаҳои бузурги сармоягузории ҷолибияти тиҷоратидошта, ба монанди сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурду бузург бо дарназардошти захираҳои бузурги манбаъҳои обии кишвар ва талаботи калони давлатҳои ҳамсоя, ба мисли Афғонистону Покистон шуруъ гардида, ҳамчунин, оғози татбиқи дигар лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ роҳандозӣ шуданд. Таҷдиди сохторҳои бузурги давлатӣ, аз қабили ширкатҳои ҳавопаймоӣ, телекоммуникатсия, энергетика ва роҳи оҳан оғоз шуд.

Масъалаи асосии самаранок ҷалб намудани сармоягузориҳо барои истифодаи сарватҳои заминӣ имрӯз корҳои сусти геологӣ-ҷустуҷӯӣ, арзёбии нокифояи канданиҳои фоиданок ва нарасидани мутахассисони баландихтисос дар гузаронидани тендерҳои воқеии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи коркард, истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулот мебошад.

Масоили дар боло зикршудаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон даҳсолаҳои зиёд вуҷуд доранд ва имрӯз ҳам мубрамияти худро нигоҳ медоранд. Сарфи назар аз афзоиши фаъол шудани фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи гузариш, кишвар бо бисёр давлатҳо наметавонад, аз рӯи ҳаҷми ҷалби сармояи хориҷӣ рақобат намояд.

Таҷрибаи ҷаҳонии ҷалби сармоя ба иқтисоди кишварҳои рӯ ба тараққӣ нишон медиҳад, ки самаранокии истифодаи сармояи хориҷӣ ва таваҷҷуҳи корхонаҳои Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ на танҳо аз ошкорбаёнии иқтисоди кишвар, балки аз ҳузури инвеститсияҳо дар қонунгузорӣ ва дар иқтисодиёти мамлакати қабулкунанда тадбирҳоеро, ки ба инкишофи ҳамачонибаи муносибатҳои молию пулӣ, кам кардани монеаҳои бюрократӣ, мавҷуд будани низоми муносибатҳои бевоситаи иқтисодии байни корхонаҳо мусоидат мекунанд, вобаста аст.

Фаъолияти механизми бозор бояд бо танзими оптималӣ ва хуб андешидашудаи давлатӣ пайваст карда шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 зикр намуданд, ки беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармояи мустақим барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо маҳсуб мешавад [163].

Мақсади асосии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ рушди низоми иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи зарурӣ барои навсозӣ ва таҷдиди инноватсионии иқтисодиёт мебошад.

Раванди танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои пешрафта имкон медиҳад, ки як қатор хусусиятҳои хоси сиёсати сармоягузориро ҷудо намоем, аз қабили:

- истифодаи бештари шаклҳои танзими ғайримустақим, аз ҷумла, сиёсати андозӣ ва амортизатсионӣ;

- баланд бардоштани нақши минтақаҳо - мақомоти маҳаллӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, қабул ва татбиқи қарорҳои сармоягузорӣ;

- таваҷҷуҳи сиёсати сармоягузории давлатӣ оид ба таҷдиди сохторӣ бо

---

[163] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/13739, кушода. Санаи муроҷиат 15.01.2021

роҳи муайян намудани афзалиятҳои соҳавӣ;

- ташкили системаҳои ҳамоҳангсозӣ, ки ба иштироки мутаносиби ташкилотҳои хусусӣ, омехта ва ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо марбутанд;

- мавҷуд набудани қонунгузории махсус оид ба танзими сармоягузории хориҷӣ, ки воқеан пешниҳоди низоми миллиро барои сармоягузорони хориҷӣ нишон медиҳад;

- таваҷҷуҳ ба истифодаи маҷмуии манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ ҳам ба ҷамъоварии захираҳои дохилии сармоягузорӣ ва ҳам ҷалби сармоягузорони хориҷӣ.

Давлат танзими сармоягузориро дар бахши иқтисодӣ ҳамеша мутобиқи сиёсати мушаххаси сармоягузорӣ амалӣ менамояд, ки бо маҷмуи амалҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодии давлат ба тавсеа ва интенсификатсияи равандҳои сармоягузорӣ нигаронида шудааст.

Барои такмил додани низоми танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон тадбирҳои зерин заруранд:

- таҳияи алгоритми ба ҳам алоқаманди стратегияи фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, мақсадҳо ва вазифаҳои воқеан дастрасшаванда;

- марҳила ба марҳила татбиқи стратегияи мазкур;

- мониторинг ва назорати татбиқи стратегияи мазкур;

- таҳлили ҳамачониба ва мунтазами самаранокии истифодаи сармояи хориҷӣ, ки дар шакли сармоягузорӣ ҷалб карда мешавад.

Моҳияти системавии идоракунии давлатӣ дар ин замина маънои тобеияти системаи назорати давлатии тамоми ҷузъҳои таркибии системаи идоракунии давлатии сармоягузориро ташкил медиҳанд, ки ҳадафи асосии он барои он ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар — баланд бардоштани суръати рушди иқтисодиёт мебошад.

Мушкилии идоракунии давлатӣ тавассути баррасӣ ва таҳлили равандҳои сармоягузории ҷорӣ дар робита ва вобастагӣ бо равандҳои гуногуни ичтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

Мувофиқӣ ба татбиқи натиҷаҳои таҳлил ба шароити иқтисодии Тоҷикистон (мавҷудияти афзалиятҳои рақобатӣ дар канданиҳои фоиданок, ашёи хом, захираҳои энергетикӣ, рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт) дахл дорад, ки таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷиро ба рушди ин соҳаҳо ба вуҷуд меорад.




**Расми 4.18. – Механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Принсипи асосии идоракунии давлатиро, ки маҷмуи механизмҳои бозорӣ ва танзими давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ мебошад, таъкид намудан лозим аст, то ки нақши соҳибкорӣ дар ташкил ва рушди раванди сармоягузорӣ пайваста баланд гардад.

Ташаккули сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба ҳокимияти олии қонунгузорӣ ва иҷроия, истифодаи бевоситаи тавсияҳои илмии аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба амал бароварда мешавад.

Ба андешаи мо, сиёсати инвеститсионии давлатиро бо истифода аз механизми ташкилию иқтисодии дар расми 4.18. нишондодашуда, татбиқ намудан лозим аст.

Механизми ташкилию иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, қайд мекунем, ки механизми мазкур усулҳои иқтисодии идоракунӣ, шаклҳои ташкилии кӯмаки сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузорӣ ва чораҳои ҳифзи сармоягузоронро дар бар мегирад.

Асосҳои ҳуқуқии ҳимоя ва ҳавасмандгардонии сармоягузорон дар ҷадвали 4.6. нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 4.6. - Асосҳои ҳуқуқии ҳимоя ва пешбурди сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Мақомоти давлатӣ, ки барои ҳавасмандгардонӣ масъул аст | Тавсифи ҳавасмандгардонӣ | Асоси ҳуқуқӣ |
|---|---|---|
| Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Воридоти молҳо барои фаъолияти корхонаҳои муштарак, ки тамоми давраи пахтаро (аз нах то маҳсулоти пахтагин) коркард мекунанд, аз 1 январи соли 2018 бақайдгирии корхонаи муштарак ба муҳлати 12 сол аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. Барои корхонаҳои қаблан кушодашуда, муҳлат аз 01/01/2018 ҳисоб карда мешавад. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», №1511 аз 21.02.2018 сол; Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 313 |
| Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмини маҳсулоти истеҳсолшуда аз андозҳои аксизӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад. | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 315 |

*Идомаи ҷадвали 4.6.*

| Мақомоти давлатӣ, ки барои ҳавасмандгардонӣ масъул аст | Тавсифи ҳавасмандгардонӣ | Асоси ҳуқуқӣ |
|---|---|---|
| Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ сармоягузор ва пудратчии генералӣ аз пардохти андози истифодабарандагони роҳ, супоридани андоз аз даромад, қисман аз пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт, амволи ғайриманқул ва аз пардохти андози иҷтимоии шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар сохтмони нерӯгоҳ кор мекунанд, пурра озод карда мешаванд. | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 312 |
| Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Воридоти молҳо барои сохтмони иншооти махсусан муҳим аз пардохти боҷи гумрукӣ озод аст. | Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 345 |
| Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тотористон | Татбиқи низоми махсуси иҷозатномадиҳӣ тибқи созишномаи сармоягузорӣ, озод кардан аз пардохти боҷи иҷозатнома пурра ё қисман. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», моддаи 17 |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмини имтиёзҳои андозӣ дар асоси инфиродӣ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ» |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пешниҳоди грантҳои давлатӣ, субвенсия ва субсидия дар соҳаи саноат | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», №1415 аз 30 майи соли 2017, моддаи 10 |
| Фонди дастгирии соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», № 1107 аз 26 июли соли 2014, моддаи 13 |
| Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тотористон | Имконияти ҷалби коргарони хориҷӣ тибқи созишномаи сармоягузорӣ зиёда аз квотаи муқарраршуда | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», моддаи 17 |
| Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Субсидия (дастгирии молиявӣ) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар соҳаҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ машғуланд | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 4 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар ҷадвали 4.6. мақомоти давлатие, ки барои дастгирии сармоягузорон масъуланд ва воситаҳое, ки онҳо барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ истифода мебаранд, баррасӣ карда мешаванд.

Ин мақомоти давлатӣ сармоягузоронро бо кӯмаки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ҳифз ва ҳавасманд намуда, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо ва дигар тадбирҳои дастгирии моддии сармоягузоронро таъмин менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳимоя ва ҳавасмандгардонии сармоягузорон як қатор созишномаҳои дуҷонибаро оид ба мусоидат ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ бо кишварҳои зерин ба имзо расонидааст: Австрия, Хитой, Чехия, Словакия, Кувейт, Эрон, Корея, Ҳиндустон, Туркия, ИМА, Ҷумҳурии Белорусия, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қирғизистон, Арманпстон, Украина, Нидерландия, Франсия, Олмон, Покистон, Тайланд, Ӯзбекистон, Монголия, Швейтсария, Венгрия, Иордания, Бейрут.

Шумораи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 65 лоиҳаро ташкил медиҳад (барои 22 лоиҳаи сармоягузорӣ грантҳо, ба 10 лоиҳа қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудаанд, 33 лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҳисоби қарзу грантҳо маблағгузорӣ карда мешаванд). Дар ҳоли ҳозир 65 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3 миллиарду 320 миллион доллари амрикоӣ амалӣ карда мешавад[164].

Ҳангоми таҳлили сохтори сандуқи (портфел) лоиҳаҳои сармоягузории мавҷуда, мо қайд мекунем, ки он дар бар мегирад:

- 53% қарзҳо (1,75 млрд. доллари ИМА);
- грантҳо 42% (1,41 млрд. доллари ИМА);

[164] Данные государственного комитета по инвестициям Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://investcom.tj/ru/invest/vneshnjaja-pomosch/293-informacija-o-portfele-gosudarstvennyh-investicionnyh-proektov-v-respubliku-tadzhikistan.html, кушода. Санаи муроҷиат 21.04.2021

- саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4% аз ҳаҷми умумии сандуқи сармоягузорӣ ё 144,6 млн.долл.




**Расми 4.19. – Сохтори сандуқи лоиҳаҳои мавҷудаи сармоягузории давлатӣ аз рӯи намуди маблағгузорӣ дар соли 2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ба дигар манбаъҳо, ки 1 фоизро ташкил медиҳад, саҳми корхонаҳои давлатӣ ва ҷамоатҳо мебошад, ки ҳаҷми он 19,7 млн. доллари ИМА-ро дарбар мегирад.

Сарчашмаҳои маблағгузории хориҷии лоиҳаҳои мавҷудаи сармоягузории давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 4.20. нишон дода шудаанд.




**Расми 4.20. – Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои мавҷудаи сармоягузории давлатӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар натиҷа, бузургтарин сармоягузорони иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки Осиёии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба ҳисоб мераванд.

Ҳаҷми маблағҳои азхудшуда дар соли 2021 барои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, шумораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳар як соҳа, инчунин фоизи иҷрои нақшаи молиявӣ аз рӯи соҳаҳо дар ҷадвали 4.7. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.7. - Ҳаҷми маблағҳои азхудшуда дар соли 2021 барои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ**

| Бахши иқтисодиёт | Шумораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | азхуд шудааст, млн. $ ИМА | % иҷрои нақшаи молиявӣ |
|---|---|---|---|
| энергетика | 12 | 107,9 | 86% |
| нақлиёт | 10 | 90,6 | 99% |
| обёрӣ | 5 | 26,1 | 98% |
| маориф | 4 | 24,9 | 121% |
| ХМК | 16 | 21,4 | 72% |
| тандурустӣ | 6 | 17,7 | 87% |
| ҳифзи табиат ва ҲФ | 5 | 9,6 | 89% |
| бахши молиявӣ | 5 | 7,4 | 74% |
| хоҷагии қишлоқ | 3 | 8,7 | 97% |
| дигар бахшҳо | 3 | 11,8 | 76% |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳаҷми бештари сармоягузорӣ, аз ҷумла аз ҷониби созмонҳои байналмилалии молиявии ББТТ ва БРА, дар энергетика ва нақлиёт ҳамчун бахшҳои асосии иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Ба баъзе бахшҳо (хоҷагии манзилию коммуналӣ, бахши молиявӣ) сатҳи нокифояи азхудкунии маблағҳои барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷудошуда хос аст (расми 4.21.).

Асоси ҳуқуқии фаъолияти сармоягузориро дар Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи сармоягузорӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд.

Дар шароити нарасидани сармояи дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар ва ноил шудан ба рушди устувори макроиқтисодӣ талаботи зиёд дорад. Дар робита ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фаъолонаи сармоягузориро

амалӣ менамояд, ки ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ нигаронида шуда, ба сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ доштани ҳуқуқҳои баробар, кафолати ҳифзи манфиатҳо ва моликияти онҳоро дар қаламрави кишвар медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори қонунгузориро мукаммал ва муайян кардааст, ки он ҷолибияти сармояи хориҷиро ҳавасманд мегардонад.




**Расми 4.21. – Иҷрои нақшаи молиявӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

## Хулосаҳо оид ба боби чорум

Қабули санадҳои танзимкунанда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, имкон дод, рейтинги худро аз рӯи нишондиҳандаи ҳифзи сармоягузорон ва рейтинги умумии кишвар баланд бардорад. Ҳамин тавр, шарти муҳими фаъол кардани воруди сармоягузорони хориҷӣ (СХ) таъмини дастгирии ҳуқуқии ин раванд мебошад.

Аммо тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, имтиёзҳо бештар ба сармоягузории хориҷии суроғавӣ дар кишвар, яъне таъсиси корхонаҳои муштарак (КМ) нигаронида шудаанд, ки амнияти сармоягузории Тоҷикистонро таъмин намекунад.

Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қонунҳо, аз қабили «Кодекси одоби касбии аудиторҳо», «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар

бораи хоҷагии деҳқонӣ-фермерӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ», «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ», «Дар бораи реклама», «Дар бораи муфлисшавӣ (инфлятсия)», «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи гарави амволи манқул».

Дар солҳои охир қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти экспедиторӣ», «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кабул карда шудаанд.

Инчунин, метавонем як қатор қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунем, аз қабили «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ», «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ», «Дар бораи монополияҳои табиӣ», «Дар бораи созишномаҳои тақсими маҳсулот», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қонунигардонии амвол», «Дар бораи гарав», «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ», «Дар бораи бехатарии сӯхтор», «Дар бораи бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ

ба он», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ».

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар айни замон номгӯи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қонунгузории сармоягузориро ташкил медиҳанд, вуҷуд надоранд ва аз ин рӯ, ба сармоягузорон аз худ намудани маҷмуи пурраи меъёрҳо ва қоидаҳои қонунгузорӣ дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон душвор аст.

Аммо, аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқоти мо, имрӯз дар қонунгузории ҷумҳурӣ ихтилофҳои муайян мавҷуд аст, ки онҳоро метавон танҳо бо роҳи фаъол гардонидани шаклҳои минтақавии сармоягузорӣ «бартараф» кард.

Дар танзими давлатии амнияти сармоягузории иқтисодиёт мавқеи муҳимро низоми бонкӣ ишғол менамояд. Бонкҳо, ба сармоя табдилдиҳии (капитализатсия) нокифоя дошта, наметавонанд талаботи иқтисодиёти кишварро бо сармоя таъмин кунанд, аз ин рӯ, сиёсати қарзӣ-сармоягузорӣ ба такмилдиҳӣ эҳтиёҷ дорад.

Нақши муҳимро дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ иҷро мекунад, ки ба вазифаҳои он ҷалби сармоя барои татбиқи барномаҳои давлатӣ, таъмини ҳифзи сармоягузорон, ҳамоҳангсозии фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва мақомоти давлатӣ дохил мешавад.

Механизми давлатии ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузоронро мавриди омӯзиш қарор дода, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Дар диссертатсия механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Мақомоти давлатие, ки барои дастгирии сармоягузорон масъуланд, ҳифз ва ҳавасмандгардонии сармоягузоронро бо кумаки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ амалӣ менамоянд, кредитҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо ва дигар тадбирҳои дастгирии моддии сармоягузоронро таъмин мекунанд.

Сармоягузорони калонтарин ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки Осиёии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошанд.

Тадбири пуштибонии давлат аз сармоягузорон, инчунин ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон аст. Таҳлили натиҷаҳои моделсозии эконометрикии фаъолияти МОИ нишон медиҳад, ки бештар ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар МОИ шумораи субъектҳои иқтисодии дар МОИ фаъолияткунанда ва ҳаҷми сармоягузорӣ таъсир мерасонад.

Дар раванди арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ, муаллиф тағйироти сохториро дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисоб карда, дар асоси он хулоса мекунад, ки соҳаҳои саноат ва хизматрасонии молиявӣ бештар динамикӣ, каме сусттар, аммо хеле самаранок хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва алоқа инкишоф меёбанд. Самараи пасти маблағгузорӣ дар рушди соҳаҳо дар сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва баланд бардоштани стандартҳои миллии зиндагӣ на танҳо аз андӯхти сармоя, балки аз инноватсия дар соҳаҳои гуногун вобаста аст.

# БОБИ 5. ДИАЛЕКТИКАИ ОМИЛҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 5.1. Омилҳои институтсионалии дохилии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва баланд бардоштани имиҷи ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Институтҳое, ки ба раванди сармоягузорӣ таъсири мустақим мерасонанд, мавриди омӯзиш қарор дода, бисёр олимон давлатро ҳамчун яке аз иштирокчии бонуфузтарин дар ин раванд ҷудо мекунанд. Маҳз давлат қонуну қоидаҳоро барои танзими фаъолияти тамоми сохторҳои институтсионалӣ қабул мекунад.

Бинобар ин, барои омӯзиши омилҳои институтсионалии дохилии таъминоти амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд вазифаи давлат ва сатҳи озодиҳои шаҳрвандӣ ва иқтисодӣ, самаранокии идоракунии давлатӣ, сатҳи коррупсия ба назар гирифта шавад.

Ташаккули давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои демократӣ сурат гирифтааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад тарзи зиндагӣ ва рафтори худро бо зӯрӣ ба дӯши дигар бар хилофи арзишҳои инсонӣ таҳмил намояд[165].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян мекунад, ки ба он Президент сарварӣ менамояд ва он роҳбарии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ва назорати фаъолияти институтҳои калидиро ба амал мебарорад.

Ваколатҳои қонунгузориро мақоми дупалатагии Маҷлиси Олӣ амалӣ мекунад, ки ба он Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ (палатаҳои поёнӣ ва болоӣ) дохил мешаванд. Дар ҳарду палата аксарияти вакилони

[165] Полный текст выступления Э. Рахмона на встрече с духовенством [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20130704/polnyi-tekst-vystupleniya-e-rakhmona-na-vstreche-s-dukhovenstvom, кушода. Санаи муроҷиат 03.10.2020

парлумон аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) мебошанд, ки дар татбиқи бемайлони сиёсати давлатӣ мусоидат мекунанд.

Барои тавсифи сатҳи ислоҳоти демократӣ дар кишвар шохиси демократия истифода мешавад. Кишварҳои ҷаҳонро аз рӯи сатҳи демократия гуруҳбандӣ карда, ин шохис ҳамасола барои 165 кишвари ҷаҳон аз ҷониби оҷонсии бритониёии Economist Intelligence Unit ҳисоб карда мешавад[166]. Раванди ҳисоби шохиси демократӣ аз рӯи 60 нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад, ки ба гуруҳҳои зерин дохил мешаванд:

- дараҷаи фарҳанги сиёсӣ;
- мавҷудияти фаъолияти сиёсии аҳолии кишвар;
- хусусиятҳои фаъолияти ҳукумат;
- мавҷудияти озодиҳои шаҳрвандӣ;
- хусусиятҳои гузаронидани интихобот ва мавҷудияти гуногунандешӣ.

Ба ҳар як нишондиҳанда арзёбии коршиносон барои 60 савол дохил мешавад, ки ба холҳо табдил меёбанд. Баъзе саволҳо вазни бештар доранд ва ба дигар нишондиҳандаҳо таъсир мерасонанд, ки дар байни онҳо мо инҳоро қайд кардем:

- таъмини амнияти интихобкунандагон;
- муайян кардани таъсири давлатҳои хориҷӣ ба фаъолияти ҳукумат;
- самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ;
- мавҷудияти интихоботи озоду одилона.

**Ҷадвали 5.1. - Шохиси демократия барои кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё дар соли 2021**

| Дараҷа | Кишвар | Шохиси демократия | Интихобот ва плюрализми сиёсӣ | Фаъолияти ҳукумат | Иштироки сиёсӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 86 | Арманистон | 5,49 | 7,5 | 5,71 | 6,11 |

[166] Индекс демократии в Economist Intelligence Unit [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.eiu.com/n/campaigns/democracy-index-2020/, кушода. Санаи мурочиат 13.10.2020

*Идомаи ҷадвали 5.1.*

| Дараҷа | Кишвар | Шохиси демократия | Интихобот ва плюрализми сиёсӣ | Фаъолияти ҳукумат | Иштироки сиёсӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 150 | Белорус | 2,41 | 0,00 | 2,0 | 3,89 |
| 139 | Қазоқистон | 3,08 | 0,5 | 3,21 | 5,0 |
| 101 | Қирғизистон | 3,62 | 4,33 | 1,50 | 4,44 |
| 134 | Россия | 3,24 | 1,75 | 2,14 | 4,44 |
| 159 | Тоҷикистон | 1,94 | 0,00 | 2,21 | 2,22 |

**Сарчашма*** https://nonews.co/directory/lists/countries/democracy

Аз ҳама кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё, ки дар ҷадвали 5.1. баррасӣ шуданд, Арманистон нишондиҳандаҳои беҳтаринро дорад, ки шохиси демократияро тавсиф мекунанд (ҷойи 86-ум, шохиси демократия 5.54), дар ҷойи дуюм Қирғизистон (ҷойи 101-ум, шохиси демократия 4,89), Россия (ҷойи 134-ум, шохиси демократия 3,11), Қазоқистон, (ҷойи 139-ум, шохиси демократия 2,94), Белорус (ҷойи 150-ум, шохиси демократия 2,48) ва Тоҷикистон (ҷойи 159, шохиси демократия 1,93) дар зинаи поён қарор доранд.

Бисёре аз олимон дар бораи масъалаи чи тавр таъсир расонидани сатҳи демократия дар кишвар ба амнияти сармоягузорӣ таҳқиқот гузаронидаанд. Аксари тадқиқотҳои таҷрибавӣ танҳо гипотезаеро дастгирӣ карданд, киислоҳоти демократӣ нобаробариро дар тақсимоти даромадҳо коҳиш медиҳад. Гуруҳи олимон (Бохара, Алок К., Нил Ҷ. Митчелл ва Карл Ф. Миттендорф) таъсири институтҳои сиёсиро ба амнияти сармоягузорӣ чунин муайян мекунанд. Онҳо ба коҳиши нобаробарӣ, болобарии кушодии иқтисодиёт ва савдои хориҷӣ, инчунин ҳаҷми ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мусоидат мекунанд[167].

Дар гузориши Созмони Милали Муттаҳид қайд шудааст, ки мавҷудияти робитаи мустақими байни демократия ва рушди иқтисодии

[167] Bohara, Alok, K., Neil, J. Mitchell, Carl, F. Mittendorff. Compound Democracy and the Control of Corruption: A Cross-Country Investigation [Text] / Bohara, K. Alok, J.Neil, Mitchell, F. Carl, Mittendorff // Policy Studies Journal. – 2004. – No 32(4). – P.481-499.

кишвар собит нашудааст, аммо ислоҳоти демократӣ дар тараққиёти баробартар ва устуворонаи давлат аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад[168].

Барои таҳқиқи таъмини амнияти сармоягузории ҷумҳурӣ бояд чунин нишондиҳанда, аз қабили самаранокии идоракунии давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирад.

Индикаторҳои самаранокии идоракунии давлатӣ нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати идоракунии давлатиро аз рӯи параметрҳои зерин дар бар мегирад:

- андешаи аҳолӣ;
- мавҷудияти ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ;
- мавҷудияти устувории сиёсӣ;
- набудани зӯроварии сиёсӣ, дараҷаи ҷинояткорӣ;
- сифати танзимкунии давлатӣ;
- бартарӣ доштани усулҳои қонунӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ;
- мавҷудияти назорат аз болои коррупсия.

Рейтинги аз ҷониби Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ барои кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё таҳиягардидаро аз рӯи нишондиҳандаи «самаранокии идоракунии давлатӣ» баррасӣ мекунем [169].

**Ҷадвали 5.2. – Мавқеи кишварҳои узви Бонки Рушди АвруОсиё оид ба нишондиҳандаи «самаранокии идоракунии давлатӣ»**

| Кишвар | с.2010 | с.2015 | с.2016 | с.2018 | с.2021 | Тамоюл |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | 108 | 108 | 106 | 105 | 102 | Беҳтаршавӣ |
| Белорус | 186 | 130 | 134 | 127 | 125 | беҳтаршавӣ |
| Қазоқистон | 126 | 104 | 102 | 97 | 96 | Беҳтаршавӣ |
| Қирғизистон | 146 | 171 | 172 | 161 | 149 | Беҳтаршавӣ |

[168] Доклад о мировом развитии «Мышление, общество и поведение» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://openknowledge.worldbank.org, кушода. Санаи муроҷиат 25.04.2021

[169] Официальный сайт Группы Всемирного банка [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://info.worldbank.org/governance/wgi/#home, кушода. Санаи муроҷиат 13.10.2020

*Идомаи ҷадвали 5.2.*

| Кишвар | с.2010 | с.2015 | с.2016 | с.2018 | с.2021 | Тамоюл |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Россия | 127 | 111 | 117 | 104 | 103 | Беҳтаршавӣ |
| Тоҷикистон | 188 | 185 | 181 | 180 | 174 | Беҳтаршавӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар байни кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё дар соли 2021 Қазоқистон мақоми баландтаринро (ҷойи 96-ум)-ро ишғол мекунад. Дар давраи солҳои 2010-2021 ин кишвар дар рейтинг аз ҷойи 126 то ба ҷойи 96 боло рафт, яъне тамоюли устувори беҳтаршавии самаранокии идоракунии давлатӣ мушоҳида карда мешавад. Баъдан Арманистон дар (ҷойи 102), Россия (ҷойи 103), Белорус (ҷои 125), Қирғизистон (ҷойи 149), Тоҷикистон (ҷойи 174) қарор доранд. Сарфи назар аз рейтинги паст дар муқоиса бо кишварҳои мутараққӣ дар ҳамаи кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё тамоюли беҳтар шудани самаранокии идоракунии давлатӣ ба назар мерасад. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2015-2018 пастравии ин рейтинг мушоҳида гардид, аммо дар соли 2021 тамоюли беҳтаршавӣ ба миён омад.

Самаранокии идоракунии давлатӣ ба чунин институти ғайрирасмӣ, ба мисли иқтисодиёти ғайриқонунӣ (теневая экономика) вобастагии зич дорад. Зери мафҳуми иқтисодиёти ғайрирасмӣ фаъолияти иқтисодӣ ва гирифтани даромад аз он фаҳмида мешавад, ки он аз танзими давлатӣ, андозбандӣ ва назорат канорагирӣ меҷӯяд[170].

Ҳукумат метавонад ҳаҷми иқтисоди ғайрирасмиро дар кишвар, бо роҳи кам кардани сарбории андозҳо ё баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ коҳиш диҳад.

Дараҷаи баланди иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ ба иқтисодиёт бинобар сабаби хавфи баланд барои сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Иқтисодиёти ғайрирасмӣ омили муҳимест, ки муҳити номусоиди

[170] Smith, Ph. Assessing the Size of the Underground Economy: The Canadian Statistical Perspectives [Text] / Ph. Smith // Canadian Economic Observer. – 1994. – №28. – May.

сармоягузориро ба вуҷуд меорад ва дар маҷмуъ ҷолибияти сармоягузории кишварро коҳиш медиҳад. Тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ маълумот дар бораи вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ, оид ба ҳаҷми бозори сиёҳ (теневой рынок) босуръат дар саросари ҷаҳон паҳн мешавад.

Дар сохтори иқтисодиёти ғайрирасмӣ даромадҳои коррупсионӣ ҷойи муайянкунандаро ишғол мекунанд.

Шохиси дарки коррупсия барои кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё[171], ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ҳисоб карда шудааст, аз ҷониби муаллиф дар ҷадвали 5.3. ҷамъбаст карда шудааст.

**Ҷадвали 5.3. – Шохиси дарки коррупсия барои кишварҳо- аъзои Бонки Рушди АвруОсиё**

| **Номи кишвар** | **с.2014** | **с.2015** | **с.2016** | **с.2017** | **с.2018** | **с.2019** | **с.2020** | **с.2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | 34 | 36 | 38 | 35 | 35 | 35 | 42 | 42 |
| Белорус | 47 | 47 | 45 | 45 | 45 | 44 | 45 | 45 |
| Қазоқистон | 41 | 38 | 37 | 37 | 37 | 31 | 34 | 33 |
| Қирғизистон | 34 | 28 | 29 | 28 | 26 | 29 | 30 | 31 |
| Россия | 28 | 27 | 29 | 29 | 29 | 28 | 28 | 30 |
| Тоҷикистон | 31 | 30 | 31 | 31 | 27 | 25 | 25 | 24 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тафсири шохиси дарки коррупсия: 100 хол – пасттарин сатҳи коррупсия, 0 – баландтарин сатҳи коррупсия.

Дар расми 5.1. динамикаи шохиси дарки коррупсияи кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё дар солҳои 2014-2021 оварда шудааст.

[171] Рейтинг стран по уровню коррупции [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://take-profit.org/statistics/corruption-index/, кушода. Санаи муроҷиат 23.11.2020




**Расми 5.1. – Динамикаи шохиси дарки коррупсияи кишварҳои Бонки Рушди АвруОсиё дар солҳои 2013-2020**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Расми 5.1.-ро таҳлил намуда, қайд намудан зарур аст, ки сатҳи пасттарини коррупсия дар Белорус ҷой дорад. Қазоқистон ва Арманистон тамоюли ноустувори рушди шохиси дарки коррупсияро доранд. Аз рӯи ақидаи коршиносони байналмиллалӣ Қирғизистон, Тоҷикистон ва Россия дар байни кишварҳои Бонки Рушди Авруосиё, сатҳи баланди коррупсияро доро мебошанд.

Дар Тоҷикистон институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд, ки мақсадашон мубориза бар зидди коррупсия ва иқтисодиёти ғайрирасмӣ мебошад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис дода шуд, ки ваколатҳои васеъ оид ба фош кардани ришваҳӯрон ва ба ҷавобгари кашидани онҳоро (аз ҷумла, ҷиноӣ) дорад, инчунин, барои мубориза бо коррупсия Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” қабул карда шудааст.

Ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегияи мазкур ба чунин натичаҳо оварда мерасонад:

- мустаҳкамнамоии минбаъдии суботи ичтимоию иктисодӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон;

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ;

- афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимияти давлатӣ;

- густариши муколамаи байни ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон ва сохторҳои давлатӣ;

- фаъолнокии минбаъдии амалҳои зидди коррупсионӣ;

- пай дар пай коҳиш додани миқёси иктисодиёти ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ;

- афзуншавии фаъолнокии ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди коррупсия;

- фароҳам овардани заминаҳо барои рушди иқтисодиёт ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;

- тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ бар зидди коррупсия;

- мустаҳкам намудани нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ.

Амнияти сармоягузорӣ аз қобилияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар доираи қонунгузории мавҷудбуда вобаста буда, ба равандҳои сармоягузории дар давлат ба вуқӯъ пайвастаистода ва ба рушди устувори низоми иктисоди миллӣ мустақиман таъсир мерасонад.

Чӣ қадаре ки фаъолияти институтҳои ба таркиби инфрасохтор воридшаванда беҳтар бошанд, ҳамон қадар тезтар ҳаракати сармоягузориҳои шаклу сатҳҳои гуногун ба амал баровварда мешавад.

Инфрасохтори сармоягузорӣ бо мавҷудияти унсурҳои зерин тавсиф мешавад (расми 5.2.).

К. Маркс ва Ф. Энгелс қайд намудаанд, ки муносибати моликият тартиби аз ҷониби субъектҳо ба даст овардани манфиатро аз неъматҳои

иқтисодӣ, тавассути низоми ваколатҳои маҳдуд танзим менамояд, ки аз тарафи ҷамъият ва давлат иҷозат дода шудааст,[172].




**Расми 5.2. – Таркиби инфрасохтори сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ба давлат механизми иқтисодие лозим аст, ки таъсири шаклҳои гуногуни моликиятро ба воситаи механизмҳои ҳуқуқию иқтисодӣ танзим кунад. Институти моликияти хусусӣ дар иқтисоди бозорӣ, омили рушди ҷараёни сармоягузорӣ мебошад, зеро мақсади субъектҳои иқтисодӣ - азхудкунии хусусии даромад мебошанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ намудҳои гуногуни моликият хос аст (расми 5.3.).




**Расми 5.3. – Сохтори моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

[172] Маркс, К. Сочинения [Текст]: в 30 т. / К. Маркс, Ф. Энгельс. – 2-еизд. – М.: Госполитиздат, 1960. – Т.16. – С.26.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузории воситаҳои молиявӣ ба фондҳои асосӣ (биноҳо, иншоотҳо, таҷҳизоти истеҳсолӣ, ки қисми асосии онҳо айни замон моликияти хусусӣ мебошад), равона карда шудааст.

Чи тавре ки дар боло зикр гардид, вазифаи институти бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ бо таъмин кардани соҳибони корхонаҳо бо қарзҳо ва кредитҳо алокаманд буда, бо ҳамин дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ иштирок мекунад ва ҳамчун омили инкишофи раванди сармоягузорӣ баромад мекунад. Бонкҳо ҳаҷми зиёди маблағҳои пулиро ҷамъ мекунанд ва азнавтақсимнамоии онҳоро ҳамчун захираи сармоягузорӣ, ба лоиҳаҳои калон сармоягузорӣ намуда, амалӣ мекунанд.

Сарчашмаи асосии молиявии сармоягузорӣ пасандозҳои умумӣ (миллӣ) мебошанд, ки ҳамчун қисми даромади дар ихтиёрбуда баромад карда, барои истеъмоли ниҳоии молу хизматҳо сарф нашудааст.




**Расми 5.4. – Ҳаҷми пасандозҳои бонкҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Бо вуҷуди мавҷудияти ҳаҷми зиёди маблағҳои амонатӣ дар бонкҳои Тоҷикистон, танҳо як қисми ками ин маблағҳо ба сармоягузориҳои дохилӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар табдил меёбанд. Ин раванд аз сабаби мавҷуд набудани низоми муътадили ҳамкории мутақобила дар бозори молиявӣ халалдор мешавад.

Дар бозори молиявӣ ду бахш (сегмент)-ро ҷудо мекунанд, ки аз ҳамдигар бо тарзи табдилдиҳии пасандозҳо ба сармоягузорӣ фарқ мекунанд. Бахшии аввал бозори қарзиро дар бар мегирад. Ҳисобу китоби иқтисоддонҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ба сармоя табдилдиҳии заиф (капитализатсия) хос аст: маблағҳои бонк танҳо ба қарздиҳии фаъолияти ҷории истеҳсолӣ ва сармоягузориҳои хурд кофӣ мебошад.

Бо далели суст будани ба сармоятабдилдиҳӣ, бисёре аз бонкҳои Тоҷикистон наметавонанд, ба лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар истеҳсолоти илмталаб ва соҳаҳои комплекси энергетикӣ қарз диҳанд.

Бахши дуюм аз бозори коғазҳои қиматнок иборат аст. Азнавтақсимкунии сармояи инвеститсионӣ тавассути барориш ва фурӯши коғазҳои қиматнок ба амал меояд.

Давлат ба раванди сармоягузорӣ таъсири мустақим дорад:

– ба сифати сарчашмаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти агентҳои иктисодиро танзим мекунанд;

– ҳамчун субъекти сармоягузориҳои мустақимии дохилӣ, субвенсияҳо, грантҳо, трансфертҳо.

Барои танзимнамоии ғайримустақими давлатӣ усулҳо ва фишангҳои гуногуни таъсиррасонӣ истифода мешаванд: сиёсати андозӣ ва истеҳлок, тадбирҳо оид ба ҳифзи сармоягузорон ва сиёсат нисбат ба сармоягузориҳои хориҷӣ.




**Расми 5.5. - Омилҳои шаклдигаркуниҳои (деформатсияи) институтсионалӣ, ки ба ҷалби сармоя монеъ мешаванд.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавӣ имкониятҳои навро ба иштирокчиёни иттиҳоди ҷаҳонӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии худ фароҳам меорад, вале дар баробари ин боиси афзоиши хавфҳо ва таҳдидҳои беруна барои фаъолияти иқтисодиёти миллӣ мегардад.

Омили асосии институтсионалии дохилӣ барои таъмини амнияти сармоягузорӣ давлат мебошад: дараҷаи демократӣ будани он, сатҳи коррупсия ва иқтисодиёти ғайрирасмӣ, танзими ҳуқуқии масъалаҳои моликият, фаъолияти институтҳои молиявӣ, миқдор ва сифати меъёрҳои ҳуқуқие, ки раванди сармоягузориҳоро танзим мекунанд.

Миқдори кофии далелҳои назариявӣ мавҷуд аст, ки омилҳои институтсионалӣ ба воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъсир мерасонанд. Иктисодчиёни рус И. Драпкин, О.С. Мариев ва А. Галенкова дар тадқиқоти худ исбот кардаанд, ки ниҳодҳои давлат метавонанд ба бисёр нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушд, аз ҷумла, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ тавассути таъсири омилҳои гуногуни манфӣ, ки зуҳури онҳо дар муҳити ғайришаффофи институтсионалӣ хос аст, таъсири манфӣ расонанд[173]. Хусусияти муҳими ин раванд гуногунрангии кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо мебошад.

Дар ин тадқиқот муаллиф омӯзиши таъсири омилҳои институтсионалиро ба воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба амал баровардааст. Барои арзёбии сатҳи рушди институтсионалӣ дар кишвар чунин омилҳо, ба мисли шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ин нишондиҳандаҳоро муҳаққиқон якҷоя истифода накардаанд, аммо бартарии онҳо муқоисаи байналмилалӣ ва на ин ки ҷой надоштани мутобиқат дар ҷузъҳои ба таркиби онҳо воридшаванда мебошад, ки ба муаллиф имкон медиҳад нисбатан пурра муҳити институтсионалии давлатро ҳангоми дар як вақт истифода кардани онҳо тавсиф намояд.

---

[173] Драпкин, И.М. Институциональные факторы активизации привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику развивающихся стран [Текст] / И.М. Драпкин, О.С. Мариев, А.Д. Галенкова // Экономика региона. – 2019. – Т.15. – Вып.3. – С.952.

Дар асоси маълумоти махзани International Country Risk Guide, олимони хориҷӣ Ф.Алӣ, Н.Фис ва Р.Макдоналд бо истифода аз маълумотҳои таҷрибавӣ исбот карданд, ки вазъи муассисаҳо омили устувори пешгӯии воридшавии СМХ мебошад[174].

Дар ҷадвали 5.4. ҷузъҳои таркибии ҷамъбастии шохисҳои институтсионалӣ пешниҳод шудаанд.

**Ҷадвали 5.4. - Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии шохисҳои институтсионалӣ**

| Номгӯи шохисҳои ҷамъбастиии нститутсионалӣ | Нишондиҳандаҳои ба таркиби шохис воридшаванда |
|---|---|
| Шохиси озодии иқтисодӣ | 1. Дараҷаи таъмини ҳуқуқи моликият<br>2. Дараҷаи озодӣ аз коррупсия<br>3. Сатҳи озодии фискалӣ<br>4. Иштироки давлат<br>5. Озодии соҳибкорӣ<br>6. Дараҷаи озодии меҳнат<br>7. Дараҷаи озодии пулӣ<br>8. Дараҷаи озодии сармоягузорӣ<br>9. Дараҷаи озодии молиявӣ |
| Шохиси заифии давлатӣ | 1. Дараҷаи фишори демографӣ<br>2. Мавҷудияти гурезаҳо ва муҳоҷирони дохилӣ<br>3. Дараҷаи норозигии гуруҳӣ<br>4. Фирори одамон аз мамлакат<br>5. Сатҳи нобаробарии рушд<br>6. Сатҳи камбизоатӣ ва таназзули иқтисодӣ<br>7. Дараҷаи қонунии давлат<br>8. Сатҳи хизматрасониҳои ҷамъиятӣ<br>9. Сатҳи ҳуқуқҳои инсон<br>10. Вазъи мақомоти амниятӣ<br>11. Мавҷудияти элитаи ба фраксия ҷудошуда<br>12. Мавҷудияти дахолати беруна |
| Шохиси суботи сиёсӣ ва набудани хушунат | 1.Баназаргирии ақидаи аҳолӣ ва ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ<br>2. Суботи сиёсӣ ва набудани хушунат<br>3.Самаранокии фаъолияти ҳукумат<br>4.Сифати қонунгузорӣ<br>5.Волоияти қонун<br>6.Пешгирии коррупсия |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

---

174 Fathi, A.A., Fiess, N., MacDonald, R. Do Institutions Matter for Foreign Direct Investment? [Text] / A.A. Fathi, N. Fiess, R. MacDonald // Open Econ Rev. – 2010. – No 21. – P.215.

Ҷузъҳои шохисҳои дар ҷадвали 5.4. овардашуда, ба якдигар намегузаранд, балки дутарафа ҳамдигарро пурра карда, ҷанбаҳои гуногуни рушди институтсионалиро тавсиф мекунанд ва мувофиқан мо метавонем ин нишондиҳандаҳоро дар як вақт дар ҳисоби маълумоти шохис бидуни пайдоиши коррелятсияи қавӣ байни омилҳо (мултиколлинеарӣ) истифода барем.

Шохиси озодии иқтисодӣ – ин шохиси ҳарсола ва рейтинге мебошад, ки соли 1995 аз ҷониби The Heritage Foundation ва The Wall Street Journal барои ҳисоб кардани дараҷаи озодии иқтисодӣ дар кишварҳои ҷаҳон таҳия шудааст. Аз рӯи ин методика озодии иқтисодиро дар асоси 10 омили миқдорӣ ва сифатӣ ҳисоб мекунанд, ки ба чор категорияи васеи озодии иқтисодӣ гуруҳбандӣ шудаанд (расми 5.6.).




**Расми 5.6. – Категорияҳои озодии иқтисодӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳар яке аз даҳ озодиҳои иқтисодӣ дар категорияҳои дар расми 5.6. нишон додашуда, аз рӯи ҷадвали аз 0 то 100 баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳама ҷузъҳои озодии иқтисодӣ вазни якхела доранд. Баҳои умумии кишвар

ҳамчун аҳамияти баҳои миёнаи арифметикӣ аз рӯи ҳар як даҳ озодии иқтисодии ҷудокардашуда, баромад мекунад.

**Ҷадвали 5.5. – Динамикаи шохиси озодии иқтисодӣ дар кишварҳои – иштирокчиёни Бонки рушди Авруосиё** [175]

| Номи кишвар | 2019 | Дараҷаи озодӣ | 2020 | Дараҷаи озодӣ | 2021 | Дараҷаи озодӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | 68,7 | Муътадил озод | 67,7 | Муътадил озод | 71,9 | Афзалиятнок озодбуда |
| Белорус | 58,1 | Афзалиятнок озоднабуда | 57,9 | Афзалиятнок озоднабуда | 61,0 | Муътадил озод |
| Қазоқистон | 69,1 | Муътадил озод | 65,4 | Муътадил озод | 71,1 | Афзалиятнок озодбуда |
| Қирғизистон | 62,8 | Муътадил озод | 62,3 | Муътадил озод | 63,7 | Муътадил озод |
| Россия | 58,2 | Афзалиятнок озоднабуда | 58,9 | Афзалиятнок озоднабуда | 61,5 | Мӯътадил озод |
| Тоҷикистон | 58,3 | Афзалиятнок озоднабуда | 55,6 | Афзалиятнок озоднабуда | 55,2 | Афзалиятнок озоднабуда |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҷадвали 5.5. нишон медиҳад, ки баъзе кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё дар давраи солҳои 2019-2021 вазъи худро аз муътадил озод то ба афзалиятнок озод беҳтар карданд (Арманистон, Қазоқистон); Белорус ва Россия аз мақоми «афзалиятнок озоднабуда» ба мақоми «муътадил озод» гузаштанд. Қирғизистон ва Тоҷикистон дар давраи таҳлилшуда як мақом доштанд: Қирғизистон мақоми «муътадил озод» ва Тоҷикистон «афзалиятнок озоднабуда».

[175] Рейтинг стран по уровню экономической свободы [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://nonews.co/directory/lists/countries/economic-freedom, кушода. Санаи муроҷиат 23.11.2020

Ба ақидаи таҳлилгарони Бонки рушди АвруОсиё, беҳтарнамоии шохиси озодии иқтисодӣ дар ин кишварҳо аз ҳисоби беҳтаргардонии вазъи низоми фискалӣ, муносиб кардани сарбории андоз ва афзоиши чунин шохис, ба монанди озодии соҳибкорӣ ба миён омадааст.

Шохиси заифии давлат дар соли 2005 таҳти роҳбарии президенти The Fund for Peace, сиёсатмадор ва коршиноси байналмилалӣ дар соҳаи низоъшиносӣ Полин Ҳ. Бейкер (Pauline H. Baker) таҳия шудааст ва ҳамчун воситаи муқоисавӣ барои арзёбии хавф ва пешгӯии низоъҳои дохилидавлатӣ истифода мегардад.

Арзёбии умумии вазъи кишвар аз ҷониби коршиносон тавассути таҳлили қобилияти панҷ ниҳоди асосии давлатӣ: роҳбарияти сиёсӣ, артиш, низоми ҳифзи ҳуқуқ, низоми судӣ ва хадамоти давлатӣ дар таъмини амнияти давлат ва шаҳрвандони он муайян карда мешавад. Коршиносон тамоми маҷмуи иттилоотро барои ҳар як кишвар таҳлил намуда, шохиси ниҳоиро аз рӯи ҷадвал аз 0 (дараҷаи баландтарини субот – пасттарин хавфҳо ва таҳдидҳо) то 10 (дараҷаи камтарин субот – хавфҳо ва таҳдидҳо) бо истифода аз ҳиссаи даҳяк ҳисоб мекунанд. Натиҷаи умумӣ, ки ҳангоми ҷамъбасти ҳамаи нишондиҳандаҳо ба даст меояд, дар тартиб додани рейтинг ҳалкунанда мебошад.

Ҳамаи давлатҳо дар рейтинг ба чор гуруҳ аз рӯи сатҳи устуворӣ тақсим мешаванд:

1. Дараҷаи бухронӣ (сатҳи баланди хавф);
2. Дараҷаи хатарангези хавфҳо (сатҳи хавфҳо аз миёна баланд);
3. Дараҷаи пасти хавф;
4. Дараҷаи баланди устуворӣ (ҷой надоштани хавфҳо).

Аҳамияти омӯзиши ин шохис аз он иборат аст, ки давлатҳои ноором на танҳо хатар барои кишварҳо ва минтақаҳои ҳаммарз, балки хатар барои муҳити зист дар робита бо мавҷуд будани коррелятсияи қавӣ байни устувории суботи давлат ва устувории низоми муҳити зист дар қаламрави он мебошанд.

**Ҷадвали 5.6. – Динамикаи шохиси заифии давлат дар байни кишварҳо-узвҳои Бонки рушди АвруОсиё**

| Номи кишвар | 2019 | Сатҳи ноустуворӣ | 2020 | Сатҳи ноустуворӣ | 2021 | Сатҳи ноусту-ворӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | 69,5 | Дараҷаи хатарнок | 66,7 | Дараҷаи хатарнок | 64,2 | Дараҷаи хатарнок |
| Белорус | 70,5 | Дараҷаи хатарнок | 68,2 | Дараҷаи хатарнок | 65,8 | Дараҷаи хатарнок |
| Қазоқистон | 63,4 | Дараҷаи хатарнок | 61,6 | Дараҷаи хатарнок | 58,9 | Сатҳи пасти хавфҳо |
| Қирғизистон | 78,6 | Дараҷаи хатарнок | 76,2 | Дараҷаи хатарнок | 73,9 | Дараҷаи хатарнок |
| Россия | 77,2 | Дараҷаи хатарнок | 74,7 | Дараҷаи хатарнок | 72,6 | Дараҷаи хатарнок |
| Тоҷикистон | 79,5 | Дараҷаи хатарнок | 77,7 | Дараҷаи хатарнок | 75,5 | Дараҷаи хатарнок |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Рейтинги заифии давлатҳои ҷаҳон https://nonews.co/directory/lists/countries/fragile-states-index

Маълумоти ҷадвали 5.6. нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тамоюли беҳтаршавии сатҳи ноустувории кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё дар солҳои 2019-2021, ба аксарияти онҳо дараҷаи хатарнок хос мебошад, ки дар он сатҳи хавф барои сармоягузорон аз сатҳи миёна баланд аст. Танҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба ҳолати «сатҳи пасти хавф» расид.

Шохиси суботи сиёсӣ ва ҷой надоштани хушунат яке аз шаш нишондиҳандаҳои лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ барои арзёбии сифати идоракунии давлатӣ мебошад. Дар ин ҳол шохис дар асоси чор самти таҳлил сохта шудааст: қобилияти давлат барои иҷрои барномаҳои эълоншуда ва нигоҳ доштани ҳокимияти худ; дараҷаи хушунати сиёсӣ ва таъсири он ба идоракунии давлатӣ; низои беруна ҳамчун хавф барои гуруҳи ҳукмрон ва воридшавии сармояҳо; ихтилофҳои байни қабилаҳо, миллатҳо ва байни қавмҳои гуногунзабон.

Барои ҳар яке аз шаш нишондиҳандаи шохиси устувории сиёсӣ дар ҷадвал рейтинг пешниҳод шудааст - аз 0 то 100. Чи қадаре ки рейтинги аз рӯи ин ё он нишондиҳанда паст бошад, ҳамон қадар сифати идоракунии давлатӣ бадтар мебошад[176].

**Ҷадвали 5.7. – Шохиси устувории сиёсии кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё**

| Номи кишвар | Ҷой дар рейтинги байналмиллалӣ | Ҳисоби ақидаҳои аҳолӣ ва макомотҳои давлатии ҳисоботдиҳанда | Устувории сиёсӣ ва набудани хушунат | Самаранокии фаъолияти ҳукумат | Сифати қонунгузорӣ | Волояти қонун | Боздоштани коррупсия |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Арманистон | 91 | 29,3 | 49,7 | 57,9 | 58,8 | 45,0 | 39,7 |
| Белорус | 176 | 5,6 | 46,4 | 17,2 | 14,3 | 20,3 | 37,3 |
| Қазоқистон | 138 | 14,2 | 34,6 | 35,4 | 36,8 | 30,8 | 20,1 |
| Қирғизистон | 152 | 30,3 | 19,4 | 28,7 | 41,6 | 12,8 | 11,4 |
| Россия | 122 | 18,9 | 22,2 | 43,1 | 37,3 | 24,6 | 16,7 |
| Тоҷикистон | 181 | 7,1 | 14,6 | 14,8 | 14,8 | 9,9 | 10,1 |

**Сарчашма:** сомонаи https://nonews.co/directory/lists/countries/governance-indicators

Тибқи рейтинги байналмилалии суботи сиёсӣ, дар байни кишварҳои Бонки рушди Авруосиё беҳтарин мавқеъро Арманистон (дар рейтинг дар ҷои 91-ум), баъдан Россия ва Қазоқистон ишғол кардаанд. Ноустувортарин давлатҳо дар ин самт дар байни кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё Белорус ва Тоҷикистон мебошанд.

Нишондиҳандае, ки сифати қонунгузориро тавсиф мекунад, дар Арманистон арзиши беҳтарин ва дар Белорусия бадтаринро доро мебошад.

Нишондиҳандаи волояти қонун баландтарин дар Арманистон ва пасттарин дар Тоҷикистон аст.

---

[176] Рейтинг стран по индексу политической стабильности [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://nonews.co/directory/lists/countries/governance-indicators, кушода. Санаи мурочиат 16.05.2021




**Расми 5.7. - Шохиси устувории сиёсии кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз рӯи нишондиҳандаи пешгирии коррупсия Арманистон пешсаф мебошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон бошанд, аз ҳама нишондиҳандаҳои пасттарин доранд.

Аз рӯи шохисҳои таҳлилшуда метавон хулоса кард, ки сатҳи рушди институтсионалӣ дар байни кишварҳои узви Бонки Рушди Авруосиё хеле паст аст. Тоҷикистон низ бо сатҳи пасти рушди институтсионалӣ тавсиф меёбад.

Ташаккул, фаъолият ва рушди институтҳо тафовути ҷиддиро дар нишондиҳандаҳои иқтисодии кишварҳо ба вуҷуд меорад. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ, одатан бо сифати пасти муҳити институтсионалӣ тавсиф мешаванд ва сармоягузории истеҳсолӣ ва ҳифзи ҳуқуқи моликиятро дастгирӣ намекунанд.

Коҳишёбии воруди СМХ дарҳол ба вуқуъ меояд, вақте ки қоидаҳои ояндаи номаълуми бозӣ нигарониҳои сармоягузоронро дар бораи нигоҳ доштани иқтидори истеҳсолии иқтисодиёт ба миён меорад. Шароит барои

коҳиш додани воридоти СМХ метавонад дар натиҷаи бадшавии институтсионалӣ ва танзими аз ҳад зиёди давлатӣ ба вуҷуд ояд.

Мо модели эконометрикиро таҳия кардем, ки он вобастагии ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро аз сатҳи рушди институтсионалии кишвар тавсиф мекунад ва дар он мавҷудияти робитаи коррелятсионии байни сатҳи СМХ, шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлат таҳқиқ мегардад.

Барои таҳияи модели эконометрикӣ бо асоснок ва бедигаруншавии арзёбӣ бояд ба он тағйирёбандаҳои назоратӣ ворид карда шаванд, ки онҳо омилҳои асосии таъсиркунанда ба воридшавии СМХ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошанд.

Дар ин маврид ба онҳо метавон нишондиҳандаҳои зеринро мансуб донист: суръати афзоиши маҳсулоти умумии дохилӣ, суръати беқурбшавӣ. Ворид намудани танҳо ин омилҳо ба натиҷаҳои мусбии истифодаи онҳо дар моделҳои эмпирикӣ барои арзёбии омилҳои ҷалби СМХ вобаста аст.

**Ҷадвали 5.8. – Маълумотҳо барои модели эконометрикӣ**

| Параметри модели эконометрикӣ | Нишондиҳанда | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У – нишондиҳандаи натиҷадиҳанда | Ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ, млн. | 377,3 | 470,8 | 434,3 | 354,4 | 348,3 | 331,2 | 192,7 | 196,1 |
| Омиле, ки аз нишондиҳандаи натиҷадиҳандаи **X1** вобаста аст. | Шохиси озодии иқтисодӣ | 52,6 | 51,4 | 51,2 | 51,3 | 58,3 | 55,6 | 55,2 | 55,1 |
| Омиле, ки аз нишондиҳандаи натиҷадиҳандаи **X2** вобаста ас.т | Шохиси заифии давлат | 85,2 | 84,6 | 83,8 | 81,2 | 79,5 | 77,7 | 75,5 | 76,1 |
| Омиле, ки аз нишондиҳандаи натиҷадиҳандаи **X3** вобаста аст. | Суръати афзоиши ММД, % | 6,7 | 6,0 | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 | 4,5 | 8,6 |
| Омиле, ки аз нишондиҳандаи натиҷадиҳандаи X4 вобаста аст. | Сатҳи таваррум, % | 6,1 | 5,8 | 5,9 | 7,3 | 3,8 | 7,8 | 8,6 | 8,9 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Таҳлили коррелятсионии ин модели эконометрикиро анҷом медиҳем. Ҳисобкунӣ бо истифода аз барномаи Stata14 (расми 5.8.) ба амал баровварда мешавад.

```
reg var1 var2 var3 var4 var5
```

| Source | SS | df | MS | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Number of obs | = | 7 |
| | | | | F(4, 2) | = | 3.14 |
| Model | 40595.1821 | 4 | 10148.7955 | Prob > F | = | 0.2561 |
| Residual | 6470.92779 | 2 | 3235.46389 | R-squared | = | 0.8625 |
| | | | | Adj R-squared | = | 0.5875 |
| Total | 47066.1099 | 6 | 7844.35165 | Root MSE | = | 56.881 |

| var1 | Coef. | Std. Err. | t | P>\|t\| | [95% Conf. | Interval] |
|---|---|---|---|---|---|---|
| var2 | 5.92794 | 22.72265 | 0.70 | 0.556 | 113.6956 | 81.83975 |
| var3 | 5.596006 | 19.19422 | 0.29 | 0.798 | -76.99005 | 88.18206 |
| var4 | 21.27768 | 25.63474 | 0.83 | 0.494 | -89.01968 | 131.575 |
| var5 | - 5.2467 | 32.93119 | -0.77 | 0.523 | -166.9382 | 116.4447 |
| _cons | 782.8774 | 2893.461 | 0.27 | 0.812 | -11666.68 | 13232.44 |

**Расми 5.8. – Натиҷаҳои ҳисобу китоб бо барномаи Stata 14.**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар рафти моделсозии эконометрикӣ расмиёти стандартӣ гузаронида шуданд: истисно кардани тағйирёбандаҳои ночиз: суръати афзоиши ММД (омили Х3). Дар натиҷаи ҳисобҳои модели эконометрикӣ муодилаи регрессивии сершумор ба даст омад:

$$У= 5{,}93x1-5{,}59x2-5{,}24x4 \qquad (6)$$

Омилҳои ба нишондиҳандаи натиҷадиҳанда таъсиррасонро шарҳ медиҳем:

- ҳангоми баландшавии шохиси озодии иқтисодӣ ба 1 воҳид, сатҳи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 5,93 млн. доллар меафзояд;

- ҳангоми пастшавии шохиси заифии давлат ба 1 воҳид, сатҳи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 5,59 млн. доллар меафзояд;

- ҳангоми пастшавии сатҳи таваррум ба 1% сатҳи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 5,24 млн. доллар меафзояд.

Натиҷаҳои бадастомада дар бораи ба таври назаррас таъсир кардани баландшавии шохиси озодии иқтисодӣ, коҳиши шохиси заифии давлат ва

коҳиши сатҳи таваррум дар ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷии ҷалбшуда шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҳисоби гузаронидаи модели эконометрикии муаллифи диссертатсия нишон медиҳад, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба кишвар ба ғайр аз шароити мусоиди иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди институтсионалӣ зарур аст. Чунин шароит хусусан муҳим мебошад, чунки новобаста ба рушди содирот ва нигаронида шудани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба содирот дар маҷмуъ, ҷумҳурӣ дар мубориза барои ҷалби сармоягузор бой дода истодааст.

Ин вазъиятро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳое, ки дар модели эконометрикии ҳисобкардаи муаллиф муҳим мебошанд, Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои узви Бонки рушди АвруОсиё мавқеи пастро ишғол мекунад. Масалан, оид ба устувории сиёсӣ Тоҷикистон дар байни 212 кишвар ҷойи 181-умро дар рейтинг ишғол менамояд.

Тадқиқоти гузаронидаи мо мавҷудияти робитаи байни сатҳи рушди институтсионалии мамлакат барои ҷалби сармояҳо, шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлатро тасдиқ менамояд, аз ин рӯ, муҳити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳот аз рӯи чунин самтҳо ниёз дорад:

- афзоиши шохиси озодии иқтисодӣ коҳиш ёфтани монеаҳои бюрократиро (махсусан дар сатҳи минтақавӣ) дар назар дорад, ки ҳангоми иҷораи замин, амволи ғайриманқул барои сармоягузорони хориҷӣ, кам шудани иштироки давлат дар танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба амал меоянд;

- соддагардонии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳои ба расмият даровардашаванда ҳангоми иҷрои амалиёти содиротӣ ва воридотӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти барои паст кардани сатҳи заифии давлат зарурӣ, ки дар байни онҳо вазифаҳои аввалиндарача рушди ҳамгироии ичтимоӣ, таҳкими субот ва самаранокии фаъолияти ҳукумат, мубориза бо коррупсия ва таъмини волоияти қонун мебошанд.

Самтҳои мубрами рушди муҳити институтсионалӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин инҳоянд: пурзӯр кардани ҳимояи ҳуқуқи моликият (аз ҷумла моликияти зеҳнӣ), такмили қонунгузории сармоягузорӣ, баланд бардоштани шаффофияти низоми судӣ, соддагардонии низоми андоз.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои моделсозии эконометрии аз ҷониби муаллиф ба даст овардашуда, нишон медиҳад, ки омилҳои то ҳадди аксар васеъ фарогирандаи тамоми маҷмуи институтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлат мебошанд, ки дар амалияи ҷаҳонӣ васеъ истифода мешаванд, зеро онҳо маҷмуи нишондиҳандаҳои дар алоқамандии мутақобилбудаи ба ҷанбаҳои гуногуни рушди институтсионалии кишвар дахлдоштаро дарбар мегиранд, ки имиҷи ҷолибияти сармоягузории кишварро муайян мекунад.

Агар афзоиши шохиси озодии иқтисодӣ дар сохаи сиёсате, ки барои фаъолияти фоиданоки сармоягузорони байналхалкӣ заруранд, метавонад ба сармоягузорони хориҷӣ дар бораи имкониятҳои эҳтимолии бозорҳои рушдёбанда тасаввурот диҳад ва тағйироти манфӣ дар шохис метавонад як огоҳи (сигнал) барои сармоягузорон барои коҳиш додани таъсири мустақим ва ғайримустақими онҳо ба кишварҳои дар таназзул қарордошта бошад, пас тағирёбии нишондиҳандаҳои заифии давлат ва сатҳи таваррум метавонад аз имиҷи афзояндаи ҷалби сармоягузории кишвар шаҳодат диҳад.

Муқоисаи шохиси заифии давлат дар байни кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё муайян кард, ки сатҳи заифии давлат ва рушди институтсионалӣ дар байни кишварҳои мавриди омӯзиш қароргирифта нисбатан паст мебошад.

## 5.2 Омилҳои институтсионалии берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ

Дар замони ҷаҳонишавӣ ягон мамлакат наметавонад афзалияти иштироки кишварро дар ҳаракати байналмиллалии сармоя ва истифодаи сармояҳои хориҷӣ инкор кунад. Ташаккули иттифоқҳои ҳамгирой ва иттиҳодияҳо ба омили рушди иқтисодӣ табдил ёфта, имконияти аз ҷониби кишвар гирифтани бартариятҳои калони иқтисодӣ аз истифодаи захираҳо ва гузаронидани дигаргуниҳои сохторӣ гардид.

Зарурияти рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба фазои сармоягузории ҷаҳонӣ мегузорад. Масалан, ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати СҲШ ба рушди самтҳои нави ояндадори ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва дигар кишварҳое, ки ба ин иттиҳодия шомилбуда, аз ҷумла ба афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз Чин, ки он низ узви ин иттиҳодияи ҳамгирой мебошад, мусоидат намуд. Россия ва Қазоқистон сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дар кишвар ба амал мебароранд (расми 5.9.).




**Расми 5.9. – Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Тоҷикистон аз кишварҳои узви СҲШ дар соли 2021**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Чин дар чаҳорчӯбаи ибтикори байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ» ҳузури сармоягузории худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба далели мавҷудияти нерӯи барқи арзон дар Тоҷикистон, миқдори зиёди канданиҳои фоиданок ва захираҳои табиие, ки барои рушди минбаъдаи иктисодиёти Чин заруранд, афзоиш медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) шомил мебошад, ки аз ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ иборат аст: Арманистон, Озарбойҷон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон.

Ба давлатҳои ИДМ қариб 60 фоизи гардиши савдои берунаи ҷумҳурӣ рост меояд. Ҷумҳурӣ инчунин ба узвияти Бонки ҳамкории Осиёи Марказӣ (БҲОМ) дохил шуд. Тибқи номгӯи вазифаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ Бонки ҳамкории Осиёи Марказӣ барои сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқии хурд дар иттиҳодияи истеҳсолии «Востокредмет» маблағгузорӣ намуда, ҷиҳати таҷдиди корхонаи намаки Восеъ ва корхонаи истеҳсоли коагулянтҳо барои тоза кардани оби нӯшокӣ сармоягузорӣ кард ва инчунин, барои истеҳсоли нуриҳои фосфатӣ дар заминаи кони Равот маблағгузорӣ намуд.

Ҳамкории сармоягузории кишварҳои ИДМ ба устуворӣ ва рушди иқтисодиёти ҳар кадоми онҳо мусоидат мекунад. Он бе сиёсати мувофиқашуда - Созишномаи дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ муваффақ шуда наметавонад. Дар доираи созишнома Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон муҳим аст, ки ба фароҳам овардани фазои умумии сармоягузории кафолатнок, имкони озодона ҷалб кардани сармоя ва таъмини ҳуқуқи сармоягузороне, ки ба иқтисодиёти кишварҳои узви ИДМ сармоягузорӣ мекунанд, нигаронида шудааст.

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИА) - ин созмони байналмилалӣ ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мебошад. Ҳадафи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё рушди иқтисодии кишварҳои узв, азнавсозӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ин давлатҳо дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Таҳлилгарони Бонки рушди АвруОсиё самараи иқтисодии вуруди эҳтимолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳайати Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё арзёбӣ карданд. Дар айни замон иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сохтори худ наздик ва майл ба ҳамгироии серҳаракат ба иқтисодиёти кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дорад.

Потенсиали сармоягузории Тоҷикистон хеле баланд аст, таҳлили омилҳои рушд нишон медиҳад, ки дар сурати шомил шудан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё сармоягузориҳои иловагӣ ба иқтисодиёти кишвар бо дарназардошти беҳтарсозии самаранокии истеҳсолот ба афзоиши ММД дар як сол бо рушди 2-2,5% мусоидат мекунанд. Ба андешаи аксари олимоне, ки раванди пешниҳодшудаи ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё меомӯзанд, омилҳои таъсири хеле зиёддошта ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳаҷми ҷалбнамоии сармояи хориҷӣ, беҳтар кардани вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ ва афзоиши гардиши савдо бо иштирокчиёни Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошанд.

Азбаски Тоҷикистон ҳанӯз узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё нест, ҳиссаи он дар ҷузвдони сармоягузории ин иттиҳодияи ҳамгироӣ ночиз ҳамагӣ 0,1% аст (расми 5.10.).




**Расми 5.10. – Тақсимоти портфели сармоягузории ҷорӣ аз рӯи кишварҳо**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ҷузвдони сармоягузории ҷории Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 миллиону 119 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод. Низоми мавҷудбудаи бонкии ҷумҳурӣ бинобар норасоии сармояи худӣ натавонист яке аз вазифаҳои асосии худро вобаста ба қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ба талаботи иқтисодиёти миллӣ иҷро кунад ва аз ин лиҳоз, барои анҷом додани фаъолияти инвеститсионӣ ба Тоҷикистон манбаъҳои берунии маблағгузорӣ зарур аст. Сармоягузорони бузургтарин ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки Осиёии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд мебошанд.

Тоҷикистон кишвари узви Бонки АврuОсиёии Рушд (БАОР) мебошад, ки рисолати он такмил додани равандҳои ҳамгироӣ дар қаламрави кишварҳои узв мебошад.

Узвияти Тоҷикистон ба СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) ба кишвар ҳуқуқ медиҳад, ки ба бозорҳои ғарбӣ бо шартҳои мусоид ворид шавад. Аммо рақобати шадиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла барои ҷалби сармоя вуҷуд дорад.

Бонки Ҷаҳонӣ яке аз созмонҳои асосии молиявии Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Тоҷикистон соли 1993 ба Бонки Ҷаҳонӣ шомил шуд. Ҳадафҳои асосии ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад, ки фаъолияти онҳо сатҳи зиндагии аҳолиро баланд бардошта, ба инкишофи низомҳои нигаҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ қайд шудааст, ки низоми бонкӣ барои устувории макромолиявӣ афзалияти баланд дорад. Мушкилоти бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи пасти қарздиҳӣ, меъёри баланди фоиз ва коҳишёбии сармоягузории хусусӣ алоқаманд аст. Дар айни замон низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти фаврӣ ниёз дорад, зеро номукаммалии он монеа барои сармоягузории бахши хусусӣ, аз ҳисоби

мавҷуд набудани манбаъҳои алтернативии сармоя мебошад [177]. Бонки Ҷаҳонӣ барои кӯмак ба Тоҷикистон дар рафъи чолишҳои дар назди ӯ истода ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷудбуда Стратегияи нави шарикиро барои солҳои 2019-2023 таҳия кард, ки дар доираи он ҳаҷми зерини маблағгузорӣ пешбинӣ мегардад. (ҷадвали 5.9.).

**Ҷадвали 5.9. - Ҳаҷми маблағҳое, ки Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон захира кардааст, млрд. долл. ИМА**

| Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| ББТР | 22,6 | 29,7 | 28,3 | 29,1 | 31,3 |
| АБР | 19,5 | 16,2 | 17,4 | 18,0 | 18,5 |
| КМБ | 11,9 | 11,1 | 11,6 | 11,8 | 13,5 |
| АБКС | 4,8 | 4,3 | 4,5 | 4,9 | 5,0 |
| Ҳамагӣ | 58,8 | 61,3 | 61,8 | 63,8 | 68,3 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сомонаи Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ http://info.worldbank.org/governance/wgi/#home

Зарурати ислоҳоти бахши бонкӣ ҷалби сармояи хориҷиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боз медорад.

Стратегияи шарикӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои зерин равона шудааст (расми 5.11.).




**Расми 5.11. – Ҳадафҳои Стратегияи Чаҳорчӯбаи шарикӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

[177] Официальный сайт Группы Всемирного банка [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://info.worldbank.org/governance/wgi/#home, кушода. Ссанаи мурочиат 13.10.2020

Стратегияи панҷсолаи шарикӣ тавассути талошҳои муштараки се ниҳод, ки ба Гуруҳи Бонки Ҷаҳониро шомил мебошанд - мустақиман Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (IFC) ва Агентии бисёрҷониба оид ба кафолати сармоягузорӣ (АКСБ) дар ҳамоҳангии зич бо шарикони маҳаллӣ ва байналмилалӣ оид ба рушд амалӣ карда мешавад.

Аммо бояд эътироф кард, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мусоидат мекунад, вале ин ҳаҷм барои рушди иқтисодиёти кишвар нокифоя мебошад.

Идора оид ба корҳои иқтисодиёти ИМА бар ин назар аст, ки сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон бо низоми бюрократии фасодзада рӯ ба рӯ ҳастанд. Дар гузорише, ки соли 2020 дар сомонаи Департаменти давлатӣ нашр шуд, омадааст, ки низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ҳуқуқи сармоягузорони хориҷиро манъ ё маҳдуд кардани сармоягузориҳои хориҷӣ маҳдуд намекунад. Аммо барои иҷозат гирифтан ва дарёфт кардани литсензия барои кор, сармоягузори хориҷӣ бояд дар низоми мураккаб, вазнин ва аксаран фасодзадаи бюрократӣ роҳ пайдо намояд[178].

Воқеият ин аст, ки дар байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ кишварҳои донор хеле зиёданд, ки онҳо ба сармоягузорӣ ниёз доранд, назар ба кишварҳое, ки онҳо ин сармояҳоро пешниҳод менамоянд. Бинобар ин барои ҷалби сармоягузорони байналмилалӣ кишвар бояд инфрасохтори мусоиди сармоягузорӣ дошта бошад.

Олими тоҷик Бердиев Р.Б. дар таҳқиқоти худ дар ҳар як низоми иқтисодӣ мавҷуд будани маҷмуи воҳидҳои муайянеро кайд кардааст, ки ба онҳо фаъолияти тамоми низом дар маҷмуъ такя мекунад. Ин воҳидҳо инфрасохтореро ташкил медиҳанд, ки аз ҳолати он рушди ҳамагуна низоми иқтисодӣ умуман ва хусусан раванди сармоягузорӣ вобаста аст[179].

---

178 Официальный сайт государственного департамента США [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.state.gov/, кушода. Санаи муроҷиат 13.10.2020

179 Бердиев, Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дисс… д-ра эконом. наук: 08.00.01 / Бердиев Рузмат Баротович. – Душанбе, 2012 – С.85.

Инфрасохтори институтсионалии раванди сармоягузориро мавриди омӯзиш қарор дода, иқтисодчиён онро дар намуди маҷмуи институтҳое тавсиф мекунанд, ки ба ташаккул, ҳаракат, рушди захираҳои сармоягузорӣ барои гирифтани фоида мусоидат мекунад. Инфрасохтори раванди сармоягузорӣ дар сатҳҳои гуногуни хоҷагидорӣ (давлат, минтақа, корхона) мавҷуд аст.

Барои азнавтақсимкунии самараноки сармояи озод байни иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ, иқтисоддонҳо вуҷуд доштани инфрасохтори пешрафтаи раванди сармоягузориро зарур мешуморанд. Вазифаҳои инфрасохтори раванди сармоягузорӣ дар расми 5.12. нишон дода шудаанд.

| | |
|---|---|
| Функсионалӣ | •Муҳайё кардани шароити мусоид барои пурсамари корхонаҳои сохторташкилкунанда; |
| Ташаккули низом | •Нигоҳ доштани ягонагӣ дар ҳама марҳилаҳои такрористеҳсол;<br>•Барқарорсозии робитаҳои мутақобила дар равани истеҳсолот; |
| Ҷудонашаванда | •Қатънашаванда будани ҷараёнҳои молиявб, иттилоотӣ ва дигар ҷараёнҳои татбиқи раванди сармоягузорӣ; |
| Иттилоотӣ | •Таъмини иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ бо маълумоти зарурӣ; |
| Назоратӣ | •Таъсири заминаи иститутсионалӣ барои татбиқи раванди сармоягузорӣ; |
| Институтсионалӣ | •Ба вуҷуд овардани асосҳо барои маъёрҳо ва қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмие, ки нигоҳдорӣ ваинкишофро дар дохили муассиса имконпазир мегардонанд; |

**Расми 5.12. – Вазифаҳои инфрасохтори раванди сармоягузорӣ**

**Сарчашма * Таҳияи муаллиф**

Ба таркиби инфрасохтор институтҳое дохил мешаванд, ки дар рушди раванди сармоягузорӣ ширкат мекунанд ва инҳо: бонкҳо, ширкатҳои

суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, депозитарийҳо, операторони бозори коғазҳои қиматнок, ширкатҳои консалтингӣ, фирмаҳои арзёбикунанда ва дигарҳо мебошанд.

Барои ҷалби сармояи хориҷӣ қонунгузории суст дар соҳаи ҳуқуқи моликият ва риоя накарданиҳои гуногун ҳангоми иҷрои он монеъ мешавад, зеро барои сармоягузорон омили хеле муҳиме, ки ҷиҳати қабули қарор оид ба сармоягузорӣ таъсирдошта, ҳифзи ҳуқуқи моликият мебошад. Ҳодисаҳои аз ҷониби сармоягузорон аз даст додани маблағҳои молиявӣ ва объектҳои сармоягузорӣ ҷой доранд, ки онро маълумоти омории мурофиаи судӣ тасдиқ мекунад, дар қатори онҳо, даъвоҳо оид ба хариду фурӯши замин, иҷро накардани шартномаҳо ва дигар ӯҳдадориҳо мебошанд ва дар ин робита оид ба номукаммалии институти моликияти хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса баровардан мумкин аст.

Тоҷикистон узви бисёр қарорҳо ё резолютсияҳои судӣ мебошад, бо вуҷуди ин давлат низоми байналмилалии эътирофшуда надорад ва аксар вақт баҳсҳо дар мавриди муқаррар кардани афзалият байни қонунҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба миён меояд. Ин тамоюл хавфи сармоягузорони хориҷиеро, ки хоҳиши ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузориро доранд, афзоиш медиҳад.

Тибқи маълумоти гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ, ки кишварҳои ҷаҳонро аз рӯи нишондиҳандаи «самаранокии идоракунии давлатӣ» меомӯзад, Тоҷикистон дар соли 2018 ҷойи 174-умро ишғол намуд ва ин зинаи пастарин нисбат ба дигар кишварҳои узви БРА мебошад, ки ба далели сатҳи баланди коррупсия ва иқтисодиёти ғайрирасмӣ вобаста медонанд.

Мақсади донорҳои сармоягузории хориҷӣ аз худ намудани бозорҳои нав, тавсеа ва зиёд намудани фурӯш, гирифтани фоида ҳангоми истифодаи захираҳои табиӣ ва меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин дар байни сармоягузорони хориҷӣ ширкатҳо ва иттиҳодияҳои фаромилалӣ зиёданд.

**Ҷадвали 5.10. – Омилҳои ҷалбкунанда ва дуркунандаи сармоягузориҳои хориҷӣ**

| Омилҳои ҷалбкунандаи сармоягузорони хориҷӣ | Омилҳои дуркунандаи сармоягузорони хориҷӣ | Таҳдидҳои беруна ба амнияти сармоягузорӣ |
|---|---|---|
| Қувваи барқи арзон | Сатҳи баланди коррупсия | Глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ |
| Захираҳои сарватҳои табиӣ | Сатҳи пасти ислоҳот | Инкишофи нобаробари мамлакатҳо |
| Миқдори кофии захираҳои меҳнатӣ | Сарбории баланди андоз | Вобастагӣ аз қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ (СУС, СҲШ, ББТР) |
| Сатҳи ҳамгироии иқтисодӣ | Сатҳи пасти озодии иқтисодӣ | Вусъат додани сиёсати иқтисодии мамлакатҳои мутараққӣ дар мубориза барои доираҳои таъсиррасонӣ |
| Иштирок дар иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ | Самаранокии нокифояи идоракунии давлатӣ | Рафтори ба иҷора нигаронидашудаи иттиҳодияҳои фаромилалии ҷаҳонӣ |
| Ноустувории қурби асъор | Самаранокии нокифояи низоми бонкӣ | Мубориза барои дастрасӣ ба сарватҳои табиӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Омилҳои ҷалбкунанда ва дуркунандаи сармояи хориҷиро дар расми 5.13. таҳлил ва ҷамъбаст намуда, муаллиф нақшаи таъсири мутақобилаи омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба амнияти сармоягузорӣ таҳия кардааст.

Механизми таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҷузъро дар бар мегирад:

- механизми ташкилию меъёрӣ ва ҳуқуқӣ;
- механизми молиявию буҷетӣ;
- танзими давлатӣ.

Ин механизми таъминкунандаи амнияти сармоягузории иқтисодиёти кишвар мебошад ва ба таъсири таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ дучор мешавад.




**Расми 5.13. - Нақшаи таъсири мутақобилаи омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ба таҳдидҳои беруна дохил мешаванд: глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди нобаробари кишварҳо, вобастагӣ аз қарорҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, ғасби мамлакатҳои мутараққии саноатӣ, мубориза барои дастрасӣ ба захираҳо, кӯшиши ШФМ ба рафтори ба иҷора нигаронидашуда.

Дар айни замон ШФМ-и давлатӣ бозингарони барҷаста дар бозори ҷаҳонии СМХ мебошанд. Ҳукуматҳои миллӣ аксар вақт фаъолияти сармоягузории ширкатҳои давлатиро дар хориҷа ҳавасманд мекунанд. Тамоюл ба либерализатсия ва хусусигардонӣ дар давоми 30 соли охир бо афзоиши муҳимияти иштироки давлат дар моликияти хориҷӣ якҷоя ба амал меомад; ин барои корхонаҳои давлатӣ комилан мансуб аст, ки онҳо байналмилаликунонии фаъолияти худро вусъат доданд ва ботадриҷ ба бозингарони пешбаранда дар равандҳои сармоягузории байналхалқӣ, яъне ба ШФМ-и мукаммал табдил шуданд.

Бо мурури замон, шумораи ШФМ-и давлатӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ коҳиш ёфт, аммо қудрати бозории онҳо аз ҳисоби қисман муттаҳидшавӣ ва табдилдиҳии онҳо ба пешсафони миллӣ дар як қатор соҳаҳои стратегӣ афзоиш ёфт. Дар ҳоле, ки баъзе корхонаҳои давлатӣ дар бахши захираҳои табиӣ, аз қабили истихроҷи маъдан, нафту газ, ба раванди ҷаҳонишавӣ дар миёнаи асри XX ворид шуданд, дигар корхонаҳои давлатӣ, ки дар бахшҳои технологияҳои баланд махсус гардонида шудаанд, ба монанди энергияи ҳастаӣ, автомобилсозӣ, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, хизматрасониҳо, бо назардошти бонкҳо, нақлиёт ва сохтмон, танҳо ба наздикӣ (дар оғози асри XXI)  ба фаъолияти истеҳсолии фаромарзӣ (вале, на содиротӣ) шуруъ карданд[180].

Дар айни замон, ШФМ-и давлатӣ рушди худро бо баробари ба вуҷуд омадани намудҳои нави моликияти давлатӣ дар шакли фондҳои мустақили некӯаҳволӣ, фондҳои нафақавии давлатӣ ва бонкҳои давлатӣ идома дода истодаанд.

Аммо, дар қатори ҷанбаҳои мусбат дар робита ба ширкати сармояи хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, ин падида оқибатҳои манфии зерин дорад:

---

[180] Волгина, Н.А. Государственные ТНК на мировом рынке прямых иностранных инвестиций: современные тенденции [Текст] / Н.А. Волгина // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия экономика. – 2015. – №1. – С.59.

- тавաччуҳи афзалиятноки сармоягузорони ғарбӣ ба истихроҷ ва содироти захираҳои энергетикӣ ба кам шудани манобеи барқарорнашаванда ва бӯҳрон дар соҳаҳои истихроҷ мусоидат намуд;

- танзими давлатии раванди ҷалби сармояи хориҷӣ суст ба роҳ монда шудааст, назорати қатъии иқтисодӣ аз рӯи фаъолияти як катор корхонаҳои бо сармояи хориҷӣ роҳандозӣ нашудааст;

- маблағгузориҳои сармояи хориҷӣ аксар вақт ҳамчун воситаи ба расмиятдарории «пулҳои ғайриқонунӣ» истифода мешаванд.

Дар байни манфиатҳои содиркунандагон ва воридкунандагони сармоя зиддиятҳои объективӣ мавҷуданд, ки дар шароити нобаробарии иқтисодии шарикон тарафи қавитарро (содиркунандаи сармоя) ба мавқеи афзалиятнок ҳангоми интихоби шартҳои сармоягузорӣ мегузоранд.

Айни замон сармоягузорони хориҷӣ мустақилона самтҳои ҷойгиркунии сармояи худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд. Нақши давлат дар ин масъала нисбатан ғайрифаъол боқӣ мемонад. Аммо норасоии захираҳои сармоягузорӣ зарурати муайян кардани соҳаҳо, истеҳсолот ва намудҳои фаъолияти афзалиятнок ва ба ин соҳаҳо ҷалб кардан, аз ҷумла, сармоягузорони хориҷиро бо фароҳам овардани имтиёзҳои андозӣ ва молиявӣ барои онҳо тақозо мекунад.

Принсипҳои сиёсати сармоягузории давлатӣ бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи захиравӣ ва механизмҳои ташаккулнаёфтаи бозорӣ интихоби самтҳои афзалиятноки сармоягузориро талаб мекунанд, вале дар баробари ин, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дараҷаи назоратпазирии раванди сармоягузориро дар асоси таҳкими асоснокӣ ва пайдарҳамии тадбирҳои таҳияшаванда баланд бардоштан зарур аст. Бо таваҷҷуҳ ба стратегияи сармоягузорӣ дар маҷмӯъ ба гузаронидани маркази вазнинӣ аз сармоягузории давлатӣ ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ, сиёсати давлатии сармоягузорӣ бояд ба дастгирии бахшҳо ва соҳаҳои афзалиятнок нигаронида шуда, низомнок ва мутавозин бошад,

ки ба таъмини амнияти худи сармоягузории хориҷӣ ва дар маҷмуъ раванди сармоягузории кишвар мусоидат мекунад.

Баръакси кишварҳои мутараққӣ, дар бисёре аз кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш то ҳол як қатор маҳдудиятҳое боқӣ мондаанд, ки ба ҳаракати сармоягузориҳои хориҷӣ монеъ мешаванд. Қонунгузории миллии сармоягузорӣ, ки ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодӣ нигаронида шудаанд, маҳдудиятҳоро ба маблағгузории субъектҳои хориҷӣ дар соҳаҳо ва истеҳсолоти муайян, ба баровардани фоида муқаррар намуда, ҳаҷми ниҳоии ҳиссаи иштироки сармоягузорони хориҷиро дар сармояи ширкати миллӣ ва тартиби махсуси иҷозатдиҳиро ба сармоягузорони хориҷӣ ва бақайдгирии онҳо муайян мекунанд.

Ба таҳдидҳои дохилӣ инҳоро нисбат медонанд: сатҳи баланди коррупсия, самаранокии нокифояи идоракунии давлатӣ ва низоми бонкии миллӣ, сарбории баланди андоз ва сатҳи пасти озодии иқтисодӣ.

Механизми таъмини амнияти сармоягузорӣ бояд то ҳадди аксар ин таҳдидҳо ва чолишҳоро камтар намояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи омилҳои беруние, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин боб гузаронида шуд, мо қайд мекунем, ки ба қатори онҳо худи падидаи ҷаҳонишавӣ шомил мешавад, ки рушди нобаробари иқтисодии кишварҳоро тақвият медиҳад ва дар он кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираи таъсир, ба кишварҳои донор бар ивази сармоягузориҳо шартҳои худро мегузоранд. Дар ҷалби сармояҳо низ вобастагӣ аз қарорҳои ташкилотҳои ҳамгироии байналмилалӣ, кӯшишҳои ширкатҳои фаромилалӣ барои ба даст овардани имтиёзҳои гуногун дар робита ба пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ба пешбурди сармоягузориҳои мустақим мавҷудияти омилҳои зерин монеъ мешавад: сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии

иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ, самаранокии нокифояи низоми бонкии кишвар. Сармоягузорони хориҷӣ низ ин омилҳоро меомӯзанд, зеро барои дарёфти сармоягузорӣ байни кишварҳои донор низ мубориза вуҷуд дорад ва мавҷудияти ин омилҳо хавфи фаъолияти сармоягузориро зиёд мекунад.

**Хулосаҳо оид ба боби панҷум**

Ба омилҳои асосии дохилии институтсионалӣ барои таъмини амнияти сармоягузорӣ - институти давлатро бояд дар назар дошт: дараҷаи демократӣ будани он, сатҳи коррупсия ва иқтисодиёти ғайриқонунӣ, танзими ҳуқуқии масъалаҳои моликият, фаъолияти институтҳои молиявӣ, миқдор ва сифати меъёрҳои танзимкунандаи раванди сармоягузорӣ.

Натиҷаҳои моделсозии эконометрикии ба даст оварда, исбот менамояд, ки омилҳои то ҳадди имкон васеъ фарогирандаи тамоми маҷмуи институтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар таҷрибаи байналмилалӣ васеъ истифодашаванда - шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлат мебошанд, ки ҳам нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқамандро дар бар мегиранд ва ҳам ба ҷанбаҳои гуногуни рушди институтсионалии кишвар таъсир мерасонанд.

Мо нақшаи ҳамкории омилҳои институтсионалии беруна ва дохилиро барои таъмини амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудем.

Ба омилҳои беруна, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид эҷод мекунанд, худи падидаи ҷаҳонишавӣ мансуб аст, ки рушди нобаробари иқтисодии кишварҳоро афзоиш медиҳад ва дар он кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираи таъсир ба онҳо шартҳоро ба кишварҳои донор бар ивази сармоягузорӣ шарти худро мегузоранд. Фаъолияти ширкатҳои фаромилалии байналмилалӣ оид ба гирифтани имтиёзҳои гуногун дар робита ба пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ.

Барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ амалинамоии сармоягузориҳои мустақим ҷой доштани омилҳои зерин халал мерасонанд:

сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ, самаранокии нокифояи низоми бонкии кишвар. Сармоягузорони хориҷӣ низ ин омилҳоро меомӯзанд, зеро байни кишварҳои донор барои дарёфти сармоягузорӣ низ мубориза вуҷуд дорад ва мавҷудияти ин омилҳо хавфи фаъолияти сармоягузориро зиёд мекунад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

**Натиҷаҳои асосии илмии рисола**

Таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ, бехатарии сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар диссертатсия дар доираи фазои сармоягузории ҷаҳонӣ ичро шудааст, ба мо имкон дод, то як қатор хулосаҳои назариявӣ, методӣ ва амалӣ барорем:

1. Глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ - ин раванди ҷалби иқтисодиёти миллӣ ба раванди ягонаи ҷаҳонии такрористеҳсолкунӣ мебошад. Ҳамгироии минтақавӣ дар як вақт, баробар ва алтернативаи ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Гуруҳҳои минтақавӣ барои омода намудани кишварҳо, бахусус кишварҳои дорои сатҳи пасти рушди иқтисодӣ ба сатҳи баландтари ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунанд. Ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ марҳилаи асосан нави байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ мебошад, ки дар ду самт: дар самти ҷаҳонишавӣ ва дар самти минтақавишавӣ сурат мегирад. Сарфи назар аз иқтидори пасти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақобатпазирии нисбатан пасти иқтисодиёт, кишвар тарафҳои боиқтидоре низ дорад, ки ба баланд бардоштани мақоми геосиёсии он дар раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунанд. Тоҷикистонро зарур аст, ҳар чӣ фаъолтар ва ҳадафмандона иқтидори дар кишвар мавҷудбудаи табиӣ- захиравиро истифода барад.

Дар даҳсолаҳои охир тамоюли ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) дар арсаи байналмилалӣ мушоҳида мешавад, ки онҳо сиёсӣ шудани бисёр қарорҳо, сустшавии суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳониро тавсиф мекунанд, ки ба инкишофи равандҳои ҳамгироӣ таъсири назаррас мерасонад [М-14, М-16].

2. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили адабиёти илмие, ки дар кори диссертатсионӣ гузаронида шудааст, амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳим дар татбиқи маҷмуи тамоми амалҳо оид ба ҳифзи амнияти иқтисодии давлат тавсиф карда мешавад. Дар методикае, ки мо баррасӣ

кардем, амнияти сармоягузорӣ бо истифодаи арзёбии коршиносон бо назардошти бузургии интегралии ин нишондиҳанда муайян карда мешавад. Ҳисобҳои гузаронида нишон медиҳанд, ки аз рӯи бисёр ҷузъҳои шохиси амнияти сармоягузорӣ Тоҷикистон нисбат ба аксари кишварҳои узви БРА нишондиҳандаҳои пасттарин дорад [М-15, М-17].

3. Дар айни замон раванди институтсионализатсия дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз сабаби мавҷудияти дигаргуниҳои бунёдӣ дар арсаи байналмилалӣ, ки бо сустшавии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, сатҳи баланди хароҷоти транзаксионии марбут ба коррупсия ва рафтори оппортунистӣ алоқамананд, шиддат мегирад. Ҳамаи ин омилҳо ба рушди равандҳои сармоягузорӣ таъсири назаррас доранд. Муаллиф ҳадафи идоракунӣ – мутамарказонии сармоягузориҳои хориҷиро дар он бахшҳои иқтисодиёт таҳия кардааст, ки рушди онҳо ба афзоиши иқтидори истеҳсолии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Ҳисоби модели эконометрикии муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ ба кишвар ба афзоиши рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад [М-18, М-20].

Дар айни замон раванди институтсионализатсия дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ шиддат гирифта, аз мавҷудияти дигаргуниҳои бунёдӣ дар арсаи байналмилалӣ вобаста мебошад, ки бо сустшавии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, сатҳи баланди хароҷоти трансаксионӣ марбут ба коррупсия ва рафтори оппортунистӣ алоқаманд аст. Ҳамаи ин омилҳо ба инкишофи равандҳои ҳамгироӣ таъсири калон мерасонанд.

4. Барои омӯзиши таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар, пасандозҳои аҳолӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохисҳои коррупсия ва озодии иқтисодӣ модели таҳлили регрессионии ислоҳӣ (коррексионӣ) таҳия карда шуд. Дар асоси ҳисобҳои гузаронида мо тавсия медиҳем, ки ба сиёсати сармоягузории кишвар (дар баробари речаи аллакай истифодашавандаи хеле

мусоидаткунанда) речаи сармоягузории шаффоф (транспарентности) ворид карда шавад [М-19].

5. Барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак барои солҳои 2021-2022 муодилаи тамоюл (тренд) ҳисоб карда шудааст. Дар вақти ҳисоб таъсири муҳити институтсионалӣ ва сармоягузорони институтсионалӣ дар раванди рушди корхонаҳои муштарак ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар қайд карда шудаанд [М-19, М-20].

6. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Мақомоти давлатии масъул барои дастгирии сармоягузорон, ҳифз ва ҳавасмандгардонии сармоягузоронро бо истифода аз имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ амалӣ намуда, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо ва дигар тадбирҳои дастгирии моддии сармоягузоронро таъмин менамоянд. Сармоягузорони бузургтарин ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки Осиёии рушд, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд мебошанд.

Яке аз тадбири пуштибонии давлатии сармоягузорон ин таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон мебошад [М-21].

7. Модели коррелятсионӣ таҳия карда шуд, ки дигаргуниҳои сохториро дар соҳаҳо вобаста аз ҳаҷми сармоягузориҳо ба назар гирифта исбот менамояд, ки ҷалби сармояҳо ба саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувор ва чун натиҷа ба рақобатпазирии глобалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад [М-15, М-19].

8. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ исбот шудааст, ки ба омилҳои асосии дохилии институтсионалӣ барои таъмини амнияти сармоягузорӣ институти давлат: дараҷаи демократи будани он, сатҳи коррупсия ва иқтисодиёти ғайрирасмӣ, танзими ҳуқуқии масъалаҳои

моликият, фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, микдор ва сифати меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди сармоягузорӣ дохил мешаванд [М-16].

9. Ҳисоби модели эконометрикии таҳиякардаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки омилҳои то ҳадди имкон ҳаматарафа фарогирандаи тамоми маҷмуи институтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои дар амалияи байналмилалӣ васеъ истифодашаванда мебошанд: шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлат, ҳамчун дар бар гирандагони нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди ба ҷанбаҳои гуногуни рушди институтсионалии кишвар таъсиркунанда. Нақшаи таъсири мутақобилаи омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст [М-27, М-28].

10. Таҳлили гузаронидашуда омилҳои берунаеро ошкор намуд, ки ба таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид ба вуҷуд меоранд. Дар шароити рушди нобаробари кишварҳо дар давраи ҷаҳонишавӣ, кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираҳои таъсир ба давлатҳои донор бар ивази сармоягузорӣ шартҳои худро мегузоранд.

Ба кишвар ҷалб кардани сармояҳои мустақимро мавҷудияти омилҳои зерин халалдор менамояд: сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ, нокифоя будани самаранокии низоми бонкии кишвар. Сармоягузорони беруна таҳлили ин омилҳоро мегузаронанд, зеро муҳимияти баланди ин нишондиҳандаҳо хавфи фаъолияти сармоягузориро барои онҳо зиёд мекунад [М-27, М-28].

11. Таҳлили танзимкунии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамолики мутараққии саноатӣ дар бораи тамоюли зерин шаҳодат медиҳад. Бисёре аз кишварҳои аврупоӣ ниҳоди махсуси танзимкунии сармоягузориҳоро надоранд, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ баъзе соҳаҳо ё соҳаи фаъолият қисман барои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ баста мешаванд.

Мамлакатҳои мутараққии нимкураи Ғарбӣ (Канада ва ИМА) назорати нисбатан қатъиро аз болои сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти худ ба амал бароварда, соҳаҳоеро, ки амнияти миллии давлатро таъмин мекунанд, зери назорати махсус мегузоранд [М-29].

12. Таҳлили танзими сармоягузорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои тараққиёбанда барои сармоягузорони хориҷӣ фаъолият дар соҳаҳое, ки манфиатҳои миллии кишварро таъмин мекунанд, манъ аст. Дар Лаҳистон ва дар Россия ба сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқи соҳибкунии захираҳои заминӣ маҳдуд карда шудааст. Ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ нисбат ба иқтисодиёти кишварҳои мутараққии саноатӣ дар робита бо ноустувории вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ хавфи бештар дорад [М-30].

13. Танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам афзалият ва ҳам норасоиҳо дорад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, маҷмуи тадбирҳо барои баланд бардоштани ҷолибияти иқтисодиёти кишвар барои сармоягузорони хориҷӣ пешбинӣ шудааст [М-21, М-30].

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо**

14. Таҳлили моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ ва тайвании танзими давлатии сармоягузорӣ, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, зарурати истифодаи унсурҳои алоҳидаи ҳар як моделро нишон медиҳад: шарикии фаъоли давлат бо бахши хусусӣ, низоми рушдкардаи бонкӣ ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ.

15. Дар шароити иқтисодиёти кушод сармояҳои хориҷӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷанбаи минтақавӣ таъсири калон мерасонанд, зеро шаклҳои нави ҳамкории мутақобилаи воҳидҳои институтсионалӣ ба вуҷуд меоянд ва сохтори иттилоотӣ-ташкилии идоракунии соҳибкории

минтақавӣ ва рушди минтақаҳо тағйир меёбанд. Бинобар ин барои Тоҷикистон зарур аст, ки ҳамкории мутақобиларо бо бозори ҷаҳонии сармоя ва молҳо барои ба даст овардани фоидаи то ҳадди аксар имконпазир аз шаклҳои робитаҳои берунииқтисодӣ, бахусус, ҷалб ва истифодаи сармояҳои хориҷӣ тақвият бахшад.

16. Дар шароити иқтисодиёти кушод ҷалби сармояи хориҷӣ ҳам аз дараҷаи дастрасӣ ба бозори ҷаҳонии сармоя барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам аз фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷалби он ба иқтисодиёти кишвар вобаста аст. Азбаски иқтисодиёти кушоди Тоҷикистон наметавонад сармояи хориҷиро дар асоси тағйирёбии меъёри фоизи дохилӣ ҷалб кунад, дастрасӣ ба ин бозор тадбирҳои дарозмуддат ва хеле муассири сиёсати иқтисодии давлатиро тақозо мекунад, ки ба густариши раванди сармоягузорӣ, бо истифода аз механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ нигаронида шудаанд, ки он асосан бехатарии худи сармоягузории хориҷиро таъмин мекунад.

17. Имрӯз муваффақияти ислоҳоти гузаронидашаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз интихоби самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатӣ, агросаноатӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, интихоби низоми идоракунии раванди ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ вобаста аст, ки он аз мавқеи ҳаракати байналхалқии сармояи иқтисодиёти кушод мебошад ва мутаассифона, бо бисёр давлатҳои ҷаҳон аз ҷиҳати ҳаҷм, фоиз ва намудҳои сармояи хориҷии ҷалбшаванда рақобат карда наметавонад, ки ин ногузир гуруҳи доимии таҳдидҳои берунаро ба амнияти сармоягузорӣ ташаккул медиҳад.

18. Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор заминаҳои объективиро барои ҷалби сармояи хориҷӣ дорад, ки ба он метавон бозори эҳтимолан нави ташаккулёфтаистода, захираҳои бойи табиӣ ва меҳнатӣ, қувваи кории арзонро дохил кард, ки дар ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар, метавонанд нақши мусбат бозанд. Аммо татбиқи дурнамои мавҷудбуда таҳияи сиёсати муассир ва муттасилро дар соҳаи ҷалби сармояи хориҷӣ, андешидани

тадбирҳои заруриро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ва инчунин, таҳияи сиёсати давлатии сармоягузориро бо амиқ муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити сатҳи баланди кушодии иқтисодиёт тақозо мекунад.

19. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имкони хулоса баровարданро медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистон таъсиси МОИ метавонад воситаи муассири сиёсати минтақавӣ бошад ва ҳамчун катализатор барои равандҳои созандаи иқтисодӣ хизмат кунад. Дар байни масъалаҳои хислати гуногун, ки дар садди роҳи ташаккул ва фаъолияти онҳо истодаанд, воқеан масъалаҳои ҳалнашаванда намебошанд.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки фарқиятҳои назаррас дар динамика, шаклҳо, усулҳо ва аз ҳама муҳим, самаранокии фаъолияти МОИ дар кишварҳои гуногун вуҷуд доранд. Бо мақсади таъмини амнияти сармоягузорӣ фаъолияти МОИ бояд, ба таҷдиди сохтор ва модернизатсияи иқтисодиёти хурд ва инчунин, табдилёбӣ ба таъминкунандагони бузург дар бозори ҷаҳонии маҳсулоти муосир мусоидат намояд. Минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамчун восита аз ҳамаи мушкилоти марбут ба сармоягузориҳои хориҷӣ баррасӣ кардан ғайриимкон аст. Ин шакли фаъолияти берунииқтисодӣ аз нуқтаи назари ҳаракати байналхалқии сармоя муваффақиятро танҳо дар ҳолати истифодаи чандирии он бо назардошти тамоми заминаҳои берунӣ ва дохилӣ, пеш аз ҳама, омилҳои геосиёсӣ ва захиравӣ, мавҷудияти инфрасохтори ҳадди ақалл ва муҳимтар аз ҳама, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва тактикаи истифодаи рушди иқтисодии фаъолияти берунииқтисодиро дар сатҳи минтақавӣ таъмин менамояд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003, №53 «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №12. – мод.681; 2009. – №3. – мод.87; 2011. – №12. – мод.845; 2017. – №1-2. – мод.22.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, №44 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [Текст] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №8. – мод.467; 2003. – №44; 2005. – №12. – мод.650; 2007. – №7. – мод.687; 2008. – №12. – Қ.2. – мод.1006; 2011. – №6. – мод.437; 2018. – №5. – мод.277.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 1997, №464 «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» [Текст] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №10. – мод.160; 2002. – №4. – Қ.1. – мод.167; 2003. – №12. – мод.699; 2009. – №3. – мод.90; 2016. – №7. – мод.630; 2017. – №1-2. – мод.25; 2020. – №1. – мод.32.

5. Консепсияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2012 [Матн]. – Душанбе, 2006. – 100 с.

6. Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 15 с.

7. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 1993, №136 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн]. – Душанбе, 1993. – 16 с.

8. Барномаи ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои 1995-2000 [Матн] // Садои мардум. – 1995. – 16 август.

9. Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 [Матн]: Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №678 тасдиқ шудааст. – Душанбе: Контраст, 2016. – 203 с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси миллӣ ва депутатҳои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2001. – №2. – С.5-23.

## АДАБИЁТИ АСОСӢ

### Монографияҳо, китобҳо ва китобҳои дарсӣ

1. Абдусамадов, Г.С. Закономерности становления и развития рыночных отношений в Республике Таджикистан [Текст]: монография / Г.С. Абдусамадов. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 175 с.

2. Авдийский, В.И. Теневая экономика и экономическая безопасность государства [Текст]: учебное пособие / В.И. Авдийский, В.А. Дадалко. – М.: АльфаМ, Инфра-М, 2016. – 496 с.

3. Агапова, И.И. Институциональная экономика [Текст] / И.И. Агапова. – М.: Магистр, 2017. – 272 с.

4. Айхенгрин, Б. Глобальные дисбалансы и уроки Бреттон-Вудса [Текст] / Б. Айхенгрин; пер. с англ. Е. Еловской; под науч. ред. Т. Дробышевской. – М.: Института Гайдара, 2017. – 200 с.

5. Алексанов, Д.С., Кошелев, В.М. Экономическая оценка инвестиций [Текст] / Д.С. Алексанов, В.М. Кошелев. – М.: Колос-Пресс, 2002. – 377 с.

6. Афанасьев, К.С., Казеннов, А.С., Попов, М.В. Государственное регулирование экономики как средство экономической политики [Текст]: монография / К.С. Афанасьев, А.С. Казеннов, М.В. Попов. – М.: ЛГУ им. А.С. Пушкина, 2017. – 148 с.

7. Ахметов, Р.Г. Экономика предприятия (организации) АПК [Текст] / Р.Г. Ахметов, и др. – М.: РГАУ-МСХА, 2013. – 617 с.

8. Бахриев, Б.Х., Белоглазов, А.В., Большаков, А.Г., Ризоён, Ш.Ш. Таджикистан 2020: актуализация рисков и угроз, сценарии развития

[Текст]: научно-аналитический доклад / Б.Х. Бахриев, А.В. Белоглазов, А.Г. Большаков, Ш.Ш. Ризоён. – Казань: Казанского университета, 2020. – 80 с.

